АШӮР САФАР

КУЛЛИЁТ

АЗ МАҶМӮАИ
«ИБТИДОИ РОҲ»

Душанбе,
«Ирфон»,
1964

И Ш Қ

Нигоре рӯзе аз наздам гузар кард,
Каме истода бар ман як назар кард.

Ба чашмони сиёҳаш чашмакам зад,
Табассум дар лабони чун шакар кард.

Ба ман ҳарфе нагуфту рафт, лекин
Диламро бурду фикрамро дигар кард.

Хаёли чашму рӯи нозанинаш
Маро бетоқати шому саҳар кард.

Ба ёди ӯ нишаста шеър гуфтам,
Ба ёди ӯ, ки табъам шӯълавар кард.

Чӣ хуш, ишқам чу ишқи ин диёрам,
Маро эҷодкору боҳунар кард.

с. 1956

ФАСЛИ ДИЛРАБО

Ин чӣ фасли дилрабо, ки ранги олам шуд дигар,
Чеҳраи зарди табиат сабзу хуррам шуд, нигар.

Кӯҳсори сарсафед аз нав ҷавон гардидааст,
Доманаш аз хирмани гул бӯстон гардидааст.

Барфҳо аз қуллаҳо гардида оби нукратоб,
Рӯ ба сӯи даштҳо бошанд рақсон бо шитоб.

Навниҳолон зулфи худ ҳар сӯ парешон кардаанд,
Тукмаҳои чун садаф андар гиребон кардаанд.

Сабза аз шабнам ба гӯшаш гӯшвор андохта,
Лола ҳусни тозае бар марғзор андохта.

Савти мурғон ғулғулафкан гашта дар саҳни чаман,
Ҷилваҳо доранд аз боди саҳар сарву суман.

Абри найсон гоҳ-гоҳе гиря дорад зор-зор,
Мешавад хандон замин аз гиряаш бо ифтихор.

Чун садои сӯлҳҷӯён гоҳ ғуррад раъду барқ,
Гаҳ шафақ хандад чу рӯи духтари дар нур ғарқ.

Гаҳ камони Рустам андар осмон рахшанда аст,
Чун ливои дӯстӣ ҳаррангаю фархунда аст.

Ваҳ, табиат қолии бисёр зебо бофта,
Мисли модар зери пои халқи мо партофта.

Як тараф най менавозад аз фараҳ чӯпонписар,
Раммаро гӯё ба савти ной мегӯяд: бичар!

Деҳқон як сӯ заминро чаппагардон мекунад,
Дашту ҷангалро зада, тобеъ ба фармон мекунад.

Боғбон як сӯ намояд боғи нав бунёд низ,
Ҳар ниҳолашро чу фарзанди худаш донад азиз...

Хобро аз дида шоир дур карда то саҳар,
Месарояд шеъри нав дар васфи даври шӯълавар.

Месарояд шеъру мегӯяд, ки ин шони ман аст,
Ҳар сурудам як нишон аз меҳри ҷӯшони ман аст.

Навбаҳори Тоҷикистон—манбаи илҳоми ман,
Аз майи шодӣ ҳаме лабрез бошад ҷоми ман!

Ҳеҷ кас аз шавқи фасли хуш кунун хомӯш нест,
Ҳеҷ касро дил даруни синааш беҷӯш нест.

с. 1962

АГАР ФАТҲИ НАВЕ ЁБӢ...

Фатҳи нав гар ёбӣ, ёро, бар сарат гул мезанӣ,
Пасту боло ранг-ранг дар банди кокул мезанӣ.

Дар хиромидан намоӣ шармсор оҳуи маст,
Бо суруде таънаҳо бар савти булбул мезанӣ.

Шеъри манро медиҳӣ ранги наву мазмуни нав,
Лек дилро бурда бар зулфи чу сунбул мезанӣ.

с. 1959

ХОБИ МОДАР

З-аввали шаб то саҳар ояд ба гӯш
Шарфаи дарёи пурҷӯшу хурӯш.
Ҳам садои ГЭС-и анвораш зиёд,
Ҳам садои дастгоҳони завод.
Ҳам садои гардиши чархи вагон,
Инчунин овози мошин ҳар замон...

Лек модарро, ту бингар, то саҳар
Аз шаби пуркор кай дорад хабар?
Ӯ асири лашкари хоб асту бас,
Бо фароғат хуб мегирад нафас.
Аз насими шаб парешон мӯи ӯст.
Шӯълаи маҳтоб андар рӯи ӯст.
Дур аз худ менамояд баъди кор
Кӯфту бори гарони рӯзгор.
Лек вақте кӯдаки дар хоби ӯ,
Бахти ӯ, хуршеди оламтоби ӯ
Гашта бедору намояд гиря сар,
Хоби модар мепарад аз мағзи сар.

с. 1962

ВАТАН

Хоки Ватанам сурмаи чашмони ман аст,
Рӯи Ватан оинаи рахшони ман аст,
Нури Ватан офтоби тобони ман аст,
Меҳри Ватанам дар дили ҷӯшони ман аст.

Манро Ватанам тарбия бисёр намуд,
Фарзанди ба худ неку вафодор намуд,
Дарвозаи иқбол ба рӯям бикшуд,
Пас хизмати ӯ хитоби виҷдони ман аст.

Як санги Ватан ба кӯзаи зар надиҳам,
Гарди раҳи ӯ ба фунту доллар надиҳам,
Як қатраи оби ӯ ба Кавсар надиҳам,
Зеро ки Ватан азиз аз ҷони ман аст!

с. 1956

ШАБҲОИ БЕДОРӢ

Ҳамон вақте ки оям дер аз кор,
Ҳамон вақте ки мардум хуфта бошад,
Ба ҷои меҳр он моҳи пуранвор
Ба хизмат омадасту нур пошад:

Ҳамон вақте расад бар гӯш танҳо
Садои ҷӯйҳое, ки равонанд,
Ба рӯи осмони соф кайҳо
Чу бахти мо дурахшон ахтаронанд:

Ҳамон вақте ки ним аз шаб гузашта,
Бувад наздик ё ки субҳи равшан,
Ҳама дар хоби роҳат ғарқ гашта,
Дари занҷирро тиқ-тиқ занам ман.

Кӣ бикшояд дарамро, дӯстам, гӯ?
Бародар? Ё шарики умр-дилдор?
--Фақат модар, фақат модар, фақат ӯ,
Ки доим дар чунин шабҳост бедор!

с. 1963

НОМИ ҲАМЕША ЗИНДА

Қабри шоир баъди марг аз санги мармар сохтанд,
Мармарин қабри варо бо оби зар пардохтанд.
Хоки покашро ба мисли ганҷи аз ҳар чӣ азиз
Дар миёни марқади пурзебу фар андохтанд.

Гирди марқад шуд хиёбони пур аз гул инчунин,
Лона андар шохи ҳар гул карда булбул инчунин.

Беди маҷнун сояафкан гашт бо як ранги нав,
Бар сари марқад парешон кард кокул инчунин.

Солҳо он қабри шоир шуд зиёратгоҳи халқ,
Буд андар зиндагӣ азбаски вай ҳамроҳи халқ.
Бо ғаму шодии мардум ӯ шарики умр буд,
Дод ҷони худ барои мақсади дилхоҳи халқ.

Баъди чандин солҳою фаслҳои бешумор
Бо мурури давру ҳарбу зарбҳои рӯзгор.
Қабри шоир хок шуд, нобуд шуд бо пайкараш,
Ҷои он гардид ҳамчун як биёбон хорзор.

Лек мисли кӯҳсорон шеъри ӯ поянда монд,
Ҳар сурудаш сурати наҷми саҳар тобанда монд.
Пайкарашро хок агарчи то абад оғӯш кард,
Номи ӯ бо шеъри байни халқ доим зинда монд.

с. 1962

ЧАШМА

Аз синаи сахти санги хоро
Алмос барин раҳаш бурида,
Ҷӯшидаю соф мебарояд
Як чашмаи дам ба дам дамида.

Чун духтаракони шӯх бо ноз
Рӯ ҷониби дашт дар шитоб аст,
Аз санг ба санг мезанад хез,
Аз дур ба дида нукратоб аст.

Ин ҳолати чашмаро чу дидам,
Гуфтам, ки давидани ту аз чист?
Дил дод гувоҳию бигуфто:
«Ин ҷӯшу хурӯши навҷавонист!»

НАМЕТАРСАМ

Ба ман ишқи замон додаст онгуна мадору зӯр,
Ки аз тиру туфангу оташи душман наметарсам.
Барои зиндагонии фараҳбахшандаю пурнур
Мубориз ман ба ҷони худ, ки аз мурдан наметарсам.

с. 1962

УМРИ БАҚОДОР

Савганд ба шират, ки фаромӯш насозам
Он ғайрату он қудрату эҳсони ту, модар.
Ҳаргиз сухани худ зи ту рупӯш насозам,
Аз тоқату бетоқатии ҷони ту, модар.

Он даври аламовари ҷанг аст ба ёдам,
Он давр шудӣ аз писари хеш ҷудо ту.
Он даври вафодорию нанг аст ба ёдам,
Он давр, ки гуфтӣ писарам: рав ба ғазо ту!

Он давр, ки ғам дар дили ту хона гирифта,
Аз дидаи ту барқи ғазаб шӯълафикан буд.
Оғӯш туро зӯри далерона гирифта,
Гарчанд, аё умри бақо, номи ту зан буд.

Он давр, ки дар ёди писар хоб нарафта,
Сар то ба қадам сӯхтӣ аз ғуссаи бисёр.
Аз мотами шавҳар зи гулӯт об нарафта,
Аз шавҳари қурбоншуда дар ҷанги валангор.

Шаб то ба саҳар бофтӣ аз пашм ту ҷӯроб,
Бо номи далерони Ватанбону адӯкуш.
Шафқат ба дилат буду дилат дошт ба ғам тоб,
Оташ ба танат буду вале боз ту-хомӯш.

Аммо ба ту з-ин кор набуд ҳеҷ қаноат,
Бар ҷои писар, шавҳари худ баста миёнро,
Соҳиб шудӣ аз нанг ту бар кори саноат,
Раҳбар шудӣ аз сидқу вафо насли ҷавонро.

«Бар нафъи Ватан!!-гуфтию ту бо ҷадали беш
Ҳай, бар сари сандон задӣ он путки ҷасорат!
Ҳар рӯз туро буд зафар бештар аз пеш,
Баски дили ту буд пур аз меҳру ҳарорат.

Фарзанди калон кардаи ту-нури ду дида
Бо душмани дун чун падараш сахт биҷангид.
Аз хотири ту, модари сад ранҷ кашида,
Ҷон додаю аз роҳи зафар ҳеҷ нагардид.

Гарчанд аз ин қалби ту месӯхт дар оташ,
Гарчанд аз ин умри ҷавони ту хазон шуд,
Гарчанд аз ин ҳастии ту буд мушавваш,
Ояндаи ту боз дурахшону ҷавон шуд.

Дар тарбияи кӯдаки навзод басо ҳам,
Набвад аҷабе ҳеҷ, ки дидастӣ аламҳо.
Мӯи сари ту ёфт сафедӣ ҳама кам-кам,
Аз гиряи он тифлаки нодида падарро.

Бар сахтию бар талхии он рӯзу замона—
Аҳсан ба ту, бас тоқати мардона намудӣ!
Бор амри дилу хоҳишу виҷдони ягона
Бар халқу Ватан хизмати шерона намудӣ!

Имрӯз калон гашта ҳамон тифли ту, модар,
Дар ҷӯш ҳамебошаду дар айни балоғат.
Андар бадали хуни падар, хуни бародар,
Хандад ба сараш меҳри фараҳбахши саодат.

Аз ҳурмати он хизмату он мӯи сафедат,
Дар зиндагӣ аз мушкилии кор натарсад.
Ҳамсаф шуда бо халқи Ватан-халқи баҳиммат,
Аз оташу дарёву зи кӯҳсор натарсад.

Бо ёди бародар, падару ҷамъи шаҳидон,
Дар меҳнати озод, бубин, пешсаф ояд.
Бо азми ҷавонӣ бикунад мулк гулистон,
Дар ҳар қадамаш гавҳари мақсад ба каф ояд.

Бо кори накӯ дар Ватани шод баҳурмат
То гулшани коммун бубарад номи ту фарзанд.
Бе ту набувад, модари мо, баски саодат,
Ин зиндагии мост ба ҳасти ту пайванд!

с. 1962

ДАР ВАҚТИ САФАР

Ба Фарғона ҳамон вақте
Ки ман азми сафар кардам,
Ҳама хешу таборамро
Аз ин рафтан хабар кардам.

Чу вақти хайрухуш омад,
Суханҳошон бикардам гӯш.
Яке панде ба ман медод,
Дигар истода буд хомӯш.

Писар гуфто, ки: «Баҳри ман
Рубобе ё дутор ored!»
Бигуфт очаш: «Барои ман
Либосу гӯшвор ored».

--Расидӣ чун,--бародар гуфт,--
Нависон ту зи ҳоли худ.
Агар рафту шавӣ бепул,
Равон пулат намоям зуд.

Падар дасти пуроҷингаш
Ба риши сап-сафедаш зад.
Дуоям доду гуфто ӯ:
«Бирав, раҳ бехатар бошад!»

Вале бар гарданам модар
Ду дасташро ҳамоил кард,
Пайи ҳам бӯсаи бисёр
Маро бо меҳри комил кард.

Ба ӯ баргашта гуфтам ман:
--Ба чашмам хоки пои ту.
Зи Фарғона бигӯ, модар,
Чӣ орам ман барои ту?

Ба нӯги остинаш кард
Арақҳои рухашро пок.
Ба ман аз нав назар карду
Бигуфт: «Эй баччаи бебок.

Гапе не, аз барои ман
Наёрӣ тӯҳфаю савғо.
Умеду орзӯям ин:
«Ба зудӣ о, саломат о!»

с. 1959

НОМАИ ЁР

Имрӯз чӣ хуш нома, ки бар номи ман омад,
Аз номи хуши ёри гуландоми ман омад.

Пайғоме аз ин пеш ба номаш бинавиштам,
Эй бахт, бубин, посухи пайғоми ман омад.

Ороми дилам рафта буд аз ҳасрати васлаш,
Ин нома сабаб гашт, ки ороми ман омад.

Дигар накунам шикваи талхии фироқаш,
Шаҳдест суханҳош, ки бар коми ман омад.

Чун сурати он дар қабати нома бидидам,
Гуфтам, ки маҳи шӯълавари шоми ман омад!

Аз шодии ин номаву аз меҳри нигорам
Чун оби равон боз ҳам илҳоми ман омад.

с. 1959

БЕМОРИИ МОДАР

Зи дарди сахт модар беқарор аст,
Сараш яктову болинаш ҳазор аст.

Набошад пову дасташро мадоре,
Гирифтор аст ӯ бар ҳоли зоре.

Вале он модари дар банди ғам банд
Даме бишнид бемории фарзанд.

Зи ҷо бархест бо ранги парида,
Ки гӯӣ дардро ҳаргиз надида.

январи 1962

СУРУДАМ

Сурудам, волаи рӯи ту бошам,
Асири сатри дилҷӯи ту бошам.
Зимистонам ба ёди ту баҳор аст,
Ҳамеша маст аз бӯи ту бошам.

Туро аз дил ба берун мекунам ман,
Диламро бо ту мамнун мекунам ман.
Агарчи шод ҳастам бо ту доим,
Бароят ҳай ҷигар хун мекунам ман.

Ба мисли он падар, ки ӯ ба фарзанд
Аз овони ҷавонӣ медиҳад панд.
Ба ту бо як ҷаҳон уммед ман ҳам
Бигӯям ҳарф аз ҷону дилам чанд:

Мисоли чашмаҳои навбаҳорон
Бизан ҷӯшу хурӯшон шав, хурӯшон.
Ба сӯи дашту саҳроҳои зархез
Равон шав пеш-пеши марди деҳқон.

Ба ёрон ёр шав, ороми ҷон шав,
Ғизои рӯҳи ҳар пиру ҷавон шав.
Миёни пахтазорони сафобахш
Чу гул дар кокулони духтарон шав.

Мадори дасти зӯри коргар бош,
Зи ҷӯши қалби покаш бохабар бош.
Чу пӯлоди миёни путку сандон
Ба пеши дидаи ӯ пуршарар бош.

Гули хушбӯи дасти ошиқон шав,
Сафои қалби софи модарон шав.
Ба монанди чароғи шӯълаборе
Зиёву нури ҳар як хонадон шав.

Ба овози дутору нойи чӯпон
Бишав ҷӯру баро бар кӯҳсорон.
Дили ҳар сангро ту нарм бинмо,
Даруни синаи кӯҳ ор вулқон.

Зи фатҳи мо ба ҳар ҷо муждаҳо бар,
Хабар аз некию сидқу вафо бар.
Ба муштоқони сулҳи рӯи дунё
Паём аз кишвари сулҳу сафо бар.

Раҳат пурнур аз меҳри замон бод,
Пару болат зи боди бӯстон бод.
Ба ҳар ҷое равӣ, умри ҷавонам,
Маконат синаҳои одамон бод!

с. 1962

РУБОИҲО

Ҷонона ҳуқуқи хеш бишнохтааст,
Худро ба канори бахт андохтааст.
Бо ранги гулу шиои вақти саҳарӣ
Сар то қадамаш ба ноз пардохтааст.

Аз ҳусну ҷамоли ӯ чаман гашт хиҷил,
Аз толеи ӯ кӯр бишуд чашми бахил.
Аз хандаи ӯ мурғи саҳар гашт хамӯш,
Аз ғамзаи ӯ хӯрд адӯ тир ба дил.

Аз панҷаи ҷонона ҳунар мерезад,
Аз боҳунарии ӯ гуҳар мерезад.
Вақте ки зи боби ишқ лаб бикшояд,
Аз нӯги забони ӯ шакар мерезад.

Монандаи ӯ қобилу доно набувад,
Дар меҳнати озод тавоно набувад.
Бо дасти вай обод шуда дашту даман,
Чун ҳиммати ӯ ҳиммати аъло набувад.

Ҳар рӯз барори кораш афзун бошад,
Рӯяш чу анори тоза гулгун бошад.
Аз нусрати ӯ маро дили фархунда
Рақсон ба даруни сина мамнун бошад.

Ҷонона ба умри хеш паймон нашикаст,
Сандон ба даҳон шикасту дандон нашикаст.
Бо меҳнати худ бар дигарон нон дода,
Аз меҳнати дигарон лаби нон нашикаст.

Саҳрои Ватан хонаи ҷонона шудаст,
Ободтар он ҷо зи бас аз хона шудаст.
Ҳар пағғаи пахта бошад ин шамъчароғ,
Ҷонона ба гирди он чу парвона шудаст.

Ҷонона, туро ҷонаки ширин гӯям,
Як лаҳза биё, ба паҳлӯям шин гӯям.
Як бор бигӯям ар саломат бошӣ,
Сад бор ба ин мурод омин гӯям.

августи 1962

ГУЛИ САДБАРГ

Аҷаб хушрангу хушрӯи ту, садбарг,
Гули озоду хушбӯӣ ту, садбарг.

Миёни гулшану гулҳои ранга
Назокатбахшу некӯӣ ту, садбарг.

Ба дасти гулрухону навҷавонон
Ба рӯзи иду дар тӯӣ ту, садбарг.

Ба домоду арӯсон аз ҳама пеш
Муборак гӯиё гӯӣ ту, садбарг.

с. 1956

ШАВАМ ҚУРБОНИ ИН ДАВРОНИ ОЗОД

Замоне буд, ёри боумедам,
Ҳамеша аз пайи ту медавидам.
Агарчӣ дур будӣ аз бари ман,
Зи ҳоли ту хабарҳо мешунидам.

Шабон дар хона, эй моҳи дилафрӯз,
Мани бехобу танҳо то дами рӯз
Туро бар ёд оварда дамодам,
Дили дар оташамро меқапидам.

Ба сӯи хонаи дури ту ночор
Равона мешудам гаҳ дар шаби тор.
Агарчанде ки роҳам дур буд, дур,
Вале ман кай, азизам, мерамидам?

Зи мардум мешунидам ман ба ҳар ҷо,
Ки хешонат намехоҳанд манро.
Ман аз ин сон хабарҳои ғамовар,
Азоби сахти рӯҳӣ мекашидам.

Кашидам аз бароят ранҷи бисёр,
Ҷигар хун кардаам медон, аё ёр,
Шавам қурбони ин даврони озод,
Ки ман охир ба мақсудам расидам.

с. 1958

МЕҲР

Меҳре ба ту, эй санам, бубастам,
Як умр зи шавқи рӯт мастам.
Нӯшида зи оби чашмаи ишқ,
Дар боғи вафои ту бирастам.

с. 1959

БАС КУН, ДИГАР ШӮХӢ МАКУН

Ҷононаи некахтаре,
Набвад зи ту зеботаре,
Аз моҳтоби пур зи нур
Ҳусни ту дорад бартарӣ.

Дар чеҳраи тобони ту,
Дар чашми барқафшони ту
Акси умеде дидаам,
Бинмо ту бар ин боварӣ.

Пеши раҳамро ҳар пагоҳ
Охир ту мегирӣ чаро?
Ишқи маро бар дил магар
Рӯзу шабон мепарварӣ?

Гар кори ту бошад чунин,
Рафтори ту бошад чунин,
Бояд ки, дилдори азиз,
Аз ишқи ман ту бигзарӣ.

Манро зи бас ёре бувад,
Ёри вафодоре бувад,
Фарзанд ҳам дорам аз он,
Хушрӯтар аз кабки дарӣ!

Бас кун, макун шӯхӣ дигар,
Худро ту бар ин раҳ мабар.
Ёри маро нанмо малӯл,
Дорӣ агар одамгарӣ!

с. 1958

БАРОИ МАН АЗИЗУ МЕҲРУБОНӢ

Қадатро сарви ларзоне нагӯям,
Руҳатро моҳи тобоне нагӯям.
Нагӯям чашми шӯхат наргиси маст,
Туро гул аз гулистоне нагӯям.

Намегӯям ту зебои ҷаҳонӣ,
Намегӯям ба ҳуснат дилситонӣ,
Фақат гӯям, нигори даври озод,
Барои ман азизу меҳрубонӣ.

с. 1958

МУҲАББАТИ ПОК

Ман ошиқи поки рӯи зебои туам,
Ошиқ ба нигоҳи чашми шаҳлои туам,
Дил хонаи меҳри софу ҷӯшони ту шуд,
Хурсанд ман аз меҳри дилорои туам.

Дурӣ зи ману бубинамат пеши назар
Бо чеҳраи пуртабассуме шому саҳар.
Аммо чӣ кунам боз, аё дилбари ҷон,
Мӯҳтоҷи шакаррез суханҳои туам.

Озодии ту маро басе шод кунад,
Мурғи дили ман ҳамеша фарёд кунад.
Кай мегузарӣ, ҷонакам, аз кӯчаи мо?
Бо тоқати тоқ дар тамошои туам.

Рӯзе шаваду нигори фатҳовари зӯр,
Оӣ ту ба сӯи хонаву ҷои Ашӯр,
Бовар бинамо, ки ман ба чашму сари хеш
Дар бӯсаи хоки қадаму пои туам.

с. 1958

ҲУСНИ ЁР

Сад париро нест ҳусни ёри гуландоми ман,
Партави рӯяш намояд субҳи равшан шоми ман.
Дил намеғунҷад маро дар сина аз шавқи рухаш,
Ҷӯшад аз меҳраш ҳамеша чашмаи илҳоми ман.

августи 1962

ГУЛҶАҲОН

Дилбари танноз бошад Гулҷаҳон
Гулруху гулбоз бошад Гулҷаҳон.
Ғамзаи чашмони ӯро як бубин,
Ёри шаккарноз бошад Гулҷаҳон.

Рози дил оғоз созад бо суруд,
Андалебовоз бошад Гулҷаҳон.

Дар сари ҳар панҷа дорад ӯ ҳунар,
Соҳиби эъҷоз бошад Гулҷаҳон.

Бахти некашро намебошад завол,
Шоду сарафроз бошад Гулҷаҳон.
Садқаи як холи рӯяш ҷони ман,
Бо дилам ҳамроз бошад Гулҷаҳон.

ноябри 1962

АЗ МАҶМӮАИ

«ИЛҲОМ»

Душанбе,
«Ирфон»
1970

БИГЗОР КУНАМ ҚАТРАЕ
АЗ ХУНИ ҶИГАР КАМ

Ҳар як нафаси умр бароям чӣ азиз аст,
Ҳар сонияи вақт бароям чӣ ғанимат!
Умр аст равон сурати аспе, ки бувад маст,
Чун боди баҳорон гузарад вақт ба суръат.

Ман сарфи раҳи хайр кунам умри ҷавонам,
Беҳуда набояд ки ба сар умр барам ман.
Бас ошиқи ин зиндагию давру замонам,
Дар роҳи Ватан бо дили пур дар сафарам ман.

Хомӯш нашав то саҳар, эй табъи ба ҷӯшам,
Бедор нашав, гиря накун, эй писари ҷон.
То хома зи дастам нашавад дур ба шабҳо,
Ҳар сӯй маро то нашавад фикр парешон.

То сатри наве табъи диле гуфта тавонам,
Онро бикунам ҳадя ба ёрони мукаррам.
Бигзор, барам ранҷ ба ҳар сатри равонам,
Бигзор, кунам қатрае аз хуни ҷигар кам.

с. 1963

ХИРГОҲИ МАН

Дар раҳи фардои рахшон сӯхтан
Ҳурмузи даврон бувад ҳамроҳи ман.
Аҳриман ояд агар бо сад ниқоб,
Нест ӯро ҷой бар даргоҳи ман.

Роҳи ман аз ростиҳо пурзиёст,
Рӯ ба сӯи қуллаи мақсудҳост.
Бози уммедам кушояд болу пар,
Аз дили аз рӯзгор огоҳи ман.

Ростӣ, як одами хокистам,
Хокиям, бо хоксорӣ зистам.
Лек аз фарши замин то боми Моҳ
Лангаре андохт бин, хиргоҳи ман.

ШЕЪР ВА ШОИР

Дили шоир шарор афрӯхт имшаб,
Шарори шӯълабор афрӯхт имшаб.
Наёмад хоб ҳаргиз бар сари ӯ,
Чароғ аз баҳри кор афрӯхт имшаб.

Ба банду басти шеъраш банд гардид,
Гаҳе ғамгину гаҳ хурсанд гардид.
Ба ҳар як сатри пурмаъною возеҳ
Дили худ бохта, пайванд гардид.

Навишту хат заду бинвишт ӯ боз,
Хаёлаш гирди олам дошт парвоз.
Ҷигар хун кардаю бинмуд эҷод
Шабаш ӯ то саҳар ду мисраи соз.

Ҳамин ду мисраъ аз болои дафтар
Ба шоир гуфт: «Эй марди суханвар,
Диҳӣ аз чӣ азоб ин қадр бисёр
Ба ҷони хеш? Хобат нест дар сар!»

Нишаста шоири то рӯз дилхун,
Бигуфт андар ҷавоби байти мавзун:
--Гузаштам аз бари хобу фароғат,
Ки аз ман ҳам ту бинӣ умри афзун.

с. 1962

НЕКИИ ЗИМИСТОН

Ба ёди дилбари ноошное
Шабе хоб аз бари ман дур шуд, дур.
Ба ҳар паҳлӯй меҷустам давое,
Ки осояд даме ин ҷони ранҷур.

Зи сӯзи синаи занбӯрхона
Сарамро болише пайдо намешуд.
Агарчи нори дил мезад забона,
Аз он равшан шаби ялдо намешуд.

Ба ёди дилбари ноошное
Саҳар берун шудам, дидам табиат
Бувад бас пурсафою дилрабое,
Ки бар тан кардааст аз барф хилъат.

Ба сармо кас надода эътиборе,
Ҷавонон барфбозӣ пеша доранд.
Ба рӯи якдигар ёру нигоре
Ба ҳазли ошиқона барф боранд.

Зи мавҷи қаҳқаҳои духтаракҳо
Тамоми кӯчаҳо гаштанд лабрез,

Ки гӯӣ барф шуд якбора дар ҷо
Шакар з-ин хандаҳои шаҳдомез.

Дили ман низ андар ҷӯш омад,
Задам бо барф як сарви раванда.
Чӣ хуш, ӯ ҳам ба «ҷанги» ман даромад,
Дар аввал бо ғазаб, сонӣ ба ханда.

Аз ин «ҷанги» ҳаловатбахш бар ҷон
Баҳорон тофт бар рӯям ба сад ранг.
Дили худ бохтам бар ёри хандон,
Ба ман ӯ низ дилро бохт дар ҷанг.

Чӣ некӯкор шуд фасли зимистон,
Ки бо як бозии барфаш дар айём
Дилеро бар диле бинмуд пайванд,
Шаби ҳиҷрони манро дод анҷом.

РӮДҲО

Рӯдҳо чун шир аз як ширдон
Сар зананд аз як макон—аз кӯҳсор.
Пора гашта, мераванд аз ҳам ҷудо,
Бо тақозои табиат ҳар канор.

Гӯӣ онҳо хеш не, бегонаанд,
То абад рахти ҷудоӣ бастаанд.
Риштаи худношиносӣ бофта,
Риштаҳои хеширо бигсастаанд.

Лек баъди ин ҷудоӣ як замон
Боз бо ҳам рӯдҳо якҷо шаванд.
Байни уқёнус ё дарё ҳама
Ҳамнафас, ҳамҷӯш, ҳаммаъво шаванд.

Яъне онҳоро ҷудоӣ нестӣ,
Оби садпора ба ҳам боз ошност.
Ҳар чиро, ки маҳдашон яктостӣ,
То абад аз ҳам ҷудо гуфтан хатост.

Одамият ҳам ба мисли рӯдҳост,
З-ибтидо бар умри ӯ яктост мом.
Гарчи бо айби баде аз ҳам ҷудост,
Мешавад аммо ба рӯзаш ҳаммаром.

ХОҲИШҲО

Яке гӯяд, ки бошам кош нахле,
Ба фарқи раҳраве то соя безам.
Яке гӯяд, ки аз чӣ рӯди кӯҳӣ
Нагаштам, то ба чӯли ташна резам.

Яке гӯяд: наям гулдаста, афсӯс,
Ки ҳуши гулпарастонро рабоям.
Дигар гӯяд: чаро шамъам накарданд,
Ки ҳар шаб хонае равшан намоям!..

Валекин ҳеҷ гоҳе ман нахоҳам,
Ки бошам нахлу гул, ё шамъ, ё рӯд...
Фақат мехоҳам одам бошам, одам,
Ба одам ҳамчу одам оварам суд.

ГУЗАШТА РӮЗҲО

Рӯзҳо, эй рӯзҳои рӯзгор,
Рӯзҳои рафтаи бебозгашт,
Рӯзҳое, к-аз шумо чун ёдгор
Рӯзҳои нав ба рӯям боз гашт:

Ёд меорам шуморо ҳар замон,
Аксатон оина бошад пеши рӯ.
Бе шумо охир набудам дар ҷаҳон,
Бо шумо ҳар рӯз бошам розгӯ.

Он шумо будед, рӯи дасти хеш
Дошта монанди тифлам борҳо.
Дошта, гуфтед: «Бингар сӯи пеш,
Офтоби бахт ояд аз куҷо:

Он раҳи некӯст, инаш роҳи бад,
Ин раҳи пурғусса, он роҳи нишот.
Он раҳи фонист, ин роҳи абад,
Ин раҳи марг аст, он роҳи ҳаёт...»

Аз шумо панди зиёд омӯхта,
Роҳи равшанро намудам интихоб.
Дида сӯи орзӯҳо дӯхта,
Мисли мавҷи баҳр бинмоям шитоб.

Ҳар қадар ки рӯзҳо некӯ шаванд,
Ҳар қадар ки беш хандад бахти шод,
Он қадар, эй рӯзҳои рафтаам,
Дил шуморо боз меорад ба ёд.

Дил шуморо боз меорад ба ёд,
Чун суруди Рӯдакӣ—аҷдоди ман.
Дар раҳи тайношуда—роҳи мурод
Гӯиё ҳастед дар имдоди ман.

с. 1965

ЯК ОДАМИ ОДДИЯМ

Ман бод наям, ки рӯи олам гардам,
Бо мақсаду бе мурод ҳар шому саҳар.
Ё баҳр наям, ки ҳар қадар шӯр кунам,
Танҳо лаби соҳилам намоям ман тар...

На баҳр, на хуршед, на бодам, на саҳоб,
Як одами оддии ҳамин давронам.
Додаст ба ман замонаам зӯри шубоб,
Имрӯз тавоною далер инсонам.

Ман баҳр ба ҳар ҷо, ки бихоҳам, бибарам,
Сад чӯли хароб аз он намоям обод.
Ҳам шӯълаи хуршед бувад ҳамсафарам,
Онро бибарам ба қуллаи кӯҳи мурод.

Ҳам бод тавонам, ки барам ман бо худ,
Бо суръати он гирди замин тай созам.
Бе абр тавонам, ки бирезам борон,
Ояд ҳама ин зи дасти пурэъҷозам.

Мӯҳтоҷ наям «марҳамати» аллоҳро,
Тақдир маро ба дасти худ мебошад.

Бо орзу чун қадам бимонам ҳар ҷо,
Гул рӯяду боғ, меҳр нуре пошад.

Ин аст, ки одамам бигӯянд, одам,
Ин аст, ки дасти одамӣ гул гӯянд.
Ҳар гул, ки варо кунанд бӯ дар олам,
Гул нею ду дасти одамӣ мебӯянд.

с. 1965

ҶАВОНӢ

Ҷавонӣ, аз чӣ баҳри ман азизӣ, нағз медонам:
Маро ту ҳам саодат, ҳам шараф, ҳам даври фирӯзӣ!
Ба роҳи хайр агар бо ту дар оташ пои худ монам,
Даруни оташи сӯзанда ҳам манро намесӯзӣ.

Ба пеши роҳи мақсудам агар пайдо шавад кӯҳе,
Варо бо тешаи фарҳодӣ аз ҷо мекунам беҷо.
Ба сар ояд маро дар зиндагӣ гар кӯҳи андӯҳе,
Ба он тоқат кунам бо ёди айёми фараҳафзо.

Муҳаббат ёри ман, ҳамдарди ман, ҳамрози ман бошад,
Бувад пайваста маҳкам дар вуҷуди устухони ман.
Муҳаббат пеши роҳам меҳросо нур мепошад,
Ҳаловат нест бе вай лаҳзае бар ҷисму ҷони ман.

Вале пинҳон намебошад, ҷавонии ба гул монанд,
Ки аз ман меравӣ, азми сафар бинмудаӣ имрӯз.
Ки аз ман меравию хотирам монад ба ёдат банд,
Дигар ту барнамегардӣ, азизи ман, ҳазор афсӯс!

Надорам чорае ҳаргиз, ҷавонӣ, эй гули хушбӯ,
Замони дилфиреби ман, баҳори мушкбӯи ман!
Вале аз рафтанат ман пеш гӯям рози дил бар ту,
Ба ту эй қуввати бозу, умеду орзуи ман:

Бибар бо худ сиёҳии ҷилобахшанда мӯямро,
Бибар он зӯри шерона, дуто кун қомати боло.
Бибар мастию бебокӣ, бибар он ҳусни рӯямро,
Бибар, он чи ту мехоҳӣ зи умри қимат аз тилло.

Вале як илтимос аз ту, ҷавонии сафопӯшам,
Набар зинҳор бо худ нури ҳар ду чашми биноям.
Набар ту хомаи дастам, набар илҳоми дар ҷӯшам,
Набар ишқу вафоямро, набар умеди фардоям.

с. 1963

ТУРО «ҶОН» ГУФТАНИ МАН БЕСАБАБ НЕСТ

Туро «ҷон» гуфтани ман бесабаб нест,
Маро бе рӯи ту баски тараб нест.
Даме бо ту мусоҳиб мешавам ман,
Ба ҷуз лутфе маро аз ту талаб нест.
Ба рӯят пеш медидам ғазабҳо,
Кунун дар он нишоне аз ғазаб нест.
Ба сӯи ҷои корат ҳар пагоҳӣ
Чаро оям? Ту медонӣ, аҷаб нест.
Маро мардум бигӯд ошиқи ту,
Бароям хубтар ҷуз ин лақаб нест.
Биё наздам, макун шарме, азизам,
Ашӯр аз ошиқони беадаб нест.

с. 1964

РАҚҚОСА

Саҳна зи ҷавлони ту зиннати дигар гирифт,
Ҷои қадамҳои ту нуқраю гавҳар гирифт.
Дар дами рақсидани шӯху басо форамат
Чашмаки ту сурати чашми кабӯтар гирифт.
Аз лаби хандони ту лола ба саҳро шукуфт,
Ошиқи бечораат ҳамчу алав дар гирифт.
Санъати зебои ту дидаму дил шод шуд,
Дасти навэҷоди ман хомаю дафтар гирифт.

с. 1959

СУРУДИ МАН, КИ БО НОМИ ТУ САР ШУД

Суруди ман, ки бо номи ту сар шуд,
Ба мисли хатти абрӯи ту бошад.
Бигӯӣ чун насими навбаҳорон
Ба ҳар сӯ накҳати гул бурда пошад.

Суруди ман, ки бо номи ту сар шуд,
Варо хонандаам чун гул писандад.
Чу кафтарҳо кушода болу парро,
Равад ҳар ҷо, ба дилҳо нақш бандад.

Суруди ман, ки бо номи ту сар шуд,
Ба дилҳои ҷавонӣ медарояд.
Барои ошиқон худ нома гардад,
Забони рози дилҳоро кушояд.

Суруди ман, ки бо номи ту сар шуд,
Чу меҳри поки ту охир надорад.

Надонам лек аз чӣ қадру қимат
Ба пешат арзи ин шоир надорад?!

Р О Ҳ

Ҳар куҷо роҳӣ шудам, раҳ ёфтам,
Садди раҳ аз пеши раҳ партофтам.

Ёфтам раҳ то ба фарқи қуллаҳо,
Роҳ карда синаи сад ағбаро.

Роҳи ҳар ҷои ниҳонро ёфтам,
Роҳи ҳар кунҷи ҷаҳонро ёфтам.

Ёфтам ман балки роҳи Каҳкашон,
Роҳи тайногаштаи сайёрагон.

Лек роҳи қалби ту, эй ёри ҷон,
Ҳеҷ не, ки ман биёбам дар ҷаҳон.

с. 1966

ДИЛЕ ДОРАМ

Диле дорам, ки бебок аст, ҷонам,
Ба мисли рӯи ту пок аст, ҷонам.
Надонад кинаву рашку ҳасадро,
Зи ишқат он тарабнок аст, ҷонам.

Зи обу оташи сӯзон натарсад,
Зи шӯри баҳру аз тӯфон натарсад.
Натарсад аз таноби дор, аз марг,
Ба ҷанги душманат аз ҷон натарсад.

Вале сӯи ту, садбарги баҳорӣ,
Чу ояд бо тапидан, беқарорӣ,
Чу барги бед меларзад зи тарсе,
Ки ногаҳ ноумедаш мегузорӣ.

с. 1966

ШАВАМ ҚУРБОНИ ЭЪҶОЗИ ТУ, БАРНО

Ба Барно Исҳоқова

Ба ҷонам дӯст медорам навоят,
Навои рӯҳбахшу дилрабоят.
Агар дар хоб бошам ҳам, шиносам
Суруди бар дилу ҷон ошноят.

Манам мафтуни овози ту, Барно,
Шавам қурбони эъҷози ту, Барно!

Зи базмат бинам айёми ҷавонӣ,
Ҷавониро ба ранги арғувонӣ.
Бубинам кафтари сулҳу саодат,
Ки дорад дар фазо доманфишонӣ.

Чӣ форам базми дилбози ту, Барно,
Шавам қурбони эъҷози ту, Барно!

Суруди «Алла»-ро вақте сурудӣ,
Ба қалбам меҳри модарро фузудӣ.
Надонистам, ки хандам ё бигирям,
Гумон кардам маро модар ту будӣ.

Диламро бурд ин сози ту, Барно,
Шавам қурбони эъҷози ту, Барно!

ТИРИ НИГОҲ

Дар ҷанг адӯ рехт ба болои сарам тир,
Бигрифта атрофи маро ҳалқаи занҷир.

Ҳар сония бинмуд бапо нори ҷаҳонсӯз,
Месӯхт аз он хок чу хас гӯӣ шабу рӯз.

Аз паҳлуи ман тир шабу рӯз гузар кард,
Бар дидаи ман марг дусад бор назар кард.

Аз ин нашудам куштаю куштам аҷаламро,
Пур карда ман аз меваи мақсад бағаламро.

Аммо чӣ кунам? Хуб кунам, ё ки бад, охир
Тири нигаҳи тези ту манро кушад охир.

с. 1966

МАРО БАР ҶОИ БУЛБУЛ ОФАРИДАНД

Биё, эй гул, ки ман худ гулпарастам,
Ҳамеша ошиқи рӯи ту ҳастам.
Ба рӯям то ки бинмоӣ табассум,
Сари кӯи ту якумрӣ нишастам.

Бувад зебо агарчи навбаҳорон,
Ба рӯи лолаву гул қатри борон,
Вале бе рӯи ту зебо набошад
Бароям ҳусни боғу марғзорон.

Табиат рӯят аз гул офаридаст,
Ду зулфатро зи сунбул офаридаст.
Сароям то ки дар васфат, замонам
Маро бар ҷои булбул офаридаст.

ҲАСРАТ

Ба баҳри зиндагӣ ҳай беқарорам,
Мисоли мавҷи тӯфон ҷӯш дорам.
Гаҳе дар хеш месӯзам ниҳонӣ,
Гаҳ аз шодӣ ба тахти ифтихорам.
Гаҳе аз хуни дил, бо шавқи бисёр
Ду сатре рӯи коғаз менигорам.
Надорам чашми дидан киначӯро,
Ман охир душмани ҳар мӯру морам.
Ҳамеша дошта домони уммед,
Ба аспи зиндагӣ маҳкам саворам.
Ватан амре кунад бо як ишора,
На бо по, балки бо сар раҳсипорам.
Ба ин дунё чунон дил бохтастам,
Ки аз хокаш ба чашмам сурма орам.
Ба гӯр аз он чӣ хоҳам бурд бо хеш?
Даруни сина меҳри бешуморам.

с. 1966

ҲАДЯИ МАН

Шеъри ман ин шеър не, ин ишқи ҷӯшони ман аст,
Ишқи ҷӯшони ҷавонии хурӯшони ман аст.
Ишқи бепоёни халқу гулшани бахту мурод,
Ишқи имрӯзи хушу фардои рахшони ман аст.

То саҳар дар фикри вай хоб аз барам бигрехта,
Дар сари ҳар мисрааш мӯи сари ман рехта.
Аз барояш як нафас осуда натвонам нишаст,
Ҳар ҳиҷои ӯст бо хуни дилам омехта.

Сар занад аз қалби ман ҳамчун суруди зиндагӣ,
Тору пудаш бофтам аз тору пуди зиндагӣ.
То писанд ояд ба ёру дӯстони арҷманд,
Рангу бораш менамоям аз намуди зиндагӣ.

Бо забони дилбари ширинбаён гӯям варо,
Бо суруди аллаҳои модарон гӯям варо.
Ҷӯр созам бо навои чашмаҳои кӯҳсор,
Бо шакарханди лабони кӯдакон гӯям варо.

Аз барои ман азиз ӯ мисли фарзандам бувад,
Нури чашму қатри хуни қалби хурсандам бувад.
Навбаҳори умри ман сар мешавад бо сатри вай,
Тӯҳфаи некӯям ӯ бар насли ояндам бувад.

с. 1962

КӮҲНА ВА НАВ

Дӯстонам гоҳ-гоҳе таънасорам мекунанд:
Аз чӣ кардӣ шеърҳои кӯҳнаи худро китоб?
Бо мисоле боз бар ин айбдорам мекунанд:
Нест дар он шеърҳоям бар талабҳошон ҷавоб.

Лек ман аз шеърҳои кӯҳнаам чун бигзарам?
Баски ҳар як сатри он як рӯз аз умри ман аст.
Хоҳам, охир, рӯзҳои умри худро бингарам,
То бидонам, ки чӣ сон рафтаст ҳар рӯзам зи даст.

Шарҳи ҳоли ман бувад ҳар сатри он чун роздон,
Чун тарозу рӯзҳоямро ба ҳам бармекашанд.
Кӯҳна ашъорам шуда омӯзгори меҳрубон,
Нест мумкин бе ваям, к-иншо кунам сатри баланд.

Он чӣ нав бошад, шавад тавлид аз маҳди куҳан,
Навниҳол аз байни боғи пир бингар, сар кашид.
Дӯстонам, таънаро камтар кунед акнун ба ман,
Кӯҳна чун бошад, наваш як рӯз меояд падид.

с. 1966

ДАР ШАКЛИ ГУЛ

Агарчи тирамаҳ бошад хазон, ҳукми раво дорад,
Ҷаҳони хуррамию сабз бо вай моҷаро дорад,
Агарчи бод бар ҳар сӯ барад барги дарахтонро,
Биёрад гарчи он аз қуллаҳо бӯи зимистонро:
Агарчи ҳафтае шуд рафтаӣ аз дори ин дунё—
Надида докаи чӯби сари қабри ту гардеро,
Вале бар рӯи хокат ман бубинам сабзаи навхез,
Арӯсак гашта байни сабзаҳо гулҳои атромез.
Табиат кардааст аз оби дида гӯӣ ҳар гул тар,
Барорад булбули зоре дар ин ҷо савти ҳузновар.
Бас, эй модаршуда, нодида фардои писар, рафтӣ,
Ба моми хештан гардида хуноби ҷигар, рафтӣ.
Ҷавон будию ҳайфо, ки ҷавон рафтӣ ту аз олам,
Ба мисли ту пурармон рафта аз олам набошад кам.
Вуҷуди ту баҳоре буду зери тармаи хок аст,
Ба рӯи хоки поки ту аз ин рӯ сабзаю гул раст.
Зи хокат раста гулҳоро чу фарзандони ту бӯянд.
Тасалло ёфта, модар, ба олам зиндаат гӯянд.

Зи барги ҳар гули навраста бас бӯи ту меояд,
Табиат гӯиё акнун туро дар шакли гул зояд.

с. 1967

РӮЗГОРИ МАН

Ҷуз ҳавои шеър дар қалбам дигар оҳанг нест,
Чун ҳавои шеър дорам, ҳеҷ гаҳ дил танг нест.
Шишаи табъам нагирад лаҳзае чангу ғубор,
Бошад он оинае, ки ҳеҷ гоҳаш занг нест.

Ҳирси молу ёди мансаб дар вуҷуди ман наяст,
Ҳар ки ҷӯяд молу мансаб, ӯст аз колои паст.
Дар вуҷудам хона дорад ишқи поки одамӣ,
Дил бувад дар синаам, дил, оҳане ё санг нест.

Чор фасли сол бар ман ҳаст гӯё навбаҳор,
Пеши чашмам ҷилваҳо дорад арӯси рӯзгор.
Беҳтар аз рӯзам шаб асту рӯз беҳтар аз шабам,
Рӯзгори ман ба шоҳаншоҳи ҳафт авранг нест.

с. 1967

АЗ МАҶМӮАИ

«ХАНДАИ ГУЛҲО»

Душанбе,
«Ирфон»
1973

ЯК ШАБИ ФАСЛИ БАҲОРОН

Як шаби фасли баҳорон ман шудам ҳамроҳи ту,
Боғҳо, гулгаштҳо рафтем мо.
Ман намедонам, ки зебоии шаб буд аз баҳор,
Ё ки аз рӯи ту буд, эй дилрабо.

Кӯчаҳои шаҳр—тоза, соф—оби ҷӯйҳо,
Навниҳолон қадфарозӣ доштанд.
Моҳи равшанрӯй аз байни дарахтони қатор
Нур бар рӯи туву ман мефиканд.

Олами гул гӯиё атрофро печонда буд,
Маст будам, маст ман аз бӯи гул.
Дидаи ман, ҳуши ман, ҳам ақли ман—ҳастии ман
Буд аммо сӯи ту, на сӯи гул.

Шавқам омад, ки бигирам аз лабонат бӯсае,
Шарм ҳуснатро дуболо менамуд.
Аз арақ рухсораҳои нозукат мегашт тар,
Гӯӣ шабнам рӯи гул афтода буд.

Дар кафи шаббода зулфат дошт бозиҳои шӯх,
Чун дили ман буд бесабру қарор.
Даст гаҳ бар гарданат бо меҳр меандохтам,
Оламе хушбахт будам дар канор.

Ҷӯш мезад баҳри ишқи пок аз шавқи висол,
Дошт киштии вафо дар он шино,

Киштии ишқу вафоро дар миёни баҳри ишқ
То абад гаштем ҳар ду нохудо.

с. 1966

ХАНДАИ ГУЛҲО

Дар ҳавлии мо олуяке пеши дар аст,
Имрӯз баҳор омаду вай гулбасар аст.
Аз хандаи гулҳои тару тозаи ӯ,
Бар ҳавлии мо шукӯҳу ранги дигар аст.
Наздаш шудаму бар гулакаш гуфтам ман:
--Умри ту басо кӯтаҳу андар гузар аст.
Бо умри ду-серӯзаяку даргузарат
Баргӯй чаро хандаи ту бешумар аст?
Андар назарам дубора хандиду ба ман
Гуфто, ки намебинӣ зи пуштам самар аст!

ҲАДИСИ ИШҚ

Ба ман мактуб бинвиштӣ, азизам,
Аҷаб марғуб бинвиштӣ, азизам.
Зи ишқу сӯхтанҳо рози дилро
Басо марғуб бинвиштӣ, азизам.

Вале медон чӣ гуна сӯхтам ман,
Даруни сина меҳр афрӯхтам ман.
Дили садчокро бо риштаи ишқ
Ба уммеди висолат дӯхтам ман.

Агар ту бо хатам доди ҷавобе,
Бикардӣ гарчи як кори савобе,

Вале умрест ман дил бар ту бастам,
Ба номат хат чӣ? Бинвиштам китобе!

Биё, бар вай назар ту гоҳ-гаҳ кун,
Назар бо чашми шаҳлою сияҳ кун.
Ҳадиси ишқи мо поён надорад,
Маро андар паноҳи худ нигаҳ кун.

с. 1964

ДИЛИ ШОИР

Ба софиҳо бувад чун чашмаи кӯҳӣ,
Сари чашма нагардад ҳеҷ лойолуд.
Агар сад бор партоӣ кулӯх он ҷо,
Миёни софии чашма шавад нобуд.

Зи нармиҳои худ бошад навозишкор,
Пур аз ишқу пур аз меҳру пурэҳсон аст.
Ғизои рӯҳи мардум мекунад тайёр,
Ба хуни хеш, к-андар хеш сӯзон аст.

Ба сӯзу сози бемисл ин дили ҳассос
Куҷо бошад, ба кори хайр муштоқ аст.
Вале онро занӣ гар, оташе хезад,
Дар ин ҳолат бидон, ки санги чақмоқ аст.

с. 1970

ПИРИ СУХАН

(Ба устод Мирзо Турсунзода, ба муносибати 60-сола шуданаш).

Бачча будам шеъри ту, шоир, маро дар ёд буд,
Бо ҳавои вай даруни синаам дил шод буд.

Дар дабистон гарчи медодам сабақ омӯзгор,
Лек шеъри ту бароям аввалин устод буд.

Ман варо бишнидаам бо аллаҳои модарам,
Ҳамчу хун пайванд шуд аз хӯрдӣ андар пайкарам.
Бо сад армону умеди нек ҷои «Ҳафтяк»,
Модарам мондаст онро гоҳ дар зери сарам.

То чу вай бинам, ба бахти модарам, умри дароз,
Пар кушоям то ки бо нирӯи вай монанди боз.
То ба мисли вай бичӯям роҳи дилҳои башар,
То мисоли шоирон гардам ба олам сарфароз.

Аз ҳамон дам то кунун шеъри ту ҳастам ҳамсафар,
Резад аз вай доимо бар коми ман шаҳду шакар.
Раҳбалад дар зиндагониям ба ман гардид он,
Карда ҳамчун шӯълаи ҷовид роҳам шӯълавар.

Дар ҷаҳони хайрхоҳӣ чун қадам бо вай задам,
Осиёю Африқоро дар шабе ман тай задам.
Неку бад бишнохта бо чашми дил, чашми хирад,
Табли хурсандӣ зи бахти хеш пайдарпай задам.

Рӯи дунё гашта, бӯе ман шамидам з-ин чаман,
Доштам дар қуллаҳои кӯҳсорон хайма ман.
Ҳар гиёҳу сангро бӯсида молидам ба чашм,
«Чун ниҳодам пои худро бар сари хоки Ватан».

Бохтам бар назми ту дилро, аё пири сухан,
Бо ду сатрат бой бар ман дод дил як гулбадан,

Дар забони кӯдаконам низ бошад шеъри ту,
Бар раҳи онҳост ҳамчун шамъ вай партавфикан.

с. 1971

ШАРФАИ ДЕҲА

Ба Гавҳар Пиракова

--Аз куҷост ин қаҳрамон?
--Аз ҷои мост.
Кавкаби субҳи сари саҳрои мост,
Лоларухсори чаманорои мост,
Гавҳари қиматтар аз тиллои мост.

Он, ки дасти зӯру зарпарвар дар ӯст,
Қувваи мардони фатҳовар дар ӯст,
Орзуи нек, болу пар дар ӯст,
Ҷони мо, пайванд бар дилҳои мост.

То шудаш мошинаву саҳро писанд,
«Киштии сабзаш» бишуд аспи даванд,
Кӯҳи «тиллои сафед»-аш шуд баланд,
Зодаи даврони беҳамтои мост.

Дар қатори қаҳрамонони деҳот
Боз шуд як қаҳрамони нав зиёд,
Деҳаи моро шараф ҷовид бод,
К-он макони қаҳрамониҳои мост.

с. 1964

МАСОЗ ИН ҚАДР, АЙБАМ, ҶӮРАИ ҶОН

Ду абрӯяш чу байти тозагуфта,
Ба рӯи коғази рӯ то баногӯш,
Ки хаттоти табиат ҳарф чида,

Навишташ, бофташ, ё худ кашида,
Ба нӯки мӯқалам гӯё ки бо туш.

Дамида лола дар рухсораҳояш,
Баҳорон гӯӣ ин ҷо ҷилва дорад.
Нигоҳаш чашмаи меҳру вафоест,
Ба сони шӯълаҳои пурсафоест,
Ки аз ҳар нози ӯ сад роз борад.

Зи саҳбои лабаш нанмо саволе,
Ки мислаш нест дар олам ба зинҳор.
Асал пешаш надорад таъму гул бӯ,
Ҳамеша бӯи ҷон меояд аз ӯ,
Ки оби зиндагонӣ ӯст, пиндор.

Масоз ин қадр айбам, ҷӯраи ҷон,
Ки ёдаш мекунам бо васф такрор.
Ба пеши дида гар рӯяш набошад,
Нигоҳу байти абрӯяш набошад,
Ба шоир шеър гуфтан ҳаст душвор.

с. 1967

ДАРЁ ВА ДАРЁЧА

Аз канори кӯҳи ҳамдӯши само
Солҳо ҷорист як дарёи маст.
Мезанад мавҷу шитобад доимо,
Ҳар чӣ пеш ояд, варо кӯбад ба шаст.

Ҳар қадар ки мехурӯшад, медавад,
Ҳар қадар ки ӯ бибӯсад хокро,

Ҳар қадар ки роҳи дуре меравад,
Ҳар қадар ки мезанад бар сангҳо,

Лек чун оина бошад пурҷило,
Дар шиои меҳр рахшад ҷовидон,
Чун гуҳар тобанд зераш регҳо,
Акси худро кас бубинад андар он.

Ояд аз сӯи дигар дарёчае
Бо ҳама ғавғову шӯру карру фар.
Орад ӯ бар хотири кас баччае,
К-аз адаб ӯро намебошад асар.

Лой бошад доимо монанди сел,
Соф дар умраш нагардидаст ӯ,
Гӯиё ки ҳаст дилтангу бахил,
То кунун суде набахшидаст ӯ.

Бо ҳаёҳуи зиёду бо ғурур
Байни он дарё занад ӯ хешро.
Лек дарёи зулолу пур зи нур
Соф бинмояд варо бо мавҷҳо.

ТӮША

Ҳар рӯз баҳона карда, садбарги тарам,
Аз пешу паси хонаи ту мегузарам.

Як бор ба гӯш то расад овозат,
Ё ки ба ҷамоли ту биафтад назарам.

Дил аз сари кӯи ту нагардад ба қафо,
Ҳарчанд занӣ санги маломат ба сарам.

Айвони ту ин қадар баланд аст, баланд,
К-аз дур ба уммед ба сӯяш нигарам.

Ман сайри фалак намуда оям ба замин,
Аммо натавонам, ки ба пеши ту парам.

Шукронаи он кунам, ки ҳар ҷо биравам,
Аз меҳри сафопарвари ту тӯша барам.

ТАСАЛЛОИ ДИЛ

Дидамат, ки гулпарастӣ, дар раҳат гул коштам,
Бар чунин гулзор дилро посбон бигзоштам.
Об додам ҳар гул аз сарчашмаи меҳру вафо,
Олами гул гӯӣ як ҷо аз ҳавас анбоштам.
Ҷилвагар то гашт аз лабханди гулҳо акси ту,
Аз фараҳ чун қуллаҳо сар то само афроштам.
Гӯшае гулгашт кардам, то қадам монӣ ба он,
З-интизорӣ гӯиё кӯҳе ба сар бардоштам.
Лек боре по намонӣ, ҳайфо, бар гулзори ман,
Медиҳӣ барбод он уммедҳо, ки доштам.
Ҳар гулеро бӯ кунам, бӯи ту ояд бар димоғ,
Дур аз ин гулгашт гарчи ман туро пиндоштам.

РУБОИҲО

Биншин ба барам, нарав ту аз паҳлуям,
Наззора намо бори дигар бар рӯям.

Бе гармии хуршед гиёҳе надамад,
Ман сабзааму зи нури ту мерӯям.

Эй, ёраки ҷон, ишқи ту мастам кардаст,
Дунёи ҳунар ба ҳукми дастам кардаст.
Пеши ҳама кас шудам сарафроз чу кӯҳ,
Пеши ту вале чу хок пастам кардаст.

Гуфтӣ, ки маро дигар ту пайғом макун,
Бадному хиҷил миёнаи ом макун.
Гуфтам, ки равӣ агар ту дур аз ёдам,
Зинҳор ба даҳр одамам ном макун.

Гуфтӣ, ки ба ман назора камтар бинмо,
Наззора ба сӯи ёри дигар бинмо.
Гуфтам, ки назора сӯи бахтам дорам,
Ту бахти манӣ, ба ман ту бовар бинмо.

Кай аз ту, санам, майли ҷудоӣ дорам,
Аз даргаҳи ту лутф гадоӣ дорам.
Аз хотири ту, ки нури роҳам бошад,
Бо мардуми ғайр ошноӣ дорам.

Эй лолаи наврустаи болояки бом,
Аз раҳгузарам бӯи ту ояд ба машом.
Дастам, ки намерасад ба он гӯшаи бом,
Бо сӯз диҳам туро ман аз дур салом.

Мо ҳар ду ба сайри боғ рафтем даме,
Изҳори муҳаббат бинамудем каме.

Аз шӯхии ман ба рӯи ту лола дамид,
Аз таънаи ту бар дили ман монд ғаме.

Чун лаб бикушоям, нафасе гӯшам кун,
Гӯш ин дили дар оташу дар ҷӯшам кун.
Дар роҳи вафо ба қадри мӯ суст оям,
Туф кун ту ба рӯяму фаромӯшам кун.

Бо ишқ барору авҷи корам бинам,
Пурнур чароғи рӯзгорам бинам.
Ҳар ҷой равам ба хизмати халқу Ватан,
Маҳбубаи бахт дар канорам бинам.

Бар даст маро хома мудом аз ишқ аст,
Эҷодгарии бардавом аз ишқ аст.
Сад байту ғазал бигуфтаму боз маро
Сад ҷилд китоби нотамом аз ишқ аст.

Аз дафтари ишқ ман сухан мегӯям,
Бар гӯши тамоми марду зан мегӯям.
Донед, ки номи ман Вафо мебошад,
Ҷон садқаи хоки ин Ватан мегӯям.

Бо ишқ ҷавонаму ҷавон мемонам,
Ман ошиқи рӯи ин замон мемонам.
Сад сол агар умр бубинам ба ҷаҳон,
Дилшод мисоли наврасон мемонам.

Ишқ аст азизу ман азизаш донам,
Қимат бувад он барои ман чун ҷонам.

Ҳар фатҳи наве ба кори худ меёбам,
Онро самари баҳори ишқам хонам.

АЙЁМ МЕДОНАД...

Ба чашмам зиндагӣ ҳамчун баҳорон хурраму зебост,
Ки бо ҳусну ҷамолу ҷилвааш мафтунгари дилҳост.
Чунон ҳам сеҳрнок аст он, чунон афсунгар аст охир,
Ки асрораш ниҳон чун рози моҳи осмонпаймост.

Ба тарзи беди маҷнун гоҳ дорад зулфҷунбонӣ,
Гаҳе чун лола хандад, гоҳ чун гулҳои райҳонӣ.
Ба мисли абри гардун гоҳ андозад қавоқашро,
Чу рӯи наварӯсон гоҳ дорад нурафшонӣ.

Ба бахтат гоҳ механдад ба сони меҳри пуранвор,
Занад писханд бар рӯят гаҳе чун лӯъбати айёр.
Гаҳе хурсандӣ орад, гоҳ аз вай ғуссаҳо пайдост,
Гаҳе асрор бикшояд, гаҳе бандад дари асрор.

Намедонам чаро ин қадр мисли қанд ширин аст,
Чу нозу бӯсаҳои маҳваши дилбанд ширин аст.
Набинӣ серие аз лаззати шаҳду шакарбораш,
Ки он чун шафқати мому рухи фарзанд ширин аст.

Намудаст он ҳама дилҳои мардумро асири хеш,
Накандӣ аз азал то ҳол дил аз вай шаҳу дарвеш.
Аз ин рӯ доимо монанди ҷӯши мавҷи дарёе
Ба ҳар тарзе ки бошад, пеш биштобад, фақат бар пеш.

Чӣ гуна рӯзҳо бигзаштаанд, айём медонад,
Гузашта рӯзҳоро модаре бар хеш мехонад.
Касе бад карда бошад, ё ки бинмудаст кори хайр,
Ҳама чун панд андар ёди вай ҷовид мемонад.

с. 1966

АРЧАҲО

Ба умри хештан, эй арчаҳо, подор сарсабзед,
Канори мулки худ—андар бари кӯҳсор сарсабзед.
Надорад бар шумо зинҳор фарқе чор фасли сол,
Тамоми фаслҳо бо зиннати бисёр сарсабзед.

Ба ин сарсабзиҳо бар кӯҳсорон зиннат афзоед,
Ба ҳар мавсим ба мисли навбаҳорон зиннат афзоед.
Агар аз қуллаҳо барф об гашта водиҳо шорад,
Лаби ин гуна дилҷӯ обшорон зиннат афзоед.

На гармою на сармо мекунад ҳусни шуморо кам,
Ба ҳар фасле шуморо мешавад балки таҷаммул зам.
Дарахтони дигар вақти хазонрез аз ҳасад сӯзанд,
Ки онҳо нестанд ин ҷо ба монанди шумо хуррам!

Вале ман бар шумо боре ҳасад бурдан надорам ёд,
Нагуфтам ҳеҷ гоҳе: «Кош умри арчаам медод»!
Зи баски аз шумо сарсабзу хуррамтар манам имрӯз,
Ҷаҳоне ҳам аз ин беҳтар кунам бо дасти худ бунёд!

с. 1971

АЗ МАҶМӮАИ

«ФАРЗАНДИ АСР»

Душанбе,
«Ирфон»
1976

ФИРӮЗӢ

Ҷон садқаи номи хушу ширини ту, модар,
Бо меҳри ту дар сина дилам ҳаст мунаввар.

Нури хиради туст ба ман шамси саодат,
Дар партави он гаштаам имрӯз ҳунарвар.

Ҳар як сухани туст маро нақшаи эҷод,
Аз туст ҳаме боғи муродам самаровар.

Бар номи ту аз шавқ даме хома бironам,
Дафтар шавадам пур зи ғазал аз паси дафтар.

Ҷуз васфи ту бар ман ҳаваси базми дигар нест,
Базми дигаре нестам аз васфи ту беҳтар.

Фирӯзии имрӯзаю фардо ба ман охир,
Бе ҳастии ту ҳеҷ намегашт муяссар.

с. 1970

ОБАК

Ин обаки шӯхро назар кун,
Дар рӯи ях асту боз ҷӯшад,
Хурд аст агарчи дар назарҳо,
Аз ҷӯш намонда, мехурӯшад.

Ҳаргиз ба қафо нигаҳ накарда,
Аз ҷой ба ҷое мегурезад.
Раҳ ҷӯяду дар шитоб бошад,
То рафта ба оби наҳр резад.

То рафта ба оби наҳр резад,
З-он қувваи тозае биёбад.
Бо қувваи тоза оби он наҳр
Бар ҷониби боғҳо шитобад.

Бар ҷониби боғҳо шитобад,
То ҷон ба ниҳолаке диҳад он.
Дар ранги анор ё ки олу
Бар дидаи мо шавад намоён.

с. 1961

ТОҶИКИСТОН

(Суруд)

Нури нав бар дида бахшад рӯи ту,
Табъ хуррам мешавад аз бӯи ту.
Нашъаи даври шубоб орад ба ёд
Ҷастухези чашмаи раҳҷӯи ту.

Қуллаи кӯҳат, ки ҳамдӯши самост,
Як нишон аз сарбаландиҳои мост.

Дашту ҳомуни ту бошад зарнисор,
Рангу бӯ дорад ҳамеша чун баҳор.
Гӯиё карданд дар хоки ту кишт
Тухми зебоию ганҷи бешумор.

Дар само хандад агар тирукамон,
Акси дилҷӯи туро бошад нишон.

Зиндагӣ роҳест, чун рӯди кабир,
Гардад одам бо мурури давр пир.
Лек ту ҳар рӯз аз дирӯзи худ
Мешавӣ аз нав ҷавону дилпазир.

Дил асиру масти дидори ту бод!
Ҷон фидои бахти бедори ту бод!

с. 1978

БАХТИ НЕК

Ба сад оҳанг меболам, ки бахти нек ман дорам,
Ба асри дилрабоӣ рӯзгори чун чаман дорам.
Раҳи равшан зи нури офтоби илму фан дорам,
Адолатпарвар айёму ҷаҳоноро Ватан дорам.

Ба роҳи хайрхоҳӣ рост рафтан кардаам одат,
Фақат бо ростӣ сарв аз замин боло кашад қомат,
Ба хизмат дар гарав бошад маро сар баҳри ин давлат,
Ҳамин аст аҳду паймонам, нафас то дар бадан дорам.

Диҳад то нури гармӣ, меҳр андар хеш сӯзон аст,
Замин то нарм бинмояд, баҳорон абр гирён аст,
Дили ман к-аз шиои партави фардо фурӯзон аст,
Ба қалби дигаре аз худ шарор афрӯхтан дорам.

с. 1970

ТАРОНАИ КОРГАР

Таркиби ман аз санг биоростаанд,
Дар пайкари ман тобу тавон хостаанд.
Аз пораи хуршед дилам сохтаанд,
Сардӣ зи вуҷудам зи азал костаанд.

Путку сари сандон шуда пушту панаҳам,
Аз оташи зарб об хӯрад ҳар нигаҳам.
Дунёи ман оғоз аз ин ҷода шудаст,
Тавлидгаҳи ман бувад ин коргаҳам.

Пӯлод ба пеши назарам об шавад,
Рахшандаю бетоб чу симоб шавад.
Пӯлод чу як мӯъҷизаи дасти ҳунар
Дар қолаби дилхоҳи ман асбоб шавад.

ххх

Дилбохтаи дастгаҳу ғурриши онам,
Бе вай дами осуда кашидан натавонам.
Умрам ҳама пайваста ба меҳнат шуда кафшер,
Бо ҷаҳд барам фоида бо ҳукми замонам.

Донам, ки шараф ҳаст ба ман роҳу маромам,
Аз ҳосили сарпанҷа шуда шаҳд ба комам.
Ҷуз коргарӣ пешаи дигар напазирам,
Ман зинда ба ин пешаю ин давлату номам.

ЧАРОҒҲОИ ФУРӮЗОН

Шабе аз шаҳри Норак мегузаштам,
Ҳаво торик буд, мерехт борон.
Замин ҳам гӯй меларзид он дам
Зи барқу тундари фасли баҳорон.

Фақат аз дуртар—аз синаи кӯҳ,
Чароғе гоҳ-гаҳ мешуд намоён.

Чароғе, ки зи пушти абри анбӯҳ,
Ба чашмам чун ситора буд тобон.

Чароғе, ки бисӯзад пардаи шаб,
Ба роҳи коргарҳо шӯъла пошад.
Чароғе, ки ба сӯи субҳи матлаб
Ба мисли машъали пурнур бошад.

Чароғе, ки намегӯям чароғаш,
Бигӯям наҷми бахту орзу аст.
Ҳамон, ки доштем умре суроғаш,
Ҳамон бошад, ки бо мо рӯ ба рӯ аст.

Ҳамон, ки мешавад аз вай чароғон
Саропо олами фардои Норак.—
Шабаш чун рӯз мегардад фурӯзон,
Бихандад меҳр дар симои Норак.

с. 1965

ГУФТУГӮ БО ВАХШ

Эй Вахш, аҷаб ту беқарорӣ,
Монанди дили ҷавони бебок.
Ҷӯшида ба пеш раҳсипорӣ,
Аз синаи кӯҳи сар ба афлок.

Ҳар лаҳза ба худ суруд хонӣ
Гӯё ту ба савту сози форам.
Гӯё ки суруру шодмонӣ
Бо туст ҳамеша ёру ҳамдам.

Оре, ту ба умри хеш зинҳор
Дар дил ғаму ғусса ҷо надодӣ.
Лабташна замин гуфтӣ: «Биё, ёр»,
Боре ту ба он садо надодӣ.

Мағрур будию ҳамчу мағрур
Парво нафасе зи кас набудат.
Пуршӯр будию аз чунин шӯр
Андешаи пешу пас набудат.

Мерафтӣ ба роҳи худ ба ин ҳол,
Баркӯфта сар ба санги хоро.
Мерафтӣ ба сад фиғону ҷанҷол,
Байни дараву миёни кӯҳҳо.

Чун бо ту шудем дар сару кор,
Дидӣ, ки чӣ сон барор кардем.
Як пӯли калон, ки ҳаст подор,
Бар гардани ту савор кардем.

Дигар бинамуда сарнавиштат,
Тақдири туро накӯ навиштем.
Оянда раҳи ту пуртароват
Бо мақсаду орзу навиштем.

Мо оби туро ба зӯри ҳиммат
Бурдем ба ташна водии Вахш.
Шуд аз ту макони нозу неъмат
Ҷовид баҳори шодии Вахш.

Худ номи ту ҳамчу ёвари нек
Мо, Вахш, бидон, ки Вахш кардем.
Як умр туро ба хоки тоҷик
Файзовару нурбахш кардем.

Имрӯз ба номи мо зи Ёвон—
Аз чӯли харобу дилкабобе,
Аз Данғараи фарохмайдон—
З-он дашти надида рӯи обе...

Арзи наву бешумор ояд,
Саҳро ҳама дар талоши об аст.
Он ҷой туро барем, бояд,--
Он ҷо, ки ҳама дар офтоб аст.

Он ҷо, ки ба умри хеш чун гул
Дар ҳасрати навбаҳор бошад.
Он ҷо, ки надида боғу булбул,
Хушкидаю хору зор бошад.

Он ҷо, ки ба зери лаб, ту медон,
Сад ғунчаи ношукуфта дорад.
Он ҷо, ки ба синаҳои бирён
Сад ганҷи наве нагуфта дорад.

Он ҷо, ки чу ёри дур аз ёр
Сад рози нагуфтааш бувад боз.
Он ҷо, ки чу шоире ба ашъор
Сад дурри насуфтааш бувад боз.

Он ҷо, ки ба дил чу навҷавоне
Сад орзуи ҷавонӣ дорад.
Он ҷо, ки ба мисли бӯстоне
Сад бӯи ба худ ниҳонӣ дорад.

Он ҷой, ки аз гили сиёҳаш
Бошад агар об, зар бирӯяд.
Бар домани хушку бегиёҳаш
Сад боғи пур аз самар бирӯяд.

Он ҷо, ки туро дар интизор аст,
Он гуна, ки ёр дар раҳи ёр.
Аз дурии ту чӣ дилфигор аст,
Бемор бувад зи ҳаҷри дидор.

Имрӯз, бубин, ба амри даврон
Асбоби зафар ба даст дорем.
Чун мард баромада ба майдон,
Аз нав ба итоатат дарорем.

Аз баҳри ту роҳи нав кушоем,
Кӯҳ аз паси кӯҳ пора карда.
Маҷрои туро дигар намоем,
Гӯем: «Бирав!» Ишора карда.

Ҷое бубарем оби туро мо,
Саҳро бидавад ба пешвозат.
Сад хирмани гул дамад дар ин ҷо,
Бишнида даме ки савту созат.

Ҷон дар бадани замин дарояд
Аз марҳамати накӯят охир.
Сад фасли баҳор мебиёяд
Якбора ба пеши рӯят охир!

с. 1965

ҲАР КАСБРО ЭЪТИБОРЕ

(ба коргарҷавонон)

Дило, манро миёни аҳли дастобиладорон бар,
Сари он дастгоҳе, к-об оҳан мешавад ҳар дам.
Ва пас аз фурсате гардад калиде, мурвате дигар,
Ки бо онҳо даре бикшода мегардад, даре маҳкам.

Иҷозат деҳ, ки бӯсам дасти оташбори ёронро,
Ба мисли дӯст онҳоро дар оғӯшам фишурам сахт.
Ки то бигдохта гардам чу оҳан рӯи сандонҳо,
Бубинам хешро бо одамони шодмон хушбахт.

Барам аз сӯҳбати мардони оташбоз кайфе ман,
Бубинам бо чӣ ранге зиндагӣ дар ҳукмашон ҷӯшад.
Бубинам, к-офаранд онҳо ҳама ин оташу оҳан
Ва ё аз оташу оҳан рагу пайвандашон бошад.

Ба олам ҳар касу ҳар касбро як эътиборе ҳаст,
Ки андар имтиҳони рӯзгор он бешу кам гардад.
Вале бар ранҷбар як эътибори пойдоре ҳаст,
Ки он ҳар рӯз афзуда, бузургу муҳтарам гардад.

УСТОД ВА ШОГИРД

Устод, ки буд банди афкор,
То рӯз бимонд боз бедор.
Аз рӯи китоб сар набардошт,

Дар баҳри адаб шиновари дошт.
Ҳар сафҳа баро-ш оламе буд,
Як олами поку хурраме буд.
Панди наву ношунида меҷуст,
Дурдонаи кас начида меҷуст.
То ки чу саҳар ба дарс ояд,
Аз боби дигар сухан кушояд.
Барчида диҳад накӯ ҷавобе
Бар Нусрати шӯху кунҷкобе...
Дар Нусрату ҷӯраҳои Нусрат
Устоди накӯ чу марди бихрад
Медид муроду орзуяш,
Бори ҳама ранҷу гуфтугӯяш.
Медид саодати Ватанро,
Сарсабзии гулшану чаманро.
Онҳо ҳама мисли чӯҷаи боз
Парвозӣ шуданду карда парвоз,
Ҳар сӯй—ба ҷои дур рафтанд,
Покиза мисоли нур рафтанд.
Устод, ки карда буд одат
Бар Нусрату ҷӯраҳои Нусрат,
Сабр аз дили бекарораш уфтод,
Берун дил аз ихтиёраш уфтод.
Бас дарди ҷудоияш асар кард,
Нохост рухаш зи ашк тар кард.
Дигар ӯ надид рангу рӯшон,
Дигар нашунид гуфтугӯшон.
Сол аз паси сол рафт бисёр,
Чӯл аз паси чӯл гашт гулзор.
Устод вале сафедмӯ шуд,
Ожангаш аён чу хат ба рӯ шуд.

Дар ҳар қадамаш хамида мегашт,
Камнур варо ду дида мегашт.
Аз Нусрату ҷӯраҳои вай боз
Ҳар сония ёд кард устоз.
Бишнид якеш агроном аст,
Шод аз ҳунараш сабоҳу шом аст.
Яктош ба деҳае табиб аст,
Бар ҷону дили ҳама ҳабиб аст.
Нусрат шуда инженери доно,
Дар нақшаи ӯст шаҳре барпо.
Дар мизи вазифаи баланд аст,
Хулқаш ба дили ҳама писанд аст,
Ҳар кас, ки ба коре пешаш ояд,
Хурсанд зи пеши вай барояд,
Устод шудӣ аз ин басо шод,
Рӯ ҷониби Нусрataш биафтод.
Вақте ки ба роҳ ӯ даромад,
Дар хотираш ин ҳикоят омад:
«Ду ҷӯраи ғамгусор будаст,
Дар дӯстӣ устувор будаст.
Рӯзе яки он шудаст соҳиб
Бар мансабу шеваи муносиб.
Шуд он дигараш ба бекарорӣ
Бар дидани ҷӯрааш хуморӣ.
Рафтаст, ки як дамаш бубинад,
Аз шавқ бараш каме нишинад.
Рози дили ҷӯрагӣ кушояд.
То дарду ғам аз дилаш барояд.
Рафтаст, ки ҷӯраи амалдор
Гуфтаст варо ба кибри бисёр:
«Ту кистӣ, аз куҷоӣ, бачча?

Пешам ба чӣ кор оӣ, бачча?»
Устод вале чу пеши Нусрат
Дарро бикушодаю даромад,
Шогирд бидида устозаш,
Бархест зи ҷо ба пешвозаш.
«Бахшед маро!»--бигуфт ногоҳ,
Мондаст қафо зи дарс гӯё.
Пас нақшае рӯи миз бикшод,
Монанди вазифа пеши устод.
Устод ба нақшааш назар дӯхт,
Як шаҳри наве аз он биомӯхт,
Сад хонаи бошаҳомате дид,
Сад нақшунигори қимате дид.
Ҳар хона кашида сар ба кайҳон,
Сад оиларо барад яки он.
Фаввораи об диду гулгашт,
Дар кӯча троллейбус мегашт.
Дар ҷои хуше бувад дабистон,
Доранд ба боғ сайр тифлон.
Зебост басо қасри тамаддун,
Қасре набувад ба мислаш акнун.
Худ шаҳри замонавист ин шаҳр,
Нақшест зи асри бист ин шаҳр.
Устод чу дид кори шогирд,
Авҷи амалу барори шогирд,
Дар нақшаи ӯ дили накӯяш,
Дар ҷилваю зинда орзуяш...
Дидаш ба камоли устодӣ
Аз дида бирехт ашки шодӣ,
Паҳлӯи муроди худ ҷавон шуд,
Мардона ба кори худ равон шуд.

с. 1974

ДАР РОҲИ ҲАЁТ

Дунё ба касе вафо накардаст,
Бисёр касон вале ба дунё
Аз сидқ ба ҷон вафо намуданд,
Дар шӯразамин шиноңда гулҳо,
Боғе чу Ирам бапо намуданд.

Бар рағми ҷаҳолати ҷафокор
Дарёи хирад равона карданд.
Барканда дарахти ҷабру зулмат,
Бас некие бар замона карданд.
Гуфтанд, ки зинда бод адолат.

Мо низ ҳама аз он касонем,
Тавлид шудем, к-аз дили соф
Ранҷе бубарем ганҷ бахшем:
Бидҳем сару надода инсоф.
Дар кардаи хештан дурахшем.

Бар мо, ки замини пок мом аст,
Аз мо талабе-ш кори шар нест.
Дар умри худ он ки суд н-овард,
Бар модари хештан писар нест,
Одам бувад он ки одамӣ кард.

Дунё ба касе вафо накардаст,
Мо лек ба он вафо намуда,
Дур аз раҳи хайр по намонем:
Ҳар уқдаи зиндагӣ кушуда,
Мардум ба муроди худ расонем.

с. 1967

САД ШУКР

Инсон, ки худаш чорагари ҳар кор аст,
Дар қисмати ӯ неку бади бисёр аст.

Гоҳе ба сараш зи карда раҳмат борад,
Нокарда гаҳе тамом тӯҳмат борад.

Сад шукр, ки мо даври пурэҳсон дорем,
Соҳибхирадону бахтҷунбон дорем.

Варна ба ғиреву ҷаҳли тӯҳматбофе,
Ё ин ки ба фитнаҳои ноинсофе

Армон нашикаста, ними раҳ мемондем,
Дар дафтари зиндагӣ сияҳ мемондем.

с. 1970

РАСМИ ШОИР

Ба ёди устод Лоҳутӣ

Расми шоир, расми ин устод мебояд кашид,
Расми ӯ бо санъати Беҳзод мебояд кашид.

Чеҳраи пиронаи нуронии устодро
Чун гуле, ки лаб саҳар бикшод, мебояд кашид.

Дар набарди рӯзгору гармию сардии он
Устухонаш сахт аз пӯлод мебояд кашид.

Роҳи размашро раҳи бахту наҷоти ранҷбар,
Дасти ӯ бар фаъла дар имдод мебояд кашид.

Гоҳи ҳарфе бо забони ростгӯ гуфтан зи сӯз
Табъи оташбори ӯ озод мебояд кашид.

Ҳар нидояш, к-аз ғазаб ғуррандатар аз барқ буд,
Хомааш дар дидаи ҷаллод мебояд кашид.

Дар ниҳоди назми пур аз разму тӯфонӣ варо
Кам на аз сардафтари эҷод мебояд кашид.

Гирди вай шогирдҳояшро зи рӯи эҳтиром
Дастҳо дар пеши бар, з-ӯ шод мебояд кашид.

Боғи уммедаш ба пеши дидаҳояш ҷилвагар—
Кохи назмаш то абад обод мебояд кашид.

с. 1967

МӮИ САФЕД

Мӯи ту, аё модари маҳбуб, сафед аст,
Покизаю пурнур чу як субҳи умед аст.
Рухсораи гулбези ту ожанг кашидаст,
Наврӯзи ҷавонии ту рафтаст ба поён.

Зинҳор аз ин нест туро лек ба дил ғам,
Хушбахтии ту бештаре гашту нашуд кам.
Аз давлати пирӣ шудаӣ дилхушу хуррам,
Умри ту, ки бигзашт зи ҳафтод ба ҷавлон.

Аммо нафасе дӯш нишастӣ ба бари ман,
Дидӣ, ки сафедист намоён ба сари ман,
Ларзон шудию такя задӣ бар камари ман,
Оҳе бикашидӣ, ки дилат пора шуд аз он.

с. 1972

БӮСА

Борҳо дар умри худ кардам сафар,
Мисли сайёҳон ба амлоки дигар.
Аз дами рафтан, замони хайрухуш,
Дӯстони хешро додам хабар.

Маҳфиле атрофи ман оростанд,
Чеҳраву дил бо фараҳ перостанд.
Ҳар кадом оғӯш карду бӯса ҳам,
Шодмон роҳи сафедам хостанд.

Бӯса кардам дӯсти санҷида ҳам,
Ёри дар зоҳир зи ман ранҷида ҳам.
Ҳам бародар—қувваю болу парам,
Хоҳари аз бахти ман болида ҳам...

Бӯсае аммо надидам гармтар
Дар ҷаҳон аз бӯсаи модар дигар.
Пайкарамро гӯё месӯзонд ӯ,
Мисли сурбе об мекардам магар.

Бӯса не, ин оташи дил будааст,
Шӯълае аз меҳри комил будааст,
Бо умеди бозгаштан аз сафар
Раҳнамое сӯи манзил будааст.

Хоҳам ӯро рӯи ман бинад мудом,
Дер ёбад умри ман бо вай давом.
Мон, ки сӯзад пайкарам, ҷону дилам
Бӯсаи гарми шароромези мом!

с.1972

СУРУДИ УМР

Ман оҳангу суруди шӯху дилбар дӯст медорам,
Чунон ки хандаи ширини духтар дӯст медорам.
Сабоҳи босафо аз родио ояд ба гӯши ман
Суруде, ки варо бо субҳи кишвар дӯст медорам.

Навои рӯди кӯҳӣ ҳам ба ҷон бахшад ҳаловатҳо,
Ки дорад аз табиат гӯё тасвири назокатҳо.
Фиғони булбули шӯридасар ҳам як суруде ҳаст,
Варо чун рози қалби ишқпарвар дӯст медорам.

Вале з-инҳо ҳама бошад ба ман фаҳмову возеҳтар,
Накӯю рӯҳпарвартар, диловез аллаи модар.
Аз он рӯзе, ки будам, ҳастаму мебошам, эй дил, ман
Ба олам аллаи пурмеҳри модар дӯст медорам.

Вай охир алла не, аз зиндагии мо навидастӣ,
Ба вай гӯё таноби умри мо модар танидастӣ.
Нишоне аз давоми умри мо имрӯз бошад боз,
Суруди умрро бо ҷон баробар дӯст медорам.

ИЗТИРОБ

Ба ранги заъфаронӣ хоб дар бистар бувад бемор,
Лабонаш баста парсингу надорад қуввати гуфтор.
Ба гирдаш нест гарчи хешу ёру ақрабояш кам.
Ки гӯё ҳар якаш бемортар аз ӯст дар ин дам.
Вале коҳида чашмонаш касеро боз мечӯяд,
Ба имову ишора бо кадоме роз мегӯяд.
Гаҳе лабҳош меҷунбанду мегӯяд, ки «Ҷон модар,

Бигир дасти маро, ҷонам фидоят, меҳрубон модар!»
Аз ин дилҳо шуда обу варо бо сӯз мепурсанд:
«Канӣ модар, ки ёдаш мекунӣ, баргӯй, эй фарзанд?!»
Зи қаъри сина оҳе мекашад бемор оҳиста
Ва мегӯяд, ки дидам модарамро роҳ поиста.
Гузашт аз пешаму нашнид фарёди низори ман,
Магар тоқат накард ӯ, ки бубинад ҳоли зори ман.
Чӣ дунёе чӣ таркибе, чӣ асроре бувад дар мом,
Ки андар гӯр ҳам аз баҳри фарзандаш наяст ором.

ВОРИСИ ОЯНДА

Хушрӯйтар аз лолаву садбарги тар аст ӯ,
Аз наҷми саҳар тозаву пурнуртар аст ӯ.
Ҳарфе, ки биёрад ба забон ҳар гаҳу ногаҳ,
Ширин аҷабо, мисли наботу шакар аст ӯ.
Дар хонаву дар боғчаву кӯча зи шӯхӣ
Як саъваи созовори навболу пар аст ӯ.
Гоҳе ба сари дасти падар мезанад ӯ хез,
Гаҳ дар бағали модари ҷону ҷигар аст ӯ.
Бо шӯхию бо мастию бо ғут-ғути дилкаш
Дар оила бозичаяки нағмагар аст ӯ.
Бошанд ҳама масти шакархандаи зебош,
Гулдастаи хушрангакубӯ дар назар аст ӯ.
Бо ҷони азизанд варо ҷумла парастор,
Гӯё ба ҳама бахти хушу шӯълавар аст ӯ.
Оре, бувад ӯ орзую бахти хуши мо,
Бас вориси оянда ба ҳар баҳру бар аст ӯ.

с. 1963

БО УМЕДЕ...

Бо умеде пеша кардам шоирӣ,
К-он дили бебоку сангини туро.
Бо сурудам нарм созам, эй парӣ,
То даме бар ман ту гардӣ ошно.

Бо ҳамин уммед рӯзам шом гашт,
Бо ҳамин уммед шомам рӯз шуд.
Бо ҳамин уммед хун кардам ҷигар,
Бо ҳамин уммед дил дар сӯз шуд.

Бо ҳамин уммед ман дар васфи ту
Оламе аз шеър бинмудам бапо.
Бо ҳамин уммед бар ҳар сатри шеър
Нусха кардам токи абрӯи туро.

Лек як борак ту сӯям нангарӣ,
Ноумедам мекунӣ аз ин умед.
Пешаи дигар надорам, чун кунам?
Бо ҳамин уммед шуд мӯям сафед.

с. 1968

А З М

Бегаҳӣ рӯи ҳаво абри сияҳ парда кашид,
Бод беист ба як шиддати бемисл вазид,
Ҷой-ҷо қатраи борон ба сару рӯй чакид,
Мардуми меҳнатии деҳа чу ин ҳол бидид,
Марду зан аз сари нав сахт камарбаста шуданд,
Ба сари кор ту гӯӣ, ҳама даҳдаста шуданд.

Имтиҳоне шуда, санҷида бишуд бори дигар
Ғайрату ҳиммати фарзона ба майдони ҳунар,
Мана бо дасти пур аз обила дар роҳи зафар,
Боз ғундошта шуд пахтаи як дашт, нигар.
Бо ҳамин кор, бубин, боз ҳам анҷом наёфт,
Дили пурҷӯши касе як нафас ором наёфт.

Ана, раъде бишуду абр пароканда намуд,
Моҳи тобон зи само ҷилвакунон ханда намуд,
Сарбасар деҳаи мо боз дурахшанда намуд,
Марду зан дид чу дар кор, чунин гуфт ба худ:
Барфу борон чӣ, агар санг биборад ба замин,
Кори худро кунад ин мардуми боазму матин.

с. 1960

ҶУСТУҶӮ БО ШЕЪР МЕКАРДАМ ВАРО

Муддате дар сина меҳр андӯхтам,
Ба хаёли дилбаре месӯхтам.
Бо умеди дидани дидори ӯ
Чашм доим дар раҳаш медӯхтам.

Ҳеҷ не, ки ӯ барояд пеши роҳ,
Ман зи роҳи ӯ намекандам нигоҳ.
Пас ба номи вай кушодам дафтаре,
Шеър гуфтам аз сари шаб то пагоҳ.

Ҷустуҷӯ бо шеър мекардам варо,
То шиносад шояд аз шеърам маро.
Ҳар қадар ҷӯям, нахандад бахти ман,
Монд дардам бетабибу бедаво.

Тирамаҳ омад, ҳама шуд дар ҳашар,
Бар ҳашар карданд манро ҳам хабар.
Рафтаму дар пахтазори дилрабо
Пахта чидам бо талоши бешумар.

Маҳваше дидам, ки чун хам мешавад,
Пахта андар доманаш зам мешавад.
Дар арақ рухсораҳои нозукаш
Мисли лола тар зи шабнам мешавад.

Дидаму бишнохтам он дилбарам,
Дилбари фарзонаю зарпарварам.
Бо забони шеър пас додам садо:
«Кош бошӣ, ҷони ширин, дар барам!»

Хуш ба табъаш омад оё ин сухан,
Ки табассум кард чун гул дар чаман.
Дар даме аммо чӣ шуд, ки дур шуд,
Дур шуд чун пахтачин аз назди ман.

Бо умеди он, ки як бори дигар
Чашм дӯзам сӯи ёри пурҳунар,
Ҳар саҳар бар пахтазорон меравам,
Менамоям санъати ӯро зи бар.

ҚАБРИ ШУҶОЪМАРД

Турбати хокаш бузургу бовиқор,
Қабраш аз колои мармар сохта.

Акси худро бинӣ андар рӯи қабр,
Гӯӣ бо нуре бувад пардохта.

Хирмани гул рӯида дар гирди он,
Бӯи хуш ояд аз ин ҷо бар машом.
Оташе ҳам дар сари қабри шаҳид
Аз дили гарми замин сӯзад мудом.

Турбати хокаш бузургӣ ёфта
Аз набардаш дар миёни корзор.
Аз матонат, аз ҷасорат, аз зафар
Мармарин шуд қабри ӯ бар ёдгор.

Ҳар гули хандида бошад орзуш,
Машъали ҷовиди қабр—ин меҳри ӯст.
Меҳри ӯ бар мушти хоки ин Ватан,
Меҳри ӯ бар модару бар ёру дӯст.

Ҳаст номаълум агарчи номи ӯ,
Нест арчи шахси онро дидагӣ.
Лек маълум ин ки ӯ будӣ ҳаме
Қаҳрамони бовафои зиндагӣ.

Дар раҳи ҳифзи диёри бахтёр
Сар нагуфту тан нагуфту ҷон нагуфт.
Нангу номусаш бишуд тиру камон,
Дар ғазо бо душмани инсон нахуфт.

Дошт марги бошарофатро мурод,
Зинда монад он, ки мурдӣ бошараф.

Бо туфайли марги беармони ӯ
Зиндагӣ гулрез бошад ҳар тараф.

с. 1967

ДАРГОҲИ МУРОД

Гирд мегардам миёни мавҷу гирдоби хаёл,
Бори кӯҳ аз фикр ояд бар сарам.
Лаҳзае, танҳо шавам ман лаҳзае осудаҳол,
Гар ба боли орзуҳо мепарам.

Нестам ношод дар ин даҳр ман аз ҳеҷ кас,
Аз баду аз нек панд омӯхтам.
Зиндагӣ чун устоди сахтгиру додрас
Машъали роҳи накӯ афрӯхтам.

Ҳамзамононам ниҳода по ба мулки Каҳкашон,
Даст то бар хӯшаи Парвин заданд.
Сила карда кокули зарбори моҳи осмон,
Рӯи бомаш байрақи рангин заданд.

Ҳар куҷо вайронаесту бӯи дӯзах мекунад,
Мекунанд аз ҷаннат онро нектар.
Ҳар куҷо, ки ҳокимаш дай бошаду ях мекунад,
Мебаранд он ҷо баҳори гулбасар.

Офаранд он гуна мӯъҷизот дар рӯи ҷаҳон,
Ки худо бинад агар, ҳайрон шавад.
Зиндагиро медиҳанд орову сайқал ончунон,
Ки аз он дил аз фараҳ хандон шавад.

Гирд мегардам миёни мавҷу гирдоби хаёл,
Бори кӯҳ аз фикр ояд бар сарам.
Медиҳам бар хештан ҳар рӯзу ҳар шаб ин савол,
Ки чӣ кардам ман ба нафъи кишварам?

Ин савол аз дидаи ман бурда хоби роҳатам,
Бар талоше боз даъват мекунад.
Ғайрате чун ишқи дилбар зам кунад бар ғайратам,
Ҳастиамро кони ҳиммат мекунад.

Ҷӯшаму кӯшам, ки чун фарзанди бар аҳд устувор,
Аз Ватан гирам дуои умрбод.
Чун ба рӯям хандаҳо дорад сабоҳи рӯзгор,
Пой бигзорам ба даргоҳи мурод.

с. 1966

ДӮСТ

Дили оташ, дили дарё дорӣ,
Дидаи мардуму дунё дорӣ,
Ҳама дам рӯҳи тавоно дорӣ,
Ки дар он тарс набошад асло.

Гаҳе андар сари сандон бошӣ,
Гоҳ дилдодаи майдон бошӣ,
Пешоҳанги далерон бошӣ,
Зиндагӣ пеш равад аз паси ту.

Ғами олам ба дилат ғунҷонӣ,
Раҳи фардои башар медонӣ.
Чист некӣ?!—Ба ҳама фаҳмонӣ,
Машъалафрӯз ба ҳар тираҳӣ.

Раҳи ту, кори ту шуд мактаби мо,
Ба кафи мост аз он матлаби мо,
Ханда гулрез бувад дар лаби мо,
Ки ба мо чун ту бувад дӯст ба даҳр.

с. 1976

ТӮС

Барои Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ

Решаҳоям рафтаанд аз хок то бар қаъри хок,
Ки маро шуд навдаҳои сабз боло то само.
Чун ҷудоӣ нестам аз хок, манро нест бок
Аз ҳуҷуму даҳшати тӯфони барфу бодҳо.

Обу хоки сарзамини ишқ додам парвариш,
Мисли кӯҳе ман шудам тансахту босабру виқор,
К-одамонро як замоне дар паноҳи китфи хеш
Ҳифз кардам з-оташи сӯзони тири бешумор.

Пайкарам шуд бар хаданги душманон яъне сипар,
Дар бадан бурдам фурӯ мисли замин тири зиёд.
То наёбанд аз ман онҳо дуртар роҳи гузар,
То биёбад бо туфайли захми ман мардум наҷот.

БАНДИ ГУФТОРАМ ҲАНӮЗ

Шод камтар шав, рақибо, ки бақо дорам ҳанӯз,
Назди ҷамъият ба қавли худ вафо дорам ҳанӯз.
Тира табъи ман нагардад лаҳзае аз рӯзгор,
Булбули шӯридаи ин боғу гулзорам ҳанӯз.
Дӯш байни мардумон ту хондаӣ девонаам,
Гарчи ман девонатабъам, лек ҳушёрам ҳанӯз.
Пой бо халқи зафармандам бимонам сӯи пеш,

Шаб ба ёди шеъри нав, рӯзона дар корам ҳанӯз.
Он чи кардӣ дар ҳақи ман, хуб кардӣ чун рақиб,
Рост гӯям, ман зи ту хурсанди бисёрам ҳанӯз.
Чунки андар дафтари ман сафҳаи холӣ намонд,
Пур шуд он аз шеър гарчи, банди гуфторам ҳанӯз.
Пеши роҳи чашма ҳатто кӯҳ натвонад гирифт,
Ман ба мисли чашмаи пурҷӯши кӯҳсорам ҳанӯз.

с. 1970

ШЕЪРИ МАН

Шеъри ман, парвардамат бо хуни дил шаб то ба рӯз,
Бохтам дар роҳи ту умри ҷавони хештан.
Бар ту аз ишқу умеду оромон пар сохтам,
Пас туро биспурдам андар хизмати халқу Ватан.

То ба амри ту дилеро бар диле моил кунам,
Ҷоҳилеро ростӣ омӯзаму оқил кунам.
Бо ту созам тарбият фарзанди ҷонбози Ватан,
Кӯрдил ҳар ҷо бубинам, марди бинодил кунам.

Гар туро бинам ба базми дӯстон, шодӣ кунам,
Бо диле рози диле созӣ баён, шодӣ кунам.
Ҳар гаҳе дар ҳаҷви бадкирдорҳо иншо шавӣ,
Мерасӣ монанди тире бар нишон, шодӣ кунам.

Шеъри ман—имрӯзи ман, фардои ман, дунёи ман,
Дар набарди рӯзгорон ханҷари буррои ман.
Душманонро бош ҳамчун тири сӯзон бар ҷигар,
Дӯстонро аз дили пурмеҳри ман савғои ман.

Ҳеҷ гаҳ берун марав аз шоҳроҳи зиндагӣ,
Чун кабӯтар бол зан андар паноҳи зиндагӣ.
Ҷуз ту дар олам набошад сарвате дигар маро,
Бо ту истиқбол гирам ҳар сабоҳи зиндагӣ.

НОМУС

Ба ёди муаллим Бозор Шарифзода

Ба қадри қил агар медид нуқсон,
Ба кори маърифатомӯз ёрон.

Ва ё медид дар роҳи саодат
Ҷавоне суст монад по ба майдон.

Ғазаб мекарду оташ мегирифт ӯ,
Вуҷудаш дуд мешуд аз ғами он.

Набудаш як дам оромӣ чу симоб,
Даруни сина гӯӣ дошт вулқон.

Қавоқаш мешудӣ абри баҳорӣ,
Ки тундар мезаду мерехт борон...

Ҳама ин буд аз номус бар ӯ,
Ки гаҳ аз зӯри он мегашт гирён.

Фақат маҳсули ранҷу заҳмат ӯро
Ба монанди шафақ мекард хандон.

Гаҳе дар сӯзу гаҳ дар соз будӣ,
Аҷаб хислат, аҷаб дил дорад инсон.

с. 1969

ДАР ВАФОИ ТУ

Аз лаби нӯши ту дорам бӯсае, ҷонон, талаб,
Ҷуз ту дар олам набошад аз бароям нӯшлаб.
Зинда бо ёди ту дорам дар бадан ҷони азиз,
Ҳастии ту баски бошад ҳастии манро сабаб.

Аз чӣ аз ман мерамию ман зи дунболат шавам,
Дар гурез афтодани сайёд аз сайд аст аҷаб!
Пеши ту доим чаро монад саволам бечавоб?
Лутф кардан гар нахоҳӣ, кош мекардӣ ғазаб!

Дӯш пурсидам ба тарсу ларз аз ту бӯсае,
Не иҷозат додию не гуфтиам «Рав, беадаб!»
Ошиқам кардию арзамро намехоҳӣ шунид,
Гӯй аз дунболи ту то кай давам бо ин лақаб?!

с. 1970

ТИЛЛО

Қарнҳо гарчи ба зери гил бувад,
Синаи хоро ба он манзил бувад.
Чун дили инсон набандад лек занг,
Хокро гӯё фурӯзон дил бувад.

Гарчи бошад заррае, ё хурдтар,
Дар дили хоро ниҳон аст аз назар,
Лек бо покии нурафшони худ
Қимате дорад ба дунё он қадар,

К-аз пайи ин ганҷ ранҷи бекарон
Аз қадимулдавр бурданд одамон.
Қалби хоро кофта бо зоғнӯл,
Кардаанд онро бурун аз қаъри кон.

ДАР ПАНОҲИ ИШҚ

Дар аҳд чу кӯҳ устуворам,
Шабдези иродаро саворам.
Ҳар гом, ки пеш мегузорам,
Бо ҳукми дилам ба роҳи ишқ аст.

Аз ишқ баҳори тоза дидам,
Аз боғи мурод гул бичидам.
Бахте, ки ба рӯи ман бихандад,
Аз давлати хайроҳи ишқ аст.

Аз хоки сияҳ, ки зар гирифтам,
Аз боди сабо, ки пар гирифтам.
Бар ташналабе, ки об додам,
Аз раҳмату аз нигоҳи ишқ аст.

Дастам, ки ба маҳ дароз гардид,
То мулки Зуҳал фароз гардид,
Бо номи ҳаёту хоҳиши давр,
Донам, ҳама дар паноҳи ишқ аст.

с. 1967

ШАҲИДИ ОРЗУҲО

Ба ёди Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ
Исмат Шарифов

Ман намедонам ҳанӯз аз зиндагӣ бисёр чиз,
Айб бошад ҳам, чӣ созам? Кори осон нест ин.
Меравад гоҳе шунида неку бад аз ёд низ,
Лек дар хотир маро як умр мемонад ҳамин,

К-аз канори даштҳои беканори Данғара,
Аз ҳамон ҷое, ки бошад дар баҳорон лолапӯш,
Аз канори кони нон—аз ғаллазори Данғара,
Ки ба мисли баҳр дорад мавҷи пурҷӯшу хурӯш,

Ҳамчу фарзанди бананги зодгоҳи хештан,
Ҳамчу бонии кафи хоки замини зарнисор:
Ҳамчу аскар рӯзи сахти ҷанг бо амри Ватан
Сахт барбаста камар, рафтӣ миёни корзор.

Рафтию кардӣ сипар баҳри адолат синаро,
Дидаат шуд дурбину ғайратат шуд тӯпу тир.
То зи хоки хеш ронӣ душмани бадкинаро,
Ҳифз созӣ модари худ—сарзамини беназир.

Ҳифз созӣ ғаллазорат—мазраи пурҳосилат,
Он ки бе вай ҳеҷ бошад фасли дилҷӯи баҳор.
Он ки ҳар як донааш сад зӯр бахшад бар дилат,
Он ки бе вай нест мардумро шукӯҳи рӯзгор.

Ҳифз созию бубинӣ мавҷи гандумзор боз,
Боз аз вай пур намоӣ хонаву анборҳо.
Серӣ ориву шавад мардум зи корат сарфароз,
Бахти ёронат бихандад сурати гулзорҳо.

Бо ҳамин ният миёни хуну оташ ҷон ба каф,
Ҷанг кардӣ аз балои ҷанг нотарсида ту.
Синаи душман ба тири хеш бинмуда ҳадаф,
Пеш рафтӣ, фатҳро дар пеш рафтан дида ту.

Гандуми коридаат шуд тӯшаи рӯзи ғазо,
Модарат онро ба сад уммед бар ту мефирист.
Мефиристу мешунидӣ гӯӣ овози туро,
Зор гашта, гоҳ-гаҳ дар ёди рӯят мегирист.

Кардӣ андар роҳи мақсад хешро охир шаҳид,
Ман намедонам, ки хокат дар куҷо бошад, куҷо!
Лек бинам ин дам он чӣ будат андар дил умед,
Чун ниҳоле дар лаби ҷӯ мекунад нашъунамо...

с. 1965

«ПОРА»

(Ба тарзи шӯхӣ)

Гӯянд, зӯр бошад аз ҳама чиз пора,
Об ҳамекунад он қалби чу санги хора.
Дардам, ки бедаво буд, ҷонам, ки мубтало буд,
Санҷидам ин амал ҳам, баски набуд чора.
Дар фасли навбаҳорон рафтам ба кӯҳсорон,
Ҷустам гиёҳи камёб—аз нав ҳазорбора.
Чун кабк ман давидам, он гуна гул бичидам,
К-ору накарда балки ҳоло ба вай назора.
Гулдастаи дилоро бар дасти ёри зебо
Оварда боз додам бо зӯрию ба зора.
Ин «пора»-ро гирифта, дур аз барам бирафта,
Ҳатто нагуфта раҳмат, рӯ тофт бар канора.
Ман балки тухми анқо бо шири мурғ якҷо
Кардам ба ӯ муҳайё бе ҳеҷ истихора.
Мекардам андар олам пайдош ҷони одам,
Гар менамудӣ сӯям як ханда, ним ишора.
Кай мешавад мулоим бо пора қалби солим,
Аз нори ишқ дар вай н-афтод як шарора.

с. 1966

БОҒБОН

Аз насими навбаҳорон гашта масту хушдимоғ,
Қайчӣ бар дастат равӣ, эй боғбон, бар сӯи боғ.
То кунӣ аз навдаҳои хушку бебар боғ пок,
Навдаҳои борвар тобанд то мисли чароғ.

Бастаӣ бар сайри боғу боғ парвардан ту дил,
Гаштаӣ бар мева бастанҳои боғи худ кафил.
Пеши чашмат дар рухи ҳар муғчаи накшуда лаб
Меваҳои пухтаи садранг мегардад ҳамел.

З-ин сабаб вақте бурӣ ҳар навда, дорӣ эҳтиёт,
Навниҳолонро ба дасти хеш мебахшӣ ҳаёт.
Қад кашида гул кунад ҳар нарди ҳосилдеҳ даме,
Дар руху дар дидаи ту мешавад афзун нишот.

Оҳ, афтад дар дами қайчӣ бабар нарде агар,
Дасти ту ларзон шавад, сӯзад туро ҷону ҷигар.
Ҷони ман ҳам мефитад дар оташе, зеро ки ман
Ҳам ба мисли боғбонам, ҳам ниҳоли босамар.

с. 1972

БОРОН

Гуле будӣ миёни боғ хандон,
Базебу пок чун рӯи арӯсон.
Ки бо бӯи латифаш менамуд он
Машоми гулпарастонро муаттар.

Вале шуд як замоне хокбориш,
Ба чангу хок гул гардид болиш.

Ва булбул монд дар ин ҷо зи хониш,
Ки гӯӣ боғ шуд беранг яксар.

Кунун даркор буд, даркор борон,
Ба вай гул гашт чашми интизорон,
Ки з-ӯ бинад сафои рӯзгорон,
Шавад аз нав чу аввал тозаву тар.

Пас аз торикӣ ояд рӯшноӣ,
Пас аз ҷангу малолӣ ошноӣ.
Мана, пас аз ғубори ким-куҷоӣ
Баногаҳ шир-шири борон бишуд сар.

Ба як дам пок шуд чанг аз рухи гул,
Ба гӯш омад зи нав овози булбул.
Ҳама атроф шуд ғарқи таҷаммул,
Чу оина само ҳам шуд мунаввар.

ФИРЕФТА

Қиссаи ишқе ҳикоят мекунам,
Бо ҳамин ҳоло қаноат мекунам.
Як замон як подшоҳе будааст,
На баду на хайрхоҳе будааст.
Шаҳсафо будаст номи вай ба даҳр,
Доштаст ӯ қалъае мобайни шаҳр.
Қалъа маҳкам будаасту пуршукӯҳ,
Дастнорас чун баландиҳои кӯҳ.
Рангу рӯи беназире доштаст,
Зиннати олампазире доштаст.
Рӯзҳо будаст ҳамчун офтоб,

Шаб дурахшонрӯйтар аз моҳтоб.
Об бар он қалъаи маъвои нур
Бо булӯл меомадаст аз ҷои дур.
Саргаҳи он кас намедонистааст,
Ҳеҷ кас бар вай намебурдаст даст.
Қалъа, ки бисёр зебо будааст,
Шавқи рӯяш ҷо ба дилҳо будааст.
Як замон як подшоҳи пурдағо
Қасд бинмудаст гирад қалъаро.
Сӯи он лашкар кашидаст аз ҳавас,
Лашкараш будаст чун мӯру магас.
Ҳар қадар ҷангу ҷидоле кардааст,
Ҳар қадар фикру хаёле кардааст,
Роҳи қалъа ҳеҷ кас накшодааст,
Ҳеҷ кас аз қалъа берун н-омадаст,
Ноумед аз н-омади кораш шудаст,
Рафта-рафта сард бозораш шудаст.
Лашкараш гапнодаро гардидааст,
Ҳар тараф аз ҳам ҷудо гардидааст.
Хуни дил гашта сипаҳсолор аз ин,
Сар зи ғам кардаст хам бар қоши зин.
Шаҳсафоро будааст як духтаре,
Духтари зеботар аз ҳуру парӣ.
Аз тамошогоҳи қалъа гоҳ-гоҳ
Духтарак кардаст бар берун нигоҳ.
Чашми ӯ бар он савор афтодааст,
Бар савори бовиқор афтодааст.
Духтари қадрас шуда ошиқ ба ӯ,
Бар ҷаҳони ишқ овардаст рӯ,
Сабру тоқат аз бараш бигрехтаст,
Ҷои об аз дидаҳо хун рехтаст.

Ишқро кардаст роҳу раҳбараш,
Ғофил аз он, ки чӣ ояд бар сараш.
Номаи пурсӯз бар садри сипаҳ
Зуд бинвиштаст аз мардум панаҳ.
Гуфтааст дар он: «Туро ман ошиқам,
Ҷуз ту дар олам набошад лоиқам.
Бӯи ту имрӯз мастам кардааст,
Ҳусни рӯят гулпарастам кардааст.
Дар нигоҳи ту баҳорон дидаам,
Офтоби рӯзгорон дидаам.
Дидаам уммеду бахти покро,
Орзӯҳои дили бебокро.
Дидаам боғоту гулгашти биҳишт.
Кош ту бошӣ маро дар сарнавишт.
Ҳамди беҳад бар худои меҳрубон,
Ки туро бинмуд сӯи ман равон.
Гар ту хоҳӣ, ман ба худ ёрат кунам,
Аз шароби ишқ саршорат кунам.
Ёр не, ман худ ғуломат мешавам,
Садқаву қурбони номат мешавам...»
Дар даруни нома пас як сангро
Мондаю додаст сӯи вай ҳаво.
Хонда сарлашкар даме он номаро,
Худ ба худ гуфтаст: «Дод акнун худо».
Дар ҷавоби нома бо шавқи калон
Рози дил кардаст ин сон ӯ баён:
«Чун ту хоҳӣ, ман ғуломат мешавам,
Садқаву қурбони номат мешавам.
Лек шарташ ин бувад, моҳи тамом,
Гар ту ошиқро намоӣ эҳтиром,
Дар набардам ёрие бар ман намо,

Ёрии ту ҳаст бар дардам даво.
Гӯй бошад дар куҷо сарбанди об,
То шавем аз васли ҳам мо комёб...»
Духтари аз ишқ гашта беқарор,
Бетаҳаммул сир кардаст ошкор.
Номае аз сӯз бинвиштаст боз,
Тухми ишқ аз ҷону дил киштаст боз.
Гуфтааст: «Аз қалъа берун рӯи дашт
Байтале дар галла дорад сайру гашт.
Аз ҳама аспон бувад хушёлу дум,
Бошад он гарданфарозу косасум.
Ранги ӯ мисли гули зардолу аст,
Чашми ӯ монанди чашми оҳу аст.
Дошта, серӣ ҷаваш бидҳеду каҳ,
Як шабу як рӯз доредаш нигаҳ.
Баъд ташна сар диҳедаш, медавад,
Саргаҳи об обкобӣ меравад.
Ин нахустин ёрии ҷонони туст,
Гӯшу ҳушам боз дар фармони туст...»
Бо ҳамин раҳ саргаҳи оби булӯл
Ёфтаст он душмани дун бемалӯл.
Ҷои ҷони Шаҳсафоро ёфтаст,
Решаи аз худ ҷафоро ёфтаст.
Қоқ бинмудаст оби қалъа зуд,
Кардааст онро равон бар оби рӯд.
Мардуми он қалъаи дур аз шикаст
Дар балои ташнагӣ афтодааст.
Ташнагӣ ин офати ҷон гаштааст,
З-он ҳама нолону сарсон гаштааст.
Ноилоҷ аз қалъа сӯи чашмасор
Кардааст аз ташнагӣ мардум фирор.

Душмани «ошиқшуда» хун рехтаст,
Ташнагонро куштааст, овехтаст.
Шаҳсафоро низ нобуд кардааст,
Тоҷу тахту қалъа аз худ кардааст.
Духтари шаҳ пас ба наздаш хондааст,
Лаҳзае бо қаҳр зеҳнаш мондааст.
Гуфтааст: «Эй лӯлии охирзамон,
Бар падар, ки буд бар ту меҳрубон,
Ин қадар ҷабру ҷафо овардӣ ту,
Бар сараш маргу бало овардӣ ту,
Пас ба ман оё вафо хоҳӣ намуд?
Не, вафо нею ҷафо хоҳӣ намуд.
Зан туро бар худ нахонам ҳеҷ гаҳ.
Аз гапам гардам агар, рӯям сияҳ,
Шаҳсафоро мор хонам ман агар,
Морбачча ин туӣ, эй сеҳргар.
Гуфтаанд аз даврaҳои Зардуҳушт:
Морро бо бaччааш бояд бикушт.
Куштани ту кори хайр асту савоб,
Ҳар чӣ мехоҳӣ, бигӯ андар ҷавоб...»
Ҳазл донистаст духтар ин сухан,
Лек ногаҳ дида бар гардан расан,
Сӯи кӯча аз ҳисораш мекашанд,
Рӯ ба дашти хорзораш мекашанд.
Ҷои оҳ аз дил баровардаст дуд,
Пеш аз маргаш бигуфтаст ин суруд:
«Ман духтари Шаҳсафою кабки мастам,
Ман хоҳари Зулфиқору кӯтаҳдастам.
Як шӯхӣ ка (р) дам, шохи гулам бишкастам,
Инак, табари қасоб рӯи шастам».
Дар думи як тотуи ваҳшимисол

Сахт мебанданд он соҳибҷамол.
Тотуро бо қамчӣ мекӯбанд беш,
То ки пушташ мешавад з-ин реш-реш,
Мисли оҳу пас варо сар медиҳанд,
Ҷои по гӯӣ ба он пар медиҳанд.
Тоту андар як замини хорзор
Медавад ҳамчун ғизоли кӯҳсор.
Духтарак сад бор дар ҳар як нафас
Мезанад бар буттаю бар хору хас...
Қиссаи ишқе ҳикоят кардаме,
Бо ҳамин ҳоло қаноат кардаме.

с. 1967

МИСЛИ ҶОНАМ ДӮСТАМ БОШАД АЗИЗ

Гар маро ҳар ҷо занад наҳ душманам,
Пеши роҳам ё канад чаҳ душманам,
Ё ба қасдам оташи сӯзон шавад,
Девосо бар сарам тозон шавад.
Теғи қотил баркашад бар куштанам,
Сар ҷудо хоҳад намояд аз танам.
Ман гила аз вай нахоҳам ҳеҷ гоҳ,
Ман гила донам ба худ айбу гуноҳ.
Чунки медонам, ки душман душман аст,
Расму оинаш хиёнат кардан аст.
Лек ман аз дӯст, к-он ёри ман аст,
Он, ки маҳбуб асту ғамхори ман аст,
Он, ки бар ман ҳаст чун ҷону ҷигар,
Нестам камтар зи фарзанди падар,
Он, ки аз меҳраш дилам ҷӯшон бувад,
Он, ки бо ёдаш лабам хандон бувад,
Он, ки дил дар ҷустуҷӯяш медавад,
Ҳар нафас чун бод сӯяш медавад.

Гар қавоқашро биандозад каме,
Турш бар рӯям кунад рӯяш даме,
Бесабаб ҳарфе зи ман пинҳон кунад,
Қадри мӯе аҳди худ вайрон кунад.
Ман гила дорам ба пеши дӯстам,
Баски доим дар вафои ӯстам.
Мисли ҷонам дӯстам бошад азиз,
Беҳтар аз вай нест бар ман ҳеҷ чиз.

ДОРОЙ

Аз ҳамон рӯзе ки бар ман, ёри ҷон, гаштӣ насиб,
Дил кафид аз шодӣ андар синаи тангам қариб.
Рехт аз чашмони ман ашки муҳаббат баъди ҳаҷр,
Ашкрезӣ гарчи бар мардон намедонанд эб.

Лашкари ғам бо нигоҳи ту намудам торумор,
Кавкаби бахтам шуд аз як хандаи ту шӯълабор,
Ҳар ду вақте барбабар шод омадем аз сайри боғ,
Сӯхт аз рашку ҳасад бунёду маъвои рақиб.

Дардманде будаму сад бор меҷустам даво,
Лек аз садҳо даво боре намедидам шифо.
Дарди ман якбора аз як лутфи ту шуд нопадид,
Ҷуз ту дар олам набошад баҳри ман ҳозиқ табиб.

Дӯстдорӣ, гуфтаанд, аз гӯшаи ҷаннат бувад,
Дӯст дорад ҳар касе, ӯ соҳиби давлат бувад.
Пас чу ман бодавлату доро ба олам нест ҳеҷ,
Чун туро ман дӯст дорам, чун туӣ бар ман ҳабиб!

с. 1972

ДУБАЙТИҲО

Ватан, гӯям, ки пайванди манӣ ту,
Ба ҷои моми дилбанди манӣ ту.
Хуш он рӯзе, ки ман гардам сазовор,
Ба он, ки гӯӣ: фарзанди манӣ ту.

Қадат аз химчаи тар офариданд,
Ду рух аз себи аҳмар офариданд.
Бибофам то ки бар зулфи ту шеъре,
Бароям килку дафтар офариданд.

Лаби пурханда дорӣ, дилбари ман,
Зи ханда гул бипошӣ бар сари ман.
Манам дар зиндагонӣ ёвари ту,
Ту ҳам як лаҳзаяк шав ёвари ман.

Ҳамеша розиям аз сарнавиштам,
Ки аз хоки Ватан бошад сириштам.
Таги як хори ӯ бошад баҳорам,
Сари як санги ӯ бошад биҳиштам.

Ба се қисми замин об асту асҳоб,
Валекин об бошад боз камёб.
Агар бинам, ки резад ашки модар,
Гумонам мешавад дунё таги об.

Нигоҳу нозу истиғнот аҷиб аст,
Каломат шаҳдрезу дилфиреб аст.
Ба ҳар нозу ба ҳар ҳарфу нигоҳат,
Лабонат, рост гӯям, бӯсазеб аст.

Баногаҳ дида мондам рӯи покат,
Бикуштам ҷилваҳои сеҳрнокат.
Бигӯянд, одам аз хок офариданд,
Чиҳо гӯям ман аз покии хокат?!

Биё хандида, наврӯзам, ба сӯям,
Бимон, бар гӯши ту як ҳарф гӯям.
Бипечад дар гулӯям лек ҳарфам,
Ҳамон вақте гули рӯи ту бӯям.

ххх

Бод аз кӯчаи мо мегузарад,
Саҳари пур зи сафо мегузарад.
Магар аз ҷониби ёр омадӣ он,
К-ин қадар рӯҳфизо мегузарад.

Сабаби қаҳ-қаҳаи чашма ҳамин,
Ки бурун омадӣ аз қаъри замин.
Дили ман ҷӯш занад, ханда кунад,
Ки надорад ба касе заррае кин.

Ба дара рӯд дамон астӣ, дамон,
Ғазалаш вирди забон астӣ, забон.
Диле гӯё ки дорад, ҳамчу шоир,
Ки пур аз ҷӯшу ҷавон астӣ, ҷавон.

АЗ МАҶМӮАИ
«ДАСТЁРИ ДОДО»

Душанбе,
«Маориф»
1979

ХУРРАМ

Бингар, ку кунун Хуррам
Дар қаҳр бувад бисёр.
Дар чеҳраи вай ин дам
Ҷуз ғам набувад зинҳор.

Ҳар сония дорад майл
Бар гиря бубин, охир.
Ҳар ду лаби ӯ якзайл
Имрӯз парад пир-пир.

Майлаш набувад акнун
Бар бозию бозича.
Дилгир бувад ӯро
Ҳам хонаву ҳам кӯча.

Гӯё ки ягон чизаш
Гум кардаю мекобад...
Дар ёди ӯ бехоб аст,
Бархезаду биштобад.

Дардест аламовар
Дар қалби ӯ ҷо кардаст.
Зеро ки варо модар
Аз сина ҷудо кардаст.

ҲАВОИ БАҲОР

Буд офтоби гармакак,
Пурнур буд боғу чаман.
Аз шавқи рӯзи босафо
Гул чок мезад пираҳан.

Ногоҳ андар осмон,
Дар осмони беғубор
Омад падид абри сиёҳ
Абри сиёҳи ашкбор.

Борон биборид ончунон,
К-аз об ҷӯҳо пур шуданд.
Дар наҳри байни деҳи мо
Сел омаду раҳ кард банд.

Лекин пас аз як соатак
Борон бимонду боз, бин,
Аз нав бихандид офтоб,
Дилҷӯй шуд рӯи замин.

Бошад аҷибу дилфиреб
Обу ҳавои навбаҳор.
Чун тифл гоҳе хандад он,
Гоҳе бигиряд зор-зор.

ШИР-ШИРИ БОРОН

Хобам шабонгаҳ
Дар таҳи долон.
Ояд ба гӯшам
Шир-шири борон.

Аз шир-шири он
Барам ҳаловат.
Гирадам оғӯш
Хоби фароғат.

Гӯё ки бар ман
Вай хонад аз сар
Суруди нарму
Аллаи модар.

ДАР ҲАР ҚАДАМ ФИТОДАСТ

Як панҷааш бастагӣ,
Ана бубин Каримро.
Нохуни по хестагӣ,
Пешониаш сип-сиёҳ.

Зонуҳояш канда пӯст,
Нӯги биниш хунолуд.
Захме, ки бар лаби ӯст,
Менамояд каб-кабуд.

Набошад ӯ ҷангара,
На бо касе ҷангидаст.
На ҷар шудаст бар дара,
На гурбааш ҷангидаст.

Яраҳо бар тани он
Пас аз чӣ рӯй додаст?—
То ки шавад раҳгардон,
Дар ҳар қадам фитодаст.

«ПИР»-И ҲАФТСОЛА

Рахшанда чароғи хонаи ман,
Хушрӯй чу навшукуфта лола,

Бахтам, писари ягонаи ман,
Имрӯз шудаст ҳафтсола.

Дандонаки пешу аввалинаш
Якбора зи решааш биафтид.
Чанде рухи поку нозанинаш
Аз фикру хаёли ӯ нахандид.

Чун дастаи гул ба бӯи форам
Ҳайрон барам омаду бипурсид:
--Ман пир шудам, дадо, ки имрӯз
Дандони навам зи бех афтид?!

САЛОМ МУАЛЛИМ

Омадам мактаб,
Салом, муаллим!
Мехонам аъло
Мудом, муаллим!

сентябри 1987

ХОЛАЛО ВА ЁЛАЛО

(афсона)

Гул кампири накӯ буд,
Зебою дӯстрӯ буд.
Бо нону бо намак буд,
Як меҳрубон занак буд.
Дар бисоташ ҳар чӣ дошт,
Ба пеши кас мегузошт.
Як гову як гӯсола,
Як бузу як бузғола,
Якто саги ало дошт,

Як пишаки бало дошт.
Номи саг буд Холало,
Номи пишак Ёлало.
Ба он гову гӯсола,
Ба он бузу бузғола
Якҷоя медод алаф,
Намешуд як хас талаф.
Мехӯрд аз он фаш-фаш гав,
Буз мезад ҳар сӯ силтав.
Гӯсола хаш-хаш мехӯрд.
Бузғола маш-маш мехӯрд,
Байнашон ҷанге набуд,
Бухлу дилтангӣ набуд.
Кампир осудагӣ дошт,
Хушҳол зиндагӣ дошт,
Бечора кампир аммо
Н-осуда буд доимо
Аз ак-аки Холало,
Аз мав-мави Ёлало.
Медод онҳоро хӯрок
Дар коса, ё рӯи хок,
Пишак аз саг медуздид,
Саг аз пишак медуздид.
Ҳамоно байни онҳо
Мешуд ҷангу моҷаро.
Кампир ҳарчӣ мезад зӯр,
Намегашт ин ғавғо дур.
Саг пишакро бад медид,
Пишак сагро бад медид.
Рӯзе фасли баҳорон
Аз деҳаи кӯҳистон

Ба кампир аз зарурат
Муҳоҷират пеш омад.
Чанги кӯча боло шуд,
Як «ЗИС» он ҷо пайдо шуд.
Он молу ҳоли кампир
Аз коса то ба кафгир.
Ҳама бузу бузғола,
Ҳама гову гӯсола
Болои «ЗИС» баромад,
Мошин ба раҳ даромад.
Аммо набуд Ёлало,
Ким-куҷо буд Холало.
Аз мошин қафо монданд,
Дар хона танҳо монданд.
Намедонистанд онҳо,
Ки соҳибшон дар куҷо.
Аз ин ҷо куҷо рафтаст,
Аз ин ҷо чаро рафтаст.
Ҳунгас мезад Холало,
Вангас мезад Ёлало.
Пишак ба саг нигаҳ дошт,
Саг ба пишак нигаҳ дошт.
Чанде ҳар ду гиристанд,
Ночор ҳар ду зистанд.
Нарафтанд аз он хона
Ба хонаи бегона.
Ин сӯ, он сӯро кофта,
Ризқу рӯзие ёфта,
Пур ё ки кам мехӯрданд,
Ҳар ду баҳам мехӯрданд.—
Холалою Ёлало,

Ёлалою Холало.
Набуд байнашон дигар
Ҷангу ҷӯшу шӯру шар.
Гул-кампири меҳрубон
Дар оғӯши Гулистон
Вақте сагеро медид,
Ё пишакеро медид,
Пеши рӯяш ҳамон дам
Ҳозир мешуд паси ҳам
Холалою Ёлало,
Ёлалою Холало.
Ду маҳ гузашт аз миён,
Буд охири тобистон.
Дар рӯи ҳавлӣ як рӯз
Кампири шоду фирӯз
Машғули рӯфтурӯ буд,
Дар дил ба гуфтугӯ буд.
Ки Ёлало куҷо шуд?!
Ки Холало куҷо шуд?!
Ногаҳ баровард овоз
Дарвоза мисли ҷувоз.
Дар ҳавлӣ шуд Холало,
Савори он Ёлало.
Кампир чу дид ин аҳвол,
Шуд ғарқи гиря дарҳол.
Афтид аз дасташ ҷорӯб,
Як сӯ монда рӯфтурӯб,
Он дам ба ёд овард,
Ки зиндагӣ чиҳо кард:
Саг шуд рафиқи пишак,
Пишак шуд рафиқи саг.

Ҳар ду рафиқи масрур
Дар роҳи ин қадар дур.
Раҳи надида зинҳор,
Ба он нарафта як бор.
Ҳавлии соҳиби худ
Дар соҳили лаби руд,
Дар деҳаи Гулистон,
Деҳи чу шаҳре калон.
Бечораҳо ҳай кофтанд,
То ин хонаро ёфтанд!
Аз зери оби дида,
Бо қомати хамида,
Дид назди хеш сагро,
Дар бағалаш пишакро.
Саг думашро меҷунбонд,
Пишак «гуруғли» мехонд.
Шодӣ кард аз ин кампир,
Дигар нагашт ӯ дилгир.

АЗ МАҶМӮАИ
«САМАРИ УМР»

Душанбе,
«Ирфон»
1980

ҚАРСАК

Ба хотираи Маҳмуд Воҳидов

Зиндагонӣ саҳна бошад, одамӣ артисти он,
Ҳар яке бо тарзи худ як бор бозӣ мекунад.
Он яке меофарад нақши худашро ҷовидон,
Як замоне халқро аз хеш розӣ мекунад.

В-он дигар аз бозиаш чизе намеорад ба даст,
Не диле шодон аз ону не лабе хандон шавад.
Медиҳад худро нишон, к-аз ин фақат гӯянд ҳаст,
Ҳастии бемаънӣ охир нест аз чашмон шавад.

Он, ки андар саҳна табъи дил ҳунармандӣ кунад,
Мавҷи қарсак ғулғул андозад чу тундар дар миён.
Зинда монад ӯ ба лавҳи ёди мардум то абад,
Меҳр дар дилҳо гузорад, номи некӯ бар забон.

Бозии ту гӯӣ дар ин саҳна як эъҷоз буд,
Буд саҳна бо ту зебо чун чаман бо андалеб.
Аз каломат, ки ба дарду рози дил анбоз буд,
Пеши чашми кас дубора зиндагӣ мешуд базеб.

Рафтӣ аз ин саҳна ту бо як ҷаҳон созу ҳунар,
Дар навои зиндагӣ бозидӣ умре бо ҳавас.
Қарсаке, ки зад ба ту бо меҳри бепоён башар.
Вақти бозӣ аз ҳунарварҳо надидӣ ҳеҷ кас.

Ҳар куҷо, ки мавҷи қарсак мешавад боло дигар,
Дар гумонам, ки бувад мерос аз эъҷози ту,
Саҳна бар саҳна намояд боз гӯӣ бештар
Аксандозӣ нидою санъати дилбози ту.

ПОДОШИ ХАЙР

Ҳамин шаб ман ба номат шеър гуфтам,
Бубахшам, шеъри кам, ё дер гуфтам.
Варо бо бӯи гул пардоз додам,
Зи савти булбулон овоз додам.
Ба зебоӣ чу қолин бофтам ман,
Зи тору пуди рангин бофтам ман.
Ба маънӣ?
Маънияш санҷида бошад,
Ки онро дидаву дил дида бошад.
Садаф не, нукра не, балки заҳаб ӯст,
Саропо меваи меҳру адаб ӯст.
Гирист аз шодӣ андар сабти он дил,
Чу ранге рӯи коғаз шуд равон дил.
Намерафт аз хаёлам дур он рӯз,
Ки наздат омадам чун шамъи дар сӯз,--
Ба ин маънӣ, ки будам дил фурӯзон,
Бигӯям рози худ бо роздорон.
Ту будӣ лекин андар изтиробе,
Ба мардум дар саволу дар ҷавобе,
Ба рӯят гоҳ шафқат, гаҳ ғазаб буд,
Гаҳе ранҷурию гоҳе тараб буд.
Маро дидию ҳастият дигар шуд,
Ғамат якборагӣ аз дил бадар шуд.
Табассум дар лабонат ёфт маъво,
Ба ҳазле ханда шуд ногоҳ боло.
Азизи мо, биё,--гуфтӣ,--маро ту,
Чӣ ширин гуфтию зебою некӯ.

Кушодам рози дилро рӯ ба рӯят,
Ҳаловат ёфтам аз гуфтугӯят.
Гапи кӯтоҳи манро гӯш кардӣ,
Ба дафтар нақш он хомӯш кардӣ.
Ба ман чун марди доною батадбир
Кае, ки хоҳӣ,--гуфтӣ,--омадан гир.
Аз ин шуд ҳиссиётам сахт боло,
Ки андар дида ашкам гашт пайдо.
Яқин кардам, ки дилро шод кардӣ,
Ҷаҳоне гӯиё обод кардӣ.
Ба ҷуз шеърам маро сарват набошад,
Дигар сарват ба ман ҳоҷат набошад.
Фақат дар пеши ту як ноз кардам,
Чу санҷиш рози худ иброз кардам.
Ту, ки бардоштӣ бе ноз нозам,
Ба лутфи хеш кардӣ сарфарозам,
Ба қадри сӯзу дарди дил расидӣ,
Ба қадри лафз чун оқил расидӣ,
Ҳамеша ман ба подоши чунин хайр,
Ки дидам чанд хайре пеш аз ин хайр,
Бубардорам ба дӯши хеш борат.
Натобам сар даме аз ихтиёрат,
Дилу ҷонам фидои нуктадон бод,
Сари ман пеши пои дӯстон бод!

с. 1979

МУБОРАК УМРИ ДАР ҲАФТОД

Ба Саидалӣ Вализода

Нагӯӣ то ки шеъре боз,
Ба оҳанги дутор, устоз:
«Дареғ аз меҳнати зорам,

Бутун дар зери борон шуд.
Бисӯзад хонаи золим,
Зи ҷабраш дида гирён шуд».
Насозӣ то ки созат ҷӯр,
Ба гӯши мардуми ранҷур:
«Ба рағми бою эшонҳо
Замони инқилоб омад,
Ҳалоку вақти нобудӣ
Ба дору бар таноб омад»,
Нахонӣ то ки ҳар соат
Ту бо уммед ин даъват:
«Куҷоӣ, паҳлавон Восеъ?
Бихез аз хобу шав бедор!
Бихезу бин, ки бар халқат
Саодат шуд ба олам ёр».
Ду-сето хоини бадкор
Чу насли давраи мурдор
Ба тӯҳмат гашта омода,
Бузатро модагав гуфтанд,
Қасам хӯрданду бе даъво
Харат аспи бидав гуфтанд.
Нагардида ба ин қонеъ,
Бадар гаштанд аз инсонӣ.
Ду тан беди туро дида,
Бигуфтанд ин ки дорад боғ.
Заминаш ҳаст бепоён,
Бувад мӯҳтоҷи вай қишлоқ.
Ба сад кину ба сад бӯҳтон,
Ба найранги дусад шайтон
Туро ҳар дам сияҳ карданд,
Ки аз ту рӯй гардонанд;

Ки дар оянда бар номат
Фақирон нафрате хонанд.
Вале буд ин ҳама ботил,
Бирафт армонашон бар гил.
Раҳи ту поку равшан буд,
Муроди халқ буд онро.
Сурудат боз меовард
Ба ларза кӯҳсоронро.
Умед аз дил намекандӣ,
Ки ояд субҳи хурсандӣ.
Ба ту то даргаҳи мақсад
Ҳақиқат муттако гардид.
Ҳақиқат, ки туро ҳақчӯ
Бародар, раҳнамо гардид.
Ба шеърат болу пар бахшид,
Раҳи дилҳо нишонат дод,
Бишуд ҳар дил макони ту,
Муборак умри дар ҳафтод!

с. 1970

РӮБОӢ ВА ДУБАЙТИҲО

Дай аз қадами баҳор филҳол гузашт,
Монандаи як қӯи сабукбол гузашт.
Шаб барф бибориду саҳар гул рӯид,
То мижжа задем, боз як сол гузашт.

Рӯи ту ба лолаи чаман мемонад,
Бахтат ба баҳори ин Ватан мемонад.
Он кас, ки ба толеи ту рашке дорад,
Андар назарам ба Аҳриман мемонад.

Дил аз пайи васли ту шитобе дорад,
Дар оташи ишқ печутобе дорад.
Аз кӯи вафои ту нагардад як дам,
Бас бо ту нишоти беҳисобе дорад.

Бе ишқ даруни сина дил танг бувад,
Бечӯш мисоли пораи санг бувад.
Не хандаду не навозаду не болад,
Дур аз тарабу навою оҳанг бувад.

Имрӯз дилам болу паре бикшодаст,
Монандаи шаҳбоз, ки ӯ озод аст.
Парвоз ба сӯи мақсадаш бинмояд,
Даврони хушам роҳи сафедаш додаст.

Саршор зи меҳри зиндагонӣ бошад,
Дар чӯш мисоли навчавонӣ бошад.
Чун халқи зафарпешаву некӯкорам,
Андар талаби сулҳу амонӣ бошад.

Аз рӯи Ватан нуру сафо мегирад,
Аз меҳри Ватан ба худ ғизо мегирад.
Аз хоки Ватан сириштаанд ин дилро,
Ҳар чо ки мурад, баҳри Ватан мемирад.

Эй дилбари пахтачин, фидоят чонам,
Бар чониби ту дӯхта шуд чашмонам.
Сад бор туро бидидаам дар саҳро,
Сад бори дигар ба диданат пазмонам.

Кори ту дар авҷу дар барор аст аҷаб,
Аз ранҷи ту ганҷи бешумор аст аҷаб,
Гӯянд, ки зар миёни кӯҳ асту дара,
Саҳрои ту лек зарнигор аст аҷаб.

Ҳар қатра арақ, ки бар замин резонӣ,
Аз рӯи шафақсону хами пешонӣ.
Дар сурати пахтаи чу бахти ту сафед,
Ояд ба кафат, ки фотеҳи майдонӣ.

Бо ту чамани пахта чӣ зебо бошад,
Монанди баҳори зиннатафзо бошад.
Аз дидани вай дил нашавад сер асло,--
Бо ҳусну латофаташ дилоро бошад.

Саъю ҷадали туро мисоле набувад,
Бахту шарафи туро заволе набувад.
Он пахтаи пурбаҳо чу хирман кардӣ,
Бар хотири ту дигар малоле набувад.

АЗ МАҶМӮАИ
«ГУЛИ МАҲТОБ»

Душанбе,
«Ирфон»
1983

АНФОСИ БАҲОР

Бар машом аз дур ояд накҳати хоси баҳор,
Зайли субҳе тоза гардад дил аз анфоси баҳор.

Боғҳо чун чеҳраи кӯдак ҳама хандон шаванд,
Лолаҳо дар даштҳо рухсораи ҷонон шаванд.

Чашмаҳои нав кунанд аз кӯҳ бар водӣ шитоб,
Ончунон ки сӯи дилбар дил равад бо изтироб.

Қуллаҳо гиранд аз сар саллаи испедашон,
Токӣи чустӣ ба сар монанд акнун ҷои он.

Дар бари шах шаршара доманпарешон мешавад,
Мисли панҷак бофта зулфи арӯсон мешавад.

Пур шавад аз бӯи ҳулбу соҳили ҷӯборҳо,
Нағмаи мурғон биёяд аз бари гулзорҳо.

Аз замин, ки қалби ӯст андар тапиш, хезад бухор,
Бӯи он гирад нафас бесабр дар роҳи баҳор.

Ҷон дамад дар пайкари ҳар ҷинсу ҷондори карахт,
Муғҷа балки во кунад шохе, ки афтод аз дарахт.

Мухтасар, гардад табиат ғарқи зевар дар баҳор,
Ранги он, ки дасти мо фархунда созад рӯзгор.

ПАНҶАҲО

Ба ҳам ин панҷаҳо ёранд, ёранд,
Ҳама якҷоя дар иҷрои коранд.

Агарчи нестанд онҳо баробар,
Вале бошанд якумрӣ бародар.

Набошад байнашон таъну нифоқе,
Ба онҳо хос бошад иттифоқӣ.

Канори якдигар маъво бигиранд,
Ба якто дастпӯшак ҷо бигиранд.

Баробар хориву роҳат бубинанд,
Зи дарди якдигар ғофил нашинанд.

Ба оташ гар фитодан пеш ояд,
Ба сармое ситодан пеш ояд.

Чу як тан хешро дар ӯ бигиранд,
Зи хуни як бадан нерӯ бигиранд.

Шикаста қуфли ҳар сахтӣ пайи ҳам,
Калиди фатҳро доранд маҳкам.

Ба мисли панҷаҳо ёрем мо ҳам,
Бародарҳои ҳамкорем мо ҳам.

Ҷудоӣ нест байни мо ба дунё,
Чунон ки панҷаҳоро нест асло.

СОЛ БА РӮЗЕСТ МИСОЛ

Солҳо аз пайи ҳам даргузару мегузаранд,
Эй аҷаб зуд раванд!
Ҳамчу мардони раҳи бахт, ки андар сафаранд,
Карда падруд, раванд!

Мераванд арчи басо зуд, вале дуру дароз,
Чу дами васли мурод.
Нақш дар хотири ман баста бимонанд аниқ,
Бошадам то ки ҳаёт.

Ёд оварда бигӯям, ки дар он соли фалон
Чӣ хуш аз умр нишон.
Об аз хуни ҷигар хӯрда ду-се сатри равон,
Боз омад ба миён.

Боз омад ба миён, хонда варо шаҳсанаме,
Чу хати ишқу вафо.
Дар лабаш ханда падид омаду шармид каме,
Рехт аз рӯ-ш зиё.

Суи ман як назаре карду бигуфт: «Эй, шоир,
Ин қадар сӯз чаро?
Аз чӣ дар шеър маро мекунӣ тасвир охир?
Гӯй аз баҳри худо!»

Гуфтамаш: кош ба монанди ту хонандае чанд
Мешудам боз дигар.

Бошад ин дар ҳама ҷо баски маро бахти баланд.
Ки кунад шеърам асар.

Солҳо банди чунин фикру хаёлам ба умед,
Ки диле банда кунам.
Шеъри ман соҳиби худ ёбаду з-ин бахти сафед
Ғам пароканда кунам.

Банди ин фикру хаёлам, ки равад ранги савор
Тез сол аз пайи сол.
Умр агар хуш гузарад, ҳаст дар ин давру диёр
Сол бар рӯз мисол.

ҚИШЛОҚ

Диламро майл бар қишлоқ бошад,
Ҳавояш баски поку тоқ бошад.

Намоям бо дигар ҷо гар қиёсаш,
Ба ман беҳ аз ҳама офоқ бошад.

Бирав он ҷо, ки муштоқи ту бошанд,
Маро қишлоқи ман муштоқ бошад.

Нанӯшам то аз оби чашмаҳояш,
Забон аз ташнагиҳо қоқ бошад.

Ба сармо гӯшаи сармопаноҳест,
Ба гармо гӯшаи айлоқ бошад.

Шиносам ҳар гиёҳу хоку обаш,
Кавар бошад ва ё луфтоқ бошад.

Машом аз бӯи кокутӣ шавад маст,
Ба пешам косаи қаймоқ бошад.

Нагардад сер кас ин ҷо зи меҳмон,
Ҳама болутфу некахлоқ бошад.

Чунон ки тифл дар оғӯши мом аст,
Димоғам дар канораш чоқ бошад!

ХОКСОРИЯМ БУВАД АЗ ДӮСТДОРИҲО НИШОН

Ҳар нафас ёди ту, дунёи назокат, мекунам,
Акси ту дар пеши рӯ оварда, сӯҳбат мекунам.
Гоҳ ҳарфе гӯяму гоҳе ишорат мекунам,
Гоҳ месӯзам ман аз ин, гоҳ роҳат мекунам.
Шукри роҳат кардаю бар сӯз тоқат мекунам.

Чун баҳорон хешро ғарқи тароват кардаӣ,
Лолагун рухсораҳо аз файзи меҳнат кардаӣ.
Аз шарори ишқ ҷонам беҳаловат кардаӣ,
Ман надонам аз чӣ бар бераҳмӣ одат кардаӣ,
Офарин, ки бар тамошои ту ҷуръат мекунам.

Хобам ояд гар, туро дар хоб мебинам, яқин,
Ончунон хубат бубинам, ончунон ҳам нозанин.
Ки намояд маст манро бӯи мӯи анбарин,

Бар сари зонуи ту сар монам аз шавқ инчунин,
Гар шавам бедор, бар бедорӣ нафрат мекунам.

Бо хаёлат ман саҳаргаҳ сӯи дарё меравам,
Ҷустуҷӯят карда аз паҳлӯи гулҳо меравам.
Бигзарад имрӯз гар, такрор фардо меравам,
Бар гумони мардумон, ки ман тамошо меравам,
Рафта аз ишқи ту бар дарё ҳикоят мекунам.

Мавҷро бинам, ки дорад мисли зулфат печутоб,
Моҳиро бинам, ки дорад чун ту шӯхию шитоб,
Тобад акси офтоб он ҷо чу рӯят байни об,
Бинаму чун мавҷ оям боз андар изтироб,
Бо умеди дидани ту дафъи кулфат мекунам.

То худат гӯӣ: «Баҳори ошиқон—дидори ёр»,
Пас барои чӣ гузорӣ ошиқатро бе баҳор,
Яъне аз вай дур мегардию монад хору зор?
Эй, биё, як дам бигирам ман туро андар канор,
Пеши ту доим тавалло аз муҳаббат мекунам.

Тӯҳфа бар мо ин Ватан кардаст боғи ошиқон,
К-он ҳамеша сабзу гулпӯш аст, эмин аз хазон,
Пойандози ману ту гашт ин ҷо гулситон,
Ту димоғ аз гул муаттар созию ман аз ту, ҷон,
Аз тамошои гули рӯят фароғат мекунам.

Ҳар гаҳе ки гап кушоям, мубтадои ман туӣ,
Бар сарам ояд ғаме гар, ғамзудои ман туӣ.
Сад ҷафо бар ман кунӣ ҳам, бовафои ман туӣ.

Бар дилу ҷонам баробар ошнои ман туӣ.
Зикри номат, ҷони ман, соат ба соат мекунам.

Рост бошад «шоиронро ишқ Ҳотам мекунад»,
Ҳотамею «сарбаланди ҷумла олам мекунад».
Пайкари берӯҳро ҷон дода, одам мекунад,
Пирро аз нав ҷавон бинмуда, хуррам мекунад,
Ишқро аз ин сабаб мисли ту ҳурмат мекунам.

Дил ҳамехоҳад, ки бошам доимо ман чокарат,
Бо туфайли косадорӣ як дам истам дар барат,
Сад карат ронӣ марою боз оям бар дарат,
Мисли парвона бигардам, шамъи ман, гирди сарат,
Ҳар чӣ фармоӣ, бифармо, ки итоат мекунам.

Рафтааст аз ёди ман садҳо китоби хондаам,
Дар саволи дӯстонам борҳо дармондаам.
Лек ҳар як нуктае, ки дилбарам фаҳмондаам,
Кай равад аз ёди ман, ҷони ширинаш хондаам!
Чун суруди зиндагӣ ҳарфат қироат мекунам.

Бо сурудам об гардонам дили ҳар сангро,
Ҳадя бар ҳофиз кунам нав-нав ҳазор оҳангро,
Оварам дар нангу дар номус ҳар бенангро,
Ҳотамӣ бахшам ба олам мардуми дилтангро,
Бар ту танҳо ман вафодорӣ ҳидоят мекунам.

ҚАРЗ

Шаб асту деҳаи мо масти хоб аст,
Ба рӯяш партавафшон моҳтоб аст.
Насими форам ӯро алла гӯяд,

Чу модар бӯсааш гирад, бибӯяд,
Аз он барги дарахтон рақс доранд,
Чу духтарҳо, ки келин мебиёранд.
Ту гӯӣ, месарояд рӯди кӯҳӣ
Чу Шоиста суруде аз Шукӯҳӣ,
Шаби дар орази дилҷӯй дорад,
Чу маҳ рӯву чу гулшан бӯй дорад.
Касе аммо набинад ин назокат,
Бувад баски ҳама дар хоби роҳат.
Ба ҷуз Давлат, ки ҳоло ҳаст бедор,
Ба мисли шоире дар ёди ашъор.
Чароғаш то саҳар бошад фурӯзон.
Зи чашмаш хоб мебошад гурезон.
Гаҳе ӯ дар сари миз аст сархам,
Бигардад бо китобе ёру ҳамдам.
Гаҳе аз хона берун мебарояд,
Суруде нарм-нармак месарояд.
Намояд сила боди шӯх рӯяш,
Парешон карда бар ҳар сӯй мӯяш.
Шавад мафтун зи ҳусни деҳи зебо,
Кунад меҳри варо аз нав ба дил ҷо.
Бигӯяд худ ба худ: «Эй деҳаи ман,
Шабат ҳам мисли рӯзат ҳаст равшан.
Ба чашмам аз ҳама рӯи ту зебост,
Дили ман ошиқи ҳусни ту кайҳост.
Чӣ гӯям аз латофатбории ту,
Зи меҳру шафқату ғамхории ту.
Чӣ гӯям, деҳаам? Ҷони ман астӣ,
Ту модар гашта манро мепарастӣ.
Дар оғӯшат ба дунё омадам ман,
Чӣ хушбахтам, ки ин ҷо омадам ман!

Нахустин бор эҳсонат бидидам,
Гул аз боғи вафодорӣ бичидам.
Зи оби чашмаҳоят нӯш кардам,
Навои булбулонат гӯш кардам.
Ба дашту кӯҳсорат бастаам дил,
Ба ҳусни чун баҳорат бастаам дил.
Шудам ин ҷо калон. Аз хурдиам ман
Қасам хӯрдам, ки то ҷон ҳаст бар тан,
Ба ту хизмат намоям, деҳи ҷонам,
Ҳар он чӣ ояд аз дастам-тавонам.
Намонам, ки рухат бинад хазоне,
Ҳамеша сабз бошию ҷавоне.
Ниҳоли баркамоле бошӣ ин ҷо,
Арӯси хушҷамоле бошӣ ин ҷо.
Базеб аз ҷаннати афсона бошӣ,
Миёни кӯҳсорон нур пошӣ.
Ба ёдам ҳаст, деҳи нозанинам,
Замоне будӣ анадар кулфату ғам.
Зи дасти як-ду бои девкирдор
Ба ҷабру хорие будӣ гирифтор.
Тамоми сокини ту бенаво буд,
Разолат шоҳу адл ин ҷо гадо буд.
Ба сар рӯзи сиёҳе дошт мардум,
Бигӯ, охир, гуноҳе дошт мардум?
Зани тоҷик хору нотавон буд.
Куҷо ӯ дар қатори одамон буд?
Азоби беҳисобе дошт доим,
Дили аз ғам кабобе дошт доим,
Ба занҷири ҷафояш баста буданд,
Раҳи ишқу вафояш баста буданд.
Гули рӯяш чу як барги хазон буд,

Баҳорон низ рангаш заъфарон буд.
Ба ёдам ҳаст, медонам дар ин ҷо
Яке духтар, ки номаш буд Барно,
Ҷавони навхатеро дӯст медошт,
Ба дил з-ин донаи уммед мекошт.
Ҳамеша дошт чашми интизорӣ,
Набудаш як дамак сабру қароре.
Фироқи ёр маҳзун карда будаш,
Барояш буд гӯё ишқ оташ.
Гаҳе бо кӯза меомад лаби рӯд,
Дар ин ҷо мебароварад аз дилаш дуд,
Ба оби рӯд рози хеш мегуфт,
Суханҳо аз дили пурреш мегуфт.
--Тавалло мекунам,--мегуфт,--рӯдам,--
Ба пеши пои ту андар суҷудам,
Фалониро агар ту дида монӣ,
Саломе аз манаш гӯ, ар тавонӣ.
Бигӯяш, ки хабар дорад, надорад,
Ба ҷонам ишқи ӯ сад сӯз дорад.
Дили бечораи манро бибурдаст,
Худамро чанги ҳичронаш супурдаст.
Гаҳе бо бод мегуфт ин суханҳо,
Гаҳе бо офтоби оламоро.
Гаҳе бо кафтарони тезпарвоз,
Гаҳе бо булбулони нағмапардоз.
Вале суде аз ин бар вай набудӣ,
Ба ҷуз ғамҳои пайдарпай набудӣ.
Муҳаббат буд бас хасми шариат,
Шариат буд занҷири муҳаббат.
Қазоро, мешавад як рӯз пайдо
Ҷавон дар кӯчаи Барнои зебо,

Чу Барнояш бидида аз паси дар,
Ба ӯ арзи муҳаббат мекунад сар.
Шудаст ӯ бо ҳамин гӯё гунаҳгор,
Ба тарзе, ки намебахшанд зинҳор.
Варо оварда ҳар ду по бубастанд,
Ба мӯяш дастҳояшро бубастанд.
Пас андар як ҷуволаш ҷо намуданд,
Ба вай як гурбаро ҳамро намуданд.
Даҳони он ҷуволи танг бастанд,
Ба гирдаш як-ду беимон нишастанд.
Заданд ӯро, тавонистанд ҳар чӣ,
Пайи ҳам даҳ дақиқа бо ду қамчӣ.
Даме бар гурба дар он ҷои тангӣ
Ҳамезад қамчӣ, гурба чун паланге
Ба ҳар сӯ чанг мезад, чанг бисёр,
Тани Барно аз он мегашт хуншор.
Замин аз хуни ӯ чун лола мешуд,
Табиат гӯӣ андар нола мешуд.
Баровардand вақте аз ҷуволаш,
Чӣ сон гӯям, надонам, шарҳи ҳолаш,
Набуд он мурдаву не буд зинда,
Каме ҷон буд ӯро носупурда.
Ба рӯи хок зад бечора банда,
Ба мисли гӯсфанди гӯрканда.
Бувад як нукта ин з-он даври торик,
Ба мисли заррае аз кӯҳи тоҷик.
Замони мо чӣ хубу бемисол аст,
Барои ошиқон субҳи висол аст.
Разолат мурдаву хомӯш бошад,
Адолат зиндаву дар ҷӯш бошад.
Гули мақсуди мардум бор орад,

Зимистон ҳам гулу гулзор орад.
Манам фарзанди ту, омӯзгорам,
Бувад бо насли наврас кору борам.
Биёмӯзам ба онҳо дарси одоб,
Бигӯям кист Рустам? Кист Сӯҳроб?
Дар онҳо парваронам ишқи инсон,
Муҳаббат бар Ватан, бар халқу даврон.
Вале, деҳам, ту бояд ин бидонӣ–
Ҳанӯз аз он касони беимоне
Ба ҳар ҷо якта-нимта ҳаст, дидам,
Чӣ мегӯянд, гапҳошон шунидам.
Ба зоҳир одамони росткоранд,
Ба ботин, ростӣ, пурзаҳр моранд.
Ҳанӯз аз дину расми кӯҳнаю бад
Халосӣ нест онҳоро, чӣ бояд?
Ба бахти духтарон доғе биёранд,
Хазон гӯё ки бар боғе биёранд.
Намонанд ин ки дар мактаб бихонанд,
Сафои зиндагониро бидонанд,
Гул аз боғи муроди хеш бӯянд,
Ба табъи хеш ёри нек ҷӯянд.
Ба гапҳои дурӯғу пурбаҳона,
Ба макру ҳилаҳои рӯбаҳона
Ба ҳар қаллобу ҷаллоби шикамдам,
Ки аз пули дигарҳоянд бардам,
Паноҳӣ духтаронро зан намоянд,
Гуле пажмурда аз гулшан намоянд.
Агарчи мӯи ман ҳоло сафед аст,
Дилам пурғайрат асту боумед аст.
Барои номи некӯи ту, деҳа,
Барои софии ҷӯи ту, деҳа,

Барои ҳусни гулфоми ту, деҳа,
Барои шӯҳрати томи ту, деҳа,
Ба ҳар ҷо зидди ин сон нокасонам,
Намонад хор то дар бӯстонам».
Китоберо зи раф бигрифта Давлат,
Нишаст ин дафъа андар гӯшаи кат.
Сараш хам, хонд ӯро чанд соат,
Накард аммо ба ин ҳам вай қаноат.
Ду-сето журнали навро варақ зад,
Газета хонду назди миз омад.
Конспекти пагоҳашро нависонд,
Китобу дафтараш пас як тараф монд.
Ба рӯи хона мисли посбонон
Қадам зад, шуд хаёли ӯ парешон.
Хаёлаш банд сӯи Гулҷаҳон аст.
Ба сӯи Гулҷаҳоне, ки ҷавон аст.
Аҷаб ӯ духтари боақлу доност,
Ба мактаб гӯиё ки дурри яктост.
Ба хондан шавқу завқи беш дорад,
Ҳамеша рӯй бар мактаб биёрад.
Вале хешони ӯ мақсуд доранд:
--Диҳандаш шӯву аз мактаб бароранд.
Муаллим давлат аз ин мехӯрад ғам,
Ки якто толибилмаш мешавад кам.
Азобаш медиҳад виҷдон, чӣ гӯяд?
Хаёлаш банди он ки чора ҷӯяд.
Биҷӯяд чора, то ки духтаракро
Халос аз банди ғам бинмояд ин ҷо.
«Агар ӯро ба шавҳар дода монанд,
Ба гӯшаш сад дурӯғу макр хонанд,
Муқаррар канда мегардад зи мактаб,

Намечинад гуле аз боғи маталб.
Барои мактаб ин айби калон аст,
Шавад шаъни муаллим ҳам аз ин паст».
Чунин фикру хаёли бешуморе
Ба тан мезад муаллимро чу хоре.
Набудаш хоб то субҳи мунаввар,
Чароғаш хира шуд аз меҳри ховар.
Ба ногаҳ шуд дари хона кушода,
Ба хона Гулчаҳон пояш ниҳода,
Саломе доду гуфто: «Эй муаллим,
Шумо бар ман падар ҳастед доим.
Надорам ҷуз Шумо шахсе парастор,
Шумо манро, Шумо ҳастед ғамхор.
Бигӯям наздатон рози дили хеш,
Манам аз ғуссаи бисёр дилреш.
Надорам тоқату ҷон дар азоб аст,
Азобу изтиробам беҳисоб аст.
Маро имшаб ба як қаллоби зандор,
Ки гӯянд ӯ мудир бошад ба анбор,
Ба зӯрию ба зорӣ зан намоянд,
Дари ғамро ба рӯям мекушоянд.
Дил аз ин ғам шуда дар синаам чок,
Аз ин баҳтар, ки бошам дар таҳи хок.
Ду-се шаб мешавад, ки ман нахуфтам,
Ба модар дарди дил як-як бигуфтам.
Вале бар ман надод ӯ эътиборе,
--Макун моро,--бигуфто,--шармсоре,--
Нарезон пиччаи манро, мазан дам,
Нарезон риши бобову падар ҳам.
Дигар чизе нагуфтам ман ба зинҳор,
Накардам бар падар як ҳарф изҳор.

Битарсидам, ки манро мезанад ӯ,
Ба чоҳи кулфатам меафканад ӯ.
Ба ман бидҳед ёрӣ, эй муаллим,
Шумо бар ақлу идрокед ҳоким...
Намонам дур то ки аз дабистон,
Наафтам баррасон бар чанги гургон».
Муаллим боз дар фикре биафтод,
Сари ин бандро бояд ки бикшод.
Бигуфт аз рӯи дилсӯзии бисёр:
«Ғами ту, Гулҷаҳони некгуфтор,
Ғами мо бошад, инро нағз донем,
Туро бар мақсади худ мерасонем».
«Шумо ҳастед азбаски маро пир,
Ба бахтам зудтар ҷӯед тадбир».
Чунин гуфту чунон бигрист духтар,
Ки шуд аз оби дида доманаш тар.
«Агар ин тавр бошад охири кор,
Бирав бар хонаю худро маёзор.
Биёям ман, илоҷи кор ёбам,
Забони тӯдаи беор ёбам.
Туро бе ғурбату бе дилсиёҳӣ
Намоям дар раҳи иқбол роҳӣ...»
Шунидӣ Гулҷаҳон ин ҳарфи устод,
Ба дил гуфто: «Худо манро кунун дод!»

ххх

Ҳамон шаб Гулҷаҳонро як-ду кампир
Ду-се бузришу як муллои хапгир
Зи ҳар сӯ ҳалқаосо гирд карданд,
Насиҳат кардаю доданд сад панд.
Бигуфтандаш: «Ту моро гӯш кун, гӯш кун,
Хаёли хомро бинмо фаромӯш,

Ғами беҳуда аз дил дур кун, дур,
Бишав розию ҳамсар шав ба Мансур.
Нарав бар гуфтаи бегонаҳо ту,
Нашав бегонаҳоро ошно ту.
Шавад Мансур ёри дилрабоят,
Бимон дар остони бахт поят.
Бигуфто Гулчаҳон оҳиста дарҳол,
Ҷавоб андар гапи он тӯдаи зол:
Набошад чун муаллим аз бароям
Касе маҳбуб андар рӯи олам.
Маро ӯ тарбия бисёр додаст,
Муаммои зиёдеро кушодаст.
Ба дардам доимо дилсӯз бошад.
Шуда машъал, ба роҳам нур пошад.
Ман ӯро дӯст дорам мисли ҷонам,
Намоям ҳурматаш, то метавонам.
Нахуст он кас шумо розӣ намоед,
Пас аз бахти ман ин ҷо лаб кушоед».
Агарчанде ки аз номи муаллим
Ҳама якҷоя бо муллои «олим»
Ба нафрат омада парҳез карданд,
Чу гурги гушна дандон тез карданд,
Вале суде аз ин дигар наомад,
Садое аз лаби духтар наомад.
Ба ногаҳ худ муаллим Давлат омад,
Ду-се кас боз аз пушташ даромад.
Ҳақиқатро ҳақиқатгӯй омад,
Адолатро адолатҷӯй омад.
Дар ин дам тӯдаи иблисмонанд
Сари гапро ба айёрӣ кушоданд.
Бигуфтанд ин, ки: аз рӯи шариат

Амал дорем бе шарру хиёнат.
Касеро мо ба роҳи бад набурдем,
Бадиро мо ба кофарҳо супурдем.
Мусулмонему имонест моро,
Ки аз вай роҳи рахшонест моро.
Чу духтар шуд калон, шӯ мекунад ӯ,
Ба тахту бахти худ хӯ мекунад ӯ.
Ду сар якҷо намудан ин савоб аст,
Гапи мо нест, ин гап аз китоб аст.
Балоғат дидааст ин Гулҷаҳон ҳам,
Варо бояд ба шавҳар дод ин дам.
Шаби тӯй асту бояд ханда бошад,
Ҳама бар базму шодӣ банда бошад.
Малак ҳатто тамошо дорад имшаб,
Замин бо худ таманно дорад имшаб...
Муаллим гуфт: «Эй хешу таборон,
Чӣ даркоранд ин гуфтугузорон?
Замони мост озод аз ҷаҳолат,
Ба бахти мо бувад қонун кафолат.
Шикастан нахли мақсуди накӯро,
Гуноҳе бошад, авфе нест ӯро.
Шумо ин Гулҷаҳонро, ки ҷавон аст,
Умеду орзуяш як ҷаҳон аст:
Гуле бошад, ки лабҳо нокушода,
Суруде бошаду худ носуруда,
Баҳоре бошаду фаслаш надида.
Ҳаёте ҳасту субҳаш нодамида,
Ба шӯ додан ният кардед имрӯз,
Чӣ бефаҳму чӣ номардед имрӯз.
Чӣ гуна хеш инсон мешуморед,
Ба инсонӣ даме иснод ored?

Шарафро пасту зери по намудед,
Ба пул имони худ савдо намудед.
Наояд бар шумо аз ман малоле,
Ба мо лозим набошад тӯй ҳолӣ.
Ба мо ҳам Гулчаҳон фарзанд бошад,
Муроде дорем ӯ хурсанд бошад.
Намонем ӯ шавад банди разолат.
Ба мо ин қарз бошад назди давлат.
Барои ӯ фақат хондан зарур аст.
Ба умраш хонданаш иқболу нур аст.
Гузоред ӯ бихонад мактаби худ,
Шавад аз зиндагии хеш хушнуд.
Дар ин бора дигар гап нест лозим,
Ба кас торикии шаб нест лозим!
--Наменонам,--бигуфто моми духтар,--
Ба ӯ хондан чӣ даркор аст дигар?
Бароям илми ӯ лозим набошад,
Бимон, ӯ ҳеч гаҳ олим набошад.
Нахоҳам бинам ӯро мӯбурида,
Лабонаш сурху абрӯяш кашида.
Худам зинҳор дар чое нахондам,
Қадам бар сӯи мактаб ҳам намондам,
Намедонам, ки ҳарфу хат чӣ бошад.
Намедонам муаллим худ кӣ бошад,
Вале ман то ба ин дам рӯз бурдам,
Нахӯрдам нони доной, намурдам.
Агар ин духтари ман бошад имрӯз,
Ба модар гар бувад ғамхору дилсӯз,
Чӣ ҳарфе гӯямаш, гӯшам намояд,
Набояд, ки фаромӯшам намояд.
Ба кори ман дигарҳоро чӣ кор аст?

Чӣ мехоҳам, маро ин ихтиёр аст,
Гузаштам аз бари илми зиёдаш,
Гузаштам аз бари фардои шодаш.
Наемонам, ки по монад ба мактаб,
Ба шавҳар медиҳам ӯро ман имшаб.
Падар ҳам сахт шӯрида ғазаб кард,
Ғазаболуд рӯ бар Давлат овард.
Суханҳои даға мегуфт аз қаҳр,
Надонад худ чиҳо мегуфт аз қаҳр,
Ба худ муллои камгап дошт ғир-ғир,
Лабонаш бозӣ мекарданд пир-пир,
Дуо мекард аз афташ он «худодод»,
Ки бозораш нагардад ҳеҷ кассод.
Ҳама дар ҷунбишу дар ташвиш афтод,
Аз ин байни қудоҳо миш-миш афтод.
Муаллим бештар андар ғазаб шуд,
Рухаш аз қаҳр мисли беқасаб шуд.
Бигуфт: «Эй ҳамзамонони киромӣ,
Ба олам чист беҳ аз некномӣ?!
Чаро номи накӯ бад менамоед?
Назебад доғ бар рухсори хуршед.
Чӣ лозим ҳарфи беандешаву лоф?
Бувад маънии одам хайру инсоф.
Чӣ гуна дар ҷаҳолат банд ҳастед,
Ғалатро рост гуфта, мепарастед,
Ба уммеде шинонад боғбон гул,
Ки боғаш бештар ёбад таҷаммул.
Ниҳолеро намояд парвариш он,
Ки аз вай суд бинад, роҳати ҷон.
Шумо лек ин ниҳоли саркашида,
Ки дорад меваҳои норасида,--

Дили худ, ҷони худ, фарзанди худро,
Ки орад баҳри мардум суд фардо,
Чаро имрӯз сабзидан намонед?
Муроду мақсадаш дидан намонед?
Қадаш бар дида бошад гарчи боло,
Даҳонаш карда бӯи шир ҳоло,
Намедонад чӣ бошад хонадорӣ,
Хазонро гул насозад интизорӣ.
Надонед аз чӣ қадри илму фанро?
Магар ранҷонданиед ин Ватанро?
Ба ҷое маърифат гар нест подор,
Дар он ҷо зиндагӣ бошад шаби тор.
Набошад ҷои таъну ҷои ханда.
«Ки нодон мурдаву доност зинда».
Сухан андар ниҳодаш сеҳр дорад,
Ба пешаш зӯри Рустам тоб н-орад.
Дили аз санг буда об созад,
Агар ҳақ бошаду маънӣ гудозад,
Ба пеши одамӣ дар саҷда ояд,
Забони тавба аз худ мекушояд.
Дурушт ояд сухан чун, бош танге,
Равад захми табар, захми сухан не».
Суханҳои муаллим барқ-осо
Бисӯзонданд абри кину ғавғо.
Аз ин бигрифт рӯҳи Гулҷаҳон зӯр,
Ба ҷӯш омад мисоли рӯди пуршӯр.
--Падарҷон, модари ҷон,--гуфт нохост,--
Муаллим рост мегӯяд, ҳама рост.
Агар манро шумо фарзанд хонед,
Ба банди ғуссаву кулфат намонед.
Магар зӯр аст додан як даҳан нон,

Ки манро мекунед имрӯз нолон?
Набошед ин қадар бебоку ғофил,
Ки ман розӣ наям бар фикри ботил,
Насозед ар гапи ман гӯш ҳоло,
Аз ин ҷо меравам якбора фардо.
Зи гуфтори муаллим, фикри духтар,
Ки ҳар ду буд дар мақсад баробар,
Ҳама ҳайрон шуда, хомӯш монданд,
Чу оби ҳавзҳо бечӯш монданд.
Дар он ҷо буд Одил ном марде,
Ки буд ӯ қадбаланду ришзарде:
Яке лаб баркушоду гуфт нохост:
«Муаллим рост мегӯяд, ҳама рост.
Гузоред ин, ки духтар рафта хонад,
Ба роҳи орзуяш пой монад.
Замони мо замони ихтиёрист,
Дигар вақти чунин рафторҳо нест».
Дигарҳо низ як-як «рост» гуфтанд.
«Муаллим одами доност», гуфтанд,
Хулоса, тири мақсад бар нишон зад,
Шафақ бар рӯи поки Гулҷаҳон зад.
Ҷаҳолат зери по шуд мисли хошок,
Хирад чун меҳр нур афканд бебок.
Фақат домоди нодаркор шуд зиқ,
Худ он муллои тақводор шуд зиқ,
Падар, ҳам модар аз рафтори фарзанд
Ба дӯши хеш кӯҳи ғам бидиданд.
Муаллимро ба дил нафрат намуданд,
Миёни ҳамдигар ғайбат намуданд.

ххх

Гузашт аз байн моҳу солҳо чанд,
Замон шуд боз нағзу зиндагӣ қанд,
Дабистон Гулчаҳонро хуб хононд,
Ки то дар остони бахт по монд.
Чу Давлат ин замон омӯзгор аст,
Зи касбу кори худ дар ифтихор аст.
Чӣ хуш иқболи бедорест ӯро,
Ҷавоне ёри ғамхорест ӯро.
Надорад шиквае аз зиндагонӣ,
Баҳоре дораду даври ҷавонӣ.
Падар, ҳам модараш дилшод ҳастанд,
Зи пушти кори ӯ обод ҳастанд.
Ба некӣ номи Давлат ёд оранд,
Варо инсони олӣ мешуморанд.
Бигӯянд аз фараҳ такрор доим:
«Муаллим, садқаи номат, муаллим»!

ххх

Рафиқам, дӯсти ҷонам, ҷаҳонро—
Ҷаҳони дилфиребу ҷовидонро
Фақат аз баҳри некӣ офариданд,
Зиёне баски аз некӣ надиданд,
Бувад ҳар чизро вақти хазоне,
Набошад умри некӣ лек фонӣ.

ххх

Шаб асту деҳаи мо ҳаст дар хоб,
Ба рӯяш партавафшон аст маҳтоб.
Насими форам ӯро алла гӯяд,
Чу модар бӯсааш гирад, бибӯяд.
Зи бозии шамоли шӯху хушбӯ
Ниҳолон мехӯранд алвонҷ ҳар сӯ.

Аз он барги дарахтон рақс доранд,
Чу духтарҳо, ки келин мебиёранд.
Ту гӯӣ, месарояд рӯди кӯҳӣ,
Чу Шоиста суруде аз Шукӯҳӣ,
Шаби деҳ гӯиё ки тӯй дорад,
Чу маҳ рӯзу чу гулшан бӯй дорад.
Касе онро намесозад халалдор,
Фақат субҳаш кунад аз хоб бедор.

АЗ МАҶМӮАИ

«БАЗМИ САДОҚАТ»

Душанбе,
«Маориф»
1984

ҶАВОНӢ

(Суруд)

Сабоҳи нурборонӣ, ҷавонӣ!
Сафои чашмасоронӣ, ҷавонӣ!
Гули бодомзоронӣ, ҷавонӣ!
Ҷамоли навбаҳоронӣ, ҷавонӣ!

Тароватбор боғу бӯстонӣ,
Ба ранги ҷилваи тиру камонӣ,
Маҳу хуршеди авҷи осмонӣ,
Фурӯғи гулъузоронӣ, ҷавонӣ!

Ҷаҳони орзӯҳои наҷибӣ,
Зи бахти беғашу шодӣ насибӣ,
Ба баҳри ишқ лӯълӯи аҷибӣ,
Аниси роздонӣ, ҷавонӣ!

Хурӯшу ҷӯши дарёи дамонӣ,
Баландовоза Фарҳоди замонӣ,
Ба зӯрат ҳар чӣ хоҳӣ, метавонӣ,
Ҷавонӣ, эй ҷавонӣ, эй ҷавонӣ!

с. 1974

ххх

Байракафрозони роҳи сулҳи дунёем мо,
Аз баландии хирад ин роҳ паймоем мо.

Пои шабдези ҷаҳонпаймо нагардад суда ҳеҷ,
Ҳар қадар ки рӯзу шабҳо дар равуоем мо.

Нагзарад нон аз гулӯи мо гаҳе, медонӣ ин
Дар ғами бечораҳои бесару поем мо.

Ғам махӯр, эй модари фарзандҳои хурдакак,
Бас кафили қисмати имрӯзу фардоем мо.

Оташе гар сар занад бар қасди мо дар гӯшае,
Бар сараш туғёни садҳо баҳру дарёем мо.

«Он ки ҷанг орад, ба хуни хеш бозӣ мекунад».
Дар паноҳи сулҳ фирӯзу тавоноем мо.

Ҳастии мо қалъае бошад, ки он нашкастанист,
Хокиему чун Замин подору барҷоем мо.

ОРЗУИ ЗИНДА

Ба ёди Қаҳрамони Иттиҳоди
Шӯравӣ Сафар Амиршоев

Ба майдони вафою қарзи фарзандӣ,
Ба рӯзи санҷиши сахти ҳунармандӣ.
Ба мисли шери шӯрида ғазаб кардӣ,
Қасам хӯрдию рафтӣ бо раҳи мардӣ.

Сипар гӯё, ки кӯҳи Балҷувонат шуд,
Насимаш болу пар бар ҷисму ҷонат шуд,
Ки душманро чӣ сон ту маҳв месозӣ,
Чӣ сон чун шер бар гургон ҳаметозӣ.

«Ватан—гуфтию ҷангидӣ ту рӯзу шаб,
Адои қарзи виҷдон шуд туро матлаб.
Бидода ҷону гуфтӣ: «Эй баҳори ман,---
Ҷавониям, чароғи рӯзгори ман.

Зи ман рафтӣ, дигар борат намебинам,
Дигар рӯи сафоборат намебинам.
Вале, эй орзуи зиндаи мардон,
Ҷавоният, ки шуд аз баҳри мо қурбон,

Баҳори мо ҷавонии ту мебошад,
Ки хандон асту доим нур мепошад.
Ҷаҳон то ҳаст, номат ҷовидон монад,
Ҷавонии ту, ҷони мо, ҷавон монад.

СОЛИ ПУРШУКӮХ

(Суруд)

Имсол чӣ соли пуршукӯҳ шуд,
Мардум ба талош дар футӯҳ шуд,
«Тиллои сафед» кӯҳ-кӯҳ шуд,
Аз ҳиммати халқ ин мисол аст,
Хосияти меҳнати ҳалол аст.
Шуд оби равони ҷӯй заррин,
Шуд хоки сиёҳ боғи рангин,
Гардид ҳаёт нағзу ширин,
Аз ҳиммати халқ ин мисол аст,
Хосияти меҳнати ҳалол аст.
Мардонагӣ боз то аён гашт,
Дар сафҳа навишта миллион гашт,
Таърихи диёр шодмон гашт,
Аз ҳиммати халқ ин мисол аст,
Хосияти меҳнати ҳалол аст.

с. 1980

ххх

Нест боке, гар шавад дунё ҳама меҳмони ман,
Ҷой гирад оламе дар гирди дастархони ман.

Донае кам нею балки пур шавад дороиям,
Файзи ранҷам бошад ин ё ризқи фарзандони ман.

Рӯзи шодӣ дӯст н-ояд, ман надорам шиквае,
Рӯзи ғам н-ояд, бирезад ашк аз чашмони ман.

Рост рафтанҳои фарзандон мудомам орзуст,
Кач мабар, эй зиндагӣ, сарве зи сарвистони ман.

Нотавонбинон агарчи нотавонбинӣ кунанд,
Бахт лекин барнагирад даст аз домони ман.

Ҳадяи он кас, ки гӯяд душманӣ дар даҳр мурд,
Аз фараҳ дар чашми мардум накд бошад ҷони ман.

ТУРО МАН ҲАМЧУ МОДАР МЕПАРАСТАМ

Диёри бошукӯҳу дилнишастам,
Чӣ хушбахтам, ки дар боғи ту растам.

Ба хоку сангу бар обу ҳавоят,
Аз ин рӯ ман ба ҷонам меҳр бастам.

Кунун чун чашмҳоят мехӯрӯшам,
Ба мисли оҳувонат шӯху мастам.

Мисоли кӯҳҳоят сарбаландам,
Баланд аз қулла бошад балки дастам.

Ба моҳи осмонам гар бароранд,
Вале медон, ки ҳамроҳи ту ҳастам.

Туро, эй Тоҷикистони азизам,
Ҳамеша ман чу модар мепарастам.

СУРУДИ ҶАВОНОН

Хандаи софи саҳарҳоем мо,
Дастаи нуру шарарҳоем мо,
Чашмаи зӯру ҳунарҳоем мо,
Роҳӣ бо роҳи падарҳоем мо.

Қамчӣ бар аспи ҷавонӣ мезанем,
Табли кору паҳлавонӣ мезанем.
Ҳарф мо аз қаҳрамонӣ мезанем,
Даст бар дасти зафарҳоем мо.

Тоби фӯлодист дар бозуи мо,
Лаъл созад сангро нерӯи мо,
Мевазад боди мурод аз кӯи мо,
Авҷи бунёди самарҳоем мо.

Бовафо фарзандҳои кишварем,
Зираку ҳушёр мисли аскарем.
Ҳусни гул бар зиндагонӣ оварем,
Ибратомӯзи дигарҳоем мо.

БА ОМӮЗГОР

Муаллим, дӯстам, омӯзгорам,
Шуморо доимо дар ёд дорам.

Ба ёд орам ҳама панди шуморо,
Насиҳатҳои дилбанди шуморо.
Адабро аз шумо омӯхтам ман,
Чароғи фикри худ афрӯхтам ман.
Ба чашмам нур рахшон аз шумо шуд,
Ба қалбам меҳр ҷӯшон аз шумо шуд...
Шумо бисёр кардед имтиҳонам,
Намуда сахтгирӣ ончунонам,
Ки мегуфтам дигар дар рӯи олам
Набошад инчунин сахтӣ бароям.
Вале фикрам хато будаст, устод,
Ба мисли он, ки гӯянд, обро бод.
Бидидам боз устоди дигарро—
Ҳаёти меҳнату ишқу зафарро,
Ки доим сахт гирад аз шумо ҳам,
Надорад ҳеҷ ҳамтою баҳо ҳам.
Аз ин рӯ бо ҳама азми ҷавонӣ,
Бихонам ман китоби зиндагонӣ.
Супорам то ки фардо имтиҳонам,
Чуноне ки талаб дорад замонам.
Шуморо боз бо ин шод созам,
Ба номи некатон, устод, нозам.

МЕҲРУБОН БОБОИ МАН

Дида будам меҳрубон бобои хеш,
Дар канораш доштам ман ҷои хеш.
Бар сари зонуш гоҳам мегирифт,
Ҳамчу тифли бегуноҳам мегирифт.
Рӯй мемолид гаҳ бар рӯи ман,
Гӯӣ будаш бӯи гулҳо бӯи ман.

Себи сурхе аз бағал медодам ӯ,
Дошт он чӣ, ҳар маҳал медодам ӯ,
Як нафас аз ман ҷудоие надошт,
Бо дигар кас ошноие надошт,
Дошта дастам, ба раҳ мебурд ӯ.
Бо дили пур аз фараҳ мебурд ӯ.
Зеҳн мемондӣ ба раҳпӯии ман,
Мазза мекард аз ғалатгӯии ман.
Тӯтие гӯё ки бар каф доштӣ,
Бо ӯ тухми гуфтугӯ мекоштӣ.
Зикрулло буд исми бобоҷони ман,
Акси ӯ ҳолост дар чашмони ман,
Монда будаст исми вай бобои вай,
Бо раҳи бобош мемондаст пай.
Побараҳна доимо мегашт лек,
Хоб медид орзӯи рӯзи нек.
Рӯзгори пурғаму н-осуда дошт,
Дар сараш як саллаи фарсуда дошт,
Дошт умре дар танаш як қоқма,
К-он шиносо буд бар чашми ҳама.
Аз саводу ҳарф буд ӯ бехабар,
Дошт ин мерос бар худ аз падар.
Бахти тира, мухтасар, чун шом дошт,
Гӯӣ аз моли ҷаҳон як ном дошт.
Карда будам аҳду паймон он замон,
Ки намирам, чун бигардам ман калон.
Зан бигирам, бачча ёбам, ман ба ӯй,
Номи бобоям гузорам, карда тӯй.
Пеши рӯям то намояд ӯ мудом,
То бубинам умри ӯро бардавом.
То гузашта рӯзгор ояд ёд,

Хотири худро кунам з-имрӯз шод.
Он писар, ки номи бобоям ба ӯст,
Мисли бобоям ба чашми ман накӯст.
Лек байни ҳар ду ин бобои ҷон
Фарқ бошад аз замин то осмон.
Ин писарро ҳаст дунёи дигар,
Кисмату рӯзиву маъвои дигар,
Неъмати олам ба каф дорад ҳаме,
Касбу кори пуршараф дорад ҳаме...
Ном гирам ҳар гаҳе ман ин писар,
Мешавад равшан ба чашмам ҷилвагар
Боз он бобои поурёни ман,
Дӯстрӯю меҳрубони ҷони ман.
Рӯзгори пурғаму н-осудааш,
Якта-якта будаю нобудааш...

КАЙҲОННАВАРД

Дар авҷ пайи орзуҳо шуд ҳунари ман,
Пайдост аз ин зӯр ба дасту камари ман.
Бикшод ба паҳнои фалак болу пари ман,
Дур асту дароз ин сафари бозафари ман.

Киштии фалакгарди маро суръати тир аст,
Бар дидаи ман барқу ба дил қудрати шер аст.
Номардию бим аз бари ман дуру асир аст,
Набвад сари як мӯй дар ин раҳ хатари ман.

Парвозгаҳам аз шафати моҳ фароз аст,
Истора зи паҳлую барам дар давутоз аст,

Кашфи дари асрори самоям, ки ниёз аст.
Такрор дар ин бодия гардад гузари ман.

Ҳар чиз ба чашмони фалаксанҷам аҷиб аст,
Дилгир яке гӯша, дигар гӯша базеб аст,
Ҷоест, ки бар дида баланд асту нишеб аст,
Нақш аст ба маҷмӯаи хотир сафари ман.

Ҳарчанд ки боло параму сайр намоям,
Дар мулки само қитъаи нав гар бикушоям,
Хуш он бувадам, то ба Замин гашта фуроям,
Як дам зи Замин канда набошад назари ман!

с. 1978

ШАВӢ ТУ ШОД ЗИ МАН

Ватанам, толеи фархундаи ман,
Дили шоду лаби дар хандаи ман,
Умри аз ғуссаву ғам озодам,
Нур бар дидаи бинандаи ман,

Ба ту он гуна муҳаббат дорам,
Ки аз он зӯру садоқат дорам.

Шири модар бувадам обаки ту,
Обаки чашмаи ширтобаки ту.
Фараҳи тоза ба ҷонам бидиҳад
Бодаки кӯҳии бехобаки ту.

Ба ту он гуна муҳаббат дорам,
Ки аз он зӯру садоқат дорам.

Ҷаҳд дорам, ки шавӣ шод зи ман,
Гул кунӣ боз ба монанди чаман.
Ба сарам фикри дигар нест ҷуз ин,
Гули рӯи ту дилам бурд, Ватан.

Ба ту он гуна муҳаббат дорам,
Ки аз он зӯру садоқат дорам.

ШАҲРИ ҲУСН

(Ба Душанбе)

Мани бар мавҷҳо дил додаро, эй шаҳри гулпӯшам,
Мани хоҳанда бахти даҳрро, эй ҳамдами хуршед.
Ба як дидан намудӣ вола мисли хонаи уммед,
Аз ин мафтунаму ҳарфе ба васфат кобаму ҷӯшам.

Қадам дар кӯчаҳо монам, саропо чашм гардида,
Ба ту чун бар арӯси зеби ин дунё нигаҳ дорам.
Ба дил аз ҳусни ту як олами ишқу фараҳ дорам,
Ба чашмони ту акси хешро пеши назар дида.

Магар оинаӣ дар гӯшаи шарқи куҳан имрӯз,
Ки нури меҳр дар рӯи ту аксандоз мегардад.
Гулистони Ирам бошӣ, ки домони ту гул безад,
Рухат—нурею доман—гул, дар оғӯшат бувад Наврӯз.

Барорам гоҳ аз шавқи ту мисли булбулон овоз,
Худамро мезанам дар байни гулзорат ба бесабрӣ.
Дамодам бӯсаҳо гирам зи рухсорат ба бесабрӣ,
Гаҳе аз хуррамӣ ман бо уқобон мешавам анбоз.

Дили ман сурати тифле, ки аз модар нагардад дур,
Ва ё чун гӯште, ки он бувад пайванд бо нохун.
Ҳамеша бо ту мебошам, ҷудоӣ несташ акнун,
Аз ин меболаду мехонаду меҷӯшад он масрур.

БО ПАДАР БОШ

Бароӣ бар сафар, бо ҳамсафар бош,
Гар ӯ хуб аст, аз ӯ хубтар бош.

Бигардад бар ту гар ҷону ҷигар вай,
Ту вайро рӯзу шаб нури басар бош.

Шавад, гӯянд, равшан дар сафар мард,
Ту марди даступопечи ҳунар бош.

Ҳамеша шинухез одам барин кун,
Қабули мардуми бологузар бош.

Ба неъмат чашми худро сер мегир,
Зи майнӯшиву мастӣ дар ҳазар бош.

В-агар афтӣ миёни пирамардон,
Ба эшон дар сухан мисли писар бош.

Лақаб чун бепадар бар беадабҳост,
Ба ҳар ҷое, ки бошӣ, бопадар бош!

МАН ДАР ДАРАИ ВАРЗОБ

Ман дар дараи Варзоб,
Хобам ба канори об.

Истора ба китфи кӯҳ,
Дар домани ҷар маҳтоб.
Рӯдаш ба ҳазор оҳанг
Шуста сари ҳар харсанг,
Хонад ба барам алла,
Чун мом нарафта хоб.
Чун оинаи шаффоф,
Бошад дили дарё соф.
Партоӣ кулӯхаш ҳам,
Ҳаргиз нашавад лоёб.
Чун панҷаи ҷонона,
Бодаш бизанад шона,
Мӯи сарам бо бозӣ,
Дода ба кафаш сад тоб.
Орад ба димоғам ӯ
Бӯи гули хор аз кӯҳ.
Мастам бикунад бо он
Чун марҳамати аҳбоб.
Имшаб биравад ин ҷо
Аз хотири ман дунё,
Зеро ҳушу ақли ман
Бурд ин дараи ноёб.
Ман дар дараи Варзоб,
Хобам ба канори об.
Истора ба китфи кӯҳ,
Дар домани ҷар маҳтоб.

ПАНҶ

Дидаам бисёр ман, бисёр рӯди Панҷро,
Панҷи андар ранг ҳамчу осмони софро.

Меравад он аз миёни кӯҳҳо бар даштҳо,
Боғ карда, бӯстони пурсамар атрофро.

Меравад бар ҳар дару ҳар хонаи навсохта,
Ғул-ғулафкан гашта мисли хандаҳои духтарон.
Ҳар ниҳоли пахтаро андар нумӯ андохта,
Хизмати мардум намояд ҳамчу ёри меҳрубон.

Меравад сад пора гашта ҳар куҷо бо амри мо,
Аз қудумаш ҳар биёбон сад хиёбон гаштааст.
Кӯҳи «тиллои сафед» аз вай кашад сар бар ҳаво,
Қатраи обаш давои дарди деҳқон гаштааст.

ЗОДГОҲИ НАЗМ

Тоҷикистонам, ба номат шеъри нав иншо кунам,
Гарчи такрор оядам, фармони дил иҷро кунам.
Гӯш бинмо: Рафта будам аз ту бар як шаҳри дур,
Омадам, имрӯз назди ту ҳикоятҳо кунам.

Ёфтам ман андар он ҷо дӯстони нав ба худ,
Дӯстоне, ки бароям ҳар якаш маҳбуб буд.
Ёди онҳо дер дар хотир ҳамемонад маро,
Меҳрашон бас доимӣ дар қалби покам ҷо намуд.

«Зодгоҳи ту куҷо?»--гуфтанд манро дӯстон,
Чун гирифтам номи ту, ҷон Тоҷикистон, бар забон,
«Эй шумо аз зодгоҳи назм будастед, гӯй?»--
Гуфтаю бардоштандам рӯи дастон он замон.

Зодгоҳи назм. Охир ин чӣ сон номи баланд,
Дар ҷаҳон ин ном ҳамчун қаҳрамон шӯҳрат фиканд.

Ҳар куҷое меравам, бо номи ту, эй зодгоҳ,
Байни мардум хешро бинам азизу арҷманд.

ДАР ГИРУДОРИ МО

(Дар сӯгвории Боқӣ Раҳимзода)

Боқии овозадори мо гузашт,
Пири шеъру пири кори мо гузашт.

Мекашид ӯ бори ранҷи мо ба дӯш,
Меҳрубону ғамгусори мо гузашт.

Роҳи моро буд доим интизор
Чун падар, чашмintизори мо гузашт.

Дошт аз мо шеъри хуберо умед,
Шеър монд, уммедвори мо гузашт.

Ҷамъ гирдаш гашта мегаштем кӯҳ,
Вулқане дар кӯҳсори мо гузашт.

Боғбонӣ карду боғаш монд, рафт,
Ҳасрато, ки боғдори мо гузашт.

Хоксорӣ буд умре пешааш,
Бо бузургӣ хоксори мо гузашт.

Ташнаи гуфтори ӯ будем мо,
Ташнаему обшори мо гузашт.

Рӯзгори нек бо ӯ доштем,
Чун баҳор он рӯзгори мо гузашт.

Пояи тобути ӯ дар китфи мо,
Рӯи каф он шаҳсавори мо гузашт.

Ҳар кӣ хоҳад монад аз худ ёдгор,
Меҳри ӯ шуд ёдгори мо, гузашт.

Ман чӣ гӯям дигар, эй ҳамдарди ман,
Умри ӯ дар гирудори мо гузашт.

с. 1980

ОҒӮШИ МОДАР

Кӯдаки навзод буд, хушрӯй буд,
Мӯйҳои сип-сиёҳе дошт ӯ.
Чашм бикшода гаҳе сӯи чароғ,
Маъсумона хуш нигоҳе дошт ӯ.

Ҳар кӣ чун медид рӯю мӯи ӯ,
Дӯсташ медошт чун фарзанди худ.
Рӯи дастонаш гирифта бо ҳавас,
Дил-дилаш мегуфт, шодӣ менамуд.

Дӯш кампире, ки буд ӯ моманоф,
Тифлро андар бағал бигрифт нарм.
Аз лабу мӯю ду рӯяш бӯса кард,
Бо навозишҳои меҳрангези гарм.

Модарашро чун ба назди худ надид,
(Даст бар дасташ бигардонданд боз).
Гиря кард ӯ, то бимонад гиряаш,
Лӯхтакаш карданд аз ҳар сӯ дароз.

Гиряи ӯ шуд баланду талх-талх,
Гӯиё дубора занбӯраш газид.
«Алла ҷонам» шуд баланд аз ҳар тараф,
Аллаи бегона кай ӯ мешунид?

Чун варо бигрифт бар каф модараш,
Модари маҳбубу ширинтар зи ҷон.
Тифл якбора чӣ шуд хомӯш шуд,
Дур карда аз худаш доду фиғон...

БАЧЧАҲОИ МАН МИСОЛИ ТУРНААНД

Чун садои базми тӯй аз осмон,
Шаб фиғони турнаҳо ояд ба гӯш.
Марзу бум гӯё писандад хуб он,
Ки ҳама хомӯш мебошад, хамӯш.

Тирамаҳ, ки сард шуд, аз ҷои хеш,
Турнаҳо бар ҷои гармо мераванд.
Дидаанд онҳо агарчи мулки беш,
Боз гӯё сайри дунё мераванд.

Баччаҳои ман мисоли турнаҳо
Тирамоҳон мераванд аз хонадон.
Сардию гармӣ нагуфта ҳеҷ гоҳ
Зуд мегиранд дар саҳро макон.

Пахта мечинанд бар домони худ,
Бо талоши бемисоли баччагӣ.
Баччагиро ёд орам чун суруд,
Зиндаам дорад хаёли баччагӣ.

Баччаҳои меҳнатиям турнавор
Кӯч мебанданд фасли тирамаҳ.
Турнаҳо оянд айёми баҳор,
Баччаҳои ман пагаҳ, чашмам ба раҳ.

«РАИСИ МИРАЛӢ»

(публисистикаи манзум)

1

Қаламро бо умеде мисли фарзанд имтиҳон кардам,
Ба гӯшаш маъниҳои қадри деҳқонро баён кардам.
Ба пешаш суратосо кӯҳу водиро аён кардам,
Ба саҳроҳои неъматбахши колхозаш равон кардам,
Ба номи Миралӣ аз сидқ азми достон кардам.

Даме андар дили пурмеҳри худ ин муддао дорам,
Ба мисли дӯстдори деҳа бар деҳ рафтуо дорам,
Ба сангу хоки ин ҷо чашму қалби ошно дорам,
Набинам то ҳавояш, сӯзу дарди бедаво дорам,
Касе бошам, ба умри хеш аз деҳ ибтидо дорам.

Ба зери арчаҳояш мениҳам оҳиста поямро,
Ту гӯӣ, мешиносанд арчаҳо ҳарфу садоямро,
Ба худ кайҳост медонанд ишқамро, вафоямро,
Куҷо гардам, куҷо шинам, нишон бидҳанд ҷоямро,
Тавон бахшанд бо бӯи хуше созу навоямро.

Ба азми хеш пайваста сари тадбир мечӯям,
Барор аз файзи деҳ бо ҷаҳд бе тазвир мечӯям,
Сухан аз кору аз размн ҷавону пир мечӯям,
Ба ҳар як нукта нав-нав маънию тасвир мечӯям.
Чу тифли гушна гӯӣ синаи пуршир мечӯям.

Ҳикоят мекунад бар гӯши ман як пири нуронӣ,
Ту,--мегӯяд,--писар, таърихи ин ҷоро намедонӣ,
Агарчи нест он бар ҳеҷ кас асрори пинҳонӣ,
Тасаввур кун, ки ин ҷо буд як дунёи зулмонӣ,
Макони бабру хирсу подаи хуки биёбонӣ.

Чӣ гуна ин макон шуд бӯстоне, аз чинорон пурс,
Зи сарсабз арчаҳои фавҷи гулгашту хиёбон пурс,
Зи боғи пурсамар, ки ӯст бар ҷои биёбон, пурс,
Зи ҳар як хонаву дар, дилрабо қасру дабистон пурс,
Зи ҷӯю киштзорон, Миралӣ—Бобои Деҳқон пурс.

Чиноре сояафкан бар сарам гашту забон бикшуд,
Ба сози баргҳо хиш-хишкунон лаб шодмон бикшуд,
Сухан аз қиссае, к-онро киҳо доданд ҷон, бикшуд,
Бигуфто: ин заминро зӯри марди паҳлавон бикшуд,
Маро аз навда сабзонду раҳам бар осмон бикшуд.

Бигуфто арчае, к-аз нахлҳои кӯҳсорам ман,
Рамузи ҷон ба хок эҳсонкуниҳои баҳорам ман,
Нишоне аз сари сабзу бақои ин диёрам ман,
Аз инсоне, ки ободӣ парастад, ёдгорам ман,
Ба фарқи ҳайкали мардони майдон сояборам ман.

Ба бӯи себҳои пухтагӣ овози боғ омад,
Зи ҳусни мева пешам гӯиё рангин чароғ омад,
Ба сад фарёд ин ҷо булбуле гулро суроғ омад,
Бигуфто боғ: ҳастиям магар бедарду доғ омад?
Шавам то зинда, сад кас шоду сад кас бедимоғ омад.

Ба ман порисаи ҳар хонаву дар гуфтугӯ дорад,
Ҳикоят аз азоб рафтаю рӯзи накӯ дорад,
Яке фарқ аз дигар бо тозагию рангубӯ дорад,
Дигар гӯё, ки аз гул бошаду ҳар дам нумӯ дорад,
Бигӯянд: офтобе аз дили моён тулӯъ дорад.

Ба зебоӣ даме Қасри тамаддун дар сухан ояд,
Ба гӯшам гӯиё аз вай қарори анҷуман ояд,
Нидо аз аҳду паймони накӯи марду зан ояд,
Садои урраю кафкӯбии ғулғулфикан ояд,
Ба ёдам чун қасам ҳар дам бузургии Ватан ояд.

Дабистонҳо, ки аз тифлони хандонрӯй ободанд,
Ба рӯи наслҳо дарвозаи уммед бикшоданд.
Ба қалби торикӣ якборагӣ хуршед бинҳоданд,
Зиёбахши раҳи оянда з-ақли одамизоданд,
Ҳамегӯянд: умри мо зи ранҷи дастҳо доданд.

Ба мисли шаддаи марворид ояд об дар ҷӯбор,
Садояшро кунад боло паёпай ранги мусиқор,
Барад,--гӯяд,--маро бар водиҳои бебар ин анҳор,
Гузорам то зи худ бар киштзору боғзор осор,
Набинад дардро он, ки зи ғафлат сохтам бедор.

Канори ғаллазори навпазам маҳви тамошое,
Хаёли он барад манро аз ин ҷо то куҷоҳое,
Намедонам, ки афтодам ба хушкӣ ё ба дарёе,
Гаҳе хомӯшу ҳайронам, гаҳе мафтуну шайдое,
Ба ҷуз ин ҷо, ту гӯӣ, дил намехоҳад дигар ҷое.

Хӯрад арвонҷ ҳар дам хӯшаи гандум ба чанги бод,
Даравгарро ба мавҷаш менамояд гӯиё фарёд,
Тамошояш маро дарҳол меорад зи нав бар ёд,
Ки айёме буд одам аз барои нон равон медод,
Накарда бок аз дору наандешида аз ҷаллод.

Биёяд ёд бобоям, ки ӯ дар касб деҳқон буд,
Барояш ҷони зинда гӯӣ дар дунё фақат нон буд,
Ба гӯшам то кунун як панди вай бошад, ки ин сон буд:
Ба доман қарз гар тилло кунӣ, онро биёбӣ зуд,
Вале як мушт гандумро набитвонӣ кунӣ мавҷуд.

Ба баҳри пахтазорон банд мегардад нигоҳи ман,
Шавад равшан аз он чун субҳ табъи шеърхоҳи ман,
Агар васфаш набинмоям, биафзояд гуноҳи ман,
Ба рӯи сафҳа бозӣ мекунад килки сиёҳи ман,
Сурудам бол бикшояд чу аз бахтам гувоҳи ман.

Ба шеърам ҷӯяҳои пахта, гӯӣ, сатри тайёранд,
Ба байтам маънии аъло ниҳолони пур аз боранд,
Нигоҳи духтарони пахтачин ҳусни ҷилодоранд,
Паси рули машин биншастани онҳо, ки бисёранд,
На сатрею на байте, балки сад девони ашъоранд.

Ба дунё кӯҳи Помир аз ҳама болост, мегӯянд,
Ба ин маънӣ миёни кӯҳҳо яктост, мегӯянд,
Уқобони фалакпарвозро маъвост, мегӯянд,
Зи рӯи сарбаландӣ боми ин дунёст, мегӯянд,
Сутуни осмон аз хоки поки мост, мегӯянд.

Бале, инро набошад ҳоҷати шарҳу баён имрӯз,
Набошад қуллае боло зи кӯҳи тоҷикон имрӯз,
Вале болост аз он номи неку шаъну шон имрӯз,
Ки дорад пахтакори мо ба мисли қаҳрамон имрӯз,--
Баровардаст кӯҳи пахтаро то Каҳкашон имрӯз.

Равонам аз раҳе, к-он роҳи мақбул аст дар деҳа,
Кунад пайваст деҳе чун раги хун бо дигар деҳа,
Дарахтони лаби раҳ зеб мебахшанд ҳар деҳа,
Ки гӯӣ, посбонанд аскаросо деҳа бар деҳа,
Ба дил додаст андар зиндагӣ роҳи гузар деҳа.

Бикобам Миралиро бо дили пуризтироб акнун,
Ба пурсупосҳо дорам ба ҳар деҳа шитоб акнун,
Биёбам то зи ӯ бар ҳар саволи худ ҷавоб акнун,
Намоям маъниҳои бикр то ҷо дар китоб акнун,
Ба ёди сӯҳбаташ бошам канор аз хӯрду хоб акнун.

Саҳар, вақте хурӯсони саҳархезанд андар хоб,
Ки онро кас надонад субҳ бошад, ё шаби маҳтоб,
Равам дар кӯча танҳо мисли як кобандаи аҳбоб,
Фақат ояд ба гӯши ман садои шарфаҳои об,
Равам то бар гараж, к-он ҷост гӯё рӯзи оламтоб.

Бубинам аз ҳисоби шаб, ки банди корубор аст ӯ,
Ба мисли шоири дилдодае шабзиндадор аст ӯ.
Саҳархези тамоми аҳли деҳи нурбор аст ӯ,
Пайи ичрои ҳар як нақша дар гуфтугузор аст ӯ,
Шарафхоҳи далерони ба кор овозадор аст ӯ.

Саломаш медиҳам, оҳиста гардонад ҷавоби ман,
Табассум мекунад дида танутӯши хароби ман,
Ту гӯӣ шубҳае дорад ба иншои китоби ман,
Намехоҳад ваболамро, намеҷӯяд савоби ман.
Маро пешаш биорад шавқу меҳри беҳисоби ман.

Тамошо мекунам оғози саъйи бобарорашро,
Шукӯҳи сахтгириҳою ҷазми пойдорашро,
Ба ёди хеш гирам ҳарфҳои лутфборашро,
Хурӯши қаҳру қоҳишҳои лабрези шарорашро,
Бубинам саршавиҳои зимистону баҳорашро.

Ба қавлу ҳукми вай, техника гӯё ҷони колхоз аст,
Гиреҳ гар пеш ояд, дар дами техника он боз аст,
Варо аз ин сабаб аз ҷои ҷон бар кор оғоз аст,
Касе қадри варо донад, барояш ёри мумтоз аст,
Ҳамеша бози фикри ӯ ба гирди вай ба парвоз аст.

Муайян мекунад аз рӯи нақша рейси ҳар мошин,
Раҳашро, мӯҳлаташро, бори онро нарму ботамкин,
Чӣ мегӯяд, чӣ фармояд, шавад иҷрои он таъмин,
Ҳисоби ӯ намояд сарфа вақту сӯзиши бензин,
Тасаллои дили пурҷӯши ӯст ин одати дерин.

Гараж дар соате аз зоти мошин мешавад холӣ,
Барорад сӯи мақсад ҳар якаш, гӯӣ, пару боле,
Шавад хомӯш ин ҷо аз ҳама гапҳою ҷанҷоле,
Бимонад ӯю бонихонаю бишкаста столе,
Назар бинмояд ин лаҳза ба сӯи ман ба хушҳолӣ.

Ба ҳазлу шӯхие гӯяд маро дарҳол ҳа, шоир,
Куҷо гум гаштаӣ, чун байзаи Анқостӣ нодир,
Бигӯ, ки аз кадомин гӯр пайдо гаштию ҳозир,
Ва ё ту дидаӣ чун гург ин ҷо хурданӣ вофир?
Пас аз ин ҳазлҳо манро барад бо хештан охир.

Сари хони наҳорӣ менишинам рӯ ба рӯи ӯ,
Шавам бе бода маст аз паҳлуҳои гуфтугӯи ӯ,
Ба ҳайрат оям аз табъи латифу ҳазлҷӯи ӯ,
Нагирам дур як дам чашм аз рӯи накӯи ӯ,
Агар хезад, нигоҳи хешро дӯзам ба сӯи ӯ.

Бигирад шишаеро аз буфети ҳамбари ҷевон,
Назар бар сӯи ман созад ба маъние, ки нӯшам з-он?
Бигӯям, ки наменӯшам, бувад бӯяш баду вайрон,
Хаёлам, мехӯрад ҳар як балоро,--гӯядам хандон,--
Чу баъзеҳо кунанд уммед аз як дон нахудбирён.

Савори мошинаш гардида бо вай ҳамсафар гардам,
Ба рӯи даштҳою домани кӯҳу камар гардам.
Зи дунёи аҷибаш нағзтар то бохабар гардам,
Ба боби ҳазлу шӯхӣ то ба қадре пухтатар гардам,
Агар як рӯз кам ояд, ду-се рӯзи дигар гардам.

Чӣ хислат, ки кунад беист наззора ба ҳар гӯша,
Даме ҳам аз тамошои замин чашмаш намепӯшад,
Гумонам, бо хаёле низ бар коре ҳамекӯшад,
Ба мисли хурмаи пӯшидасар дар нор мечӯшад,
Ки гаҳ аз термоси хеш оби сард менӯшад.

Ба шофир ончунон мушкил бувад, ки ӯ намедонад
Куҷо, бо амри кӣ рули машини хеш гардонад,
Магар чун таъкид ӯро ҳар нигоҳаш нағз фаҳмонад,
Ки ҳар сӯе назар созад, ба он сӯ зуд меронад,
Барои вай нигоҳи ӯ ба мили компас монад.

Санавбарҳо, ки саф баста ба авҷи сарфарозианд,
Сарафроз аз шуои офтоби бениёзианд,
Ба истиқболи ӯ гӯё ки андар рақсу бозианд,
Ба рангу бӯи хуш пайваста майли дилнавозианд,
Ба ин маънӣ, ки пеши ӯй сабзиданду розианд.

Замине мешавад пайдо ба раҳ беобу хушкида,
Ки овози тракторе ба умри хеш нашнида,
Ба ҷо-ҷояш чу мӯе дар сари кал хор рӯида,
Варо дида, кушоям гап зи ҳазли ӯ натарсида:
Магар мондаст аз чашми шумо ин ҷой нодида?

Ба шӯр афтида мегӯяд: ту донӣ ва ё нодон,
Ки аз ҳар чиз манро мисли кӯдак мешавӣ пурсон,
Агар корам намоям ман ҳама ин дашту ин майдон,
Ҳамон кас, ки пас аз ман ҷои манро мешавад хоҳон,
Чӣ кор ичро намояд, чун раис вақте кунад паймон?

Ҷавоби ҳар саволи ман бигардонад ба чолокӣ,
Худоё (худ ба худ гӯям мусоҳиб гаштаам бо кӣ),
Ки дар ҳозирҷавобӣ ҳам бувад устоди бебоке,
Шавад боис ба дил ҳар як гапи ӯ бар фараҳнокӣ,
Чарогаҳ меравад мошин ба суръат бо раҳи хокӣ.

Намоён хаймаи сайёри чӯпонӣ шавад аз дур,
Ба гӯш ояд маоси гӯсфанду барраҳои сур,
Ба тори теға чӯпоне чу ҳайкал мешавад манзур,
Навои нойи ӯ гардад ба он ғавғои зебо ҷӯр,
Чӣ манзар, ки ба ҷӯш ояд аз он балки дили ранҷур.

Ҳавои тозаю сайри чарогаҳ дӯст медорад,
Ба монанди шубонон сабзазоронаш ҳамефорад,
Ба лутф аҳвол пурсон гашта чӯпоне наёзорад,
Сари зону чу кӯдак барраеро боз бигзорад,
Замони подабонияш магар бар ёд меорад?

Чу пайдо мешавад чӯпонзан, аз ҷо бехабар хезад,
Ба монанди ҷавони чобуку бо болу пар хезад,
Гумонаш, модараш ояд, ба пешаш чун писар хезад,
Сари пода биёрад баҳри ӯ нон тори сар, хезад,
Бихезад, боз биншинад, нишинад, аз дигар хезад.

Ба рӯи сабзаҳо густурда гардад хони чӯпонон,
Ба як сӯ хомшӯрбою ба як сӯ косаи айрон,
Ба як сӯ нони гарми тобагӣ-хуршеди дастархон,
Ба як сӯ меваҳои хушку тар аз боғи кӯҳистон,
Ба як сӯ оби сард аз чашмаи бар дардҳо дармон.

Сухан кӯтаҳ, биороянд хони беназир ин ҷо,
Ба ҳамла медарояд иштиҳои қозгир ин ҷо,
Дигар ҳоҷат набошад бар касе гӯӣ «бигир» ин ҷо,
Ҳама хандонруху хуррам бувад мисли адир ин ҷо,
Бичӯшад деги ҳазли ӯ яке чун деги шир ин ҷо.

Ба ман гӯяд: шави кай сер, ишкамро калон кардӣ,
Ба гушти пухтаву нопухта размги гургсон кардӣ,
Ба рӯи дашт қӯҳе сарфароз аз устухон кардӣ,
Сагони раммаро серу қимоб охир аз он кардӣ,
Балохӯр будаӣ, валло, маро дар тарси ҷон кардӣ.

«Балохӯр» бо ӯ дар баҳс омада шаҳмот мебозад,
Ба майдони набард ӯ бештар шабдез метозад,
Чу човандоз дар мабайн гоҳо қура андозад,
Бигӯӣ бозиро ҳам кори колхозӣ гумон созад,
Ки танҳо мот карданро парастор аст, аз ин нозад.

Агарчи гоҳ-гоҳе ман ба ӯ «киш» мекунам эълон,
На бар «киш» гӯш андозад, на бар ман мешавад ҳайрон,
Ба мисли кӯҳ сабре дораду тамкини бепоён,
Раҳи «киш»-ро бубандад, гӯядам такрор гаҳ ин сон:
Адӯ гар пашша бошад, бештар доим зи филаш хон.

Дуои бад кунам худро, ки бо ӯ сарбасар гаштам,
Зи фикри бозии шатранҷ асири дарди сар гаштам,
Пушаймон гаштаму аз пеш рафтан боз баргаштам,
Гаранг аз зӯри «кишу» «моти» ӯ чун гунгу кар гаштам,
Мурам, гӯям, ки аз мағлубҳо мағлубтар гаштам.

Варо аз дарди чӯпонон чу дарди худ хабар бошад,
Каломаш пеши онҳо хуштар аз шаҳду шакар бошад,
Ҳама гӯё ки панде аз падар баҳри писар бошад,
Яке фоидаовартар зи яктои дигар бошад,
Барор он ҷо шавад, чун ӯ даме имдодгар бошад.

Шавад мошин равон оҳиста бо роҳи дигар акнун,
Зи гирди кӯҳ печопеч, пас бар ҷониби ҳомун,
Чарогаҳро бисанҷад дорад оё хору хас афзун,
Бале, дорад, ки аз он табъу рӯи ӯ шавад гулгун,
Аҷаб дар ин сафар бо Миралӣ дилгармаму мамнун.

Чӣ зебояст водӣ аз баландӣ дар назар охир,
Дигар ҷое набошад, гӯӣ, аз он хубтар охир,
Ба рӯяш ҳар саҳар хуршед резад симу зар охир,
Ки пешаш ҳеҷ бошад ҷаннат андар зебу фар охир,
Ба он ҷо дил кушояд мисли кафтар болу пар охир.

Назар кардаст аз кӯҳи Сари Хосор ин саҳро,
Ба он додаст аз хурдӣ чу булбул дил ба гул кайҳо,
Ба аҳли деҳа рози хеш рӯзе кардааст ифшо:
Ба мо ин кӯҳсор арчи азиз асту таваллудгоҳ,
Ба водӣ мекунам ҳичрат пайи ободӣ аз ин ҷо.

Куҷо Сурхоб биштобад, бубастаст аз қафояш кӯч,
Накарда гӯш таъну ташфиқоти одамони пуч,
Ба пушти хар тамоми рӯзгораш, пойҳояш луч,
Ба раҳ мезад ба пояш хор мисли хорҳои хӯч,
Гаҳе аз кори худ мемонд вай андар шигифту ҳуч.

Яке аз ҳазлу шӯхиҳои худ худдорӣ бинмуда,
Хаёлоташ равад бар рӯзҳои сахту н-осуда,
Хамиросо шавад нарму ба нармӣ роз бикшуда,
Бигӯяд ҳиссае аз қиссаҳои гӯш нашнуда,
Ду чашмаш з-ин шавад гоҳо ба ашки талх олуда.

Ба поям,--гӯяд ӯ,--хоре зи саҳроҳост то ҳоло,
Ки будам аз қафои пода ҳамчу бонӣ раҳпаймо,
Бо ҷонам дарди сӯзи он бувад то зиндаам ҳамро,
Садо бар гӯши ман дорад гапи «оши ҳалоли» мо,
Ба умри кӯтаҳи одам чарост ин қадар ташвишҳо.

Чӣ сон бигзашт дар водӣ талоши ибтидои ман,--
Даруни козае будӣ ягона ҷовупои ман,
Ба шаб гургу шағоле буд дар қасд аз қафои ман,
Нидое аз касе боло намешуд бар нидои ман,
«Гунаҳкоре» ту гуӣ бадаму буд ин ҷазои ман.

Ҳама атроф дар оғӯши анбӯҳи найистон буд,
Ки танҳо осмон бар дидаи одам намоён буд.
Касе бегоҳ меомад, саҳар з-ин ҷо гурезон буд,
Барояш баски аз ин зиндагонӣ мурдан осон буд,
Тасаллои дили зорам хаёли пахтазорон буд.

Шабе дар роҳ аспам тӯриду чун бод тозон шуд,
Дилам аз ваҳм дар сина сари як мӯй ларзон шуд,
Шағоле аз бари роҳам ба сад фарёду афғон шуд,
Дави аспам аз ин якбора афзуду дучандон шуд,
«Чаро дар шаб давонӣ асп»-марде боз пурсон шуд...

Ба назди фермае гирад қарор оҳистаяк мошин,
Магар ки дар гулӯяш хушк гардад мисли хун бензин,
Ва ё ки аз нигоҳаш шофири ҳушёр донад ин,
Хӯрам афсӯс, к-ин ҷо канда гардад сӯҳбати ширин,
Бимонам ташнаи нақлу давоми қиссаи рангин.

Ба ҳар як гову гӯсола бидӯзад чашми доноӣ,
Шиносад зуд говеро, ки он бошад дигарҷоӣ,
Сари охурчаҳо санҷад усули коҳпартоӣ,
Агар як зарра камбудист, гӯяд ин чӣ расвоӣ?
Варо дар фермаҳо хонанд пири чорвопоӣ.

Барорад чанги раҳро гардиши чархи машин боло,
Ба сӯи дашти Калшодӣ шуда бо ноз раҳпаймо,
Шавад пайдо замине сабз аз дурӣ дар ин саҳро,
Ки андар дида паҳною канораш ҳаст нопайдо,
Чу токи рӯи боми мо палак печондааст онро.

Биёрад бод бӯи харбуза—бӯи хуши хушҳо,
Димоғ аз он муаттар гаштаву дил мешавад барно,
Ҳаловат мебарад чашм аз тамошои чунин маъво,
Ба мисли санги сангоб аст ин ҷо тарбузи аъло,
Набошад ҷои холие, ки монӣ як қадам поро.

Ба элак бехтанд оё саросар хоки ин майдон,
Ки бошад майдатар балки ба зери пой аз талқон,
Биғутӣ то ба зонуят, равон гардӣ даме дар он,
Шавад мошин дар ин ҷо руст, агар ӯрост сад сомон,
Касе бинад, шавад қоил ба деҳқонии деҳқонон.

Ба шавқе барканад як тарбузи зебое аз полез,
Сараш бардошта гӯяд аҷаб бисёр дорад рез!
Бувад аз ин замини лалм бар колхоз дастовез,
Ду коса мекунад он тарбузи дилхоҳи худро тез,
Яки он пеши ман бигзораду гӯяд наӣ парҳез?

Ба вақти ҳазли ӯ гоҳо бигирад иштиҳои ман,
Зи зӯри ханда дар бозӣ дарояд дасту пои ман,
Чунон ки ҳар нафас гардад дигар сад бор ҷои ман,
Замин гӯё ки тангӣ менамояд аз барои ман,
Вале хомӯш ӯст андар ҷавоби хандаҳои ман.

Бимонад нимхӯрда косаи тарбуз ба пеши ман,
Намонад хӯрданиям хандаҳои беш-беши ман,
Қафо монад «балохӯр» бо ҳама зӯр аз бало хӯрдан,
Наяст осон ба саҳрои мазоҳаш роҳ паймудан,
Касе тоқат кунад, бодаш ба ин тоқат ҳазор аҳсан!

Бигирад нимхӯрда косаро аз пеши ман чаққон,
Ба банди ҳазли нав бандад маро якбора дар қапқон,
Бигӯяд: он қадар моле набудастӣ, аё меҳмон,
Ба пеши сер мондан ҳайф бошад нону дастархон,
Ба ин хӯрдан туӣ боз аз ҳама бисёр саргардон.

Ба ҳар ҳоле худамро даст мегирам ман аз ханда,
Вагарна мешавад аз ханда тарсам, рӯдаҳо канда,
Надонам, ки чӣ ранг ояд сафар манро дар оянда,
Ки ҷабре мекунад, ё шафқате бар ҳоли ин банда,
Чӣ ояд пеш, монад он ба ёди банда поянда.

Ба гардиш медарояд боз мошин бо раҳи борик,
Миёнбур меравад он, роҳи худро то кунад наздик,
Чӣ соне ки равад он, меравад аз пушти кори нек,
Намояд дер чангаш роҳи дар пас мондаро торик,
Бароям атри гул бошад ғубори кишвари тоҷик.

Таги токи лаби ҷӯбори боғоти навин оем,
Сару рӯмон ғуборолуда берун аз машин оем,
Назар бар ҳоли худ бинмуда, гӯям: чӣ барин оем?
Бигӯяд ӯ: чу муши осиёию чунин оем,
Зи нав бар ҳазлу нақли қиссаҳои навтарин оем.

Ба рӯи кат нишаста гап кунад оғоз оҳиста,
Гузашта рӯзҳои хешро иброз оҳиста,
Шавад бози хаёлаш боз дар парвоз оҳиста,
Бигӯяд корҳои карда бепардоз оҳиста,
Ба дил гӯям варо дар зиндагӣ устоз оҳиста.

Кашида оҳ, гӯяд: «Буд як соли нахусти кор,
Буд андар пеши мо чун қарз монда корҳо бисёр,
Саҳаргаҳ кӯдакон буданд чун дар хоби беозор,
Ба корам рафтаю аз кор мегаштам ба шоми тор,
Фақат дар хоб медидам рухи тифлони бар ман зор.

Маро якто писар будию буд ӯ мисли гул хандон,
Худаш сесола буду навзабону шӯху раҳгардон,
Даме медид манро, мешуд ӯ як булбули хушхон,
Зи паҳлӯю зи оғӯшу сари дастам намерафт он,
Дами ман ҳот аз ин мегашт, дил дар синаам рақсон.

Надидам ман варо аз зӯри кори беш се ҳафта,
Дил андар ёди ӯ аз сӯз мешуд реш се ҳафта,
Ба ҷон гӯё ки мезад мору каждум неш се ҳафта,
Намеомад хаёли рафтаам бар хеш се ҳафта,
Сиёҳие маро гӯӣ биёмад пеш се ҳафта.

Намондам тоқате, роҳӣ шудам як рӯз бар хона,
Надонистам, ки ман ҳушёр ҳастам, ё ки девона,
Ба раҳ пурсон шудам аз хонаам аз хешу бегона,
Касе равшан нагуфтам тинҷ бошад хонаам, ё на,
Чӣ мегӯям, ҳама бигзашта асту нест афсона.

Дари ҳавлӣ баёям, кас наметобад, шудам ҳайрон,
Намеояд ба истиқболи ман он булбули хушхон,
Сарам з-ин ҳол шуд монанди санги осиё гардон,
Дилам чун тифлаки бозичааш гум кардагӣ гирён,
Писар дар пеши бар омад баногаҳ ҳамсарам тозон.

Бигуфто, баччаам як ҳафта шуд нотоб мебошад,
Ба рӯзаш майли бозӣ нею шаб бехоб мебошад,
Надорад иштиҳоею хӯрокаш об мебошад,
Гаҳе орому гаҳ н-ором чун симоб мебошад,
Асири нолишу дар банди печутоб мебошад.

Гирифтам баччаро, бо ларзаи ҷон пеши бар кардам,
Табу сӯзи варо эҳсос дар ҷону ҷигар кардам,
Рухаш беихтиёр аз оби чашми хеш тар кардам,
Ба лафзи кӯдакона гуфтугӯе бо ӯ сар кардам,
Каме вазъи варо бо будани худ ман дигар кардам.

Лабаш аз гуфтугӯям гашт аввал бар табассум боз,
Бароварда аз забони шаккарини хеш пас овоз,
Бигуфто, хоб дорам. Ҷогаҳаш кардам бари худ соз,
Задам нӯги дарози мӯйҳояш бо дами миқроз,
Нахустин рӯз будам, ки накардам кор бар колхоз.

Бари ман соате нагзашта дидам бурд хобаш зуд,
Магар аз лутфу дидори падар ҷонаш даме осуд,
Намекандам ду чашми хешро ман з-он гули мақсуд,
Ба паҳлӯяш намудам селаи бозичаҳо мавҷуд,
Вале хобаш бибурд он сон, ки чашмонаш дигар накшуд.

Аз он дам то ба ин дам рафтааст умри ҷавони ман,
Гул оварду самар бахшид нахли ормони ман,
Агарчи пур бувад аз бачча ҳоло хонадони ман,
Вале ояд ба ёдам боз он ширинзабони ман,
Ҳамон дарду ҳамон ранҷу ҳамон рӯзу замони ман...»

Диламро нақли ҷонсӯзаш намояд об ин фурсат,
Дили шоир бувад бас хонае бар меҳру бар шафқат,
Ба ханда хандаву бар гиря гиря дорад он одат,
Набитвонам, ки ҳарфе гӯяму ҳазле дар ин ҳолат,
Дарун месӯзаму берун намоям мисли ӯ тоқат.

Баногаҳ пеши мо хоне кушода ҷой бигзоранд,
Ин аз ангушти духтар,--гуфтаю ангур низ оранд,
Чӣ қадр ин меваҳои боғи нав хуштозу бисёранд,
Ба ранг онҳо чӣ зебою ба тамъ онҳо шакарборанд,
Нишони заҳмати деҳқони бофазлу некӯкоранд.

Ба раҳ аз нав дарояд мошини навшустаю тоза,
Бадар аз боғ беозор мегардад ба дарвоза,
Ба ҷавлон ояд ин дафъа зи байни деҳа тарвоза,
Зи байни деҳае, к-ӯро дар ободист овоза,
Бигӯяд: буд ин ҷо пештар танҳо ду-се коза.

Ба заҳматҳои бепоёну сахтӣ гаштааст обод,
Ба рӯи баҳр низ, одам агар хоҳад, кунад бунёд,
Даме сустӣ намояд кас, равад уммедҳо барбод,
Дилеро бо раҳи ободӣ осон нест кардан шод,
Наяст ин бар ту, эй шоир, қалам, дафтар, китоб, эҷод.

Тавоно бошад он кас, ки дили дардошно дорад,
Ба дарди дигаре бо дардҳои худ даво дорад,
Ғаме дорад, фараҳ дорад, замин дорад, само дорад,
Каме дорад, заме дорад, барои наслҳо дорад,
Ба заҳмат ибтидо дорад, ба ханда интиҳо дорад.

Вай аз он некмардону аз он дарёдилон астӣ,
Ки андар роҳи мақсад Рустами ҳозирзамон астӣ,
Ба ёрон пешкору яктану ҳамдарди ҷон астӣ,
Заминро чун писар бар модари худ меҳрубон астӣ,
Забони он ҳамедонад, ба мардум тарҷумон астӣ.

Ба худ ин ҷо ҳама ӯро чу як аҳбоб бишносад,
Ба кори хоҷагӣ чун беҳтарин арбоб бишносад.
Зи хурдӣ то ба гурдӣ рӯдаки Сурхоб бишносад,
Замини лалму обию қади сангоб бишносад,
Ба шаб исторазору дидаи маҳтоб бишносад.

Ба сӯи деҳаи серодами Қурбоншаҳид оем,
Зи байни тутзори ду қатори раҳ падид оем,
Сари бошишгаҳи дилҷӯи Мирзои Саид оем,
Ба рӯи пахтазори хуррамаш ғарқи тамошоем,
Даме ин ҷой бо саркор Мирзо сӯҳбат ороем.

Қади ҷӯяк дарояд ӯ, ниҳолеро бубардорад,
Ҳамели шонаю гул, кӯраки он боз бишморад,
Ҳисоби ҳосилаш чун пешбин дарҳол биброрад,
Бигӯяд: об мон, ки пахтаатро об мефорад,--
Вагарна шонаву гул рехта, ҳосил намеорад.

Ба бошишгаҳ шавем аз шавқи пахта соате меҳмон,
Биёяд бӯи нони гарм ин ҷо аз бари чагдон,
Зи радио сарояд «Водии зархез...» Барнохон,
Хӯрем аз он таоме, ки ба саҳро мехӯрад деҳқон.
Барам чун бар табақ дастам, бигӯяд бо лаби хандон:

--Чӣ шуд гӯ, эй бародар, ту ба ферма дар ҳазар будӣ,
Ба оғил по намонда, рост андар пушти дар будӣ,
Зи шиму туфлиҳои хеш дар тарсе магар будӣ,
Дар ин ҷо устухони ғафс агар бинӣ, ба хушнудӣ,
Бубардорӣ чу каргас устухон бар чанг бо зудӣ?!

Ба ҳазлу шӯхии ӯ, рост гӯям, кардаам одат,
Ба мисли шеър гуфтан ҳам мазоҳ кардан бувад санъат,
Фақат шӯхӣ ба ман ӯ менамояд ин қадар шояд,
Сафар дар пешу мошин боз худ бар роҳ бидрояд,
Ба вай якбора нақле аз гузашта ёд меояд.

Зи ман пурсад: чаро Қурбоншаҳид ном аст ин деҳро?
Чаро гӯянд Олимтой як дашти калон кайҳо?
Бипурсад, пас бигӯяд қиссаи номи дуяш ҳоло:
Замоне ду бародар будаанд андар ҳамин маъво,
Яке Олим, яке Қурбон ба номи мондаи момо.

Замин будаст андар дасти як бои ҷафопарвар,
Ба ранҷи дигарон мекардааст ин ҷой кишт аксар,
Бародарҳо талаб карданд рӯзе з-ӯ замин камтар,
Вале хондаст бой он ҳар дуро дарҳол иғвогар,
Миёни бою онҳо мешавад ҷанги ҳақиқӣ сар.

Ба майдон мешавад Қурбон шаҳид—ӯ кушта мегардад,
Ба хуни хеш дар як субҳидам оғушта мегардад,
Ҳалок аз дасти бойи наҳс бенонушта мегардад,
Ба тарфи қотилаш андар ғазаб думушта мегардад,
Нигоҳаш вақти мурдан сӯи дашту пушта мегардад.

Аз ин гӯё ки Олим мешавад бедаст, ҳам бепой,
Раҳе меҷӯяд ӯ, то худ наафтад зери теғи бой.
Чу шоҳин мезанад болею мегардад савори той,
Ҳаросон пеш мегирад гурез, аммо ба ҳуюҳой
Ба таъқибаш саворе чанд меафтад ба дав з-ин ҷой.

Ба рӯи домани он дашт тояш мефитад аз по,
Ба гирди ӯ саворон ҳалқа мегарданд бо ғавғо,
Сарашро мекунанд аз тан ҷудо он даста бепарво,
Замин гуфтанду ҷон доданд гӯӣ он бародарҳо,
Аз ин ҷо номи ин деҳ омадасту номи он саҳро.

Надорад қиссаву нақле, ки бе номи замин бошад,
Зибас умре ба ӯ обу замин бахтофарин бошад,
Ҳамехоҳад замини беканораш бар нигин бошад,
Магар кайҳоннавард асту замин чархи барин бошад,
Ки рӯяш гаштаю кишташ кунад—тадқиқаш ин бошад.

Гулистон—деҳаи обод магардад ҳувайдо боз,
Замини пахтаи навкишта пеши роҳ пайдо боз,
Шавад байни ниҳолони самарвар сӯҳбаторо боз,
Забони ҳар якаш донад чу лафзи тифли гӯё боз,
Агар бинад алаф он ҷо, шавад дар хашми барҷо боз.

Назар бе ҳарф бинмояд ба чашму чеҳраи саркор,
Ба айбаш беталутове шавад саркор зуд иқрор,
Ҳамон соат ба ислоҳаш даромезанд бегуфтор,
Агар қудрат надоранд, аз дигар ҷо қувваҳои кор
Ҳаршарчӣ карда бифристад ба ӯ чун раҳбари ғамхор.

Табиат пеши эъҷози ҳунарҳояш бигардад мот,
Ки инро кардааст умре ба чашми одамон исбот,
Суман,--гӯянд,--мерӯяд ба хоки шӯр кай, ҳайҳот,
Замини шӯр аз дасти равонбахшаш гулу бар дод,
Гиёҳи дар замин рӯида бошад аз сахояш шод.

Писанди халқ гаштан, хизматаш кардан наяст осон,
Ба ҷо уммеду армони вай овардан наяст осон,
Ғамин аст ар, ғамаш аз дил баровардан наяст осон,
Варо бар кор андар раҳ даровардан наяст осон,
Ба қалбаш меҳри худро боз парвардан наяст осон.

Мушарраф гаштааст ӯ бар чунин иқболи беҳамто,
Ба ранҷу меҳнату ҷонкоҳию бехобии шабҳо,---
Ба дил ҷо карда халқашро шудаст андар дили он ҷо,
Ба одам чист авлотар аз он, ки андар ин дунё
Ба вай доранд бовар чун падар—чун соҳиби сарҳо.

Ба хотир оварам тӯе, ки андар деҳа барпо шуд,
Чунон тӯе, ки аз файзаш ду дил якбора якто шуд.
Дили яктошуда аз ӯ талабгори суханҳо шуд,
Муборак гуфту аҳсангӯӣ аз ҳар гӯша боло шуд,
Нишони эътиқоду меҳри мардум бар вай ифшо шуд.

Зи шодиҳои халқаш шодиаш бисёр мегардад,
Рухаш рангин аз он дар як нафас сад бор мегардад,
Суруди бахт аз симои ӯ такрор мегардад,
Ба ғамҳояш дилаш дар гиряву афгор мегардад,
Ғами вай беш балки аз ғами ғамдор мегардад.

Даме сарвар бишуд эълон, набудӣ рашкбар ҳам кам,
Бахили гӯртангу бадхаёлу шубҳагар ҳам кам.
Ба ғоиб шӯрандозу ба ғайбат боҳунар ҳам кам,
Ҳасуди гушначашму фитнахоҳи пурхатар ҳам кам,
Касони гапкашу аз кори аслӣ бехабар ҳам кам.

Валекин бо мурури рӯзгор он зумра кам гаштанд,
Ниҳону ошкоро рағмаш арчи дам ба дам гаштанд,
Ба ботинҳо хӯроки каждуму морони ғам гаштанд,
Ба ҳукми зиндагонӣ рафта-рафта муттаҳам гаштанд,
Забони тавба бикшода, адамтар аз адам гаштанд.

Ҷаҳони тира охир мешавад пурнур аз хуршед,
Ба одам қудрату иқбол бахшад олами уммед,
Баландӣ гар кунад бахтат, самар бахшад дарахти бед,
Бувад кӯтоҳ мисли як нафас умри бадӣ, донед,
Ба ҷуз номи накӯ чизе набошад зиндаву ҷовид.

Муяссар номи нек аммо ба ҳар одам намегардад,
Муяссар бар касе гардад, ки ӯ беғам намегардад,
Ба мисли он ҷавон, к-аз сохтмони БАМ намегардад,
Ба вақти хизматаш балки зи мурдан ҳам намегардад,
Ба дунёи саховат камтар аз Ҳотам намегардад.

Варо номи накӯю шӯҳрату шони ҳалол астӣ,
Ҳалолӣ ҳам ба мисли ростиҳо безавол астӣ,
Ҳамеша дар паноҳу ҳамрадифи эътидол астӣ,
Зи меҳнат ҳар куҷое гап равад, ӯ як мисол астӣ,
Масал ҳастӣ ба мардиҳову сарҳарфи мақол астӣ.

Ба назди хонаи худ меравад хуршед оҳиста,
Ба саҳро дар видояш боз орад нури шоиста,
Насими фораме гоҳо зи пушти хеш бифриста,
Қафо гардад зи раҳ мошин хаёли ӯй дониста,
Бигӯяд пахтаро имрӯзҳо гармист боиста.

Маро дар хонаи дилхоҳи худ шаб мекунад меҳмон,
Зи ҳазлу шӯхиҳои ӯст аммо тарси ман чандон,
Наёбам гар ҷавобаш ман, шавам бар хештан товон,
Паёпай шӯхиҳои ӯ фурӯ резанд чун борон,
Ҷавоби хуб гоҳе ёбаму гоҳе наёбам он.

Яке ёбанд байни мо ба баҳсе шӯхиҳо табдил,
Ба ғайри ханда набвад гарчӣ аз ин баҳси мо ҳосил,
Бигӯям, ки қаламкаш будан—ин бисёр ҳам мушкил,
Чаро ки роҳ меҷӯӣ ба мулки ноаёни дил,
Аз он манзил ба ин манзил, аз ин манзил ба он манзил.

Ҳамегӯяд, ки ту пиндорӣ, осон аст деҳқонӣ,
Надонам калла дорӣ ё ки не бо ин суханронӣ,
Фақат он бутта месӯзад, ки оташ дар ҳамон монӣ,
Кадомин гушна мехонад китоб, инро ту медонӣ?
Магар ки аз қаламкашҳост ҳар ҷо нони арзонӣ?

Шабам хӯш гӯяду монам дар ин хона мани танҳо,
Хаёлам боз мегардад ба мисли бод дар саҳро,
Ки гӯӣ шаб наю рӯз аст, дорам ман тамошоҳо,
Саҳар ояд, на нон асту на чой асту на ӯ ин ҷо,
Қариби чошт ояд, гӯяд аз нав боз бепарво:

--Канӣ, гап зан, қаламкаш, хондӣ имшаб аз кадом эҷод?
Фақат гӯям, ки кардам қиссаи «Деҳқону Мулло» ёд,
Чунин рафторатон бар ман дигар як сирро бикшод—
Ҷамеи боии колхозро донистам аз бунёд,
Ҳама дар сахтӣ будасту ба ин сахтӣ Шумо-устод.

Ба шӯр афтида бар ман менамояд ӯ баланд овоз:
--Чӣ гуфтӣ, хайр, монӣ гар дару дарвозаашро боз,
Ҳисобашро, китобашро набинмоӣ ба вақташ соз,
Касе ояд, хӯрад онро, барад онро ба унҷу ноз,
Чихелӣ мешавад кору чихелӣ мешавад колхоз?

11

Ҳанӯз аз сӯҳбату аз ҳазлу шӯхиҳош носерам,
Сафар дар пеш, ҳоло банда не рӯбоҳу не шерам,
На барвақт асту не гаштаст айёми сафар дерам,
Чунонки не ҷавонам, не тавонам гуфт, ки пирам,
Ҳар он чи пеш ояд, хешро худ даст мегирам.

Равам то бар идора, дар қабулгаҳ аз дигар шинам,
Қатору чеҳраи ҳарранги корафтодагон бинам,
Тамошобинаму ҷӯёи ҳарфу сатри ширинам,
Зи наздаш ҳар кӣ берун мешавад, аз рӯш гул чинам,
Шавад сад ранг чун гулзорҳо з-ин фикру рангинам.

Ба унвони вай аз мардум ба вақташ дастаи арзест,
Ба ҳар мазмун, зи ҳар бобат, ба ҳар мақсад, ба ҳар тарзест,
Ҷавоби лоиқе бар арзҳо додан варо қарзест,
Адои қарз, бешак, фарзтар дар пешаш аз фарзест,
Дили мардум агар марзест, дилёбӣ ба ӯ варзест.

Бипурсам мӯсафедеро, ки ӯро қомати чанг аст,
Ба мисли ҷӯяҳои пахта дар пешонияш ожанг аст,
Валекин сахттар алҳол ҳам чанги вай аз санг аст,
Ба ҳар як тори мӯяш як ҷаҳон маънию оҳанг аст,
Чӣ хизмат дорӣ, эй бобо, магар аҳволатон танг аст?

Маро аҳвол,--гӯяд ӯ,-- бувад некӯй, фарзандам,
Ҳазорон шукр мегӯям, ки ободу барӯмандам,
Ба давлатдорҳо аз давлати колхоз монандам,
Фақат як маслиҳат дорам, ки андар фикри он бандам,
Бубинам ку, чӣ мегӯяд Раис, бидҳад чӣ сон пандам.

Яке духтар маро бошад, ки гардидаст ӯ қадрас,
Ду-се бор аст охир хостгорӣ оядаш як кас,
Намедонам гапаш гирам ва ё гардонамаш бар пас,
Шиносам нест ӯ чандон, ки мехоҳад гуле ё хас,
Ба ин розигию фикри Раис даркор бошад, бас.

Шунида ин сухан ояд ба ёдам қиссае дигар,
Надонам шӯхӣ бошад ё ҳақиқат, то кунам бовар,
Ба фасли гул, ки будаст ин гул аз он, он аз ин беҳтар,
Ба гулзори ҳамин ҷо об мемондаст гулпарвар,
Ки пешаш омада гуфтаст Оимбону—як духтар:

Чӣ мешуд, к-аз ҳамин гулҳо ба ман як гул ту медодӣ?
Надонистаст гулпарвар чиҳо гӯяд, чӣ аз шодӣ,
Гуле кандасту гуфтаст, эй гул, аз ту хоҳам имдоде,
Ки ҷои ту шавад як бӯса з-он гулбарги озоде,
Дили вайронаам то як нафас дарёбад ободӣ.

Шудаст аз ин тавалло духтар аввал гӯиё розӣ,
Асири ишқ нею гаштааст ӯ ғарқи гулбозӣ,
Нисораш гул паси гул мешавад аз ҷаҳди микрозе,
Чу гулпарвар шудаст андар бараш, бо ишваю нозе,
Гирифта дастагулҳою баровардаст овозе:

Агар дорӣ ту аз ман бӯсаҳои гармакак хоҳиш,
На ҷангат мекунам сахту на нармат мекунам коҳиш,
Чу шабнам рӯи барги гул бубахшам бӯса осоиш,
Касе, ки дӯст дорад, бӯсааш пок аст аз олоиш,
Вале рухсат набошад, аз Раис то н-орӣ фармоиш.

Ба пешаш балки рози дил ҳамегӯянд бедилҳо,
Зи бас ӯ мавҷи дарё дидаю дурии соҳилҳо,
Ба роҳи зиндагӣ гардида манзилҳо ба манзилҳо,
Биафтодаст чашмаш ҳам ба ҷоҳилҳою оқилҳо,
Умед аз вай кунанд, ояд агар бар ҳар кӣ мушкилҳо.

Сухан кобам, сухан бар хеш донам болу пар дорад,
Зи пушти қуллаҳою рӯи дарёҳо гузар дорад,
Агар пайдо шавад садде, бар он фатҳу зафар дорад,
Ба худ гӯё атому таркише дар баҳру бар дорад,
Дигар пайваста заҳри талхею шаҳду шакар дорад.

Сухан гӯям чунон, ки номи ӯ андар сухан монад,
Ба монанди суруде дар забони марду зан монад,
Абад бо умри ин колхозу саҳрои Ватан монад,
Ба мисли мавҷаи Сурхоб шӯху ҷӯшзан монад,
Чу арзи эҳтироме бар вай он аз номи ман монад.

Равон инак шавад мошин зи ҷояш дода як сигнал,
Ба раҳ нею ба чашми ӯ кунад шофир нигаҳ аввал,
Ҳама дар ёди вай гӯё ки бо ин мешавад маҷмал,
Миёни деҳи навобод мегардем мо маътал,
Чӣ деҳ, онро, бигӯй, додаанд ороиш аз зарҳал.

Зане аз кӯча ин ҷо мекашад ғур-ғуркунон саргин,
Ба рафти заҳматаш гардад дуболо ғур-ғураш хашмин,
--Бигӯяд: хайр, чӣ, колхоз шуд гуфта, дигар бо ин
Ба ҳар хоку балои кӯчаҳо ҳам мешавад зомин,
Ки фармуданд бардорем аз раҳ поруи чиркин?

Зи тундиҳои он зан мекунад оҳиста лабханде,
Ба шӯхӣ баски дорад хашми ӯ як қадр монандӣ,
Ба ин феълу ба ин кору ба ин фазлу ҳунармандӣ,
Чу мурғе қалби ман дар ҳалқаи ҳайрат кунад банде,
Машин гирад ба сӯи дигаре пас роҳ барбандӣ.

Зи табъи хуш ба гап ояд, бигӯяд инчунин ногоҳ:
Ҳамегӯянд, Мушфиқӣ ба ҳангоме ба ҳукми шоҳ
Ба този асп гуфтаст он қадар шеъре ба сӯзу оҳ,
Ки шаҳ андар шигифт афтодааст аз табъи вай он гоҳ,
Ту ҳам, шоир, бигӯ як шеър, то кӯтаҳ шавад ин роҳ.

Таманнои ту, гӯям, шавқи манро мекунад бедор,
Зи ҷӯши беш гардад чашмаи илҳоми ман анҳор,
Агар як сатр гӯям, з-ӯ шавад сатри дигар такрор,
Ба шаъни ту агар байте биёбам, хонамаш сад бор,
Ки гӯӣ, вақти гулханд асту булбул нола дорад зор.

Набошам Мушфиқӣ гарчи, наяст ин аз бароям қин,
Дави асп он сӯ истад, шеър гӯям бо дави мошин,
Худаш бас шеър бошад, шеъри хуб ин водии заррин,
Зи поин то ба болою зи болоҳош то поин,
Ки ҳар як байти онро додаӣ ту маънии беҳин.

Пайи ҳам сатру байти шеър, яъне дарди ҷони ман
Занад фаввора мисли об аз табъи равони ман,
Барои шеър, гӯӣ, об гардад устухони ман,
Бувад ҳарфи нахусте номи ту чун дар забони ман,
Мукаммалтар шавад аз ин бинои достони ман:

Тамоми рӯшноиҳо зи нури меҳри рахшон аст,
Ҳама хони бисоторо зи ранҷи дасти деҳқон аст.
Раис беист мегардад зи кишта гирд бар кишта,
Ба монанди замин, ки даври меҳвар гирдгардон аст.
Нарезад то ба баҳре рӯд, оромӣ намедонад,
Нагардад то фузун ҳосил, Раис бесабру сомон аст.
Ба шаб дар хоби роҳат мешавад мардум ҳама, лекин

Раис то субҳдам бедор мисли моҳи тобон аст.
Шавад сад бор берун ҳар шабе аз бистари хобаш,
Чу аскар деҳу оромии деҳ гӯё нигаҳбон аст.
Ғами пахта зи сар хобу зи дил бурдаст сабрашро,
Ҳаворо бингарад соф аст, ё абрею борон аст...

Намоён мешавад аз пеш дашти бесару бебар,
Саропо пахтазор асту ба чашм он дилрабо манзар,
Ба бехи ҳар ниҳоли пахта, гӯӣ, ҳаст як духтар,
Чӣ духтар? Духтарони дар ҳунар бемисли зарпарвар,
Ки инаш з-ону онаш з-ин кунад ҷаҳлу ҷадал беҳтар.

Ту гӯӣ, ҳар ниҳоли пахта бошад тифлу онҳо мом,
Аҷоиб тифлҳо, ки ҷумлагӣ доранд якто ном,
Чунон номе, ки гирад бар забонаш доимо аввом,
Зи шавқи кор ҷӯшад духтаронро ҳар нафас илҳом,
Сарояд ҳар кадоми он суруде андар ин ҳангом:

Бар дидаву дил, Раис, аҷаб матлубӣ,
Бар мардуми меҳнатии деҳ маҳбубӣ.
Ғамхории ту дидаву мо мегӯем:
Монанди Ҳукумати Советӣ хубӣ?

Як умр туро ба худ падар мехонем,
Пушту панаҳу соҳиби сар мехонем.
Дар зиндаву дар мурдаи мо мебошӣ,
Дилсӯз туро чу роҳбар мехонем.

Дарёи бачӯш гоҳ ором ояд,
Маҳтоб ба шаб то лабаки бом ояд.
Дар ҷӯш вале Раиси мо беист аст,
Бар пахтазамин ба субҳу бар шом ояд.

Ӯ кори баду кори накӯ медонад,
Бо пахта тариқи гуфтугӯ медонад.
Саҳрои кушод бар дилаш ҷо дода,
Маънии фиғони оби ҷӯ медонад.

Ин беди баланд соярези лаби ҷӯст,
Ду суффа ба зери сояш рӯй ба рӯст.
Ин ҷой даме Раиси мо дам гирад,
Як қувваи тоза баҳри мо сӯҳбати ӯст.

Мо духтаракон, ҳама санохони Раис,
Ӯ ҷони ҳамаю мо ҳама ҷони Раис,
Фикри ваю фикри мо бувад якхела,
Паймони тамоми мост паймони Раис.

Чил сол шудаст ӯ кунад хизмати мо,
Мо заҳмати ӯ кашем, ӯ заҳмати мо.
Роҳат бубарад фақат ҳамон лаҳза, ки ӯ
Бинад чу ҷамоли орзу роҳати мо.

Нимрӯзӣ гузашта рафтаю пешин аст,
Дар бозӣ ба дашт бодаки салқин аст,
Ояд, чу рафиқ Раис хабаргирии мо,
К-аз гӯшаи дашт ғур-ғури мошин аст?!

Он теппа, ки рӯи ӯст як-ду қарағоч,
Болост зи марзи пахта се-чор қулоч.
Мондаст нишон, ки буд ин ҷо чӣ тариқ,
Он гуна, ки дар музей фитодаст амоч.

Дар соҳили ҷӯ ду-се чинор афтодаст,
З-ин ҷо ба Раис раҳи гузор афтодаст.
Сангоби васеъ назора дорад, магар ӯ
Дар фикру хаёли шолизор афтодаст?

Аз хок шавад ниҳолаки пахта баланд,
Хокист касе, бувад ба ҳар ҷой писанд.
Зинҳор Раис ҳавобаландӣ накунад,
Бар хок занад худаш зи болоӣ каланд.

Ҳар ҷӯяки пахта аст озодаву рост,
Ҷорӣ ба миёни ҷӯяҳо оби шифост.
Ҳар бор Раис нигаҳ кунад ҷӯи ба ҷӯ,
Гӯяд, ки ба ростӣ набошад каму кост.

Ин пахта ҳамеша нони мо бар даҳан аст,
Пероҳани тозаю сафои бадан аст.
Бе он набувад зиндагии серупуре,
Бар мурдаи мо пахта дигар-ин кафан аст.

Мо кокули худ ба панҷаҳо шона занем,
Аз пахтазамин гиёҳи бегона канем.
Мо Гавҳару Сайливу Зулолем ҳама,
Мардонадилему шаънхоҳи Ватанем.

Дар шохаи бед лонаи чумчуқак аст,
Арғунчаке чанд дар тагаш чун тарак аст.
Ин тифл кунад гиря ва ё тифли дигар,
Чун модари нек аллагӯ як занак аст.

«Ҳарчанд Сикандари замонӣ», гӯянд,
«Бе пир марав, ки дарбимонӣ», гӯянд.
Бобои Раис ба мо бувад пири абад,
К-ӯро ҳама пири қаҳрамонӣ гӯянд.

Ҷон садқаи ту, дугонаи некӯям,
Ман рози дилам ба пеши ту мегӯям.
Дорам ҳавасе, ки он даме тӯй кунам,
Бобои Раис шавад раис дар тӯям.

Ар-ар ба лаби канал сарафроз шуда,
Гунҷишк зи шохааш ба парвоз шуда,
Аз машварату талабкуниҳои Раис
Ҳар кас ба талоши хеш устоз шуда.

Булбул ба чаман барорад овоз, хуш аст,
Рухро бикунад бунафша гар боз, хуш аст.
Мо, духтаракон, ҳама парастори ҳаёт,
Аз боиси мо ҳаёти колхоз хуш аст.

З-он рӯз ки мо чашми хирад бикшодем,
Дидем, ки аз меҳнати худ ободем.
Бо гуфти Раис рафта ҳама пухта шудем,
Бар кор чу бод чобуку озодем.

Рӯзе, ки ниҳоли пахта бар гул ояд,
Аз шавқ ба сина дил ба ғул-ғул ояд.
Бар гӯш расад дубора ин ҳарфи Раис:
«Бахт он, ки дарахти кас ба маҳсул ояд».

Даштест паси дашт дар ин водии мо,
Охир набувад чу дашт бар шодии мо.
Бар ҳар чӣ дар ин бодия оем дучор,
Ҳар лаҳза Раис худаш бувад ҳодии мо.

Мактаббача пайрави муаллим бошад,
Дар ҳурмати пири хеш доим бошад.
Мо пайрави бовафою дилхоҳи Раис,
Кори ӯ ба мо мактаби таълим бошад.

Мо ҷумла заминпарасту деҳқонзодем,
Дил мисли паррандаҳо ба саҳро додем.
Ояд бари мо Раис ва ё не, чӣ аҷаб,
Дар синаи хеш ҳайкалаш бинҳодем.

Ба мисли рӯи дунё мешавад қалбаш кушод аз ин,
Бигардад ашки шодӣ чарх дар чашмони некӯбин.
Ки аз ӯ нест кас ранҷидаву аз ранҷҳо ғамгин,
Назар бинмояд аз нав кӯҳу саҳро аз дари мошин,
Шавад аз шалпариҳои раҳи дуру дароз эмин.

Замин ҳам гӯӣ бар ӯ арзи миннатдориҳо дорад,
Чу модар дар ҳақи фарзанди неки худ дуо дорад,
Ки дардашро набинад, солимияш муддао дорад,
Ба истиқболи вай гул дар кафаш дар ҳар куҷо дорад,
Зи ҳастию зи нангаш ифтихоре доимо дорад.

Ҳамегӯяд, ки фарзандам, ба ман бас некиҳо кардӣ,
Ба дарде банд будам, ту аз он дардам раҳо кардӣ—
Чу бемор об мечӯстам, ба ман обе ато кардӣ,

Ба тан ҷонам бубахшидию рӯям пурсафо кардӣ,
Дуоямро гирифтиву ба фарзандӣ вафо кардӣ.

Касе розӣ намояд волидайнаш, ғам намебинад,
Ба умри хештан зинҳор дасти кам намебинад,
Миёни халқ худ беэҳтиром одам намебинад,
Ба ҷуз бахту саодатмандӣ дар олам намебинад,
Шикастақалбиҳо дар рӯзи сахташ ҳам намебинад.

Машин бо роҳи нав—аз лаб-лаби Сурхоб меояд,
Ба болои сари мо меҳри оламтоб меояд,
Зи дашти дур гаҳ боди басо ноёб меояд,
Дил аз гармӣ ба доми ҳолати нобоб меояд,
Ҳубобе рӯи дарё бар дами гирдоб меояд.

Бубинад рафтани рӯду бигӯяд умри одам чист,
Ки мисли об доим дар шитоб асту надорад ист.
Агар некӣ наорад кас, бигӯй, рафт ӯ бе зист,
Дусад сол умр бинад, ё набинад бештар аз бист,
Дил андар синааш гӯё ба умри одамӣ бигрист.

Ба парки «киштиҳои сабз» мошин оварад моро,
Чу аспи бузкашӣ ҳар киштӣ омодаст аз ҳоло,
Ки гӯй, ҳар якаш гӯяд маро ронед бар саҳро,
Нигаҳ доранд имояш комбинезонпӯш Гавҳарҳо,
Шукуфад з-ин ба рӯяш аз табассум лолаи ҳамро.

Назар бар киштиҳо монандаи таъмиргар дорад,
Зи ботин, ҳам зи зоҳиршон ту гӯӣ ӯ хабар дорад,
Хабар дорад, бале, уммед аз онҳо бештар дорад,

Ки осонии ранҷи пахтачинон дар назар дорад,
Чу як соҳибназар афкори мақбули башар дорад.

Ба ҳар ҷое равем, он ҷо барори корҳо барҷост,
Нишони фатҳ разми мардуми мушкилкушо пайдост,
Касе меҳнат парастад, дасти ӯ дар ҳар куҷо болост,
Бубинам ин ҳама, гӯям ба ҷои шеър ман нохост:
На колхоз аст ин, балки худаш як давлати дунёст.

Таги зебо чинори чойхона бо ӯ биншинам,
Саломи хушкалому боадаб аз мизбон бинам,
Барои бозӣ ҳар як донаи шатранҷро чинам,
Бironам гаҳ пиёда, гаҳ занам бар асп қамчинам,
Гаҳе болои зин бошам, гаҳе ғелон таги зинам.

Шавем аз ду тараф мо ду команда андар ин бозӣ,
Яке «Вассоф», дигар «Зиндагӣ» эй, нозанин бозӣ!
Бувад ӯ «Зиндагӣ», «Вассоф» ман дар охирин бозӣ,
Рақибаш ман, рақибам ӯ, надидам ман чунин бозӣ,
Тамоман ҷиддӣ бошад аз дигар бозӣ ҳамин бозӣ.

Бигӯӣ, тахтаи шаҳмот майдонест бепоён,
Ва ё ки ҷо гирифтаст андар он як бекарон майдон,
Занад бар дуриҳои дур аспи «Зиндагӣ» ҷавлон,
Шавад «Вассоф» аз эъҷозҳои «Зиндагӣ» ҳайрон,
Ба ҳар як ронданаш аз фикрҳо ҷӯшад сарам, медон.

Надонам, камҳунар бошам ва ё ҳоло ҷавонам ман,
Ки пешаш гаҳ тавоною дигар худ нотавонам ман,
Агарчанде ки «Вассоф»-ам, вале чун безабонам ман,

Куҷое «Зиндагӣ» роҳист, аз пушташ равонам ман,
Сабақомӯз аз вай мисли тифли дарсхонам ман.

Қафо «Вассоф» гӯяд мондааст аз «Зиндагӣ», оре,
Бувад донистани асрори вай бас кори душворе,
Агар донистанаш хоҳӣ, варо шав ҳамдаму ёре,
Бубин ту сахтиҳои «Зиндагӣ»--дунёи пуркоре,
Пас аз он ҳамчу «Вассоф» ой бар разму ба гуфторе.

Ба ман шояд, ки ҳамчун ҳазл гӯяд ҳарфҳояшро,
Вале ман рост хонам ҳарфҳои бехатояшро,
Зи пушти «Зиндагӣ»-ям, гаҳ набинам гарди пояшро,
Даме хоҳам намоям васф маънию сафояшро,
Чӣ ҷои шарҳ пас ин нуктаи пандошнояшро?!

Шавам чун майзада аз бозии шатранҷаш акнун ланҷ,
Зибаски холи ман яктост, холи ӯст беш аз панҷ,
Агарчи ғарқ дар баҳри таммул гашта, бинам ранҷ,
Чу бахт омад надорад, бо ҳазорон ранҷ н-ояд ганҷ,
Магар ҳангоми бозӣ дар кафаш ҷоду бувад шатранҷ?!

Ба паҳлӯи хиёбон дар бараш монам қадам кам-кам,
Зи сар то ланҷиҳои бозии шатранҷро ронам,
Ба гӯш ояд яке аз қаср овози суруд ин дам,
Хаёли ман зи як олам равад з-ин бар дигар олам,
Худ инро донаду манро барад он қасри зебо ҳам.

Ба машқе банд бошад «Чашма»*-и ҷӯшони колхозӣ,
Ба саҳна «Тӯй» бигзорад ба шавқу завқи дилбозе,

---

* Ансамбли халқии колхоз

Ки он як тӯйи колхозист—бошад аз ҳама созе,
Тамошояш намояд ҳар кӣ, аз вай мешавад розӣ,
Бувад санъат аз они халқ, халқаш дорад устозӣ.

Чу герби санъати колхоз «Тиллоӣ табар»[1] ин ҷост,
Ки он хуршедосо дар равоқи саҳна нурафзост,
Суруде аз дили санъатварони боҳунар болост,
Ки он дар васфи меҳнат, васфи колхоз аст, то дунёст,
Ва ӯ ҳам гӯиё дорад ҳамовозӣ, чу дилбарност.

Дигар ман чун рафиқ аз ӯ ҷудо гаштан набитвонам,
Зи банду ҳалқаи меҳраш раҳо гаштан набитвонам.
Ба мисли бар дигар кас ошно гаштан набитвонам,
Зи қавли дӯстӣ мӯе қафо гаштан набитвонам,
Даме бе ёди ӯ бар ҳеҷ ҷо гаштан набитвонам.

Ҳамегӯянд, бишносанд мард андар сафар беҳтар,
Сафар кардан ба одам медиҳад як олами дигар,
Сафар ман бо ӯ дорам, нестам аз ин сафар музтар,
Ба покию ба мардияш намоям бебадал бовар,
Ба дил ҷояш кунам монанди сабти шеър дар дафтар.

Набошад интиҳое ҷӯши баҳри ҳиссиётамро,
Ба баҳри зиндагӣ чун моҳӣ андозам мамотамро,
Чӣ ояд пеш, нанмоям дигар азму суботамро,
Набигзорам зи дасти хеш килкамро, давотамро,
Ба васфи зиндагӣ бахшам чу вассофон ҳаётамро.

Биёяд тирамаҳ, рӯи замин хирвори зар гардад,
Баробар бо лаби ҷӯ об як бори дигар гардад.

[1] Табарчаи тиллоӣ—мукофотест, ки онро санъаткорони колхоз дар Полша гирифтаанд

Насими шӯх аз файзи фаровон муждабар гардад,
Камар баста ҳама, роҳӣ ба майдони ҳашар гардад,
Зи нав ин шоири дилдода бо ӯ ҳамсафар гардад.

Рухаш бар чашми ман ин дафъа маъвои шафақ бошад,
Ки он бар абрсӯз аз нури нусратҳо сабақ бошад,
Ба рухсораш шукуфон гул табақ андар табақ бошад,
Чу хатти оби рӯи нон ба пешониш арақ бошад,
Ки аз девони хурсандии ҳосил як варақ бошад.

Ба дашти пахтаи хандон талошу кор дар ҷӯш аст,
Чӣ зебо, кокулони духтарон аз пахта гулпӯш аст,
Чу садбарги сафеде баста пахта то баногӯш аст,
Гули сурхосафед—ин дузди дил, ғоратгари ҳуш аст,
Ки олам пеши он чун хоб аз хотир фаромӯш аст.

Лаби баҳри садаф омода киштиҳо ба ҷавлонанд,
Валекин нохудоҳо рухсату фармоне пазмонанд,
Чу ояд, пеш аз он ки киштиҳои хешро ронанд,
Варо чун пир аввал дар қафои рул бишнонанд,
Биронад зуд киштиро чу онҳое, ки медонанд.

Нахустин бордон дар киштии вай пур шавад аз зар,
Дарорад пас Малика киштияш монандаи Гавҳар,
Руҷӯе чун мусобиқа шавад дар киштидорон сар,
Диҳад фотеҳае бо ин ба мардони зафаровар,
Ба мисли пири бохайру пурэҳсоне ба баҳру бар.

Равон гардад паси ҳам корвони ганҷи беҳамто,
Валекин кам нагардад ҳосил аз ин ҳеҷ дар саҳро,
Кӣ ояд пеш бар марра, нигаҳ дорад ҳама инро!

Яке дар ҷои аввал, он дигар дорад ҷадал кайҳо,
Ки бошад аввалин аз аввалин дар ҷодаи дилхоҳ.

Ҳама дар ҷои аввал нест мумкин по ниҳад лекин,
Яке боло барояд, дигаре ҷо гирад аз поин,
Дар ин арса чу пурдида ниҳад ӯ по ба як оин,
Ҳисоби вақту ҳосил, қувва дар пешаш бувад таъмин,
Ба марра норасидан нест бар вай ҳеҷ гаҳ мумкин.

Яке аз раҳбарони некхоҳ аз ӯ шавад пурсон:
Қафо монӣ, чаро эй Миралӣ, худ аз дигар ёрон?
На ҷиддию на бо ҳазле бигӯяд дар ҷавоб алъон:
Қафо мо нестем, аммо манам бисёр з-ин ҳайрон,
Саросема чаро бошанд охир ин қадар онон?

Ш

Дар қиёси кӯҳна бо нав қадри нав боло шавад,
Роҳати безаҳмат охир аз куҷо пайдо шавад?
Саргузашти Миралӣ таърихи ранҷ асту азоб,
Дар баёнаш гар нишинам, ҷо нагардад дар китоб,
То мубаддал ӯ найистоне кунад бар пахтазор,
Бо бародар шуд муқими хаймае дар як баҳор.
Гӯш мекард Амралӣ бар Миралӣ чун бар падар,
Баски ғайр аз Миралӣ соҳиб набуд ӯро дигар.
Ҳар ду буданд аз пайи як мақсад андар гирудор,
Буд гирудори онҳо сахт мисли корзор.
Шуд барору бебарорӣ ҳамрадифи корашон,
Гоҳ бахту гоҳ бадбахтӣ ҳамешуд ёрашон.
Ин ба ону он ба ин мегашт зӯру иқтидор,
Ҳамдигарро ҳар замон буданд ҳар ду ғамгусор,
Гуфт рӯзе Амралӣ: «Бояд бисанҷам ин макон,
То куҷо дорад сару бар, то шавад бар ман аён».

Рафт, аммо бар нагашт аз роҳи рафта ӯ дигар,
Кас намедонад куҷо шуд он ҷавони пурҳунар.
Ё миёни чурғе афтиду нашуд берун аз он?
Ё ки шуд дар гӯшае ӯ тӯъмаи даррандагон?
Ё ки Сурхобаш надод аз байни худ роҳи гузар?
Ё ки шуд селобаи сели баҳорон бехабар?
Дар ғаму сӯзи бародар Миралӣ шуд мубтало,
Мегазидаш гӯиё ҳар лаҳзае мори азо.
Об не, аз дидаҳояш гӯӣ меборид хун,
Ҳоли ӯ чун мурғи бепар дам ба дам мешуд забун.
Чун мададҷӯ бо фиғон аз козае бар коза шуд,
Гумшавии Амралӣ дар козаҳо овоза шуд.
Марду занро кард даъват аз қафояш Миралӣ,
Буд чун бемор ҷӯёи давояш Миралӣ.
Кард бо зӯру ҷадал дигар раҳи Сурхобро,
Ҷуст бо сӯзу гудози беш зери обро,
Чаппа аз як сар намуд охир найистони калон,
Аз бародар лек ӯ пайдо накард ин ҷо нишон.
Дар замини чаппагашта сар ба сар пундона кишт,
Пахта бо доғи бародар гашташ умру сарнавишт.

Соли 1939 Миралӣ сардори бригада таъин шуд. Баъди як сол ду колхозро муттаҳид карда, ӯро раис интихоб менамоянд. Колхоз 64 гектар майдони пахта, 70 гектар замини галла, 21 сар бузу гӯсфанд, 3 сар гов, 4 сар аспи саворӣ, 1 аробаи говӣ, 1 трактори «СТЗ» ва ҳамагӣ 40 нафар аъзо дошт. Плани пахта аз ҳар гектар 7 сентнерӣ буд...

Ҳиммати колхозчиён боло намудан шуд зарур,
Қитъа-қитъа пахтазори нав кушудан шуд зарур.
Миралӣ бар пеши худ хонд Улаю Бобоназар,[2]

[2] Улаю Бобоназар –аввалин механизаторони колхоз

Якта-якта мақсадаш гуфто ба онҳо мухтасар:
«Ҳалли кори хоҷагӣ аслан ба дастони шумост,
«СТЗ» дар рафтуо танҳо ба фармони шумост.
Ҳеҷ кас дигар намедонад чӣ сон ронад варо,
Кор бе кори шумо нокарда монад ҷо ба ҷо.
Вақти мардию талошу ҷушиши ори шумост,
Пояи уммеди мо—ин равнақи кори шумост...»
Ӯ дили ҳар марду зан дониста мемонд инчунин,
Ҳар якашро додару хоҳар ҳамехонд инчунин.
Корро то пеш меомад ривоҷею барор,
Беибо рағми раис мехест ҷо-ҷо фитнакор.
Байна[3] буд он ки раҳи пурфитнаву ғавғо гирифт,
Мисли кирми ғӯза зери хору хас маъво гирифт.
Дам ба дам мехост бар кори раис орад зиён,
Шубҳа андозад ба дилҳои ҳама колхозчиён.
Пеши ину он шуда дар банди ғайбат мефитод,
Аз «бадии» Миралӣ бар гӯшашон гап мекушод.
Аз падар,--мегуфт,--тарбият надидаст ин сағир,
Гушна гаштаст аз қафои пода умре дар адир.
Модараш ҳам подабонӣ дошт дар умраш фақат,
Тефи канда, пои урён, чун гадо бо ҳоли бад.
Бегаҳиҳо тӯрбаеро карда бар гардан кашол,
Дод мезад дар ба дар: «Оши ҳалол, оши ҳалол!»
З-ин сағири нонталаб суде набинад ҳеҷ кас,
Боиси як дон кунад моро чу мурғ андар қафас.
Гӯиё мо зӯрдастонем андар чашми ӯ,
З-ин сабаб ҳаргиз нагардад паст бар мо хашми ӯ.
Бесаводу беҳунар набвад касе бар сони ӯ,
Беҳтараш, печем сар аз гуфтаю фармони ӯ.
Ё раҳе ёбему бекораш аз ин мансаб кунем,

[3] Байна—раиси пешинаи колхоз.

Ё ду-се кас рафта ӯро нест дар як шаб кунем.
Кӯч ё бандем з-ин ҷо мо ба колхози дигар,
Мешавад бе мо яқин бе дасту по, бе болу пар.
Чанд касро аз паси худ Байна саргардон намуд,
Ваъда бар онҳо зи бас обу замину дон намуд.
Кас нашуд аз ваъдаҳои Байна лекин баҳраманд,
Буд чунки ваъдаҳои ӯ ҳама лофею фанд.
Қаҳри Байна беш шуд аз бебарориҳои хеш,
Фитнаҳои дигареро баъд аз ин бигрифт пеш.
Гуфт: «Рафта бар раисак мезанам як дӯғи сахт,
Мурдаатро мекунам мегӯямаш як рӯз тахт.
Ӯ аз ин тарсида шояд мефитад андар гурез,
Ё ба сӯям аз ғазаб дандон намояд ӯй тез.
Чун шавад ҷангӣ, сари худ мезанам ман бар сутун,
То бигардад дар даме рӯям ҳама ғарқоби хун.
Пас ба ин ин аҳвол дар арзу шикоят мешавам,
Роҳӣ то пеши калонҳои вилоят мешавам.
Қабри ӯро меканам ман бо ҳамин дар як замон,
Баъди ин монад фақат бар даҳр ҷонам дар амон...»
Байна бар рӯи раис якбора дӯғ оғоз кард,
Тез чанги хешро бар сайд мисли боз кард.
Гуфт: «Медонӣ, раиси аввалин ин ҷо манам,
Соҳибе бар ҷангалу обу замин ин ҷо манам.
Козаҳо ин ҷо ҳама бунёд мероси мананд,
Одамон ин ҷо ҳама дар банди ихлоси мананд,
Хирсу гургону паланг аз тарси ман бигрехтанд,
Ваҳшиён яъне ки як-як з-ин ватан бигрехтанд.
Бори аввал ман задам ин ҷо каланди орзу,
Бори аввал кардаам бо ин замин ман гуфтугӯ.
Бори аввал кошт ин ҷо дасти ман дони чигит,
Дид ҳар кӣ заҳмати ман, гуфт аҳсан, эй йигит!

Лек акнун, подабонча, ту калон гардидаӣ,
Соҳиби ин хоку обу ин макон гардидаӣ.
Сабр кун, ҳоло кунам коре туро, ки дар ҷаҳон
Муш дар ҳаққи саноч умран насозад ончунон...»
Дар ҷавобаш Миралӣ шуд дар сукути бечавоб,
Баски аблаҳро сукути кас бувад посухи боб.
Баъд бо нармӣ бигуфто: «Эй бародар, Байнабой,
Ин маҳал зеби ту дорад, ростӣ, сар то ба пой,
Лек худ колхозчиён карданд манро интихоб,
То раисам, медиҳам аз номи онҳо ман ҷавоб.
Гар ту бо мо кор кардан хоҳӣ ин ҷо, марҳамат,
Ҳурматат орем барҷо ҳар яки мо, марҳамат!»
Чун ҷуволи ғомуки хобонда дар мобайни об
Аз ғазаб дам кард Байна хӯрда кам-кам печутоб.
Лаб кушода гуфт пас: «Бар ман занӣ писханд ту,
Мехӯрӣ бо инчунин писхандат охир фанд ту.
Мешавад рӯзе туро колхозчиён буз мекашанд,
Аз барои ранҷи рафта ройгон буз мекашанд...»
То саҳар шаб рӯи дафтар Байна зад дар хона пақ,
Кард аз ҳарфи дурӯғ аз ҳар ҷиҳат пур сад варақ.
Миралиро баччаи эшону мулло гуфт ӯ,
Подабонро бойи золим бар дигарҳо гуфт ӯ.
Ҳар куҷо пас арзу доди хеш беимзо фирист,
Кинаву бухлеву рашку тӯҳмату ғавғо фирист.
Бехабар з-он ки чӣ ояд бар сараш з-ин корҳо,
Некро некӣ, бадӣ ояд ба бадкирдорҳо.
Мегузашт аз роҳи нав як рӯз як фукдарҳаво,
Шатта зад санге, ки беозор буд дар рӯи роҳ.
Санг печид дар ҳавою аз ҳаво омад ба шаст,
Зад ба ҳукми бегуноҳӣ бар сари он худпараст.
Ёдгори кибр дар пешонии ӯ мӯҳр гашт,

Шаттаву он санги беозор шуд як саргузашт.
Байнаро шуд қисмати оянда айнан инчунин,
Нафрати мардум ба эшон ҷо намешуд дар замин.
Миралӣ дар хоҷагӣ кори навин ҷорӣ намуд,
Муфтхоронро илоҷе ёфта корӣ намуд.
Рӯзи меҳнат пеша шуд бар марду зан чун орзу,
Орзу чун нек бошад, кам наяст аз обрӯ.
Лек, мегӯянд, бошад хор дар гулзор боз,
Ҳар қадар некӣ кунӣ, бар ту диҳанд озор боз.
Байна рафту Файзалӣ[4] бигзошт по дар ҷои вай,
Буд даъвояш ҳама монанд бар даъвои вай.
Мегирифт ӯ аз раис гӯё қасоси Байнаро,
Об мекард аз хаёли хом дар сар майнаро.
Рӯзе ӯ бо Миралӣ дастугиребон шуд қариб,
Лоф зад, аз қаҳр ҳамчун шери ғуррон шуд қариб.
Гуфт: «Бо ман сар ба сар ҳаргиз машав, эй подабон,
Метавонам чаппаат созам ба зӯри червон.
Байна буд он, ки бишуд аз дасти ту бехонумон,
Нестам ман Байна, то гардониям бе обу нон.
Омадам ин ҷо, ки ёбам обу нони хешро,
Дур бигзорам зи ёдам даврaҳои пешро.
«Рӯзи меҳнат» гуфта кардӣ корҳо расво ту лек,
Рӯз то рӯз ояд ин ҷо бад паси бад ҷои нек,
Аз раисии ту розӣ нест ҳатто як нафар,
Ҷои сардоре ба мо гардидаӣ як дарди сар.
То даме ки зиндаам, пайрав ба кори Байнаам,
Гар набошад Байна, ман чун ёдгори Байнаам...»
Кард гӯш, он чӣ бигуфт ӯ, мисли панде Миралӣ,
Бо табассум гуфт бар вай баъди чанде Миралӣ:
«Бадгапу бадкору каҷрафтор будан хуб нест,

[4] Файзалӣ—яке аз ихлосмандони Байна

Дур аз мардум, пайи озор будан хуб нест.
Обрӯ танҳо зи кори нек меояд ба даст,
Шишаи ин ҷаҳл бо санги хирад бояд шикаст.
Гар ту бо мо меравӣ, мо бо ту ҳамроҳӣ кунем,
Шоми ин водӣ мунаввар чун саҳаргоҳӣ кунем.
Ту зи мо безор бошӣ, мо зи ту безор не,
Бе шумо бар ман раисӣ ҳеҷ гаҳ даркор не.
Аз ҳамин рӯз эътиборан ҷои ман биргад шавӣ,
Ошно дар биргадӣ бо кори неку бад шавӣ.
Вақти ҷанҷолу кашокаш ҳеҷ гоҳе нагзарад,
Ку бубинем, ин замон моро куҷоҳо мебарад...»
Файзалӣ чун биргадир дар ташвиши саҳро фитод,
Гоҳ бо мардум, гаҳе дар чашми худ танҳо фитод.
Кӯшишашро аз пайи меҳнат набуд акнун ҳисоб,
Ӯ сияҳ мегашт мисли торф зери офтоб.
Дошт аммо шубҳае аз Миралӣ дар дил ҳанӯз,
Баски буд аз ростию фикри ӯ ғофил ҳанӯз.
Зиндагӣ оинае бошад, ки дар худ ҳар замон
Ростиро росту бидҳад каҷиро каҷ нишон.

Баъди як соли раисии Миралӣ осмони софи диёрро абрҳои тираи ҷанг фаро гирифтанд. Қариб ҳамаи мардони колхоз ба ҳимояи Ватан рафтанд...

Дар ними ҷанг омад зи ҷанг
Остонақул ба пои ланг.
Аз тири душман пур бадан,
Боло сараш аммо зи нанг.

Дар деҳаи холӣ зи мард
Дар бегаҳи як рӯзи сард

Вохӯрд бо вай Миралӣ,
Гул карда рӯяш ранг-ранг.

Рӯю даҳонаш бӯса кард,
Чун қаҳрамонаш бӯса кард.
Бо ашки хурсандиву ғам
Бигрифтааш оғӯш танг.

Гуфто: «Гапам, Остонақул,
Бе саркашӣ бинмо қабул–
Сардори биргад мешавӣ,
Ҷои ту саҳрову шипанг.

Ҷанги ту бошад дар ҳисоб,
Як рӯз гардад он китоб,
Майдони меҳнат ҷанг низ
Мобайни дандон асту санг.

Бо ёди мардони диёр
Маҷрӯҳӣ аз ёдат барор.
Бояд зи ҳарбу зарби мо
Фатҳи калон ояд ба чанг.

ххх

Ҳар саҳар Остонақул раҳ ҷониб саҳро гирифт,
Ҳамчу аскар аз пайи фармон ба саҳро ҷо гирифт.
Унс бо занҳои дар саҳро гирифт ӯ чун писар,
Дошт нафратҳо ба ҷангу орзу рӯзи зафар.
Бар дили бемори модарҳо тасалло гашт ӯ,
З-омади ҷанговарон уммеди якто гашт ӯ.
Зиндагӣ дорад талаб,--мегуфт,--аз мо кори сахт,

Заҳмати мо оварад як рӯз не, як рӯз бахт.
Ҳосили сарпанҷаи мо зӯри аскарҳо шавад,
Фатҳи мо наздик аз ин торафт бар аъло шавад.
Чашми модарҳо ба роҳи аскарон бошад агар,
Чашми аскарҳо ба ёди модарон резад шарар.
Ноумедӣ нест дар дилҳои аскарбаччаҳо,
Рӯбарӯ бо марг бошанд арчи дар ҷанги бало.
Пахтаи мо шоми онҳоро сафедӣ оварад,
Як сафедӣ аз дили садҳо сиёҳӣ бигзарад...
Аз гапи ӯ шавқи дил бар кори майдон мефузуд,
Бар тани колхозчиён нерӯ дучандон мефузуд.
Ҳафтаҳою моҳҳо ҷӯшид саъйи бемисол,
Бо чунин аъмол бигзашт аз миён се-чор сол.
Пахта сар аз хирмани уммед зад бисёр бор,
Шӯҳрати саркор шуд ибрат ба ҳар як пахтакор.
Ҷони худ коҳонд дар саҳрои кор Остонақул,
Ёд карда ҳарбу зарби корзор, Остонақул,
Ӯ нахустин Қаҳрамони Меҳнати колхоз гашт,
То кунун хонад сурудашро дар ин ҷо кӯҳу дашт.

ххх

Шуд Файзалӣ ҳайрон аз ин,
Не шоду хуррам, не ғамин.
Бо бедаки паҳлӯи ҷӯ,
Мекард гӯё гуфтугӯ:
«Остонақул ҳам як замон
Бархонда худро кордон.
Шуд бо раис дар ҳафту ҳашт,
Аз раъйи худ чанде нагашт,
Дар нӯли ӯ мешуд кашол,
Бисёрҳо кардаш малол.
Мешуд раис гар кинахоҳ,

Остонақул бо ҳеҷ роҳ
Ин ҷо намешуд қаҳрамон,
Мегашт балки ноаён.
Шояд, ки бошад ин дуруст,
Шояд раиси мо накӯст.
Шояд, набошад ӯ бахил,
Шояд, ки бошад некдил»...
Бо шояду шоядчаҳо,
Бо бояду боядчаҳо,
Худро тасалло дода ӯ,
Нангаш ба ҷон ҷо дода ӯ,
Пайваста мешуд банди кор,
Буд он қадар хурсанди кор,
К-аз ҷаҳди худ дамҳот буд,
Бе ҷаҳди худ калкот буд.
Мегашт гоҳо ноумед,
Аз ноумедӣ боумед.
Остонақулсон кор кард,
Чун марди майдон кор кард.

Соли 1951 Файзалӣ Давлатов ва Миралӣ Маҳмадалиев ба унвони Қаҳрамони Меҳнат сарфароз гардиданд...

Омад зи саҳро Файзалӣ,
Пеши раис беихтиёр,
Рӯ сурх мисли лолаи
Навхандаи фасли баҳор.

Ашке ба рӯяш чак-чакон
Аз дидаҳои пурҷило,
Аз шодӣ ин бошад ва ё
Аз шарми он ҷанҷолҳо?

Ҳарфи нахусти Файзалӣ
Бишнида шуд аз мағзи ҷон:
«Манро бубахш акнун, раис,
Айбу гуноҳи ман калон.

Кардам ғалат, гаправ шудам,
Ҷоҳил шудам, нодон шудам.
Бо ташфиқоти Байна ман
Он рӯз гапгардон шудам.

Охир надонистам, ки ту
Дилсофу бекин будаӣ.
Инсони аслу баҳри мо
Як ҷони ширин будаӣ.

Унвони олиям насиб
Аз файзи ёрии ту гашт,
Аз ақли кам кардам ба ту
Гарчи замоне ҳафту ҳашт.

Ин зиндагӣ оинасон
Бар дидаҳо бинмуд аён,
Дар кори мо пеш омада
Неку баду суру зиён».

Бори нахуст оғӯш кард,
Ӯ Миралиро беибо.
Чун дӯсте, ки дӯсташ
Нодида бошад солҳо.

Зад ҳалқа дар чашми раис
Ашк аз чунин рафтори вай,
Роҳе ба хотир омадаш,
К-он ҳар ду бинмуданд тай.

Дар 45 соли раисии Миралӣ Маҳмадалиев колхоз зиёда аз 400 ҳазор тонна «тиллои сафед» тайёр кардааст. Нишондодҳои соҳаҳои чорводорӣ, галлакорӣ, боғдорӣ, ободонӣ ва амсоли инҳо боз ҳам хурсандибахшанд. Ба унвони Қаҳрамонӣ соҳиб гардидани ҳашт нафар меҳнатдӯстони колхоз шоҳиди ин гуфтаҳоянд...

Тирамаҳро бин, замин дар ҳукми он зебо шуда,
Нашъае бахшад, ки аз кори сара пайдо шуда.
Орзуи одамӣ хандон шавад аз ранҷи ӯ,
То шукуфад гул, миёни хорзорон ҷо шуда.
Орзуи Миралӣ пундона шуд, бар хок рехт,
Дар ниҳоли пахтаи пурбор пас эҳё шуда.
Кӯҳи тиллоӣ баланд аз домани саҳрои ӯст,
Нӯги он аз қуллаҳои кӯҳҳо боло шуда.
Дар фарози қуллаҳо дорад агар маъво уқоб,
Тори кӯҳи пахтагин бар Миралӣ маъво шуда,
Дар баландист арчи, дӯзад ӯ ба пастиҳо назар,
Сарбаланд аз пастиву аз хоксориҳо шуда.
Достони ӯст охир хушку холӣ бе замин,
Ҳар вақаб ҷои замин бо лафзи ӯ гӯё шуда.
Чашмае, ки буд зери регҳо дар ҷумбуҷул,
Ҷӯш зад, бо ҷӯшҳо ҳамроҳ бар дарё шуда.
Навниҳоле, ки канори роҳ худ рӯида буд,
Гашт пайвандию гирдаш боғ аз хурмо шуда.
Деҳе, ки байни найистон буд беному нишон,
Ҷояш аз дасти ҳунар як шаҳри нав барпо шуда.
Нест роҳи торике дигар ба чашми Миралӣ,
Кавкаби пеши бараш акнун чароғи роҳ шуда.

То бидидам партави онро ман аз наздику дур,
Достони Миралӣ дар дафтарам иншо шуда.

ххх

Хонандаё, бар ёд ор,
Дар сайру гашти ин диёр
Бурдам туро танҳо ба деҳ,
Танҳо ба саҳроҳои кор.
Додам нишонат ҳар тараф
Гуфтам мурод аз пахтазор.
Аз кӯҳ рафтӣ сӯи дашт,
Аз дашт сӯи кӯҳсор.
Овози гӯсфандон расид
Бар гӯши ту аз ҳар канор.
Ёзидӣ пас дар сояе,
Дар зери боғи мевадор.
Хушхонии паррандагон
Бишнидӣ аз шохи чанор.
Хобат бибурд, аз ростӣ,
Дар гӯшаи роҳатнисор.
Гуфтам биё, аз деҳ равем,
Гуфтӣ маро дар деҳ гузор.

Солҳои 1979-1983.

АЗ МАҶМӮАИ
«ХОЛИ ФАТИР»

Душанбе,
«Маориф»
1987

НАЗАРГОҲИ ДИЛ

Тоҷикистонам, назаргоҳи дилам,
Тифламу бошӣ чароғе рӯ ба рӯ,
Аз ту дил огаҳ, ман огоҳи дилам,
Сайр дорад дил ба боғи орзу.

Чашм андозам ба ҳар як сӯи ту,
Ҳамчунон хуршед бошӣ нурбор.
Ёд меорам ба рӯзи тӯйи ту
Зодгоҳамро зи нав беихтиёр

Деҳаи хурдест байни чор кӯҳ,
Гӯӣ ҳар кӯҳ аст бар вай посбон.
Дар нигоҳам нест мислаш бошукӯҳ,
Дар ҷаҳон балки ягон шаҳри калон.

Арчае дар рӯ ба рӯи хонамон
Дар сари як теға будӣ пойдор.
Дар бузургию баландӣ доштӣ
Бартариҳо балки аз ҳар як чинор.

Аз ду тарфи теға буд обу дара,
Арча метобид дар тори ҳаво.
Мешудам ҳайрон ҳаме з-ин манзара,
К-он чӣ сон монад ба ин ҳолаш ба ҷо!

Баъд донистам, ки з-он ҷои баланд
Реша дорад арча то қаъри замин.
Решаҳо дар сангҳо ҳам рафтаанд,
Балки ҳамчун пармаҳои оҳанин.

Тоҷикистонам, назаргоҳи дилам,
Дар ту мисли арчаи деҳи худам.
Ё туӣ он арча, ман сангам, гилам,
Ҳар ду сарсабзем дар пайванди ҳам.

ххх

Ватанам хонаи дил бошаду дил хонаи ӯ,
Ватанам шеъри ману шеъри ман афсонаи ӯ.
Ҳаст бар ман худӣ, ҳар ҷо, ки бар ӯ ҳаст худӣ,
Ҳаст бегона маро мардуми бегонаи ӯ.
Сухани нек бувад аз дили пурмеҳр нишон,
Нест бар ман сухане нек чу шукронаи ӯ.
Даме паймона пур аз бодаи ишқаш бикунам,
Хоҳам охир нашавад гардиши паймонаи ӯ.
Сипари ҳифз варо шонаи худ дораму бас.
Нарасад тири адӯ то ба бари шонаи ӯ.
Ҷони ман сабзиши ҳар донаи ҷонбахши вай аст,
Ҷон диҳам, сар накашад гар зи замин донаи ӯ.

БАҲОРИЯ

Бухори хок боло шуд,
Замин озоди сармо шуд,
Гули сияҳгӯш пайдо шуд,
Баҳор омад, ба саҳро шав.

Шукуфон шохи бодом аст,
Чу рӯи тифли хушком аст.
Зи рӯзи нек пайғом аст,
Баҳор омад, ба саҳро шав!

Бари шах обшор астӣ,
Чу шири беғубор астӣ,
Навояш сози тор астӣ,
Баҳор омад, ба саҳро шав!

Намояд майсаи гандум
Фалак бар дидаи мардум,
Дар он аз шабнам аст анҷум,
Баҳор омад, ба саҳро шав!

Ба ҷомаш лола май резад,
Сабо хушбӯй ҳай безад,
Фиғони дил зи най хезад,
Баҳор омад, ба саҳро шав!

Ба дашти сабзпӯш оем,
Зи шодӣ базм ороем,
Ки солим боз барҷоем,
Баҳор омад, ба саҳро шав!!!

ДАР РОҲИ ФАРЗАНДОН

Ҳар ду фарзанди падар рафтанд ҷанг,
Ҳар ду ҷавшанпӯш аз номусу нанг,
Кард онҳоро падар оғӯш танг,
Худ падар шуд ҷои се кас банди кор,
Рӯзу шаб афтода андар гирудор.

Дур як соат нагардид аз завод,
Дасти худ аз дастгаҳ дурӣ надод,
Дошт ӯ бар рӯзи нусрат эътиқод.

Буд фардои фараҳманд интизор,
Бозгашти ҳар ду фарзанд интизор.

Хоб ҳам дорад ба қадри худ тавон,
Гоҳ ғолиб мешавад бар қаҳрамон,
Ин падар якдаст шуд бо айби он,
Лек ашк асло нарехт аз айни ӯ.
Ҷанг агар буд байни дарду байни ӯ.

Гашт эълон дар Ватан Рӯзи зафар,
Н-омад аз фарзандҳои ӯ хабар.
Ман ба чашми хеш дидам он падар,
Ки дамаш андар гулӯ занҷир гашт,
Дар раҳи фарзандҳояш пир гашт.

ИСТЕЪДОД

Ҳамегӯянд истеъдод модарзод мебошад,
Дар аввал шоиронро дар назар доранд одамҳо,
Аҷаб не, рост бошад як қадар ин нукта дар дунё,
Вале ман шубҳа дорам, нек тобад бар шумо ё бад.

Ҳама бар олами равшан биёянд охир аз модар,
Чи шоиру чи ҳофизу чи марди шери майдонҳо.
Чи донову чи нодону чи сайёҳи фалакпаймо,
Чи доҳӣ, ки шавад бар мардуми дар нимараҳ раҳбар...

Ягон модар нагуфтаст аз гузашта то ба ин айём,
Ки ман шоир биёвардам ба олам ё хирадманде...
Фақат бар ёд дорад гиряи тифлаш ба хурсандӣ,
Даме ки ёфташ дар субҳидам ё дертар аз шом.

Сари гаҳвора бедор ӯ намуда рӯз шабҳоро,
Замину осмонро зери боли орзу медошт.
Хаёлаш ҳар куҷо мерафт, дони орзу мекошт,
Ки тифлаш зинда бошад, як замон гардад баланди роҳ.

Бубахшедам, ба одам зиндагӣ мебахшад истеъдод,
Зи ҷонкоҳию заҳматҳо агар парҳез нанмоӣ,
Ба ранҷ омезию қуфли дари ганҷе чу бикшоӣ,
Бигӯяндат, ки дорад мардак истеъдоди модарзод.

ҲАМРОҲ

Хурд будам, лек дорам ман ба ёд
Дер меомад зи пода говамон.
Ташвиши модар аз ин мешуд зиёд,
Мефитод андар хиҷолат подабон.

Дар шаби торик мегуфт ӯ равам,
Сӯи боғу даштҳои подачар.
Боз мегуфтам: «Матарс асло, бачам,
Як лаби нон гир бо худ ҳамсафар.

Бошад одамро агар ҳамроҳ нон,
Тарс бигрезад ба ҳар ҷо аз бараш.
Нони дарбар хуб мебахшад тавон
Нотавонро бар дилу бар пайкараш...»

Дошт бар нон то куҷоҳо эътиқод,
Модари ман—зодаи ранҷу азоб.
Мисли модар эътиқоди ман зиёд
Ҳаст бар нон – ҳамраҳи олиҷаноб.

КОРОК

Се сол пеш дар мавзеи Гумсуи райони Данғара марде ҳалок гардида буд. Сагаш Корок ҳанӯз дар ҷои шаҳидгаштаи соҳибаш истода, ӯро интизорӣ мекашид...

Дар гӯшаи роҳи Гумсу хоб аст
Чандест саге ба номи Корок.
Не бардаму не тани хароб аст,
Не монда зи по, на ҳаст чолок.

Рӯзист варо зи раҳгузарҳо,
Гаҳ косаи об, гаҳ лаби нон.
Бечора саги бимонда танҳо
Гардад ба нигаҳ зи ҳар кӣ пурсон.

«Оё надидед соҳибамро!
Се сол шудаст аз ӯ хабар нест.
Се сол шудаст ғоибамро
З-ин роҳ ба рӯзу шаб гузар нест.

Се сол шудаст интизорам
Ман соҳиби хешро дар ин раҳ,
Се сол шудаст ҷойдорам,
К-ин раҳ набарад маро дигар ҷо.

Ҳар гаҳ, ки сарам ба хок монам,
Бӯи ӯ биёядам аз ин хок.
Ин ҷой бимурд агар бидонам,
Гӯед бимурд низ Корок».

с. 1984

ххх

Мо мушт бар сари касе боло намекунем,
Даъвии зӯрдастие асло намекунем.

Обод кардаем агар гӯшаи хароб,
Ҷое харобу мақсади яғмо намекунем.

Бар мо диҳанд моли ҷаҳонро ҳама агар,
Бар ҷабри бегунаҳ касе имзо намекунем.

Чашми умеди мардуми бечора сӯи мост,
Навмед ҳеҷ бандаи дунё намекунем.

«Қасри Сафед» оварад ҳар дам сиёҳие,
Чун меҳр аз сиёҳие парво намекунем.

Ҳар кас ки меравад ба мо дар роҳи бахти нек,
То зиндаем, з-ӯ ҷудо худро намекунем.

МОР

Духтарони шӯх бозӣ доштанд,
Зери токи пеши хона шодмон.
Токие диданд байни ток банд,
Ҳамчуноне лонаи паррандагон.

Токиро бигрифта диданд андар он,
Баччаҳои моро маъво ёфта.
Гашт боло ҳоюҳуи духтарон,
Токиро рӯи замин партофта.

Ногаҳон болои ток омад падид
Баччаҳои хешро гумкарда мор.
Дид онҳоро, ба рӯи хок дид,
Духтаронро даврашон як-як қатор.

Морро гӯё дигар море газид,
Печутобе дошт ӯ аз сӯзи худ,
Гӯӣ аз чирросаш ин гап мерасид:
«Баччаҳоямро ба ҷо монед зуд!»

Ҳазл карда боз лекин духтарон,
Тела медоданд ҳар сӯ токиро.
Морро карданд чанде имтиҳон,
То бубинанд он чӣ кор орад ба ҷо.

Буд дар як пояи чӯбини ток
Хурмае аз шир пур овехта.
Мор омад сӯи он бе ҳеҷ бок,
Заҳри худ бар шир кард омехта.

Рафт, чун аз чашм ғоиб гашт мор,
Токиро монданд ҷояш духтарон.
Лаҳзае пас мори бесабру қарор
Гашт ҳозир аз куҷое ногаҳон.

Дид вақте баччаҳояшро ба ҷо,
Сӯи хурма шуд ба дав аз байни ток.
Банди он бибридаву кардаш хато,
Бар замин зад хурма, ширааш рехт пок...

ххх

Чӣ хушбахтист, агар бебахт инсон нест,
Чӣ номардист, агар кас марди майдон нест.

Ту бошӣ дар тамошо вақти разми мо,
Ҳамебинӣ, ки моро тарс аз ҷон нест.

Чӣ доноист, агар аз мо наӣ воқиф?
Чӣ нодонист, агар одам сухандон нест.

Ба гӯш ояд навои мурғи шаб форам,
Чӣ хуш бошад, агар ҳофиз ғалатхон нест.

Ба ҳоли пир механдӣ. Маханд, охир,
Ба пирӣ ҳам расидан кори осон нест.

Ҷавонӣ даври одобу фазилатҳост,
Адабнодида аз ҷинси ҷавонон нест.

Бибӯсам хоки пои пири деҳқонро,
Ки мегӯянд, агар нон нест, имон нест.

ххх

Ҳар чӣ дар дил доштам, дар дафтарам тасвир шуд,
Ростам дар чашми бадбин бадтар аз тазвир шуд.

Дар тааҷҷуб мешавам аз қисматам гоҳе, зи бас
Дастгири ҳар касе будам, гиребонгир шуд.

Аз хурӯҷи меҳр агар бикшода мондам уқдае,
Уқдаи бикшодаам бар дасти ман занҷир шуд.

Ёфтам ҳар гоҳ раҳ дар сӯҳбати соҳибдилон,
Фитнаҷӯе аз паям дар фитна бетаъхир шуд.

Пеш аз ҳар шодии худ як ҷаҳон ғам мехӯрам,
Ғам ба тифли шодии ман моми ботадбир шуд.

Кач нишинам ҳам, нагирам бар забон ҷуз ҳарфи рост,
Аз камон аз рост рафтанҳо нишонрас тир шуд.

Кофур андар мӯи ман бунёди манзил мениҳад,
Ин надорад маънии оне, ки шоир пир шуд.

ххх

Ҷуръати беинтиҳо бахшад ба одам ору нанг,
К-ӯ намояд балки тоқат дар таҳи борони санг.

Бар тану ҷон ҷавшан он, ки аз вафодорӣ кунад,
Панҷааш сад пора созад синаи шеру паланг.

Хеш чун бар кор додӣ, чашми он медон, зи бас
Устухон дар гӯшт дорад борик аз сӯзан наҳанг.

Бар сӯрохе даст монӣ, ҷои гунҷишкаш махон,
Мор гаҳ хоб аст он ҷо гашта аз гармо гаранг.

Бар ҷавонмардон дили софу васеъ зебад ҳаме,
Бар бахилон дасти кӯтаҳ додаанду гӯри танг.

Пок агар дар хирқа гардад ҳам, ҳамеша пок ӯст,
Умрҳо тилло намебандад ба зери хок занг.

СУРУДИ ЗАМИН

Барои Миралӣ Маҳмадалиев

Замин ҳам кушояд ба вақташ забон,
Бигӯяд саноят ба фарзанди ҷон.

Ту фарзанди ҷони заминӣ, замин,
Танат кӯҳин асту дилат оташин.

Вуҷудат сиришта зи кор аст, кор,
Талошат биёбад ҳамеша барор.

Бидонӣ чу доно ту асрори хок,
Замин аст пешат чу ҳар ганҷ пок.

Муқаддас шуморӣ варо мисли мом,
Биёбед дар ҳам ба дунё давом.

Набахшӣ кафи хоки марзат ба кас,
Бимирад кас арчи зи зӯри ҳавас.

Хатое наояд туро бесабаб,
Бидодӣ ту доди раисӣ аҷаб.

Ба гӯшам биёяд садои замин,
Гумонам, ки хонад ба номат чунин:

«Ту, эй шерманди ҳунарманди ман,
Парастору ҳамдарду пайванди ман.

Бубахшӣ ба зӯрат ба ман ҷони гарм,
Диламро намоӣ хамирвор нарм.

Тани хушкам аз ту самарвар шуда,
Рухам сабзпӯшу муаттар шуда.

Ҳама ризқи одам бирӯяд зи ман,
Хӯрад, ҳам бипӯшад зи ман марду зан.

Набудӣ агар ту, дилам хора буд,
Лабам обҷӯён дусад пора буд.

Будидам ба умрам басо даврҳо,
Басо наслҳо дар сарои бақо.

Ба мислат надидам тавоно вале,
Тавоно ба аҳду ба паймон, бале.

Ризоям намудӣ, ташаккур ба ту!
Ғамамро зидудӣ, ташаккур ба ту!

Туро пайравонанд акнун зиёд,
Ливои садоқат ба даст умрбод.

Зар оранд бар каф зи ман беғараз,
Ба меҳнат паиҳам чу Абдӣ Аваз...

Бимонад бар олам ба ному нишон,
Ҳар он ки заминро бубахшид ҷон.

Заминам, бихоҳам ба ту умри худ,
Бигӯям ба номат суруду дуруд!

ТИРАМОҲ

Олами обу ҳаво гардад дигар,
Тезтар гардиш кунад боди саҳар.
Дар дами боди ба гардиш омада
Барг мерезад зи шохи ҳар шаҷар.

Себи тиллоӣ барорад бӯи хеш,
Хубтар хурмо кушояд рӯи хеш.
Дар миёни боғ анори шаҳдбор,
Чун шафақ сурхӣ кунад аз дур беш.

Дашт дорад зарнисорӣ пушти дашт,
Файз дорад даштҳоро сайру гашт.
Донаи коридагӣ ғун мешавад,
Хӯшаи пурдона дорад саргузашт.

Тирамоҳи умри ман ҳам омада,
Дар канори шодию ғам омада.
Ҳосиле бахшад агар бар рӯзгор,
Он ба дардам гӯӣ марҳам омада.

ШЕЪРИ БЕАНҶОМ

Шеър гуфтан пеша чун гардид андар умри ман,
Байти аввалро ба номи модар иншо кардаам.
Бо ҳамон байте, ки гашташ меҳри модар ҷону тан,
Дафтари ашъори пурмаъное пайдо кардаам.

Дар сари ин байт кардам рӯз шабҳо пушти ҳам,
Сарбаландам менамуд ин байт то авҷи само.
Бо ҳама бехобиҳо озод будам ман зи ғам,
Зиндагӣ рахшон ба чашмам буд чун историаҳо.

Дар сари ин байт будӣ пеши чашмам ҷилвагар,
Гуфтугӯ аз эътиқоду сидқи комил доштам,
Дошт сила бар сари ман дасти лутфомези ӯ,
Ки аз он бар тахти бахти нек манзил доштам...

Беши умри хешро дар шеър гуфтан бохтам,
Ҳадя кардам рози дил бар дӯстон бо созу сӯз.
Лек шеъре, ки ба номи модарам пардохтам,
Дафтарам пур карду беанҷом бошад то ҳанӯз.

Ҳеҷ шоир хатми васфи зиндагӣ нанмудааст,
Месарояд аз қадим арчи варо бо сад забон.
Модар—ин чун зиндагӣ охир бароям буду ҳаст,
Зиндагиро пас сароям доимо, то ҳаст ҷон.

ДИЁРИ МАН

(Суруд)

Диёри пурсафои ман,
Фурӯғи дил сафои ту.
Ту мулки бебаҳои ман,
Баҳои ҷон баҳои ту.

Ба рӯи олами хаёл
Ба чашми ман ягонай,

Ба рангу бӯи бемисол
Биҳишти ҷовидонаӣ.

Насими туст мушкбор,
Таронарез рӯди ту.
Само бануру беғубор
Зи партави намуди ту.

Замини кӯҳсори ту
Ҳамеша пуртароват аст.
Ба ҷилва дар канори ту
Фариштаи саодат аст.

Ба дарду доғи ман даво
Гиёҳи ту, ҳавои ту.
Ҳазор ҷон бувад маро,
Фидои ту, адои ту!

ҒАЗАЛИ ОМӮЗГОР

Дар хаёлам ҳар саҳар умр аз дигар сар мешавад,
Рӯи тифлон бингарам, чашмам мунаввар мешавад.

Дил фараҳ меёбад аз дунёи бемонанд аҷаб,
Табъ соҳиббол монанди кабӯтар мешавад.

Оламе ёбам, ки олам гардад аз хотир бадар,
Ҳуши ман маҳви ҷаҳони тифлпарвар мешавад.

Нозукиҳои чунин аъмол донистан хуш аст,
Ҳар кӣ донад, кори ӯ ҳар рӯз беҳтар мешавад.

Гаҳ ду чашми равшанам гӯё ки нобиностанд,
Гоҳ бинотар маро чашми паси сар мешавад.

Гоҳ гӯшам бишнавад ҳарфи таҳи дандониро,
Дар шунуди ҳарфи бечӯе гаҳе кар мешавад.

Рӯзи ман дар сӯҳбати дилхоҳ меояд ба шаб,
Ҳар шаби ман рӯз дар болои дафтар мешавад.

ДОНАМ, КИ БАРОРИ ШОДМОНИСТ ИМСОЛ

Афтида будам ба бистари беморӣ,
Дил ғусса шуда чунон ки аз бекорӣ.
Дард аз пайи дард медавид узв ба узв,
Барбаста маро ба кундаи абгорӣ.

Болои сарам нишаста то вақти саҳар
Хушлафзу парирӯй табиби баҳунар.
Гаҳ набзу гаҳе кори дилам месанҷид,
Як мижжа нахуфта, монда дар бедорӣ.

Дидам, ки ба одам одамӣ дилсӯз аст,
Он гуна ки хуршед ҷаҳонафрӯз аст.
Олам ҳама пур шавад зи хорию азоб.
Бар кас накунад агар дигар кас ёрӣ.

Омад бари ман давида тифле гӯё,
Покизаю пурҷилотар аз наҷми само.
«Ман Соли Навам» бигуфт оҳиставу хуш,
Яъне ки ба шеваи пур аз ғамхорӣ.

Аз мақдами неки ӯй дардам бигурехт,
Абгории ман чу барг аз шоха бирехт.
Гар тифли наве ба хона гардад тавлид,
Ғам дур шавад зи шодии бисёре.

Сарсабз ба дидаам расид арчаи кӯҳ,
Монанди арӯс тоза дар шаклу шукӯҳ.
Хондам ғазалею гирди он рақсидам,
Бо кӯдакакони шӯх кӯдакворӣ.

Донам, ки барори шодмонист имсол,
Бар шодии ҷовидона бонист имсол.
Ёбад сиҳатӣ чу дарди ман дарде чанд,
Офат нарасад ба мазраи ҳамкорӣ.

ХАЛҚ

(Монолог)

Ба ҳукмам ҳар чӣ бошад, медарояд,
Ман охир зиндасози мурдаҳоям.
Ниҳоне пеши ман рӯ мекушояд,
Ба ҳар асрори дунё ошноям.

Тапиданҳои қалби хокро ман
Чу сози қалби худ эҳсос дорам.
Қадамгаҳ мекунам афлокро ман,
Ба зӯри ақли худ ихлос дорам.

Табиат хешро хондаст молам,
Чӣ сон, ки созамаш, розист ночор.

Ба мисли навбаҳори сол ҳар дам
Дигаргун мешавад бисёр-бисёр.

Кӣ даркор аст баҳри зиндагонӣ,
Худам орам варо бар рӯи олам.
Маро медон, агар нағзам надонӣ,
Ки модар баҳри ҳар як модарастам.

Бузургони ҷаҳон фарзанд бошанд
Маро аз ибтидо то интиҳоям.
Хирадмандон азизанд аз ҳама чиз,
Ба ҳар ҷое, ки бошанд, аз бароям.

Синову Пушкину Юрий Гагарин...
Ҳама аз хоку аз хуни манастанд.
Ҳама аз батни ман гаштанд тавлид,
Ҳама болои дастонам бирастанд.

Агар Сино ба дарде гашт дармон,
В-агар Пушкин ба дилҳо роҳ бикшод,
Заминро бо само пайванд бинмуд
Гагарин ҳамчу сайёҳи навэҷод.

Зи эҷози чунин фарзандҳо ман
Шаҳаншоҳи замину осмонам.
Замину осмонро чун хаёле
Ба боли хеш гаштан метавонам.

Набигзорам, ки Синоям бимирад,
Ба Пушкинҳо диҳам умри дубора.

Гагаринро миёнам зинда дорам,
Чунон ки дар само рахшад ситора.

Ба ҳар як зодаи худ модарам ман,
Гаҳе мушфиқ, гаҳе як сахтгирам.
Ба он, ки нохалаф рӯяд, набахшам
Даме шабҳои бехобию ширам.

Чу дарёи бузурге, ки ба мавҷаш
Намояд рӯди лойолудро соф,
Зи роҳи бад варо бо гирудорам
Бигардонам ба роҳи хайру инсоф.

Ман охир баҳри бепоёни умрам,
Равони ҳастиҳо доим манам, ман!
Ҷаҳонро аз саодат мекунам пур,
Ба даҳри зиндагӣ ҳоким манам, ман!

МУБОРАКДАСТ

(Барои Тӯтӣ Фозилова)

Ҳамеша нармгуфтор аст духтур,
Чу модар нозбардор аст духтур.

Садои нолише ояд ба гӯшаш,
Ҳамоно пеши бемор аст духтур.

Шифо бахшад варо бо меҳрубонӣ,
Ту гӯӣ ҷони тайёр аст духтур.

Чу дорад ҳурмати озурдадилҳо,
Ба ҳурматҳо сазовор аст духтур.

Ҳама дар бистару бебистар аст ӯ,
Ба шаб то субҳ бедор аст духтур.

Гирифта дастаму санҷида набзам,
Ба худ гуфтам: «Мададгор аст, духтур!»

Ба ҷони хастаам бахшид ниру,
Муборакдаст бар кор аст духтур.

Бигуфтам: «Узр мехоҳам ба пешат,
Ки ранҷам бар ту бисёр аст духтур».

Табассум карду гуфто бо ҳалимӣ:
«Ба касби худ вафодор аст духтур».

Табобат гар биёбад дардманде,
Ба ҳар ҷо сурхрухсор аст духтур.

Дило, ғамгин машав аз дард ҳаргиз,
Чу бо ин тарз кирдор аст духтур.

ҒАЗАЛИ КОРГАР

Бишканад гоҳе дарахт аз бори барф, аз бодҳо,
Тоб бидҳад панҷаи пуртоби ман фӯлодҳо.

Тундар андар осмон, ки мезанад фарёд сахт,
Дар канори коргоҳам гум кунад фарёдҳо.

Хотироте нест дар ту шояд аз сайри дароз,
Нақш бандад дидани пайкори ман дар ёдҳо.

Бар каналҳо сел ҷорӣ менамояд навбаҳор,
Оҳаноб аз ман равад бар қолаби бунёдҳо.

Дӯш будам бо ҳавас шогирди коромӯз ман,
Гаштаам имрӯзҳо ҳамқисмати устодҳо.

Нест аз фӯлод маҳкамтар ба чанги гирудор,
Пурсад аз ман лек бо ин маҳкамӣ имдодҳо.

Наъли фӯлодӣ занам бар пои аспи орзу,
То шароре борад он дар пайгаҳи эҷодҳо.

ЯК УМР САРФАРОЗАМ

Як умр сарфарозам аз бахти безаволе,
Ҳоҷат маро набошад бар ҳеҷ як саволе.

Аз хурдӣ андар оғӯш манро Ватан гирифта,
Парвардаам ба лутфу эҳсони бемисоле.

Илми замони фирӯз ақли маро расо кард,
Ояд кунун зи дастам коре ба қадри ҳоле.

Ҳар чӣ ба ман супурданд, ичро намудам онро,
«Ҳаргиз ҳасад набурдам бар мансабею моле».[5]

с. 1963

[5] Ин мисраъ аз Саъдист.

ГУЛГАРДОНӢ

Гул овардам ба меҳмонӣ,
Ки орад гул фаровонӣ.
Марезон баргҳояшро,
Ту қадри гул агар донӣ.

Гул овардам ман аз саҳро,
Гули наврустаю зебо.
Бубин рӯи варо, бӯ кун,
Намонӣ дар пушаймонӣ.

Саропо атрбор аст он,
Паёме аз баҳор аст он.
Гузашт айёми дай, омад
Дами гарму гулафшонӣ.

Дилоро, рӯи гул бошад,
Ғанимат бӯи гул бошад.
Ғанимат мисли гул охир
Ману ту низ, медонӣ!

Манам имрӯз гулгардон,
Ба ҳар дар гул кунам меҳмон.
Чу уммеди самар дорӣ,
Бикун гулро нигаҳбонӣ.

Ба истиқболи гул фардо
Зиёфат мекунам барпо.
Ба рӯи дашти махмалпӯш
Шавад базму ғазалхонӣ.

Пас аз ин бо дили бедоғ
Туву гулпарвариву боғ.
Ваю ободии деҳа,
Ману саҳрою деҳқонӣ.

ЭЙ НАВБАҲОР

Чун омадӣ бар мулки мо,
Шуд шодимон беинтиҳо.
Қалби замин ҳам аз тапиш
Чун қалби мо шуд беқарор,
Эй навбаҳор! Эй навбаҳор!

Гашт аз дами ту дилпазир
Дашти харобу кӯҳи пир.
Ҷону ҷавонӣ дода ту
Бар хоки берӯҳи низор,
Эй навбаҳор! Эй навбаҳор!

Гуфтӣ ба мо: «Гул парваред,
Доред агар аз ман умед»!
Кардем гулбоғе, ки шуд
Ҳусни ту бар рӯяш нисор,
Эй навбаҳор! Эй навбаҳор!

с. 1961

ЯК ПОРА АБР

Ғаввос дар баҳри ҳаво
Шуд пораи абре саҳар.
Чун нест оромӣ варо,
Ҷӯё бувад чизе магар?

Чанде давиду вай қарор
Бигрифт дар ҷо ногаҳон.
Бигрист он дам зор-зор,
Ки кӯчаҳо шуд лой аз он.

Ҳайрон, ки ин як пора абр
Бигрист беш аз ҳад чаро?
Бар вай касе бинмуд ҷабр?
Ё ӯст аз модар ҷудо?

МАН ГИРЯ КУНАМ

Гӯянд, ки мардон ҳама аз гиря каноранд,
Ҳатто ба дами мурдани худ гиря надоранд.
Ман гиря кунам лек, ҷигар пора намоям,
Ҳар гаҳ ки ба дил кинаварон кина гузоранд.

Бинам агар он тифлаки ҳамсоя ба ногоҳ
Андар ғами модар бикунад нолаи ҷонкоҳ.
Ё модаре аз ҳасрати доғи писари хеш
Такрор кашад аз ҷигари сӯхтааш оҳ,

Ё пой гузорам ба сари қабри шаҳидон,
Орам ба назар лаҳзаи ҷонбозии онон:
Дар лавҳи сари марқадашон гоҳ бихонам:
«Хобанд дар ин ҷо ҳама дилҳои пурармон!»

Ё ин ки биёяд ба сари зодаи одам
Ноомаду бадбахтию озурдагию ғам,
Ман гиря кунам, чунки бувад то абад охир
Доғи дигарон ҳасрату доғи дили ман ҳам.

НИГОҲИ ТУ

(Суруд)

Нигоҳи туро, ки таманно кунам,
Саҳаргаҳ шитобе ба саҳро кунам,
Туро дар сари кор пайдо кунам,
Бихандад бари ман гули ормон,
Ҷавонӣ, ту гӯӣ, бимонад ҷавон.
Тӯӣ зебдеҳи замини сияҳ,
Тӯӣ марди кору чароғе ба раҳ.
Сари мӯй дар ту набошад гунаҳ.
Зи покии ту пахта пок аст, пок,
Бидонад чи обу бидонад чи хок.
Парасту парастад ҳавои кушод,
Парастад муроде каси бомурод,
Парастам нигоҳи туро умрбод.
Санохон шавад дил ба рафтори ту,
Гаравгон шавад сар ба гуфтори ту.

ДАР ХОТИРИ МАН ТУ МЕКУНӢ ҶИЛВАГАРӢ

Ман бар ту нигаҳ кунам, нигоҳам накунӣ,
Чашм аз ту канам, ба сӯи ман менигарӣ.
Шояд, ки ту ёд ҳеҷ гоҳам накунӣ,
Дар хотири ман вале кунӣ ҷилвагарӣ.

Маҳтобшаб асту тоқа дар рӯи катам,
Гӯӣ, ки ба ман ситорагон ханда заданд.
Охир ту намехонӣ зи ҳар сатри хатам,
Сӯзад тани ман дами ба дам банди ба банд.

Аз шохи дарахт баргак афтад ба замин,
Аз кӯтаҳии умр биёрад хабаре.
Навмед нагардида дилам лек аз ин,
Дар олами орзу занад болу паре.

Дар тори ҳаво ҷуфти ба ҷуфт аст равон
Қар-қар зада, турна ба дигар ҷои диёр.
Ман бе ту чӣ сон равам ба кӯи армон,
Бисёр алам оварад ин бар дили зор.

ҒАЗАЛИ ДЕҲҚОН

Наояд ризқ аз чархи баринам,
Худам пайдогару ризқофаринам.

Ба ҷонам обу гил пайванд гашта,
Лаби обу бари дарё нишинам.

Ба меҳнат додаам дил аз азал ман,
Ба олам зиндаву хушбахт аз инам.

Баҳорон, ки бирезад резаборон,
Ҳама бошад арақҳои ҷабинам.

Кашад сар донаи киштам чу аз хок,
Ба чашмам ҷилваи армон бубинам.

Само аз кист, кист аз он, надонам,
Замин бошад зи ман, ман аз заминам.

БО ЗАБОНИ ХАНДАҲОИ БЕСАДО

Осмони сабз бошад пахтазор
Навшукуфта пахтаҳо истораанд.
Ончунон истора, ки бо чашми чор
Сӯи мо дар хандаву наззораанд.

Хандаи истораҳои пахтадашт
Маънии бисёр дорад баҳри мо.
Ҳар яки он гӯӣ дорад саргузашт,
Саргузашт изҳор дорад баҳри мо.

Саргузашти кори мардони баор,
Кори аз сармову гармо зӯртар.
Саргузашти қисмати хуби диёр,
Ки варо халқаш кунад машҳуртар.

Бо забони хандаҳои бесадо
Пахта гӯяд: кавкаби иқбол ман,
То даме бошам ба даври бобақо,
Нек бар мардум кунам аҳвол ман.

Кавкаби аз хоки тар рӯидаам,
Осмон умре бувад бегонаам.
Чун кушодам чашм, деҳқон дидаам,
Бо туфайлаш оламе аз донаам.

Ҳар кӣ ҷӯяд кавкаби иқболи хеш
Ояд ин ҷою варо ҷӯё шавад.
Гаштааст он гум агар сад сол пеш,
Бо талоше аз манаш пайдо шавад.

ХАНДАИ МАН, САЪЙИ ТУ

Пахтаи хандон ба гӯши пахтакор
Гуфт чун маъшуқаи дардошно:
«--Он туӣ гирдам чу ошиқ беқарор,
Ин манам, ки ноз дорам доимо.

Нозҳоямро бубардорӣ ба ҷон,
Заҳмату ранҷат надорад сарҳисоб.
Пеши ту нозам нағунҷат дар ҷаҳон,
Нози ман, ҳоли ту донад хоку об.

Аз сари пундона заҳмат сар кунӣ,
Бо умеде то шукуфтанҳои ман.
Мушкилии кор пушти сар кунӣ,
Дар ҳавасҳои қаду болои ман.

Қоматам гӯё ниҳоли орзуст,
Орзуи неки ту дар рӯзгор.
Рӯзгори ту аҷаб хушрангубӯст,
К-аз ниҳоли орзу барчинӣ бор.

Барф андар қуллаҳо чодар задаст,
Абр болотар қавоқ андохтаст.
Тирамоҳи дилкаши аз файз маст,
Хандаи ман, саъйи ту пардохтаст.

ОҲ, МОДАР

Модар аз бозии қисмат боз ҳайрон асту бас,
Ҷон зи вазъи ҳолаташ чун мӯй ларзон асту бас.

Вақти бо фарзанди худ кардан видоъ сар то ба по
Оташу об асту дар сӯз асту гирён асту бас.

Рафта бар ҷанганд шаш фарзандашу танҳост вай,
Хотираш коҳи пареш аз боди ҳичрон асту бас.

Кай биёяд номае, эй кош, аз яктош ҳам,
Ҳар саҳар ӯ интизори хаткашонон асту бас.

Гар ҷавонеро бубинад, шах шавад мобайни раҳ,
Пайкараш ин лаҳза гӯӣ санги беҷон асту бас.

Сӯхтанро гӯиё танҳо ба модар додаанд,
Оҳ, модар! Дарди ту ҳар дард дармон асту бас!

НИДОИ МОДАРӢ

Ба хоки кишвари мо ҷанг мерафт,
Ба душман ҷанги мо аз нанг мерафт.
Фиғони модарон аз доғи фарзанд,
Ки зери теғи душман кушта гаштанд
Садо аз қалби хоросанг медод,
Ба гӯши мардум ин оҳанг медод:
«Ба хуни куштагон аз хасми малъун
Ситонад, ҳар касе одам бувад, хун!»
Нидои модарӣ балки ғазаб шуд,

Сару танбозии моро сабаб шуд.
Сабаб шуд, ки аду мағлуб кардем,
Чу мор ӯро ҳама саркӯб кардем.
Кунун дар мулки Ветнам ҷанг бошад,
Замин аз хуни одам ранг бошад.
Нидои модарӣ он ҷо баланд аст,
Равон бар ин нидо ҳар хушманд аст.
Нидо не, бар адуст ин сели нафрат,
Нидо не, ин бувад як табли нусрат.

с. 1969

АГАР ЯК ДАМ НАБОШӢ ТУ

Даме, ки хонаи пурнури ман торик мегардад,
Ба нури донаи гӯгирд меёбам тасаллое.
Раҳам аз торикӣ чун ришгае борик мегардад,
Ба заҳмат пой бигзорам зи як ҷо бар дигар ҷое.

Зи мактаб дер ояд гар зи вақти хеш фарзандам,
Чу барги бед меларзам, хавотир гашта ман бисёр.
Ба роҳаш мебарояд сӯхта беист ҳар бандам,
Агар дераш биёбам, кӯчаҳоро мекунам бозор.

Ниҳоли навбарамро ҳар гаҳе сармо кунад таҳдид,
Шабонгаҳ зери боғи хеш ҷо-ҷо дуд андозам,
Ғами дунё ба сар ояд агар манро, наям навмед,
Ба нори сабру тоқат хеш чун пӯлод бигдозам.

Агар як дам набошӣ ту, сари ман чархи гардон аст,
Куҷо рафтан, куҷо шиштан, чиҳо гуфтан намедонам.
Гумонам ин ҷаҳон обод не, як кунҷи вайрон аст,
Дигар бедорию хуфтан чӣ бошад, ман намедонам.

РӮЗГОРИ МАН

Рӯзгори ман аҷаб ширин шуда,
Гарчи бори он маро вазнин шуда.

Шукр гӯям, нест кам фарзанди ман,
Ҳар якаш бошад ба ҷон пайванди ман.

Нози фарзандияшон бошад зиёд—
Гаҳ ба ханда, гаҳ ба гиря, гаҳ ба дод.

Нози онҳоро бубардорам мудом,
Чун падар аз меҳру лутфи бардавом.

Шавқашонро ҳеҷ гаҳ набвад ҳисоб
Бар либоси нав ба нав чун бар китоб.

Ҳар кадомаш ҳар чӣ фармояд маро,
То дили шаб роҳ мепояд маро.

Гуфташон ичро намоям ё ки не,
Дар сари вақташ биёям ё ки не,

Дар дилам чандон нагардад ғам зиёд,
Созадам ғавғои онҳо балки шод.

Бо ҳикоят, бо мисоли бешумор
Бар дили ҳар як бубахшам ман қарор.

Гӯядам лекин агар яктои он:
«Гушна мондам, нест андар хона нон!»--

Ҷони ман гӯӣ барояд аз бадан,
Тир гардад баски дар дил ин сухан.

ШИРИ МОДАР

Дар хона барои кӯдак акнун,
Қанду асалу набот кам нест,
Ҳам равғани шир бошад афзун,
Ҳам ширави мевачот кам нест.

Аз неъмату нози хубу бисёр
То сер шудан хӯрад муқаррар,
Хобаш набарад валек зинҳор
Бе шири ҳаётбахши модар.

с. 1961

АЛЛА МЕГӮЯМ ТУРО ТАКРОР МАН

(Бо хоҳиши хонанда Саъбагул Орифова ва аз забони вай)

Ёдгори хурдаки яктоякам,
Баргаки садбаргаки зебоякам.
Порае аз лӯълӯи лолоякам,
Хоб кун, паҳлӯи ту бедор ман,
Алла мегӯям туро такрор ман.
Дасти ман дар пояи гаҳвораат,
Чашми ман пайваста бар наззораат,
Гарм бошад дар назар истораат,
Дил зи ту худро намегарад канор,
Ӯст чун парвона гирдат беқарор.

Модарат пурҳасрату ноком рафт,
Аз ҷаҳон вақти гули бодом рафт,
Шарбате нохӯрда аз айём, рафт.

Ман туро чун модари зорам кунун,
Бар ғами модар гирифторам кунун.
Буд ӯ мобайни мо мисли чароғ,
Мо ба гирдаш сурати гулҳои боғ,
Ҳай дареғо, рафт моро кард доғ!
Ёдгори номи ӯ танҳо тӯӣ,
Меваи умраш дар ин дунё тӯӣ.
Орзу дорам, ки ту гапзан шавӣ,
Чун чароғи хонадон равшан шавӣ,
Роҳгардон аз қафои ман шавӣ,
Дар ту бинам мордарат бори дигар,
Зиндаю хушбахт дар пеши назар.

с. 1979

ЯК ХОНА ПУР АЗ БАЧЧАВУ МОДАР БА МИЁНА

Як хона пур аз баччаву модар ба миёна,
Тифлон ҳама исторавву вай моҳи ягона,
Гирдаш, чӣ аҷаб гиряву ҳам хандаву бозист,
Модар зи чунин шӯру мағал хурраму розист.
Аз олами тифлон наравад ҷои дигар ӯ,
Бас меҳр наварзида ба дунёи дигар ӯ.
Як хандаи кӯдак шудааст умри ҷавонаш,
Як бӯсаи кӯдак шудӣ сад кайфи ҷаҳонаш.
Дар қомати ӯ ҷилваи фардош бубинад,
Дар раҳравияш рӯи ҳавасҳош бубинад.
Як хона пур аз баччаву модар ба миёна,
Ободтар аз хонаи мо нестӣ хона.

АЗ МАҶМӮАИ
«ГАПИ ПОДОР»
(Ашъори ҳаҷвӣ)

Душанбе,
«Ирфон»
1987

ПАНҶДАҚИҚАҲА

Ҳар рӯз пагоҳ пеш аз кор
Мо ғун бишавем назди сардор.
Дар панҷдақиқаҳа кунад боз
Сардор гапи гузашта такрор:
«Охир чӣ бало расида бошад,
Ёрон, ба шумо? Шавед иқрор!
Кас нест хӯрад ғами идора,
Дорад ҳама майли кори бозор.
Дирӯза супоришам куҷо шуд,
Ки нест аз ӯ нишона зинҳор?
Иҷрои плон бувад кашола
Чун рӯдаи аспи мурда дар ғор.
Гуфтем басе зи боби одоб,
Кас нест вале ба ин тарафдор.
Яъне, масалан, дирӯз бигзашт
Дар кӯча зи пешам Абдусаттор.
Не дод салому не назар кард,
Ин гуна адаб ба кист даркор?!
Ҳам бинаму ҳам расад ба гӯшам
З-ин масъала бешумор ахбор...»
То панҷдақиқаҳа шавад буд,
То садр кунад ақида изҳор,
Вақти танаффус расад, шитобанд
Аз кор ҳама ба оши тайёр.

ТАРБИЯТГАР

Тарбиятгар дар хусуси тарбия шуд дар сухан,
Панд медод аз китоби панди худ бар марду зан.

Аз бузургон нукта меовард дар боби мисол,
Он чунон гуфтӣ, ки гашташ кафк пайдо дар даҳан.

--Марҳамат,--гуфто дар охир,--ҳар киро бошад савол,--
Хаттӣ хоҳад, ё даҳонӣ, дода монад бемалол,
Бар ҷавоб омодаам чун аҳли таълиму адаб,
Ҳарфи посух гӯям аз тачрибаву фазли камол

Даст боло карда як кас гуфт ногоҳ аз миён:
«Гӯед, аз чӣ шуд сияҳ як неши пешониатон?»
Тарбиятгарро малол омад агарчи з-ин савол,
Лек гуфто ноилоҷ: «Аз мушти фарзандам—Амон».

РАФТ, РАФТ

Мансаби овозадорам рафт, рафт,
Курсии роҳатнисорам рафт, рафт,
Маснади пурифтихорам рафт, рафт,
Минбари гуфтугузорам рафт, рафт,

Саргарангам, дидаам шаб мезанад,
Хун ба сар дар ёди мансаб мезанад,
Оҳи сард аз сина бар лаб мезанад,
Рафт дармону мадорам, рафт, рафт.

Ку дигар шаъни ману эъҷози ман?
Ку дигар котибаи таннози ман,
Ки давад, чун бишнавад овози ман?
Обрӯю эътиборам рафт, рафт.

Ақл не, ғун гашта буд моли зиёд,
Мол ҳам охир ба ман ёрӣ надод,

Гардани кач монд бо ман умрбод,
Бахти бедор аз канорам рафт, рафт.

«КАСАЛӢ»-И НОГАҲОНӢ

Сардори идораи калоне,
Баднафс мисоли аждаҳое,
Часпида ба мизи мансаб умре,
Монанди ширеши дерпое.
Як рӯз намуд об майна,
Гардид ба фикр мубталое.
«Мӯъҷиза»-и тоза кард эҷод,
Дар олами макру иддаое:
Ногоҳ касал бихонд худро,
Аз хона нарафта ҳеҷ ҷое.
Овозаи «дард»-и ӯ ба ҳар сӯ
Шуд паҳн чу барқ дар самое.
З-ин аҳли идора дар таку дав
Гардид ҳама ба оҳу вое.
Кас даст назад ба кор дигар,
Ҳар як шудӣ гӯӣ дар азое.
Мегуфт якеш хоҳу нохоҳ:
Бар ӯ бидиҳад худо шифое.
Дигар ба ҷавоби ӯ ҳамегуфт:
Ҷӯем ба «дард»-и ӯ давое...
Ин буд магар зи рӯи ҳурмат
Бар садри азизу бовафое,
Ё аз «рӯи бел бо рави об»,
Ё ин ки зи тарсаи ҷазое?!
Рафтанд ҳама ба сӯи бозор,
Бо халтаю халтабачаҳое.

Карданд ба ному коми сардор
Он қадр хариди пурбаҳое,
Аз меваи хушку тозаю тар
Ҳам аз асали ба ҷон ғизое...
Холӣ шуда тахтаҳои бозор
Монандаи суфраи гадое.
Бозор ту гӯӣ кард ҳичрат
Бар хонаи сарвари балое.
Чун дид зани ҷавони сардор
Ин лаҳзаи файзу босахое,
Хурсанд шуда, ба хеш гуфто
Бо нозу карашмаю адое:
«Бо андаке «дарди» мардаки ман,
К-омад ба сари вай аз қазое,
Бо дасти пур ин қадар хабаргир
Ҷунбид чу ёру ошное,
Дар хона тиҳӣ намонда кунҷе
Аз неъмату нози ҷонфизое!
Хуб аст, ки «дарди» ӯ ду ҳафта
Афзояду монад, эй худоё!»

МАСЛИҲАТИ АҶОИБ

(Ба муҳаррирони баъзе газетаҳо)

Нишаста се шабу се рӯз бо як сабри дилхоҳе,
Ба сад шавқу ба сад уммед кардам шеъри нав эҷод.
Аз он болидам ин ки вақти ман чун резаи коҳе
Нарафт аз хирмани умри ҷавонам, дӯстон, барбод.

Ба рӯи сина бигрифта сурудам—ҳосили умрам,
Саҳар рафтам идора бо нишоти фавқи тасвире.

Муҳаррир ин сурудамро гирифта хондаю он дам
Ба ман гуфто ба ҷои он, ки бинмоянд таҳрире:

Навис аз рӯи мазмуни ҳамин шеърат хабар бар мо,
Агарчи шеър гуфтан аз хабар бинвиштан осон аст.
Дигар ин, ки бувад нархи хабар бисёр ҳам боло,
Агар мақсуд пул бошад, бидон, ки шеър арзон аст.

ҶАВОБИ ТАРСАКӢ

«Се шабу се рӯз шуд, ки нест аз Рустам дарак»,
Рафт ин овоза мисли бод то гӯши фалак,
Мардум андар ҷустуҷӯи вай шуда дар дав-давак,
Як тараф модар ҳаросон, як тараф зан бо амак.

Кофтандаш, ёфтандаш оқибат рӯзи дигар
Аз даруни лойи ғафси кӯчаи касногузар,
Оби шиша карда ӯро андар ин ҷо шери нар,
Дасту пояш ҳар тараф партофта мисли палак.

Ҷоғу пешонии вай бархӯрда бар ҳар чӯбу санг,
Сип-сияҳ гардида ранги кӯраи ангиштсанг,
Буд андар хоб, «роҳат» карда ҳамчун мурғи ланг,
Дар лабонаш шӯра баста кафк мисли хафнамак.

Сураташро дида, ӯро як бало пиндоштанд,
Ҳар чӣ бошад ҳам, варо аз ҷои худ бардоштанд.
Аз ду дасташ «меравӣ» гуфтанду маҳкам доштанд,
Лек роҳашро намедид ӯ мисоли шабпарак.

Зонуҳояшро набудӣ ҳеҷ дармону фара,
Пой мезад ҳар тараф монанди тойи навсара,

Бар замин афтода гоҳо, боз мезад якпара,
Чарх мегаштӣ сараш гӯё ки бар сони чалак.

Дида ин аҳволи бадро, дар ғазаб омад занаш,
Зад ба рӯяш ончунон, ки ларза омад бар танаш,
Дар ҷавоби тарсакӣ ӯ гуфт пеш аз рафтанаш:
«Сад қасам, ки ман ба пули худ нанӯшидам арақ!»

ХЕШИИ РӮБОҲ БО ГУРГ

Аз адолат шер—шоҳи ҷонварон
Гуфт: «Бо амру тақозои замон
Дар миёни мо, вуҳушон, баъд аз ин
Ҳеҷ гаҳ бояд набошад бухлу кин.
Дур партоем мо аз худ нифоқ,
Доимо бошем бо ҳам иттифоқ.
Ҳар кӣ бошад—хоҳ гургу хоҳ шағол,
Хоҳ хирсу хоҳ рӯбаҳ...бемалол
Соҳиби мансаб шавад, сарвар шавад,
Бар дигарҳо ҳокиму раҳбар шавад.
Шуд ҳамоно мисли барқе ин сухан,
Паҳн ҳар ҷо аз даҳоне бар даҳан.
Ваҳшиёни бешае андар ҷавоб
Гургро карданд сардор интихоб.
Гург чун бар курсии мансаб нишаст,
Оламеро хонд бар худ зердаст.
Гашт аз пешинааш даррандатар,
Кай дигар мехӯрд вай аз рони хар?!
Буд пешаш пухта дар сихи кабоб
Тоза-тоза барраи оличаноб.
Корҳо бо тарзи худ орост ӯ,
Кард таъмин, он чи ки мехост ӯ.

Беши кораш буд баски ноқулай,
Табъи аҳли бешаро бигрифт вай.
Хирси аблаҳ гашт чун бар вай вазир,
Ҷонварон гуфтанд: «Беша шуд ҷазир!»
Харгӯшак шуд котиба—фармоннавис,
Гург мегуфташ навис, ҷони раис:
«Ҳеҷ кас минбаъд пешам беҷавоб
По намонд, ки шавад ҳолаш хароб.
Ҳаст корам баски беш аз мӯи сар,
Нест аз сардорӣ коре зӯртар».
Хонда ин фармон, ҳама шуд дар сукут,
Гург аммо тоб медодӣ бурут.
Ки аҷаб даврон бувад даврони ӯ,
Кас натобад рӯй аз фармони ӯ.
Рӯбаҳи маккор дар андеша монд,
Муддате танҳо миёни беша монд.
Гуфт: «То соҳиб нагардам мисли дӯст
Боварии гургро, ки гандахӯст,
Ҳоли ман дар беша мегардад табоҳ,
Субҳи ман чун шом мегардад сиёҳ.
Яъне акнун мезанад чангам паланг,
Хирси аблаҳ мекунад манро гаранг...»
Баъд рафту пештар з-оғози кор
Гургро шуд дар қабулгаҳ интизор.
Гург омад чун саҳар бо карру фар,
Рӯбаҳи айёр дасташ пеши бар
Хест аз ҷою саломаш доду пас
Гуфт: «Мепурсам туро, эй додрас,
Рухсатам деҳ пеши худ, корам зарур,
Ки шудам з-ин кор беҳад носабур»...
Дар идора гург пурсид кори ӯ,

Гӯш кардӣ сар ба сар гуфтори ӯ.
Гуфт: «Гурго, ҳазрати волои ман,
Бо ту бошад пурсафо дунёи ман!
Духтаре дорам, ки зебо мисли он
Нест дар рӯи замину осмон.
Дар адаб якто бувад зебои ман,
Дар ҳунар бемисл он яктои ман.
Аз забонаш шаҳд меборад мудом,
Лутф бинмудан варо бошад маром.
Орзу дорам, ки бинам бахти вай,
Рӯзи тӯяш нур борад тахти вай.
Яъне дилхоҳаш бигирад духтарам,
Дур гардад бори вазнин аз сарам.
Фарз бошад гуфтанам, воломақом,
Ки бидидам чанд вақте субҳу шом
Духтарам зери дарахте интизор,
Баччаи ту рафта бигрифташ канор.
Ҳар ду бо ҳам ишқбозӣ доштанд,
Аз муҳаббат сарфарозӣ доштанд.
Хуб мешуд, ҳар ду гар ҳамсар шаванд,
Ваҳ, чӣ зебоянду зеботар шаванд!
Ёд орем ар гузашти рӯзгор,
Будааст аҷдоди мо хешу табор.
Муфтии ин беша буд бобои ту,
Чун ту некӯпеша буд бобои ту.
Буд бобои ман ӯро ҳамтабақ,
Мегирифт аз якдигар ҳар як сабақ.
Бо туфайли ин ду фарзанди накӯ,
Хешӣ ороем бояд мову ту...»
Гург розӣ омад андар гуфтугӯй,
Чоштгоҳӣ гашт барпо базму тӯй.

Хешии онҳо даме овоза шуд,
Шодии рӯбоҳ беандоза шуд.
Ҳеҷ кас тундӣ намекардаш дигар,
Кас намегуфташ дигар: ту—ҳилагар.
Ёфт рӯбаҳ баски роҳи макри хос,
Аҳли беша гашт аз вай дар ҳарос.
Баъд аз ин бо гург вай шуд ҳамнишин,
Чун вазири зираку донотарин.
Гургро мегуфт вақти маслиҳат:
«Доимо то бошӣ андар офият,
Аз шағол, аз макри вай шав бохабар,
Ки туро ғайбат кунад дар ҳар гузар.
Пеш кун акнун паланг аз бешазор,
К-ӯ бувад бар мансаби ту хостгор.
Хирс дорад низ бар ту фикри бад,
Берун аз даргаҳ кун ӯро то абад.
Ҷои харгӯшак қабул бинмо ба кор
Хоҳари ман, ки бувад хешу табор.
Додарамро мон раиси як маҳал,
То шавад исбот ҳукмат дар амал.
Ҳар кӣ бо коре туро гардад дучор,
Ҳалли кораш, хеши ҷон, бар ман гузор».
Гург аз гуфтори рӯбаҳ рӯ натофт,
Бехабар аз он ки бар худ гӯр кофт.
Аҳли беша шуд ҳама дар арзу дод,
Ин хабарро бурд то бар шер бод.
Гург шуд аз беша беному нишон,
Дод аҳли беша як тӯйи калон.

ШИРЕШИ ДӮСТӢ

Ваҳ, зани бечора гирён шуд ахир,
Оби чашмаш сели борон шуд ахир.
Зад сарашро бо ду дасту гуфт ӯй:
Ин чӣ ҳол, эй мардаки номард, гӯй?
Не арақ гум шуд, на ту аз хонадон,
Дод аз дасти ту, сад доду фиғон!
Гурба гаштӣ дӯш аз кайфи шароб,
Ман ба пешат муш гаштам дар ҳисоб.
Чанг бар рӯям задӣ, муште ба сар,
Доманамро кардӣ аз хуноб тар.
Меҳмонат маст буд аз ту зиёд,
Омаду пояш ба рӯи хон ниҳод.
Дид ӯ чун шишаи пур аз арақ,
Кард ногаҳ чаппа шӯрбою табақ.
Чанг зад чун бар палав он беҳиҷоб,
Рехт болои палав ҷоми шароб...
Кӯдакон хӯрданд чун боқии ош,
Ҳар яке шуд маст монанди дадош.
Чун хурӯсон ҷанг карданд он қадар,
Рехт аз сар мӯйҳошон мисли пар.
Бас нашуд ин беҳаёӣ то ба шаб,
Гашт он бар хандаи мардум сабаб.
Аз чӣ боз аз май ту саршор омадӣ?
Бо ҳамон рафтору кирдор омадӣ?
Талх кардӣ зиндагониям, дареғ!
Ҳайф кардӣ навҷавониям, дареғ!»
Кадхудои хонадон кач карда лаб,
Гуфт бар вай гӯӣ аз рӯи адаб:
«Эй зани нодону дунёбехабар,
Нолаву афғон ту нанмо ин қадар.

Кори ман ҳар ҷо арақ ичро кунад,
Ӯ даво дарди маро ҳар ҷо кунад.
Ин арақ нею ширеши дӯстист,
Марҳами бемисли реши дӯстист.
Дӯст шуд сардор бо мо аз арақ,
Дасти ман гардид боло аз арақ.
Зиндагиям бе арақ бошад ҳаром,
Нест бе вай пеши сардорам мақом».

МЕБУДАМ ИМРӮЗ МАН РАССОМ АГАР

Мебудам имрӯз ман рассом агар,
Мекашидам суратат ранги дигар;
Гарданатро ғафс бар монанди йӯғ,
Ишкаматро мисли машки пур зи дӯғ.
Каллаатро кӯзаи лоин барин,
Чашмҳоятро фари мошин барин.
Ҳар бурутат сурати як дарза шох,
Пас даҳонатро чу як ғори фарох.
Панҷаҳои дасти ту шохин барин,
Бинии ғафсат мисоли қоши зин.
Таҳти рӯятро сиёҳу таркабуд,
Қомататро чун балое дар намуд.
Хираю нопок вичдони туро,
Бебақо ҳар аҳлу паймони туро.
Ҳар дурӯғатро калон аз кӯҳи Турғ,*
Фаҳмишу ақли туро чун «ақли» мурғ.
Ҳирси ту монанди ҳирси аждаҳо,
Нафси шумат бетагу беинтиҳо.

---

* Турғ–куҳест дар собиқ ноҳияи Дашти Ҷум

Ончунон ки бо фиреби беадад
Молу мулки халқро дам мекашад.
Мениҳодам номи ту шӯҳратпараст,
Чилдурӯғу худписанду гандамаст.
Бо ҳамин симои ту бори дигар
Менамудам ошкор андар назар.

с. 1961

САЗОИ ХУШОМАДХӮҶА

Хушомадхӯҷа дӯш аз байни раста,
Мисоли боди сар-сар буд роҳӣ.
Ба роҳаш лек ҳар гоҳе нишаста,
Ҳаросон дошт ба ҳар сӯ нигоҳе.

Тифоқо дид ин, ки омад аз пеш
Зи сӯи дигаре аз раста сардор.
Хушомадхӯҷа бар он хоҷаи хеш
Саломе то диҳад, гардид тайёр.

Нигоҳу ҳуш сӯи сарвараш буд,
Набудаш фикр аз раҳ ҳеҷ гоҳе.
Вале сардор бо карру фари худ
Ҳамерафту намекардаш нигоҳе.

Ба уммеди саломи худ ба сардор
Хушомадхӯҷа зад сар бар дарахте.
Бишуд пешонааш аз зарб хуншор,
Забон шуд лолу тан чӯби карахте.

с. 1962

ЗОҒ ВА БУЛБУЛ

(Масал)

Чӣ шуд, ки зоғ шуд ҳоким ба як боғ,
Қиёмат гашт боғ аз қар-қари зоғ.
Ба булбул саҳнаи гулзор шуд танг,
Муҳити нағмаю гуфтор шуд танг.
Ба фасле боғ шуд берангу вайрон,
Ба мисли бешаи хушкида гашт он.
Ба назди зоғ омад рӯзе булбул,
Дигар тоқат намондаш бар тааммул.
Бигуфт: «Аз рӯзе бе гул боғ дидам,
Дили худро асири доғ дидам.
Чӣ хуш, гар гӯшае бошад пур аз гул,
Ки он ҷо нағма бархезад зи булбул!»
Димоғи зоғ аз ин сӯхт бисёр,
Ки булбул кард гӯё панд изҳор.
Ба булбул пас ҷавобе талх дод он,
Ки бошад боғ акнун боғи зоғон.
Намонд аз соз булбул лек зинҳор,
Шудӣ дар посухи зоғи сияҳкор
Зи нав аз сӯзиши дил нағмапардоз,
Ба ҳар ҷое, ки мешуд ғулғуландоз,
Гул он ҷо мебаромад гӯӣ аз хок,
Замин гӯё ки мешуд з-он тарабнок.
Ҷаҳон мегашт аз аввал зиёда
Ба рӯи булбули шайдо кушода.
Балое борид аммо бар сари зоғ,
Ки якбора варо ронданд аз боғ.

ЯК ВАРАҚ КОҒАЗ

Дӯш дидам зиштхӯе бадқавақ
Ҷониби сардори шаҳр омад ба дав.
Баркашид аз киссаи худ як варақ,
Дод бар сардору гуфт арзам шунав:

«Ки фалонӣ душмани ҷонам бувад,
Дод дашноми зиёдам бегунаҳ,
Талх бар ком обаму нонам бувад,
Рӯзи ман чун шаб шуда аз вай сияҳ.

Шарҳи томи кори он бадфеълу кин
Ман навиштам як ба як дар ин варақ.
Чорае бин, деҳ ҷазояш, баъд аз ин
То шавад ҳафтод пушташро сабақ.

Лек он коғаз биёмад бар забон,
Арзи худ равшан бигуфт аз сӯзи дил:
«Садри доно, раҳбари хурду калон,
Гӯш манмо ту ба ин зоти бахил.

Сафҳаи поки маро нопок кард,
Аз дурӯғу тӯҳмату рашку ҳасад.
Мон худаш гӯяд, ки оё ӯст мард,
Ки бигӯяд некро дониста бад?

Гашт кӯтаҳ умри ман чун як нафас
Аз заволи дасти ин шӯҳратпараст.
Ҷоям акнун мавҷи оташ ҳасту бас,
Кас набинад то зи ҳастиям шикаст».

ШИКОЯТИ ГӮСФАНДОНИ САРМОЗАДА

Аз рӯзи сахту пуразоб,
Аз гушнагии беҳисоб,
Чун рӯзадорон доимо
Гаштем мо беҳад хароб.

Бе думба моем он қадар,
Чун калбузем андар назар.
Бар устухон часпида пӯст,
Шуд пои мо мисли таноб.

Дар мо дигар набвад мадор,
Гардад сари мо чархвор.
Монанди борон ҳар замон
Аз чашми мо мерезад об.

Моро набошад иштиҳо
Бар хӯрдани обу гиёҳ.
Дил беқарорӣ мекунад
Дар сина бо сад печутоб.

Дар ҷои сахтӣ ҷони мо,
Онро намегирад худо.
Аз ҳоли мо нолад баҳор,
Бар ҳоли мо гиряд саҳоб.

Сад бор кардем илтимос
Мо аз раиси худшинос,
То дар зимистони хунук
Бар мо диҳад як ҷои боб.

Лекин ҳамеша газбурут
Чашмони худ мисли қурут
Аз сар бурун бинмуда, гуфт:
«Гӯед ин хоба ба об!»

Кардем то район чунин
Арзу шикоят баъд аз ин.
З-он ҷой ҳам афсӯс мо
Мондем доим бечавоб.

Рӯзе ду-се сар бегуноҳ
Қурбон бишуд аз байни мо
Дар пеши пои ҳар каси
Бомансабу «оличаноб».

Акнун, ки мо бас лоғарем.
Аз чӯби хушке бадтарем,
Аз ранги мо гардидаанд
Сардорҳо беҳад қимоб.

Мо тӯдаи сармозада,
Аз лоғарӣ аз позад,
Дигар кучо гӯем дод?
Созем сӯи кӣ шитоб?

Имрӯз дар фасли баҳор
Нашъунамо дорад диёр.
Себарга рӯяд аз замин,
Ҷорист оби нукратоб.

Сарсабз бошад ҳар дарахт,
Пурбор гардад нахли бахт.
Ҳатто чинори пир ҳам
Дорад ба худ ранги шубоб.

Мо мемурему хуни мо
Бар гардани ғафси шумо,--
Эй бехабар сардорҳо,
Эй дӯстдорони кабоб!

с. 1961

ШУКРИ НАВБАҲОР

Рӯбаҳе ҷодор назди шаҳр буд,
Хонааш андар канори наҳр буд.

Рӯзҳо аз чашм пинҳон мешудӣ,
Дар хаёли ризқ нолон мешудӣ.

Ёд меовард гоҳ анҷирро,
Гоҳ себу гоҳ ноку сирро...

Лек аз тарсе, ки ӯро боғбон
Мезанад ногоҳ бо тири камон.

Ё саги хапгир аз кунҷе дигар
Мешавад бо қаҳр сӯяш ҳамлавар.

Ҳар ду чашми шӯълабораш шаб задӣ,
Дил даруни синааш тап-тап задӣ.

Фикр карду нақшае тайёр кард,
Орзуи рафтани бозор кард.

Гуфт бо худ: «шаб шавад, хилват шавад,
Шаҳр андар хобу дар роҳат шавад.

Рафта он ҷоро тамошо мекунам,
Ризқу рӯзиям муҳайё мекунам».

Рафта дар бозор ӯ «бозор» кард,
Одати деринаро такрор кард.

Пораи себу аноре ёфт, хӯрд,
Устухони гӯштдоре ёфт, хӯрд.

Сер гашта ишкамаш аз ин «шикор»,
Шод шуд бар хонаи худ раҳсипор.

Як шаби дигар биёмад боз ӯ,
Ризқу рӯзӣ то намояд ҷустуҷӯ.

Ҳар қадар ки ҷустуҷӯ бозор кард,
Одати деринааш такрор кард,

Аз қазо аммо наёфт ӯ ҳеҷ чиз—
Не анору себ, не ноку мавиз...

Баҳри нафсаш боз саргардон бишуд,
Зӯр зад, дохил ба як дӯкон бишуд.

Лек дар дӯкон ба ҷуз ранги кабуд
Заррае аз «нозу неъматҳо» набуд.

Ҳар қадар болову поён зад, нашуд,
Аз ғазаб дандон ба дандон зад, нашуд.

Мӯ ба мӯ дар ранг охир шуд кабуд,
Сураташ гардид аҷоиб дар намуд.

Бо чунин шакли аҷибу ношинос
Рафт сӯи бешае бо сад ҳарос.

Ҷонварони беша—аз харгӯшу хирс
То шағолу бабру гурги гандаҳирс

Бо нигоҳе дида сар то пои ӯ,
Сурати андар назар зебои ӯ,

«Ин кӣ бошад?»--гуфта, дар ҳайрат шуданд,
Ҷумлагӣ омода бар хизмат шуданд.

Рӯбаҳакро бе саволу бе ҷавоб
Подшоҳи хеш карданд интихоб.

Баъд, вақте рӯбаҳак сардор шуд,
Ҳокими хурду калон дар кор шуд.

Хешро бо кибр оқил хонд ӯ,
Дар хирад устоди комил хонд ӯ.

Дигаронро таъна карда, лоф зад,
Лоф аз виҷдону аз инсоф зад.

Хирсро гуфто, ки: «Эй махлуқи пир,
Мурданат беҳ, оламе кардӣ ҷазир!»

Гургро гуфто, ки: «Ҷинси пурзиён,
Лошаи хар ҳайф бошад бар ту, дон!»

Бабрро ҳам гуфт: «Шуми гурбаранг,
Зеби ту бошад даруни гӯри танг».

Хуласи гап, шоҳи нав бо карру фар
Ҳиллаҳои тозае бинмуд сар.

Ҳар чӣ маъқулаш шудӣ, кардан гирифт,
Номи худ боло баровардан гирифт.

Воҷиб амри хеш дар даврон шумурд,
Зӯр худ аз Рустами Дастон шумурд.

Рӯз то рӯз ишраташро беш кард,
Ҷонварони бешаро дилреш кард...

Чун зимистон рафту омад навбаҳор,
Сайри саҳро «шоҳ» бинмуд ихтиёр.

Ногаҳон тундар заду борон бишуд,
Чанги рӯи ҳар гиёҳеро зидуд.

Аз тани «шаҳ» низ он ранги кабуд
Дар даме дар зери борон шуста шуд.

Рӯбаҳии рӯбаҳак шуд ошкор,
Ҷонварон карданд шукри навбаҳор.

ПАНД

Ҷои як сардор шуд сардори нав,
Дар идора гӯӣ сар шуд кори нав.
Баъди чанде лек сардори куҳан
Пеши сардори нав омад, гуфт: «Ман
Хостам, ки ҳамчу пири кордон
Рози сардорӣ кунам баҳрат баён:
--Ҷуз азобу ранҷи сардорӣ дигар
Боз бар сардори доно як қадар
Кайфу ишрат низ лозим мешавад,
Гоҳ-гоҳе, ё ки доим мешавад.
Лозим ояд гоҳ сайри ҳар диёр,
Сайр бар сардор бошад ифтихор!
З-ин сабаб бар ҳар мудиру биргадир
Роҳи бар худ судбахше пеш гир.
Гир бар худ бахтаке з-онҳо ба ноз,
Ғайри вай бар кас дигар макшой роз.
Вақти рафтан бар курорте, ё ба сайр,
Як бузакро сар бибур чун кори хайр,
Бегаҳӣ даъват намо то сад нафар,
Гӯй: ёрон, ман саҳар дорам сафар...
Бахтакат чун фитнакори пухтакор,
Баркашад аз киса пулу бо виқор
Сад-дусад сӯм «чойпулӣ» гуфта ӯ,
Дар ҳузури дигарон дар пеши ту
Монаду гӯяд, ки ин шуд кам, бубахш,
Аз сафар ман бехабар будам, бубахш!
Дигарон якбора шерак мешаванд,

Роҳӣ дар роҳи муборак мешаванд—
Мекашанд аз ҷайбашон пул пушти ҳам,
Мешавад як халта пул пешат ғарам,
Ки агар гирди ҷаҳон гардӣ, бас аст,
Дурри мақсуд оварӣ бо вай ба даст.
Қайд кун рӯзи таваллуд инчунин,
Бахтакатро садри тӯят кун таъин.
Қайд кун соле ду бор ин рӯз ту,
Як сафар аз рӯи ҳуҷҷатҳо бигӯ.
Гуфта мон аз рӯи мулчар як сафар,
Аз идора кас намонад бехабар.
Ҳар якаш аз тӯйи ту хуррам шавад,
Дар хариди тӯҳфа чун Ҳотам шавад.
Зиндагӣ з-ин гул кунад бар рӯи ту,
Мурғи толеъ пар кушояд сӯи ту...
Рози сардорӣ бигуфтам мухтасар,
Панд додам ман туро мисли падар».
Монд сардори нав аз ин дар сукут,
Қатъ шуд якборагӣ гуфтушунуд.

ТАЗОДҲО

Боз имшаб бар сари мизам нишастам то саҳар,
Мисли модар, ки сари гаҳворааш бедор буд.
Бо хаёли шеър мебурдам шабамро ман ба сар,
Дар забонам мисраи носуфтае такрор буд.

Хона гарму берун сард дар чанголи дай,
Як тазод аз зиндагӣ дар пеши чашмам буд ин.
Шеър гашт иншо, ки сар то пой дар маънои вай,
Буд ҳаҷви ботини як фитнаангези лаъин.

Бурдамаш пеши муҳаррир, то ки ӯ чун нуктадон
Хонаду дар рӯзнома чопи он донад раво.
Хонда шуд онро даме ки «нуктадони» меҳрубон,
Гуфт: «Бар тафтиш фиристонем шеърат, шоиро!»

Бори аввал гӯши ман бишниду чашми ман бидид,
Ки ба тафтиш мефиристонанд ашъор инчунин.
Як тазоди нав ба чашмам боз омад з-ин падид,
Дар миёни нуктафаҳму ҷӯраи мансабнишин.

ХАВОСАМ КАРДАӢ

Мансабам, аз бекасиҳо ту халосам кардаӣ,
Бо касони ношинос акнун шиносам кардаӣ.

Ҷӯраҳои рӯзи сахтӣ рафтаанд аз хотирам,
Ҷои онҳо бо дигарҳо сахт мосам кардаӣ.

Гӯш ҳарфамро кунад ҳар кас чу амри воҷибе,
Соҳиби «фазли» баланду «ихтисосам» кардаӣ.

Беамалҳо пеши ман ҳар дам хушомад мезананд,
Банд дар мобайни арзу илтимосам кардаӣ.

Нест акнун ёру хешу ақрабоямро ҳисоб,
Баҳри эшон пуштибонею ғиёсам кардаӣ.

Ҷон фидоят мекунам, то бо ту бошам ман, вале
Рӯзҳои охирин кам-кам хавосам кардаӣ.

СОДАГӢ Ё ОДАМГАРӢ

Омадӣ, аз мақдамат шодон шудам,
Хоки поятро ба сар бардоштам.

Пардаи дил карда пойандози ту,
Дар раҳат тухми муҳаббат коштам.

Хони пур чун тирамоҳ ороста,
Аз бароят ҷону дил кардам нисор.
Ҷоми мӯле бар кафат бигзошта,
Гуфтам умре ман ба роҳат интизор...

Рафтию ҳар ҷо, ки рафтӣ, гуфтаӣ:
--Боб кардам хуб ман ин содаро.
Кард аз якмоҳа муздаш бештар
Сарф аз баҳри мани ноошно...

Ман, ба қавли ту, агар як содаам,
Дорӣ бар ин аз таҳи дил боварӣ.
Дар ҷаҳон ин содагӣ бошад агар,
Пас чӣ сон бошад, бигӯ, одамгарӣ?

АЛВИДОЪ, ДИГАР НАЁ

(Аз забони собиқ майзада)

Муддате дидам ғаме, айби худам,
Ғам чӣ, балки мотаме, айби худам.
Бо ту будам ҳамдаме, айби худам,
Аз паят рафтам ҳаме, айби худам,
Эй фиреболуда ёри ҷон, арақ.

Рӯи ту испеду ботинат сиёҳ,
Мисли мулло макри худ созӣ паноҳ.
Дар гунаҳ ғарқию тобӣ бегуноҳ,
Рост рафтан ҳам наметонӣ ба роҳ,
Майнаҳоро мекунӣ вайрон, арақ.

Қиссаи мову ту мебошад дароз,
Ошноӣ доштем охир ба ноз,
Сода будам ман, ту будӣ фитнасоз,
Доштӣ ҷонам мудом андар гудоз.
Дӯсти рӯ, душмани пинҳон, арақ.

Нӯш кардам ҷуръае аз ту гаҳе,
Нест гуфтӣ беҳтар аз ман ҳамраҳе.
Нӯш гуфтӣ боз, кардӣ огаҳе,
Бехабар пеши раҳам кандӣ чаҳе.
Доштастӣ фитнаи шайтон, арақ.

Аз муҳаббат бар ту дармонам намонд,
Тозагӣ дар лафзу вичдонам намонд,
Ростӣ дар аҳду паймонам намонд,
Пеши мардум заррае шонам намонд,
Ҳамнишини обрӯрезон, арақ.

Маст гашта лаққии ҳар дар шудам,
Бар суханҳои қабеҳ чокар шудам.
Рӯи раҳ афтода ҳар дам ҷар шудам,
Дар нигоҳи хеш ҳам дигар шудам,
Бадтарам бинмудӣ аз ҳайвон, арақ.

Мешудам бо раҳгузарҳо худ ба ҷанг,
Мезадам бар ҳар якаш дуғу даранг,
Рехтам гаҳ сӯяшон борони санг,
Буд аз ин «одоби» ман мардум гаранг,
Кас намегуфтӣ маро инсон, арақ.

Омадам шабҳо ба хона дер ман,
Кӯфтам пушти дару занҷир ман.
Во накардам дар ба ин тадбир ман,
Бар худам гашта гиребонгир ман,
Хоб рафтам дар таги долон, арақ.

Тамба гардидам паси дар то саҳар,
Субҳидам бар сар маро мекӯфт дар,
Карда будам дарди сар беҳад пакар,
Рафта буд аз ёди ман шаъни падар,
Дошт аз ин модарам афғон, арақ.

Беасар кардӣ ту ҳарфам бар аёл,
Ҳарфи ман мекард ӯ фанде хаёл,
Кӯдакон буданд аз корам малол,
Мешудам бадтар зи бад торафт ҳол,
Гаштам аз ту бе сару сомон, арақ.

Буд равшан бар ҳама дунёи ман,
Чанд шуд ҳушёрхона ҷои ман,
Суда гашт аз рафтан он ҷо пои ман,
Бар замин мезад сари болои ман,
Додам аз ин ҳар сафар товон, арақ.

Гоҳ талбидам, бувад дар ёд ҳам,
Пеши ҳар як н-ошно сар карда хам,
Буд бенангӣ ба ҷонам ҳамқадам,
Гарчи гаҳ гуфтанд: «Гум шав, муттаҳам!»
Кардиям шарманда дар район, арақ.

Дӯстони ҷониам рафта зи ёд,
Тарк кардандам зи баски умрбод,
Дӯстони нонӣ гаштандам зиёд,
Ҳар замон гуфтанд бар ман нӯшбод,
Бо умеду дарди майхорон арақ.

Нӯшбод аз нав ҳамекардам сахӣ,
Дар сахо наздик гаштам чун Яхӣ[6].
Завҷаам мехонд манро дӯзахӣ,
Гашта борик аз азобам чун нахе,
Мешудам якборагӣ ҳайрон, арақ.

Мисли ман, гуфтанд, кас девона нест,
Дар назар аз ақли худ бегона нест.
Носипоси обу нони хона нест,
Ин қадар дар н-одамӣ афсона нест,
Ростӣ, будам аҷаб нодон, арақ.

Ёдам ояд, як замон бо вою дод
Модарамро айб бигрифтам зиёд.
Чунки дар охир дигар пулам надод,
Гуфт: «Шири додаамро бурд бод»,
Ашкҳояш дар сари мижгон, арақ.

Бад кунӣ бо зӯри худ некӯйро,
Кач барӣ ҳар нуктаи дилҷӯйро.
Метавон мотам биёрӣ тӯйро,
Нест созӣ сӯҳбати хушрӯйро,
Тинҷро гардонӣ саргардон, арақ.

[6] Яхӣ—қаҳрамони яке аз достонҳои Алишер Навоӣ, ки дар сахигӣ машҳур аст.

Дасти одам хорро гул мекунад,
Зиндагиро пуртаҷаммул мекунад,
Сад азоб ояд, тааммул мекунад,
Лек вақте шиша қул-қул мекунад,
Кор монад хоб дар майдон, арақ.

Нағз фаҳмидам, ки бадхӯ будаӣ,
Сад карат пур з-он, ки бадбӯ будаӣ.
Дар шикам бонги ҳаёҳу будаӣ,
Дар гунаҳорӣ ту берӯ будаӣ,
Равнақу авҷи ҳама нуқсон, арақ.

Вақташ омад, бо ту гӯям алвидоъ,
Алвидоъ, эй заҳри ақлу фаҳмҳо,
Дур рав аз дидаам, дигар наё,
Аз қафоят рӯфтам ман хонаро,
Мон, ки моро пок бошад хон, арақ!

с. 1985

АРЗИ ДИЛ

Саркардаи пухтаи идора,
Аз ту нашавем мо канора.

Гӯшам бинамо, ки роз дорам,
Чандест, ки бар ту ҳаст корам.

Наздат ба умед омадам дӯш
(Шояд нанамудаӣ фаромӯш).

Бикшода дарат салом гуфтам,
Ин ҳарф аз эҳтиром гуфтам.

«Мумкин-мӣ?»--бигуфтаю ҳамон дам
Майле ба даромадан намудам.

Аммо ту, рафиқи серкорам,
Як зарра надода эътиборам.

Дӯғам зада гуфтӣ: «Пӯш дарро!
Наздам ту ягон рӯзи дигар о!»

Аз рафтану омадан ба пешат,
Аз «Рӯзи дигар биё»-и бешат.

Резини батинкаам тунук шуд,
Аз тундии ту дилам хунук шуд.

Ҳар рӯз, ки медавонӣ манро,
Одам ту магар нахонӣ манро?

Минбаъд агар фано шавам ман,
Пеши ту дигар намеравам ман.

Танҳо ба ту гуфтам арзи дилро,
Ҷое накунам дигар даҳан во.

Зеро ки изои кас ҳаром аст,
Боло зи ҳама накӯй ном аст.

БЕИМЗОНАВИС

Хилвати шабро барои худ муқаррар мекунам,
Равзану дар маҳкаму шамъам мунаввар мекунам.
Бар сари мизам нишаста корро сар мекунам,
Хомаамро дар даводав рӯи дафтар мекунам.

Менависам,ки Абири бебурут савдогар аст,
Сета мошин дораду имрӯз вай мошинхар аст.
Бар ҳама ин фитнаҳо-ш Эшони камгап раҳбар аст,
Пашшаро бо фил рафти гап баробар мекунам.

Пур намоям дафтаре аз «айби» сардор инчунин,
Порахӯр бинвисамаш, дузду дилозор инчунин,
Гӯямаш бар котиба як ошиқи зор инчунин,
Ҳусни хат бо дасти чап ҳар бор дигар мекунам.

Вақти «корам» пар занад гар пашшае бар сӯи ман,
Шиғ ба мисли дугҳои ҷайра гардад мӯи ман,
Ларзае беихтиёр афтад ба ду зонуи ман,
Зуд пинҳон коғазу килкам ба ҳар бар мекунам.

Солҳо шуд касбу кори ман ҳамин асту ҳамин,
Хоҳиши дил, рӯзгори ман ҳамин асту ҳамин.
Бо «шарирҳо» гирудори ман ҳамин асту ҳамин,
В-аз ғаму талвосаи онҳо ҷигар тар мекунам.

Гар намекарданд бемансаб, ба кас корам набуд,
Менишастам дар кати матлаб, ба кас корам набуд.
Ғарқи ишрат гашта рӯзу шаб, ба кас корам набуд,
Бар давои дарди худ шуғлам мукаррар мекунам.

ЛАҚҚИЗОДАҲО

Се-чор лақизодаи омодаи ғайбат
Нафъе нарасонда сари мӯе ба ҷамоат,

Биншаста ба рӯи кати майхонаи «Хуммор»
Гӯянд суханҳои ғаразнок ба такрор.

Гӯяд яки он: заррае инсоф намондаст,
Дар шаҳр диле ҷуз дили мо соф намондаст.

Бинед, мана хӯҷаини шаҳр чӣ сон аст,
Кӯдаксифат ӯ гап зада, бефаҳм ҷавон аст.

Гӯяд дигараш: ҷӯра, суханҳот ҳама рост,
Расво зи чунин ширмакон даҳр саропост.

Ман мебудам ар хӯҷаини шаҳр, ба як рӯз
Мешуд ҳама дар давлати ман хурраму фирӯз.

Он дам ту калон мешудӣ, аз ростӣ, Акбар,
Як дона миёни ману ту буд баробар.

Бешубҳа, Назар, мешудӣ сардори идора,
Иқболи ту метофт ба монанди ситора.

Якбора ту мегаштӣ, Расул, ҳокими савдо,
Мешуд ҳама хони ту пур аз неъмати авло.

Аммо ба ту, эй ҷӯраи ҷонии ман Ориф,
Медодам абад сарварии кори маориф.

Хуллас, ки ҳама кор ба дасти худи мо буд,
Ҳар сонияи умр пур аз кайфу сафо буд.

Дар айни чунин лаҡ-лаҡу дар баҳси туву ман,
К-аз вай набудӣ фоида як донаи арзан,

Майхоначӣ—Олимамаки пир ба нохост
Омад бари эшону «уко»!—гуфта ҳақаш хост.

Он тӯдаи дар ғайбати мардум шуда побанд,
Чанде бағалу кисаи худ кофта монданд.

Охир ҳақи Олимамаку боқии ғайбат
То рӯзи дигар қарз бимонданду амонат...

с. 1964

БАҲОНАИ МАЙПАРАСТ

Маст омад мисли дишаб дер Нур аз «кор» боз,
Бо шикам дар пеши дар зад, боз шуд пояш дароз.
Кас намедонист ӯро рост бардорад чӣ сон,
Хоб ин ҷо буд гӯё кундаи ғафси ҷувоз.

Завҷаи бемори вай, ки буд дар кунҷе ба хоб,
Хест аз ҷо, назди вай то пушти дар шуд бо азоб.
Дошт аз мӯи сараш, ҷунбону пурсидаш: «Чӣ тур?»
Дар ҷавобаш баъди чанде Нур танҳо гуфт: «Об!»

Рехт он дам шаш сатил оби хунук зан бар сараш,
З-ин табобат ҷон даромад нисфи шаб дар пайкараш,
Завҷаи бемор шуд аз қаҳр гӯё ки сиҳат,
Як нигаҳ бар Нур карду бо ғазаб омад бараш.

--Кай ту гирӣ,--гуфт,--
аз ин кирдору рафторат сабақ?
Нав намонд охир зи дастат косаю дегу табақ.
Дӯш гуфтӣ, ки ба ҷои хоҳарам бошад занам,
Ман агар дар умри худ бори дигар нӯшам арақ.

--То нанӯшам,--Нур гуфт,--аз сидқи дил кӯш кӯшидаме,
Ҷомаи ғам аз ғами дарди ту ман пӯшидаме.
То сиҳат ёбию бошӣ чун гули наврӯз шод,
Сад қасам бишкастаму баҳри ҳамин нӯшидаме.

с. 1968

ЗАНАМ РИЗО НЕСТ

Сардорам имрӯз,
Пуркорам имрӯз,
То дер поям,
Ҳушёрам имрӯз,
Ман аз Душанбе
Канорам имрӯз,
Дар мулки Кӯлоб
Ҷо дорам имрӯз.
Танҳоям аммо,
Икрорам имрӯз.
Бар кӯчу пучам
Ҳай зорам имрӯз,
Пешам наоянд,
Бе ёрам имрӯз.
З-ин рӯ зуқонанд
Бисёрам имрӯз.
Чӣ метвон гуфт?
Бояд аён гуфт:
Занам ризо нест,
Занам ризо нест!

Ӯ ноз дорад,
Бас роз дорад.
Дар даст ҳар дам
Микроз дорад.

Мӯяш ба миқроз
Пардоз дорад
Баланд доим
Овоз дорад.
Бо доду фарёд
Иброз дорад:
--Душанбе ҳусни
Дилбоз дорад.
Ҷон бо ҷамолаш
Сад соз дорад.
Мурғи дил ин ҷо
Парвоз дорад!
Чӣ метавон гуфт?
Бояд аён гуфт:
Занам ризо нест,
Занам ризо нест!

Зиёда аз пеш
Ҳукмаш бувад беш.
Шармаш наояд
Аз ғайру аз хеш.
Занад чу каждум
Бар ҷони ман неш.
Нисбат ба банда
Гашта бадандеш.
Пошад намак ӯ
Гӯӣ ки бар реш.
Ӯ гург гашта,
Ман гаштаам меш.
Пайғомаш ояд
Вофир пасопеш.

Безор гаштам.
Аз мансаби хеш.
Чӣ метавон гуфт?
Бояд аён гуфт:
Занам ризо нест,
Занам ризо нест!

Қадрам чу сардор
Хирвор-хирвор.
Хизмат кунандам
Такрор-такрор.
Оянд пешам
Бо кору бе кор.
Сад шукр гӯям
Ҳар бор-ҳар бор.
Набвад малоле
Зинҳор-зинҳор.
Ҳарфи садоқат
Бинмоям изҳор.
Лекин хароб аст
Манро дили зор.
Зеро касеро
Наям мадагор.
Чӣ метавон гуфт?
Бояд аён гуфт:
Занам ризо нест,
Занам ризо нест!

Дирӯз фармон
Додам ба мардон.
Ичрояш аммо

Набуд осон.
Аз қаҳр кардам
Якбора афғон.
Ногоҳ гуфтанд
Дар рӯи майдон:
«Бошӣ агар ту
Он қадр пурдон.
Занат нагирад
Гапат чӣ? Фаҳмон!
Ҳарчанд кардам
Нагашт пинҳон
Шарме, ки сӯзонд
Дар пайкарам ҷон,
Чӣ метавон гуфт?
Бояд аён гуфт:
Занам ризо нест,
Занам ризо нест!

Дунё ҳамин аст,
Қисмат чунин аст.
Гарчи зи мо дур
Чархи барин аст.
Бар осмон ҳам
Амр аз замин аст.
Кори фалакгард
Дар авҷ аз ин аст.
Зани ман охир
Замин барин аст.
Ҳар ҷо, ки бошам,
Ҳукмофарин аст.
Ҳукмаш дурушт аст,

Ё дилнишин аст,
Бошам қаринаш,
Ӯям қарин аст.
Чӣ метавон гуфт?
Бояд аён гуфт:
Занам ризо нест,
Занам ризо нест!

Як кори дигар
Мондаст камтар.
Онро намоям
Агар баробар,
Дигар ки резанд
Аз сар маро зар,
Рахти сафар зуд
Бандам аз ин дар.
Наистам асло
Кардам муқаррар.
Наяст чора,
Бинмой бовар.
Равам Душанбе
Бар пеши дилбар.
Бе хайру бе хуш,
Дар пушт замбар.
Чӣ метавон гуфт?
Бояд аён гуфт,
Занам ризо нест,
Занам ризо нест!

ТАКРОРИ ОДАТ

Корро оғоз садри мо зи ғурбат мекунад,
Дӯст инро дошта, такрори одат мекунад.

Ҳафтае як бор пайдо мешавад дар мизи кор,
Худ вале «беайбу» моро сад маломат мекунад.

Кору бораш кас намебинад чӣ рангасту куҷост,
Кор не, тайёр ҷои кор ҳуҷҷат мекунад.

«Интизоми меҳнат» ӯро дар забон бошад ҳаме,
Лек вайрон худ низоми кору меҳнат мекунад.

Бо вуҷуди ин ҳама тундию кибру ҷоҳилӣ,
Гоҳ рози дил кушода нарм «сӯҳбат» мекунад.

Сӯҳбати бемисли ӯ сар мешавад аз шикваҳо,
Аз худаш болотаракро сахт ғайбат мекунад.

Таърифи домодҳояшро намонад нуқта ҳеҷ,
Нози домодони хушпулу бадавлат мекунад...

Ҳар чӣ хоҳад, мон кунад, имрӯз сардор аст ӯ,
Лек баргӯ, ҷони мо то чанд тоқат мекунад?!

ШЕЪРАКЕ ГУФТӢ

Хонда-хонда одами «доно» шудӣ,
Аз ҳама, бо қавли худ, боло шудӣ.

Шеъраке гуфтӣ ба тақлид аз ҳавас,
Бо ҳамин гӯё суханоро шудӣ.

Чун зи ту «донотаре» номат гирифт,
Берун аз худ гашта, нопайдо шудӣ.

Хонаи худ баъд аз ин кай омадӣ,
Ҳар куҷо ту садри маҷлисҳо шудӣ.

Ишкамат молида якпаҳлӯ задӣ,
Чун ба гирди хони мардум ҷо шудӣ.

Машрабак бар машрабакҳо кӯфта,
Воизи аввал шудӣ, якто шудӣ.

Рафта-рафта дар нигоҳи хештан
Номию машҳур дар дунё шудӣ.

Ончунон «сабзида» рафтӣ, к-оқибат
Косалеси ходими савдо шудӣ.

ДАР МАЗАММАТИ ҲОФИЗОНИ ТУМТАРОҚ ТАЪБИРИ ХОБ

Хондам имшаб «Қиссаи муфлис» ба як тӯйи калон,
«Каллаи пӯсида»-ро ҳамроҳ кардам ман ба он.
Шуд зи сеҳри хонишам дар «гиря» сар пиру ҷавон,
Зиндаҳоро куштаму бар мурдаҳо додам равон,
Гӯӣ оламро мубаддал сохтам бар маҳшаре.

Шеъри Ҳофизро сурудам бо як «истеъдоди» хос,
Нест мумкин кардани он бо дигар санъат қиёс,
Зинда кардам Ҳофизи гумному пешам чун шинос
Гашт пайдо, гуфт: «Эй хушхони даврон, илтимос,
Боз бардор исми гумгардидаам болотаре».

Байти Саъдию Камолу Рӯдакӣ савдо задам,
Пули бедарди миён дар ҷайб бепарво задам.

Кам агар доданд, фарёде ба гардунҳо задам,
Шарму номусу ҳаё чун хок зери по задам,
Нест дар дунё ба монандам дигар савдогаре.

Дар балоӣ байни мардум, ростӣ, афсонаам,
Пул агар шамъ аст, ман дар гирди он парвонаам.
Нимаи шаб омадам бо ҷайби пур бар хонаам,
Аз барорам дар табассум шуд лаби ҷононаам,
Банди пул додам ба ӯ чун банди гулҳои таре.

Чун шудам дар хоб, дидам хоб дарҳол инчунин,
Ки ду-се бераҳм андар гарданам баста каин,
Мекашанду мебарандам гуфта сад борам лаъин,
Кас намегӯяд ба ман таъбири ин ҳоли ҳазин:
Гоҳ гаштам ҷони бетан, гоҳ бечон пайкаре.

Зорӣ карда, гуфтам: «Эй мардум, надорам ман гуноҳ!»
Ким-кадомаш гуфт: «Хап кун, муттаҳам, рӯят сиёҳ».
Бар забон омад яке чашмам ба монанди гувоҳ,
Гуфт бар ман: «Нест чун ту фитнакору зиштхоҳ,
На мусулмон мекунад кори туро, на кофаре.

Хонаи ҳамсоя рафтӣ дида бо ман пеши раҳ,
Хӯрда, нонашро занаш бо фикри бад кардӣ нигаҳ.
Аз сари девор чашмак мезадӣ шому пагаҳ,
Ошкор ин кор гашт охир, нашуд кардан панаҳ,
Нури ман кам гашт аз ин пешаи нанговаре».

Поям омад бар забон гуфто, ки: «Гӯяд чашм рост,
Роҳу рафтори ту дар ин рӯзгори мо хатост,
Рафтӣ бо ман ҳар кучо, ки балки рафтан норавост,

Ҳар куҷо ҳарромхӯр дидам, ки бо ту ошност,
Ғофил аз хайру ҳамеша дошти фикри шаре».

Даст гуфто: «Он чи омад муфт, бо ман доштӣ,
То ба дӯши хеш бо зӯри манаш бардоштӣ.
Ё ки бо нӯгам ба чоҳи кисаат бигзоштӣ,
Тухми макру фандро бар нафъи худ мекоштӣ,
Пок то гардам, манам мӯҳтоҷ бар хокистаре».

Нафс гуфто, ки: «Туӣ бар ман рафиқи меҳрубон,
Рост мегӯям вале, ояд чу ҷои ростон,
То тавонистӣ, маро пур кардӣ аз ду «Бӯстон»,
Ҳар куҷо сардор гаштӣ, қап задӣ пули калон,
Дар тамоми умр будӣ аз бароям чокаре».

«Ду-ду» гуфта, пеши ман шуд селаи мошин қатор,
Ҳар кадомаш бо забони хеш гуфтам: «Нобакор!»
Номи ман аз давлату дар кори ту мондам зи кор.
То ба Дарвозам бибурдӣ хонаи ҳар тӯйдор,
На макони дур гуфтӣ, на раҳи сангу ҷаре».

Гӯш гуфтам, ки: Накардӣ гӯш эроди касе,
Ростӣ дар пеши ту қадре надорад чун хасе.
Гарчи ман ҳам додамат овозҳо аз худ басе,
Дар ту аммо кас надид андешаи пешу пасе,
Будаӣ аз зоти вайронгашта дар баҳру баре».

Гашт ҳозир аз куҷое боз вичдони сабил,
Ки варо ман карда будам гӯр андар қаъри гил,
Гуфт: «Зинда то ба ҳоло мондаӣ, эй ноасил?!

Шикваҳо дорам зи ту ман бо ҳазорон доғи дил,
Баски хорам кардаю шармандаи ҳар кишваре.

Лаҳзаҳое шуд, ки манро қаъри чоҳ андохтӣ,
Ҳарфҳои носазое дар ҳақам пардохтӣ,
Аз ҳамоқат ин замину осмон нашнохтӣ,
Шафқати одамгарӣ нобуд аз худ сохтӣ,
Мекушодӣ дар фазои н-одамӣ болу паре.

Ёд овар, ки баҳори дилрабо буду замин
Аз қадамҳои хуши он дошт ранги нозанин,
Медамид аз зери тарма майсаи зебо маҳин,
Сабза рӯи санг будӣ махмале болои зин,
Шавқи чӯши зиндагӣ месохт олам дигаре.

Дар чунин айёми гул як гул зи олам даргузашт,
Он, ки буд аз баҳри фарзандони ту модар, гузашт,
Нолаи тифлони вай болотар аз ахтар гузашт,
Талхии он рӯз аз дилҳо чу як наштар гузашт,
Пора мешуд ҳар дилу ҳар дида ҳавзи кавсаре.

Дошгӣ бар тан вале пироҳани тӯёна ту,
По ба рӯи пой будӣ дар кати шоҳона ту,
Гашта будӣ зоҳиран гӯё зи ғам девона ту,
Косаи шир дошта бар каф чу як паймона ту,
Заҳри талхе гуфта, мехӯрдӣ зи шаҳд авлотаре.

Гашт сокин модари бечора андар хоки тар,
Ғайри ҳасрат ӯ набурд аз ин ҷаҳон моле дигар,
Бори ту гӯё сабук шуд бо ҳамин, эй бепадар,

Дар ҳамон шаб гарм бигрифтӣ танатро то саҳар
Хурраму озод дар оғӯши дигар дилбаре.

Қиссаи найранги туст аз умри олам ҳам дароз,
Дар нифоқандозӣ чун ту кас надид устоди соз,
Ин ба ону ба ин бад мекунӣ ҳар ҷо ба тоз,
К-аз ту як мӯе надорад Аҳриман ҳам имтиёз,
Ман, ки виҷдонам, надорам бар ту дигар боварӣ».

Дод гуфта, як даме бедор гардидам зи хоб,
Дасту рӯ ношуста бар сар ман кашидам ҷоми об,
Ҳар киро дидам, бигуфтам: таъбири хобам биёб,
Ҳеҷ кас бар ман надод аммо ба табъи дил ҷавоб,
Гаҳ мушавваш гаштаму гаҳ шах шудам, гаҳ музтаре.

Шоире дар боғ дидам ман яке дар зери тут,
Буд вай ғарқи хаёле, ё ки дар банди сукут,
Гуфтамаш: «Дил гашт хун, таъбири хобам гӯй зуд»,
Хоби ман бишнидаю бо ханда ҷунбонда бурут,
Гуфт: «Инро сабт бояд кард рӯи дафтаре.

Балки хоби дидаат ин рамзи бедории туст,
Як нишоне аз ҷавоби мардумозории туст,
Ҳар чӣ ояд бар сарат, аз зишткирдории туст,
Ҷав агар аз мазра бардорӣ, зи ҷавкории туст,
Ҳавз агар пур гашт, обаш мезанад охир саре».

ТАҚСИМИ ДАРОМАД

--Нақорачӣ, чу сози ту мисоли моҷаро гузашт,
Ба гӯшҳо дурушттар зи неши хорҳо гузашт.

Зи ҷӯри мо канора вай чу тундари само гузашт,
Мана, бигир тоқии надида сар аз они ту!

Ғижакнавоз, ғиж-ғижат ту ғиж-ғижи ҷувоз буд,
На сусту ғафсу кӯтаҳе, на борику дароз буд,
На рабт дошт заррае, на сози дилнавоз буд,
Биё, худам бубандам ин рӯмола дар миёни ту.

Ту, найнавоз, нойро намудӣ ҳай дами зиёд,
Ки рафт аз он барори мо ҳама чу каҳ ба чанги бод,
Миёни роҳ гӯиё зи ташнагӣ шутур фитод,
Бинӯш чойи талхро, ки тар кунад даҳони ту!

Гармоннавоз, к-аз раҳи низоми мо бадар шудӣ,
Рубоби ман чиҳо бигуфт, аз он ту бехабар шудӣ.
Ба кас нигаҳ накардию ба нағма пешпар шудӣ,
Миёни нон палав диҳам барои хонадони ту.

Бо сози чанги ту касе надода гӯш, чангзан,
Писанд бас наёмад он ба табъу завқи марду зан,
Ки гӯӣ карда аз сарам асаб ҳама ту бехкан,
Либоси гардиро бубар, шавам фидо забони ту.

--Зи «пул» агар занем гап, чӣ мешавад, бигӯ, калон?
--Чӣ кор дорӣ, лаънатӣ, ту мушт хоҳӣ бар даҳон?
Магар ки ҳофизе бувад чу ман дигар дар ин миён?
Ҳама бувад аз они ман!
--Тфу ба ҷисму ҷони ту!!!

ТЕЛЕФОН АЗ АДАМ

--Ало, Дунё! Ало, Дунё? Адам ман,
Зарур омад, ки бо ту гап занам ман.

Як одам бар ту з-ин ҷо кор дорад,
Мана, бишнав, худаш изҳор дорад:

--Салом, эй Олами пурнуру зебо!
Рақабмад буд номи ман ба дунё.

Кашоварзӣ ҳамеша пешаам буд,
Ки будам ман аз он ободу хушнуд.

Ба ҷуз ин боз манро як ҳунар буд,
Ки он мерос бар ман аз падар буд—

Ба дастам думбура медод овоз,
Ки созам бо садояш дошт парвоз.

Сари хирман, даравҷо буд ҷоям,
Аз ин ҷоҳо намешуд дур поям.

Суруди «Майда»-ю «Ман доғ» ҳар бор
Ба шавқи беш мехондам сари кор.

Агар мардум талаб мекард аз ман,
Шабон то рӯз мемондам ба хирман.

Даме дар тӯйҳо хондам чу ҳофиз,
Тамаъ аз кори худ нокарда ҳаргиз,

Гиребон дошта дар шукр будам,
Ба соҳибтӯй мегуфтам дамодам:

--Маро бологузар кардан зиёд аст,
Ба ин шодӣ хабар кадан зиёд аст!

Сурудамро, ки мардум меписандад,
Аз он бар зиндагонӣ меҳр бандад,

Ба ман аз тахти тиллогун бувад беҳ,
Зи молу давлати Қорун бувад беҳ.

Вале дар ту яке ҳофизтарош аст,
Ки доим аз пайи пул дар талош аст.

Ба як шаб ҳофизи шаш тӯй бошад,
Ки ин ҳам балки кам бар ӯй бошад.

«Қади мавзунакат» хонад фақат ӯ,
Бубинад тангае, гардад дуқад ӯ.

Худашро «соҳибистеъдод» хонад,
Маро ҳар ҷо ба худ «устод» хонад.

Биёяд з-ин бадар ин гуна маъно,
Ки ман ҳам будаам чун ӯ ба дунё—

Ҷиғилдонпуркунӣ будаст корам,
Фиреби халқ будаст ихтиёрам.

Хиҷолат мекашам з-ин таъни дерин,
Зи бори хок вазнинтар бувад ин.

Аз ин рӯ, бар ту, Дунё, арз дорам.
Бишав бори дигар ҳоҷатбарорам.

Варо чун пир як чӯби адаб зан,
Ки то дар гӯр хобам тинҷтар ман.

ТӮЙ МУБОРАК ШАВАД

(Аз сурудҳои худбофта)

«Каду ду дона дорад,
Бӯи дӯлона дорад,
Қумрича хона дорад,
Каргас тарона дорад,
Тӯй муборак шавад!

Барги каду калон аст,
Калон аз осмон аст,
Бобо Карим ҷавон аст,
Ба умри ин ҷаҳон аст,
Тӯй муборак шавад!

Ранги каду бувад зард,
Гӯё надорад он дард,
Мана забон баровард,
Ба мурда ҷон даровард,
Тӯй муборак шавад!

Каду каҷу маҳин аст,
Хобида дар замин аст,

Чун дузд дар камин аст,
Бори дусад машин аст.
Тӯй муборак шавад!

Каду, каду, биё ту,
Ба моӣ ошно ту,
Миёни мо даро ту,
Бо мо каме саро ту,
Тӯй муборак шавад!

Каду надорад зарар,
Ба вай нашав сар ба сар,
Аз он хӯрӣ ҳар саҳар,
Фарбеҳ шавӣ мисли хар,
Тӯй муборак шавад!

Дар хоб хар давлат аст,
Харсуворӣ савлат аст.
Харам, ки пурқудрат аст,
Барои ман шӯҳрат аст,
Тӯй муборак шавад!

Ҳангӣ бувад хари ман,
Нархари ҷарпари ман.
Зебад, ки дар бари ман
Хонад хари нари ман,
Тӯй муборак шавад!

Думбра чақ-чақ макун,
Доира тақ-тақ макун.
Аҳмақӣ аҳмақ макун,

Эй бача, вақ-вақ макун,
Тӯй муборак шавад!

Оби дари хона лой,
Чайнак пури чойу пой,
Соҳиби тӯй бувад бой,
Шавад бузаш гову той,
Тӯй муборак шавад!..

Хӯрданӣ камтар шава,
Шоҳбаробар шава,
Сартарошон сар шава,
Даҳсӯмаҳо ҷар шава,
Тӯй муборак шавад!»..

Зебо сухан куҷоӣ,
К-ин ҷо ту камнамоӣ?
Афтида зери поӣ?
Рамида ё зи моӣ?
Тӯй муборак шавад!

Лафзи накӯ баҳор аст,
Баҳори гулнисор аст,
Ҳифзаш ба мо шиор аст,
Моро дигар чӣ кор аст?
Тӯй муборак шавад!
Тӯй муборак шавад!

ТӮЙГАРД

Пӯшида ду чашму ҳаст бедор,
Гӯӣ, ки ба хоб ҳам кунад кор.

Девонасифат гаҳе занад гап,
«Девона ба кори хеш—ҳушёр».

Наздик шудаст рӯзе шанбе,
Рӯзи зи тамоми рӯзҳо беҳ.
Рӯзе, ки равад ба тӯй бояд
Аз шаҳри калон ба ҷониби деҳ.

Шанбе шуду бедаво шуд охир,
Ҳофиз шуданаш бало шуд охир,
Бечора падар ба бистари марг,
Аз пеши падар ҷудо шуд охир.

Ҷон дод падар надида фарзанд,
Бар гиряю нола шуд ҳама банд.
Фарзанди ҳамеша тӯйгардаш
Дар тӯй валек буд хурсанд.

Се рӯз гузашту омад аз тӯй,
Болида ба нозу шодмонрӯй,
Бар хоки хунук падар ниҳон дид,
«Будаст ҳамин насиб» гуфт ӯй.

ҲОФИЗИ ОВОЗАДОР

Манам як ҳофизи дар ҳофизӣ овоза гардида,
Ба садҳо кӯю як дунё дару дарвоза гардида,
Мапурсам аз куҷо меояму бошам куҷо роҳӣ,
Ба тӯйе мешитобам дар арақ ҷӯшида-ҷӯшида.

Ба тори кат бихобам ҳар замон каҷпаҳлӯ ёзида,
Зи «хушхонии» худ дар пеши мардум хуб нозида.

Ду поямро ду шогирдам диҳанд аз сидқи дил молиш,
Дигар шир орадам аз модагав дӯшида-дӯшида.

Чӣ сир аст ин, намедонам, чу овозам кунам боло,
Шаванд аз хонишам бетоқату нофор одамҳо,
Яке дар изтироб афтад, дигар рӯ бар гурез орад,
Калӯши хешро аз пушти дар пӯшида-пӯшида.

Ба ман фарқе надорад як нафар истад ва ё бисёр,
Фақат бошад ба соҳибтӯй савдоям дар ин бозор.
Ба ғайр аз пули шартӣ то бигирам пеши тахташ боз,
Сароям аз бару аз ҷар ба ҷон кӯшида-кӯшида.

Шавам то ҳафтаи дигар ба ҷустуҷӯи тӯйи нав,
Ба соҳибтӯй бандам шарти нав бо гуфтугӯи нав.
Ҳисоби зиндагиро муфт дарёбам чу савдогар,
Майи бенангиро ҳар як нафас нӯшида-нӯшида.

ИШҚИ ПУЛ

Аз кайфи пули муфт боз
Даҳчанд гашта сарфароз.

Бар сӯи хона шуд равон
Ҳофиз зи як тӯйи калон.

Ду дидааш хуммор буд,
Кам-кам зи бас саршор буд.

Дид аз пасу пешаш ба бар
Шогирдҳояш ҳамсафар.

Андар нигоҳаш тофт бад
Таблакнавозаш Ёрмад.

З-ӯ тофт бадтар найнавоз—
Шаҳзодаи почакдароз.

Бадтар зи ҳар ду тофташ
Раққосаи маҳтобваш.

Бар ҳар якаш гуфто ба роҳ
Гаҳ ҷиддию гаҳ аз мазоҳ:

«То чашми худ бикшодаед,
Дар ишқи пул афтодаед».

Гуфтанд онҳо дар ҷавоб
Бар ҳофизи масти шароб:

«Устоди мо охир шумо,
Пеши шумо ҳеҷем мо».

Дар гирди ин маъно дароз
Шуд баҳси пурсӯзу гудоз.

Охир нашуд, мошин нишаст
Андар канори Вахши маст.

Исботи баҳс омад зарур,
Ҳофиз фаромад бо ғурур.

Се дарза пули беҳисоб
Партофт дар мобайни об.

Пулҳо ҳама обӣ шуданд,
Роҳӣ чу мурғобӣ шуданд.

Раққоса зад якбора хез,
Таблакзан аз вай балки тез.

Кайҳо шиновар гашта буд
Найкаш ба ҷаҳди беҳудуд.

Мобайни дарёи калон
Дар ҳавли ҷон шуд се ҷавон.

Ҳофиз тамошо доштӣ,
Чашмаш ба дарё доштӣ.

Сад ҳоюҳу бардоштанд,
Се дарза пулро доштанд.

Анҷом дода ин набард,
Берун шуданд аз оби сард.

Бар дида ҳар як дар намуд
Чун мушӣ обӣ гашта буд.

Пулҳои тар гашта ба об
Хушконда шуд дар офтоб.

Хандид ҳофиз зери лаб,
Сонӣ, фитод андар ғазаб.

Аз ду қавоқаш рехт барф,
Бар ҳеҷ кас накшод ҳарф.

Аз дасти шогирдони худ
Пулҳо ҳама бигрифт зуд.

Гардид бар мошин савор,
Танҳо равон шуд бодвор.

Аз ҷилваи ин манзара
Омад садо аз ҳар дара:

«То чашми худ бикшодаем,
Дар ишқи пул афтодаем».

ТАФТИШГАРОН ОМАДАНД

(Шикваи табиатшиноси ҷавон)

Тафтишгарон омаданд,
Давон-давон омаданд.

Алас-палас омаданд,
Мисли каргас омаданд.

Чашмон ало омаданд,
Ранги бало омаданд.

Сумка ба даст омаданд,
Тунду башаст омаданд.

Яке басо қавоқӣ,
Дарун-дарун зуқоқӣ.

Лабу лунҷаш авезон,
Хунук чу барфу борон.

Дигар каме ҳавоӣ,
Канор аз ошноӣ.

Баҳоначӯи бисёр,
Чун кинагири мурдор.

Тафтишашон сар карданд,
Пеша фикри шар карданд.

Ин гуфтанду он гуфтанд,
«Китоби фармон» гуфтанд.

«Ведомости пул» гуфтанд,
Ҷӯгӣ барин мӯл гуфтанд.

Ҳуҷҷатҳоро тит карданд,
Миш-мишу пит-пит карданд.

Аз рӯзи аввали кор,
Ки шуд акнун соли чор,

Варақгардон намуданд,
Ҳама вайрон намуданд.

Чунон ки пода бо хез
Ояд миёни полез.

Оҳи сарде кашиданд,
Чойи хуну чашиданд.

Сарҳо ҷунбонда монданд,
Гӯё фаҳмонда монданд:

Ҳама пур аз хатоист,
Ки ин ба мо балоест.

Камбудӣ мисли дарё,
Беҳбудӣ қатраосо!

Як ҷунбидану шиштанд,
Навиштанду навиштанд.

Сияҳ дафтарҳо карданд,
Ниҳоншон аз мо карданд.

Равона хап-хап шуданд,
Мактаб ба мактаб шуданд.

Дар пурсупос афтоданд,
Дар макри хос афтоданд.

Айби навҷӯӣ карданд,
Хеле бадгӯӣ карданд.

Баргашта боз омаданд,
Баҳри ниёз омаданд.

Оғилхона давиданд,
Мисли кана давиданд.

Монанди он ки рӯбоҳ
Мурғе бинад сари роҳ,

Заргӯшакҳо будиданд,
Бо як нигоҳ будиданд.

Яктои он сар заданд,
Хунаш сари пар заданд.

Бирён карда гӯшти он,
Гуфтанд: «Ин роҳати ҷон!»

Буд арчи ними он хом,
Ранге надошт аз таом,

Ҳалқа заданд аммо тез
Дар гирди он ба як хез.

Муллосақар мезад қап,
Абдузарар мезад қап.

Барои як устухон
Онҳо гарав монда ҷон,

Карданд аҷаб кашокаш,
Хӯрданд аҷаб фашофаш.

Чу гурги гушна хӯрданд,
Хомаш хӯрда, намурданд.

Лабҳои худ лесиданд,
Ришу бурут лесиданд.

Якпара пас ёзиданд,
Аз кори худ нозиданд.

Ба ман гуфтанд: «Эй аблаҳ,
Бар куҷо дорӣ нигаҳ?

Оро бидеҳ дастархон
Аз анори ширидон.

Кайфи моро макун паст,
Мо мардуми болодаст.

Варна гӯрат меканем,
Дар гӯрат меафканем!»

Гуфтам ба дил: «Аҷаб ин,
Фақат маро талаб ин:

Гӯре бошад дароям,
Бурун аз он наоям.

Дар ин дунё нашинам,
То рангатон набинам».

Пешашон кардам қатор
Анор, анори бисёр.

Шаш халтаро се ҷувол,
Як тонна буд бемалол.

Мондам дигар бошитоб
Дар се кӯза анороб.

Лаб мондаю фучиданд,
Фук мондаю қӯҷиданд.

Маркабосо нӯшиданд,
То шомгоҳ нӯшиданд.

Пӯчоқ аз ин шуд хара
Мисли Имомаскара.

Чингияшон бишуд рост,
Якаш зи ҷой барҳост.

Буд гӯӣ ғӯли саҳро,
Бо ин намудаш ин ҷо.

Дигар ғелид ба ҷӯбор
Мисли қанори пурбор.

Аз шиками болошон
Шуд канда тасмаҳошон.

Сурху ғурсу буқ шуданд,
Аҷоиб махлуқ шуданд.

Яке равона гаштанд,
Дур аз миёна гаштанд.

Аз мо паноҳӣ рафтанд,
Мисли сиёҳӣ рафтанд.

Хайрухушею раҳмат
Аз лабашон наёмад.

Кардам фарёд аз қафо:
Маслиҳат, эй ҷӯраҳо!

«Заргӯшакро чун кунем?
Пулаш аз кӣ ғун кунем?»

Гуфтанд охир дар ҷавоб:
«Монед акташ дар ҳисоб,

Ки онро сагҳо хӯрданд,
Як шаби ялдо хӯрданд!»

Яке ғиреве бархост,
Гӯё замин банохост

Ҷунбида монд ин дам,
Хатар омад пайи ҳам,--

Заргӯшакон гиристанд,
Чу кӯдакон гиристанд.

Шуд ғами онҳо зиёд,
Ҳар якаш зад чунин дод:

«Аз дасти тафтишгарон
Мо—ларзону мо—гирён!»

Оҳу кушуд яке лаб,
Гуфто: «Надорам аҷаб,

Ки сари ман ҳам буранд,
Хуни маро ҳам хӯранд».

Зоғи сияҳ шунид ин,
Тефак зад рӯи замин.

«Қар-қар» карда дод овоз,
Гарданаш карда дароз:

«Манам танҳо дар миён,
Миёни паррандагон

Шумрӯ зи рӯзи аввал,
Макрӯҳ зи рӯзи аввал.

Аммо ин тафтишгарон,
Тафтишгарони «пурдон».

Чун ҳаками бемисол
Рӯзе гӯяндам ҳалол.

Чу заргӯши бечора
Маро яку якбора.

Қапидаю сар зананд,
Хунам сари пар зананд».

Аз мурғобӣ то товус,
Аз мокиён то хурӯс.

То ҷӯҷаи бефарёд
Дар тарсу ларз уфтод.

Тазарви даштӣ дарҳол
Афтида гаштӣ беҳол.

Бишуд вале як тараф
Мири мушон талхакаф.

Рӯзи дигар аз саҳар
Бо нағмаҳои дигар.

Тафтишгарон омаданд,
Хӯрдагирон омаданд.

Аз пасашон бо мақом
Бо ғуруру бе салом.

Дутои дигар омад,--
Навкару Нӯкар омад.

Басо ҳаёҳу карданд,
Моро зоғобу карданд.

Яке гуфто: «Ин чӣ гап,
Дар тирамаҳ бесабаб.

Барги каду шал шудаст?
Мисли сари кал шудаст?

Шохи оҳу чаро кач?
Овози ӯ чаро фач?

Магар бувад зоти нав?
Буз мезояд, ё ки гав?

Товусатон думдароз,
Калта чаро думи қоз?

Ин ҷо, яъне як мисол,
Тухми кадомаш ҳалол?

Анқоятон дар куҷост,
Ки байзаяш камнамост?

Мурғе зи моҳ надоред?
Делфин чаро надоред?

То зоти мурғи навин
Пайдо шавад дар замин,

Онҳоро дар моҳи май
Сунъӣ парондан қулай.

Товус ба мурғон шавад,
Он ину ин он шавад...

Кори муҳим бувад ин,
Неку азим бувад ин.

Таҷрибаи аҷиб аст,
Бар «олимӣ» қариб аст.

Дигар гуфто бо ғазаб
Сӯи ман кач карда лаб:

«Ту нодонӣ, ту нодон,
Ақли ту «ақли» ҳайвон.

Анори ширин канӣ?
Себаки рангин канӣ?

Шаҳтути тар надоред?
Писта магар надоред?

Боғи хурмо дар куҷо?
Ананасҳо дар куҷо?

Навъи нахли мевадор
Бояд ки аз сад ҳазор

Дар ин ҷо бошад зиёд,
Ҳар кӣ бинад, шавад шод.

Ин кораки осон аст,
Осонаку арзон аст.

Пайвандӣ кардан зарур
Себа ба шохи ангур.

Олучаро ба шаҳтут,
Малмиҷонро бо муруд.

Бодома бо беди тар,
Нашпотиро ба ар-ар.

Харбузаро ба олу,
Шафтолуро бо каду.

Сияҳтарбуз бо анор,
Яку ду не, бешумор...

Ман мешудам ҷои ту,
Дар ҷои зебои ту,

Мекардам ин корҳо,
Якбораю ҷо ба ҷо.

Мешуд анор он замон
Монанди тарбуз калон.

Шафтолу мисли каду,
Ва ғайраву ғайраҳу...»

Мана, чунин гап заданд,
«Олим» барин гап заданд.

Ҳудҳудак ҳам як замон
Миёни паррандагон

Чу тафтишгар омадаст,
Бо карру фар омадаст.

Нуг-нӯги пош омадаст.
Бо фашу фош омадаст.

Бар тойирон, ки дидаст,
Худро шиносонидаст.

--Ман аз боло,--гуфтаст он,--
Худам якто,--гуфтаст он.---

Аз оби зар ҷисми ман,
Муллоҳудҳуд исми ман.

Кори шуморо як-як
Аз акка то ба лаклак

Бояд бисанҷам акнун,
Бинам, ки чист афзун—

Камбудию дӯлобӣ,
Ё ин ки комёбӣ?

Ҳоло, ки ман Ман астам,
Тақдиратон ба дастам.

Сияҳро кардан сафед
Мушкил бувад, медонед.

Сафедро валекин
Сияҳкунӣ дар ин ҳин

Муфти қурут бошад,
Тоби бурут бошад.

Бар булбули хушилҳон
Гуфтаст: «Аё ту, бадхон».

Бас кун дигар фиғонат,
Макшо дигар забонат.

Гаштаст созат акнун
Аз мӯди давр берун.

Хонӣ агар чу акка,
Бе ӯ нагардӣ—якка.

Майлаш, бимон дар ин боғ,
Бо ӯ бихон дар ин боғ...»

Тақ-тақ зада ба минқор,
Бар кундаи сафедор.

Гуфтаст: «Аё ту, досак,
Камтар бизан алосак!

Биншин ба пеши рӯям,
Бишнав чиҳо бигӯям:

«Мисли ту беҳунар нест,
Аз касби ту хабар нест.

Ҳаргиз надорӣ нанге,
Қумрӣ барин гарангӣ.

Дар хонасозӣ охир
Дасти ту нест моҳир.

Ин хонаи ту танг аст,
Мисли кадуи чанг аст.

Долону равзанаш нест,
Чароғи равшанаш нест.

Касе надонад онро,
Ин гуна ошёнро.

К-аз лой ё зи санг аст,
Дохили он чӣ ранг аст.

Аз худ ягон ҳунар кун,
Зотат кунун дигар кун...».

Ҳудҳудаки тафтишгар
Монда аз он бехабар.

Ки дар худаш ҳунар нест,
Аз фаш-фашаш асар нест.

Ҳар ҷо, ки хонаи ӯст,
Ҳамеша чирку бадбӯст.

Тафтишгарони мо ҳам,
Хӯрдагирони мо ҳам

Бар ҳудҳуданд монанд,
Балки бадтар аз онанд.

Дунё будаст аҷоиб,
Аҷоибу ғароиб.

Бадею нағзе будаст,
Пӯчоқу мағзе будаст.

Сурат дигар будастӣ,
Сират дигар будастӣ.

Тафтишгарони «доно»,
«Донои» рӯи дунё

Камбудиҳои моро,
Ҳар қубҳу ҳар хаторо

Гӯё хишова карданд,
Ин гап илова карданд:

«Чашем аноратон, чӣ?
Маҳсули коратон, чӣ?»

Қопу хӯрҷин кушоданд,
Паси мошин кушоданд.

Пур карданд анори боғ,
Бо нозу дӯғу димоғ.

Дидам, ки мисли табақ
Чархи мошин шуд пачақ.

Аз зӯри бори вазнин
Ишкамаш зад бар замин.

Ҳар яке бехи анор
Нола кашид зор-зор.

Ки маро худ баччагон
Парво карданду калон.

Боғу ниҳолашон мо,
Ҳаққи ҳалолашон мо.

Аммо чаро ҳар замон
Дастаи тафтишгарон

Ҳосили мо даркашанд?
Хуни мо бар сар кашанд?

Зӯре зада шуд равон
Мошини тафтишгарон.

Ҷунбида мисли тобут,
Тобути рангаш кабут.

«Хуш омадед!»--гуфтем,
«Роҳи сафед!»--гуфтем.

Рафтеду боз оед,
Гарданфароз оед.

Бе ҳеҷ ибо биёед,
Бар боғи мо дароед.

Ба ҷон қабул мекунем,
Қабул чу гул мекунем.

Меҳмон ба ҷон мекунем,
Сағалбирён мекунем.

Мири мушон мекушем,
Хуки калон мекушем.

Наску нахуд медиҳем,
Қоқи муруд медиҳем...

Дарвозаро бубастем,
Дар ҷои худ нишастем.

Ба ин тафтиш, ки дидем,
Хандидаю хандидем.

Тафтишашон чунин шуд,
«Ёрияшон» ҳамин шуд.

с. 1978

ҚИССАИ МУДИР

Дар назар гарчанд кори бехато дорад мудир,
Мадҳи кори хешро дар ҳар куҷо дорад мудир.
Лек медонӣ, ки умре нағмаҳо дорад мудир,
Ростиро чун патак дар зери по дорад мудир,
Аз азал монанди далла сад даға дорад мудир.

Бандаи мансаб шуда, мизи варо бӯсад мудом,
Нағмаҳояшро такомул медиҳад бо сад мақом.
Мезанад имрӯзҳо дар осмони кибр гом,
Фарқ нанмояд ҳалолеро тамоман аз ҳаром,
Қиссаи ногуфтаю беинтиҳо дорад мудир.

Гар ба коре наздаш оӣ, мезанад дуғу даранг,
Дар лабу лунҷаш ҳувайдо мешавад бозиву ҷанг,
Каллаатро мекунад бо ҳарфи бемағзаш гаранг,
Шишаи дилро занад аз ҷаҳлу нодонӣ ба санг,
Бо ваю бо ту ҳамеша моҷаро дорад мудир.

Дар хаёлу фикри нафъи хеш бошад пойбанд,
Нафъи ҷамъият барои ӯст акнун нописанд,
Гоҳ бар пои дигарҳо мезанад з-ин рӯ каланд,
Несташ зинҳор боке, гар расад бар кас газанд,
Не ба худ инсофу не рӯву риё дорад мудир.

Бо маоши худ қаноат кардан одат несташ,
Ҳисси дилсӯзӣ ба кору моли давлат несташ.
Мақсаде ҷуз аз ҳисоби ғайр роҳат несташ.
Соате бесуд монад, ҳеҷ тоқат несташ,
Ҳар чӣ мехоҳад, ба он дасти расо дорад мудир.

Чӯбро ҳам, мехро ҳам, рангро ҳам мебарад,
Оҳаку шиферу хишту сангро ҳам мебарад,
Ҳар чӣ пеш ояд, натобад рӯй, беғам мебарад,
Сер ҳаргиз вай нагардад, гарчи ҳар дам мебарад,
Дидаи уммед аз моли гадо дорад мудир.

Дар дами як ҳафта бар худ хонаи нав сохта,
Байни садҳо хона бошад хонааш бишнохта,
Беҳтарин нақкоши дунё гӯияш пардохта,
Рӯи фаршаш қолиҳои нозанин андохта,
Мисли вай таҳхонаи мошиндаро дорад мудир.

Бо тамоми навъи мошин дорад акнун гуфтугӯ,
Аз барои кӯҳгардӣ бошадаш «ГАЗ-шасту нӯҳ»,
«Волга»-и нав дар раҳи дашт аст андар ҳукми ӯ,
Мошинашро зеб бахшад рӯзе якто хубрӯ.
Ишрате ба духтарони маҳлиқо дорад мудир.

Хоса роҳатҷой дорад дар бари кӯҳи кабуд,
К-андалебу кабкҳо хонанд бар гӯшаш суруд,
Чашмае чун нуқра ҷӯшад андар он ҷо худ ба худ,
Хонуме дар ҷилва бошад пеши вай бо сад намуд,
Ботини олуда дар фисқу зино дорад мудир.

Пеши мардум бода нӯшидан набошад хӯӣ ӯ,
Нӯшад он гаҳ, ки фақат бошад гуле паҳлӯи ӯ,
Май кашад, соқӣ шавад, шинад сари зонӯи ӯ,
Бӯса гирад дам ба дам аз лаъли лаб, аз рӯи ӯ,
Ин ҳама асрори худ пинҳон зи мо дорад мудир.

Бар касе гар дӯстӣ бандад, намояд бовараш,
Ки шавад дар зиндагонӣ чун бародар ёвараш,
Лек зери чашми бад гирад занаш, ё духтараш,
Гарчи нон хӯрдаст ин ҷо чун зи хони модараш.
Шарм не аз банда, не тарс аз худо дорад мудир.

Боз байни содаҳо эшоннамоӣ мекунад,
Фитнагар бо шайху мулло фитназоӣ мекунад.
Аз шариат даъвии «фазли казоӣ» мекунад,
Таккаеро сар зада, гоҳо худоӣ мекунад,
Фитнаи қуръони муллову дуо дорад мудир.

Гӯӣ каждум бошад аз меҳроби масҷидди падар,
Ки занад бар ҷони одам нешҳо вай бехабар,
Шодмон гардад, даме ки з-ӯ расад бар кас зарар,
Оре, каждумро набошад пешае ҷуз ин дигар,
Ин русум, ин кирдукор аз ибтидо дорад мудир.

Лаҳзае аз хизмати нафси балояш дур нест,
Андар ин ҷода касе монанди ӯ машҳур нест,
Ғайри сарват чизе андар дидааш манзур нест,
Гӯиё ки бе ҳамин дар дидаи ӯ нур нест,
Моли Қорун доштанро муддао дорад мудир.

Муғчаҳои себи совхозӣ бигирад бар ҳисоб,
Дар куҷо, кай гул кунад гелос, донад ин ҷаноб,
Мешавад ҳар сол анори Боғ аз дасташ хароб,
Соле даҳ тон мева ар н-орад, шавад аз ғам кабоб,
Дар ҳисобаш тухми мурғони ҳаво дорад мудир.

Вақти тут ояд агар, ӯ соч гардад яксара,
Мекунад бешоху барге тути Дарвозу Дара,
Кирм гардад гоҳ дар зардолузори Исфара,
Гоҳ гашта мурғ бо як нафратовар манзара,
Лона дар шохи себи Алмаато дорад мудир.

Рӯзе афтад гар гузори ту ба сӯи кӯҳсор,
Нолаи кабкон ба гӯшат мерасад аз ҳар канор:
«Дод аз дасти мудир, сад дод, эй парвардигор,
Чӣ гунаҳ дорем, к-ӯ моро кунад доим шикор?»
Хандаҳо дар зери лаб з-ин илтиҷо дорад мудир.

Дар бари ҳар шӯху ҷар сайёд дорад дар камин,
Гардад аксандоз тир аз ҳар дара тундар барин,
Мешавад бе мом садҳо кабкчӯҷа бо ҳамин,
Дар замину осмон охир балое ӯст, бин,
Дил наю дар сина санге гӯиё дорад мудир.

Ҳаст бо номаш ба ҳар як ферма барра инчунин,
Даҳта-биста мурғи зотию хурӯси беҳтарин.
Лашкари орӯ кунад баҳраш муҳайё ангубин,
Ризқи вай гӯӣ, ки пошиданд дар рӯи замин,
Ранҷ нобурда басе кайфу сафо дорад мудир.

Рӯзу шаб аз ҳар тараф бар вай даромад мешавад,
Гӯӣ молаш бачча карда, беши беҳад мешавад,
Гар ба пул гардонӣ онро, як қиёмат мешавад,
Дар ҳисобаш мот ҳар донои абҷад мешавад,
Сад карат зам карданаш боз иштиҳо дорад мудир.

Ӯ забони ҷумла мурғонро ҳамедонад магар,
Ё ки зодаш модараш дар рӯи дунё сеҳргар.
Аз дигарҳо бошад ӯ оё ки доно бештар,
Ки чу як қаллоб кораш авҷ гирад ин қадар?
Дарди худ бо фитнакориҳо даво дорад мудир.

Соате як кормандашро ба наздаш хонд ӯ,
Бо табассум дастаи коғаз кушода монд ӯ,
«Як-як имзо кун» бигуфта рӯй мегардонд ӯ,
«Ёрии пулӣ гӯё бигрифтаӣ»--фаҳмонд ӯ,
Дар ҷаҳони фанд садҳо ихтироъ дорад мудир.

Бо тақозои дилу ҷонаш шавад гоҳе «касал»,
Ҳар кӣ орад то барояш ину он беҳ чун асал,
З-ин «бузургии» варо донад занаш то ҳар маҳал,
Бар хабаргирии ӯ н-ояд касе гар, дар амал
Таънаву дашном бар вай беибо дорад мудир.

Аз паси як ҳила нав-нав ҳила чун шайтон кунад,
Хонаи ҳар кормандаш завҷааш меҳмон кунад,
Ҳар яке то ин ки ӯро ҳадяву эҳсон кунад,
Пеши пояш барраи ширбозро қурбон кунад,
Ҳар даре, ки меравад, ҳукми раво дорад мудир.

Дар шаби тӯйи писар якбора қоил карда монд,
«Москвиче» тӯҳфа бар вай аз таҳи дил карда монд,
Пеши келин ҳалқаи заррин ҳамоил карда монд,
Пур зи моли омада ҳавлию манзил карда монд,
З-аҳли савдо бештар бас ошно дорад мудир.

Пое дар таҳхона, пое рӯи айвон дорад он,
Лаб хамӯш, аммо хаёлоти парешон дорад он,
Гӯӣ дар ҳар гӯша пеши рӯй сад ҷон дорад он,
Мисли кирми пилла, ки кӯтоҳ даврон дорад он,
Дар миёни молу мулкаш рафтуо дорад мудир.

Ӯ ба номи ҳар писар дорад яке мошин, бале,
Ҳавлӣ дорад, боғ дорад, хонаи нақшин, бале,
Ҳирси мол ӯрост, гӯянд, аз падар оин, бале,
Ёдгорӣ балки аз бобош бошад ин, бале,
Такя бар мероси бобову дадо дорад мудир.

Мондааст ӯ насли худро мисли Ҳотам нек ном,
Фитнаомӯзӣ вале дорад талаб аз ҳар кадом,
То ба даст оранд пулу луқмаи муфте мудом,
«Чиз бахшад одамиро обрӯи бардавом»--
Баҳрашон такрор ин гап доимо дорад мудир.

Оламе бо табъи дил бар хеш пайдо кардааст,
Роҳи хоси зиндагӣ аз хеш ифшо кардааст.
Хурду гурди оила дандони тилло кардааст,
Завқааш, гӯянд: ки чокар таманно кардааст,
Сарф дар ичрои ин якто имо дорад мудир.

Дар худаш гум гашта, моро ҳеҷ одам нашмарад,
Бар саломи кас надода эътиборе, бигзарад,
Қубҳи кораш гӯӣ ар, сӯят ба нафрат бингарад,
Гар тавонад, он дамат бар коми дӯзах мебарад,
Шӯр дар ин лаҳза мисли аждаҳо дорад мудир.

Кина дар дил парварад, аз қаҳр гардад сип-сиёҳ,
Номаи тӯҳмат нависад аз дами шаб то пагоҳ.
Сохта аз пашша фил, борат кунад кӯҳи гуноҳ,
Чангии худро набинад чун шутур вай ҳеҷ гоҳ,
Дар сари ҳар нукта ҳарфи носазо дорад мудир.

Аз худаш болотареро комбахшоӣ кунад,
Садқааш лозим шавад, чории якҷоӣ кунад,
Гӯштбирёнаш нахуст аз мурғи саҳроӣ кунад,
Мошинашро бор пас аз себи тиллоӣ кунад.
Дар хушомад санъати хосу ҷудо дорад мудир.

Мансабаш то ин ки бошад аз барояш пойдор,
Мезанад бар хок шаъни одамию эътибор,
Яъне бо алфози «дилсӯзона» дар ин гирудор
Келинашро ҳам намояд пешкаш номардвор,
Заррае дар худ на нангу не ҳаё дорад мудир.

Баҳри савдо мол ояд—қолину мошин агар,
Аз ҳама кас мешавад воқиф аз ин вай пештар,
Бесаранҷомӣ кунад, хобаш парад аз мағзи сар,
Ҳар киро хоҳад аз онҳо медиҳад фардо-саҳар,
Ҷои савдо сад «укою» сад «ако» дорад мудир.

Мисли ин савдогарӣ дорад ба мансабдӯстон
Боз баъзе мансабу мансабчаҳоро ҳар замон,
Хоҳад ар, аз кор ҳам пешат намояд бегумон,
Танг ҷоятро кунад мобайни як шаҳри калон,
Корсозиҳои нарму бебаҳо дорад мудир.

Гар ба шаҳре аз барои сайр гардад раҳсипор,
«Люксаш» он ҷо мешавад ороста пеш аз фирор,
Аз хушомадгӯйҳо бо худ барад ҳамроҳу ёр.
Гармии бозори ӯро нест ҳаддею канор,
Турфа кайфе дар замину дар само дорад мудир.

Сад варақ дар пеши вай гар дафтари ҳикмат занӣ,
Ғарраи давлат шуда, гӯшат барад аз ман-манӣ,
Дӯст дорад, мепарастад зиндагии мешанӣ,
Нест пои хешро зинҳор з-ин раҳ канданӣ,
Дар пайи мақсуди худ бо ҷон вафо дорад мудир.

Ҳаст кирдору маромаш гарчи зишту нобакор,
Лек дорад бурдҳо дар бозиҳои рӯзгор,
Ҷаннати афсона гӯӣ бошадаш дар ихтиёр,
Кас наранҷонад варо дар кору дар гуфтугузор,
Чунки дар болотаре як-ду таъо дорад мудир.

Бо ҳама ин давлату ин савлати овозаманд,
Бо ҳама ин роҳату ин ишрату кайфи баланд,
Бо ҳама ин ганҷи беранҷ омада бо роҳи фанд,
Бо ҳама ин сайрҳо дар «Волга»--ҷонҳои даванд,
Ҳол пурсӣ, боз қалби норизо дорад мудир.

Қиссааш чун шарҳ додам мухтасар ман берақам,
Дар сари ҳар мисраам андеша кардам дам ба дам,
Ки маро ё вай фурӯшад, ё фиристад бар адам,
Лек ногаҳ омадам бар гӯш овози қалам,
Ки кунун талвоса аз зӯри ҷазо дорад мудир.

ҚИССАИ ДАНДОН

Чу як дармонда дар як рӯзи борон,
Шудам мӯҳтоҷ бар устои дандон.

Дарашро во намуда арза кардам,
Ба ӯ гуфтам саропо доғу дардам.

Бигуфтам ҳар қадар, гӯшам накардӣ,
Нагуфтам дар чӣ ҳолу дар чӣ дардӣ.

Фақат бо ними чашмаш як назар кард,
Назар бар ман мисоли фитнагар кард.

Дигар дар хизмати як хубрӯ буд,
Ба гирдаш гаштаю дар гуфтугӯ буд.

Лабу дандони ӯро тоза мекард,
Амал монандаи ғаммоза мекард.

Гаҳе дар кибр мисли маст мешуд,
Чу хоки кӯча гоҳе паст мешуд.

Сафи дандони тилло дошт бар даст,
Ба дандонҳои духтар кард пайваст.

Ба пеши рӯш пас оина бигзошт,
Намедонам чӣ армонҳо ба дил дошт.

Бигуфташ хизмати ночизи ман ин,
Бубахш, озор додам, ҷони ширин.

Ба ҳар вақте ки кор афтад, биё ту,
Ба пешам бе ягон рухсат даро ту.

Ба ҷонам банда хизматгор доим,
Шавам з-ин боз миннатдор доим.

Бирафт ӯю дигар духтар даромад,
Қамар гӯё ба шаб аз дар даромад.

Ба усто ҷони нав омад ба пайкар,
Ду чашмаш аз фараҳ шуд берун аз сар.

Ба хизмат бо имо бетаъхир афтод,
Даҳонаш моҳрӯ хандида бикшод.

Ба арра кардани дандон чу сар кард,
Ба «ҳозир, ҳозираш» гап мухтасар кард.

Ҳама дандони вай—болову поён
Ба як дам зери тилло гашт пинҳон.

Чӣ дунё, ғам якеро сохт фонӣ,
Яке беғам намояд зиндагонӣ.

Накардам сабр, аз ину он бигуфтам,
«Чӣ бояд кард, устоҷон», бигуфтам.

Ду чашмашро ало бинмуд сӯям,
Бигуфто: «Асли гапро бар ту гӯям:

Бибояд буд дар навбат дар ин ҷо,
Ки бе навбат нагардад корат ичро.

Яқин дон, духтари аввал, ки дидӣ,
Чӣ вай гуфту чӣ ман гуфтам, шунидӣ.

Ҳанӯз айёми дар гаҳвора будан
Навиштам дар китоби навбаташ ман.

Дигар духтар, ки ҳозир рафт аз дар,
Буд аз он лаҳзае дар батни модар,

Ба дандонмонӣ навбат дошт, медон,
Чӣ сон будаст пурбардошт, медон.

Ту, ки се умри ӯро ёд дорӣ,
Чаро бардошт не, фарёд дорӣ?

Ба пирон ҳоҷати дандон набошад,
Бас умри тоза бар эшон набошад.

Агар бисёр лозим бошадат ин,
Чу навбатпой шаш соли дигар шин».

Чу боди беқарори ёлаву дашт,
Ба рӯзе гӯиё шаш сол бигзашт.

Зи нав дар сӯхбати усто шудам ман,
Гумонаш мурдаю эҳё шудам ман,

Ки бо ҳайрат ба рӯям дӯхт дида,
Ба чашмаш айнаки рангин кашида.

Бигуфто: «Навбатат акнун қариб аст,
Даҳонат лек бе дандон базеб аст.

Вале аз рӯи ёриву рафиқӣ
Намоям бар ту дандони ҳақиқӣ.

На тилло, не садаф дорад зарурат,
Бувад аз ҳар дуяш оҳан бақувват.

Ки зераш устухонҳо орд созӣ,
Кунӣ аз зӯри дандон сарфарозӣ».

Қади пасту сари кал дидам ӯро,
Ба шайтоне мубаддал дидам ӯро.

Зи дандонҳои вай роҳат надидам,
Ба шаб аз ҷабрашон ғафлат надидам.

Лабонамро ба неши беш хӯрданд,
Забонамро зи лабҳо пеш хӯрданд.

Ду-се дандони модарзод будам,
Ки аз ҳастии онҳо шод будам.

Ҳама пӯсида рехт аз кори усто,
Даҳонам гашт аз ин монанд ба чоҳ.

Зи нав чумбоқ карда пеши ӯям,
Нигаҳ аммо набинмояд ба сӯям.

Касе гуфтам, ки бигзораш, бадар рав,
Тавонӣ гар, ба назди роҳбар рав.

Адолат дораду Одам бувад ӯ,
Саховат дораду Ҳотам бувад ӯ.

Шудам з-ин нуқтаи ҷонбахш хандон,
Баровардам зи нав гӯё ки дандон.

Шитобидам ба назди роҳбар ман,
Зи ҳолам кардам ӯро бохабар ман.

Вале сардор умре дар сукут аст,
Ҷавобаш хуфта дар зери бурут аст.

с. 1982

ВИГОВОР

Вақте шудам сардори кор,
Рафтам зи худ беихтиёр,
Саҳву хато дар кори ман
Чун мӯи сар шуд бешумор.
Маҳсули корам як ба як
Тақдир шуд бо виговор.

Бо ин нагаштам ман сара,
Шиштам ба мизам якпара,
Аз вақ-вақи кори сабил
Охир шудам ман бефара.
Ҳӯчам бимонданд аз дигар,
Гуфтанд: якто виговор!

Гарчи шудам кам-кам ҳазин,
Беҳтар нашуд корам аз ин.
Фанду фиреби ман ҳама
Овоза шуд рӯи замин,
Бори дигар ҷонам раҳо
Кард аз балоҳо виговор.

Ҷои наве гаштам калон,
Хилват шудам он ҷо равон,
Бо кас накардам хайрухуш,

Будам зи бас кӯтаҳзабон.
Бигзашт бо ман ҷои нав,
Чун дӯст ҳамро виговор.

Ин ҷой ҳам бо карру фар
Кардам ба кори хеш сар.
Аз худ намудам пули беш
Бо роҳи найранги дигар.
Доданд баҳри «хизматам»
Инъому савғо виговор.

Умре шуд он ёри ман аст,
Таърихе аз кори ман аст,
Аз вай нагардам ман ҷудо,
Гармии бозори ман аст.
Ҳар ҷо, ки гаштам банди кор,
Бошад муҳайё виговор.

Даҳ ҷо шудам сардор ман,
Як солӣ кардам кор ман,
Сад кайфу роҳат кардаам
Аз дигарон бисёр ман.
Шуд ҷонхалоси ман мудом
Андар ҳама ҷо виговор.

ҒАЗАЛИ СОДА

Чӣ бисёр? Орзуи сода бисёр,
Ба дилҳо оташи дардода бисёр.

Паи иҷрои ҳар як нақшаи нек
Таҳамтанбозуи омода бисёр.

Вале ҷо-ҷо миёни дору бигзор
Ба меҳнат сусту танбалзода бисёр.

Ба маъталҷои автобус бубинӣ,
Ҳамеша марду зан истода бисёр.

Баҳор асту хиёбонҳо пур аз гул,
Валекин байни гулҳо пода бисёр.

Ба дасти ҳомиёни кӯчаву боғ
Чу қабристони кӯҳна хода бисёр.

Ба пеши омири дар зери туте
Қатори шишаи бикшода бисёр.

Шудам ғарқи хаёлу фикр аз ин ҳол,
Сарам бар кундае бинҳода бисёр.

Ба сардоре бигуфтам, кун қабулам,
Бигуфт ин ҷост корафтода бисёр.

НОЛАИ ДАРАХТОН

Дӯш будам аз миёни кӯчае ман раҳсипор,
Як дарахтам гуфт ногаҳ аз канори ҷӯйбор:

«Ҳоли моро бин, бародар, аз ҳақиқат рӯ натоб,
Арзи моро аз забони ростиҳо гӯш дор.

Чун дарояд баъди тобистони сӯзон тирамоҳ,
Ҷони мо дар ларза аст аз реша то бар шохсор.

Ғайри бехи мо набошад ҷой бар қавми табар,
Дар миёни мост арра доимо дар гирудор.

Нолаи моро вале гӯше набошад бишнавад,
Кӯчаҳоянд арчи з-оби дидаи мо шӯразор.

Аз саҳар созанд моро реза-реза то ба шом,
Дар даме якбора ояд пеши мо мошин қатор.

«ЗИЛ» паси «ЗИЛ» пур шавад аз кундаҳои тарбурӣ,
Корвони чӯби тар гардад равон бар ҳар канор.

Солҳо будем мо бар фарқи мардум соярез,
Мекунанд имрӯз моро аз чӣ бошад торумор.

Дар нигоҳу парвариши мо ҳашарҳо кардаанд,
Гоҳу ногаҳ кӯдакони мактабӣ ҳам бешумор.

Орзуе доштем ин, ки ҳама гул мекунем,
Кӯчаҳоро ҳусн мебахшем дар фасли баҳор.

Лек ин армони мо нашкаст, афсӯсу дареғ!
Дуди мо берун шавад аз печҳо мисли бухор...»

Чун шунидам арзу фарёди дарахтони ҳазин,
Ман ба назм овардамаш дар кӯча зери як чанор.

Гуфтам онро медиҳам бар дасти як сардори зӯр,
Лек сӯи Хорпуштак кард аз дастам фирор.

ДАВЛАТИ МАН, САВЛАТИ МАН МОНД ОХИР ЗОРИ МАН

(Марсияи амалпарасти аждаҳонафс дар мотами мансаби худаш)

Буд то мансаб маро, ҳай даври аъло доштам,
Даври аъло доштам, бо худ таманно доштам,
Дар миёни гулшани иқбол маъво доштам,
Сайр дар боғу чаманҳои дилоро доштам,
Кайф чун Ҷамшеду савлат мисли Доро доштам.

Ҳавлиям буд кӯшке-сар дар фалак, сад ранг дошт,
Зар ба назди ранги он бенур буду занг дошт.
Аз ялаққосаш ба зидди меҳри олам ҷанг дошт,
Дилчаи бедардакам аз кору меҳнат нанг дошт,
Кай ғами имрӯз ё фардои дунё доштам?!

Дар зимистон ҳам бароям буд айёми баҳор,
Лолаву савсан ба гирди хеш медидам қатор,
Дошт гӯшам роҳат аз овози танбӯру дутор,
Ҳар чи дил хоҳад, муҳайё буд бегуфтугузор,
Шири мурғу тоқи Аршу тухми Анқо доштам.

Хеш буду ошнову ҷӯра дар паҳлуи ман,
Қуввати дил беш буду зӯр дар бозуи ман,
Кас наметонист боре тез бинад рӯи ман,
Дар ҷавоби сулфа ҳатто буд лаббайгӯи ман.
Сар зи фахри обрӯям то Сурайё доштам.

Як имо бо ними чашми хеш мекардам агар,
Сад нафар метохт дар иҷрои фармонам ба сар,
Буд қонун амри ман чун аз даҳон мешуд бадар,

Хурд буд аз пашша манро фил дар пеши назар,
Қаҳру дӯғу дағдаға, бинии боло доштам.

Косалесонро ҳамеша доштам аз худ ризо,
Дарди хешу ақрабоям нағз бинмудам даво,
Бар писар бигрифта додам «Волга»-и қиматбаҳо,
Ҳар чӣ аз дастам биёмад, кардам онро беибо,
Турфа ишратгоҳ дар болои дарё доштам...

Гашт нафсу кибрам охир душмани ғаддори ман,
Заррае номонда гардид ошкор асрори ман,
Монд холӣ курсии гарданда—мурватдори ман,
Ҳар кӣ нафрат мекунад аз хулқу аз атвори ман,
Ҳар чӣ омад бар сарам, он буд аз кирдори ман.

Ҷумла занҳоям: Гулу Садбаргу Зебо, Сарвиноз,
Гулпарию Тӯтию Озодамоҳи мӯдароз,
Эҳ, маро дар байни мардум дошта карданд соз,
Ин магар будаст кам «ҳа» гуфта бар болош боз,
Шоҳидон гуфтанд аз сар то ба охир кори ман.

Хоки манро чун ба ғалбери ҳақиқат бехтанд,
Бар сари ман оби сарди шармсорӣ рехтанд,
Пеши чашмонам гуноҳу айби ман овехтанд,
Ошною ҷӯраҳоям аз барам бигрехтанд,
Давлати ман, савлати ман монд охир зори ман.

с. 1961

АРЗ БА СОЛИ НАВ

Соли Нав, ин арзи манро гӯш дор,
То бифаҳмӣ, хешро хомӯш дор:

Як-ду рӯзак пештар аз рӯзи ту,
Аз ҳамин рӯзи хушу фирӯзи ту.

Як ҳавас кардам, ба ресторан шудам,
Интизори косаи лагман шудам.

Бехабар бар назди ман омад, нишаст
Як ҷавони нобалад масту аласт.

Гуфтугӯ бо ман даме оғоз кард,
Чашмҳои сурх сӯям боз кард.

Гуфт бар ман: касбу коратро бигӯ,
Кори ту, ё кори ман бошад накӯ?

--Ман муаллим,--гуфтамаш андар ҷавоб,
Аз нигоҳи чашми ӯ гашта қимоб.

Таънаҳои беш бар корам намуд,
Лаънатӣ аз хеш безорам намуд.

--Нест коре,--гуфт,--беҳ аз кори ман,
Доимо гарм аст майбозори ман.

Рӯзу шаб аз росту чап пули беш
Мезанам бар кисаам бар нафъи хеш.

Роҳати манро надорад ҳеҷ кас,
Ҳеҷ кас ҳам нест бар ман дастрас.

Гашт равшан ходими савдост ӯ,
Завмаги қишлоқи Хирман ҷост ӯ.

Соли Нав, дорем аз ту илтимос,
К-аз чунин мастон кунӣ моро халос.

с. 1959

БИРГАДИР

Турфа ҷое дар лаби ҷӯбор дорад биргадир,
Соябон аз беди кокулдор дорад биргадир.

Зери паҳлӯяш ниҳода шаш қабат болишти қӯ,
Гирди худ се-чор хизматгор дорад биргадир.

Дар ҳузураш хони пурнеъмат бувад ороста,
Кай ғаму парвои кору бор дорад биргадир.

Сӯхта аз ташнагӣ нисфи зиёди пахтазор,
Сайр рӯҳан дар Сари Хосор дорад биргадир.

Хона карда, бачча карда кирм дар ҳар як ниҳол,
Сӯи онҳо дидаи хуммор дорад биргадир.

«Кай кунӣ ислоҳи ин дӯлобиҳо» пурсӣ варо,
Ваъдаҳои тозае тайёр дорад биргадир.

Ф О Л

--Фолат бубинам, фоли ту
Гӯяд ҳама аҳволи ту.

Бигзаштаат ёд оварад,
Ёдат зи бунёд оварад.

Аз ҳозират гап мезанад,
Гапҳо зи матлаб мезанад.

Ояндаат равшан шавад,
Равшантар аз гулшан шавад.

Хору гулаш гардад аён
Бар чашми ту дар як замон.

Номат чӣ буд, онро бигӯ,
Ҳай-ҳай чӣ сон номи накӯ.

Номат, ки бошад Носара,
Гӯям тӯӣ аз Сагдара.

Бинмой гӯшам сарбасар,
Ҷои дигар ҳушат мабар:

Се-чор мактаб хондаӣ,
Шабдези дониш рондаӣ.

Чанде ту мансаб доштӣ,
Дунёи матлаб доштӣ.

Аввал ту будӣ хайрхоҳ,
Кардӣ ба чашми ҳақ нигоҳ.

Вақти ту сарфи кор буд,
Кори ту шӯҳратдор буд.

Баъди ду-се маҳ лек ту
Гаштӣ дигар дар ҳулқухӯ.

Одамгарӣ партофтӣ,
Бар н-одамӣ биштофтӣ.

Дур аз ҳақиқатҳо шудӣ,
Дар фикри ҷовупо шудӣ.

Дар гӯшаи пурзебуфар,
Аз чашми мардум дуртар,

Як қасри зебо сохтӣ,
Бо оби зар пардохтӣ.

Кардӣ зи худ харҷи каме,
Бар дил надода ҷо ғаме.

Аз кисаи давлат задӣ,
Бисёру беминнат задӣ.

Мансаб чу шуд дар хизматат,
Рӯ бар камӣ зад ҳурматат.

Шуд норизоӣ аз ту беш,
Имрӯз пур аз рӯзи пеш.

Охир ту ҳамчу пурҳиял
Сар карда аз сангу шағал,

То рангубори хонаат,
Маъвои пурафсонаат,

Як биргад одамро ба кор
Кардӣ ду-се маҳ раҳсипор.

Кори ту карданду вале
Нашнид яктояш бале.

Бар музди онон бемалӯл
Шуд аз идора сарф пул.

Гашт ин ба кирдорат бало,
Бар нафси таҳдорат бало.

Ғавғои мардум шуд баланд,
Дигар накардат кас писанд.

Карданд аз ҷоят гусел
Бо зарби чӯбу сангу бел.

Гуфтанд: «Аз гови вуҳуш
Холист агар оғул, чӣ хуш!»

Наздик шуд судат кунанд,
Аз чашм нобудат кунанд.

Бо кӯмаки як-ду таго
Дидӣ халосӣ аз бало.

Ҷои дигар раҳбар шудӣ,
Як қадр вазнинтар шудӣ.

Шуд тарзи кори ту дигар,
Кардӣ ду гӯшат гоҳ кар.

Нашнидӣ гапҳои ғализ,
Кайфат ба худ хондӣ азиз.

Бар котиба ошиқ шудӣ,
Гӯё ба ин лоиқ шудӣ.

Кардӣ ба курорташ равон,
Рафтӣ зи пушташ пас давон.

Гӯянд, дуздию ғарӣ
Бо чашми ақлат бингарӣ,

Пинҳон намонад аз назар,
Бошад таҳи саргини хар.

Овоза омад бар занат,
Шуд бохабар хушдоманат.

Фардои маҳшар шуд ба по,
(Қандат хӯру ин ҷо даро).

Тифлон ҳама ҳайрон шуданд,
Аз доду ваҳ гирён шуданд.

Ҷони ту омад бар лабат,
Шуд тортар рӯз аз шабат.

Гӯре агар меёфтӣ,
Худро ту мепартофтӣ.

Афтидӣ андар каш-каше,
Ту хас шудӣ, зан оташе.

Дар гиряву фиқ-фиқ шудӣ,
Шарманда чун фосиқ шудӣ.

Рафтӣ зи мансаб боз ту,
Дар як нафас бо тоз ту.

Гардид бар мардум сабақ
Ин кори ту рӯи варақ.

Як сол бигзашт аз миён,
Аз нав даромад бар ту ҷон.

Шуд аз тағоҷонҳо мадад
Бо зӯру зарби беадад.

Гуфтанд: «Коҳи кӯҳна бод
Аз хотири рӯзи мурод

Кардан надорад эҳтиёҷ,
Хоҳем бар кораш ривоҷ».

Ҳоло ту дар кори навӣ,
Гӯям, ки сардори навӣ.

Мансаб, ки акнун з-они туст,
Бе дарду ғам даврони туст.

Бо сад ҳавас мошинхарӣ,
Аз «Волга»-ҳои дилбаре.

Аз кормандонат талаб
Кардӣ мадад аз ин сабаб.

Сад сӯмӣ аз сесад нафар
Бигрифтаӣ чун фитнагар.

Миш-миш миёни одамон
Пайдо шуда бигрифта ҷон,

Ҳар ҷо парешон бошадо,
Айб аз ҷиғилдон бошадо.

Ҳар ду тағоят инчунин
Гаштанд бас поиннишин.

Афтода аз мизи баланд,
Беобрӯ гардидаанд.

Дар ҷои корат ғур-ғур аст,
Аз кунҷковак бас пур аст.

Бошад ҷиноятномаат
Бар чашми неку чашми бад

Аз таксарӣ ҳам ғафстар,
Балки расад то пеши бар.

Шабҳо наояд хоби ту,
Бар дидаи пуроби ту.

Рӯзат ҳисобӣ мондааст,
Рӯ бар харобӣ мондааст.

--Бас кун, мабин фолам дигар,
Ки зад фишори хун ба сар.

Куштӣ маро бо фоли худ,
Безорам аз аҳволи худ.

НАХУСТИН РӮЗИ КОР

Соли Нав омад, нахустин рӯзи кор
Дил хурӯшон шуд чу оби чашмасор.

Нимаи шаб буд, ё оғози рӯз,
Хестам аз хоб бо ҷеғи хурӯс.

Пеши садри кор гардидам равон,
Карда такрор исми некаш бар забон.

Гуфтам: аз вай ман бигирам маслиҳат,
Нест баски маслиҳат беманфиат.

Рафта гаштам дар қабулгаҳ интизор,
Кас набуд ин ҷо ба ҷуз ман чашми чор.

Баъди се соат биёмад хӯҷаин,
Дӯхта чашму нигаҳ сӯи замин.

Бе калому бе саломе омад ӯ,
Тирарӯ монанди шоме омад ӯ.

Гашт ворид аз пасаш бо унҷу ноз
Як зани олуфтаи кокулдароз.

Ёфт охир сӯҳбати онҳо кашол
Бештар аз чор соат бемалол.

Ҷон аз ин омад маро гӯӣ ба лаб,
Гашт ноором ҳар тори асаб.

Рафтаму баъд аз танаффус омадам,
Бар қабулгаҳ боз бинҳодам қадам.

Котиба гуфто ба овози маҳин:
«Эй ако, беҳуда дар ин ҷо нашин,

Хӯҷаинро нест акнун тобашон,
Дар идора бурд ҳатто хобашон.

Беҳтараш, рафта пагоҳӣ ой боз,
То шавӣ аз лутфи эшон сарфароз».

Ҳасрато, як рӯзи кориам гузашт
Дар қабулгаҳ бесамар, бебозгашт.

БАДХОҲ

Чашмҳо махмур аз кайфи шароб,
Мечакад аз мӯйҳояш равғаноб,
Он чӣ мехоҳад, бигӯяд беҳиҷоб,
Бо чунин минвол гардад ҳар куҷо.

Пеши роҳам дӯш пайдо гашт он,
Халтаи гап шуд кушода он замон,
Гар надонӣ,--гуфт,--бишнав ҷӯраҷон,
Гӯямат гапҳои нав чун ошно:

«Бенасиб аз мансаби худ шуд Барот,
Ҷояш ояд хеши мо Мирзонабот,
Кори худро нағз медонад ҳаёт,
Навбат ояд ҳар киро дар осиё.

Гашт райпо аз раиси пӯк пок,
Ҳам мудири мо шудаст акнун ликок,
Мефитад имрӯзу фардо дар мағок,
Медиҳанд имшаб Сикандарро ҷазо.

Дина мошинҳои Аҳмадхону Ёр
Сар ба сар кӯфтанд мисли қӯчқор,
Қарсасаш додӣ садо аз кӯҳсор,
К-ин тамошои аҷибе шуд ба мо»...

Гӯй дорад аз қиёмат ҳам хабар,
Банд бе бандат кунад роҳи гузар,

То раҳо ёбӣ, шавӣ хуни ҷигар,
Кас надонад, к-ӯ чӣ дорад муддао.

Хоҳад, аз афташ, зи мо ҳам инчунин
Бишнавад гапҳо чу аз ёри қарин,
Об бидҳад то дили лабрези кин,
Лек танҳояст умре байни роҳ.

ХИЗМАТИ ХИРСОНА

Хизмати хирсонае дирӯз Даврон карда монд,
Бандаро дар ҷои равғандор меҳмон карда монд.

Дар бубасту ҳалқаи занҷирро маҳкам намуд,
Чун гунаҳкоре маро аз чашм пинҳон карда монд.

Гуфт: «Равған гир, агар хоҳӣ, ман андар хизматам»,
Ҷону дил, бо гуфти худ, гӯё ки шодон карда монд.

Як шуланги сип-сияҳ дар бочкаи равған халид,
Дам кашиду равғани онро навардон карда монд.

Гуфт: «Камчин равған аст, ин баҳри ёрон мондаем»,
В-ин сухан такрор бо найранги шайтон карда монд.

Нимпур зарфе намуда, даҳ кило кардаш ҳисоб,
Ҷебакамро холӣ аз баҳри ҷиғилдон карда монд.

Баъд таъкид кард: «Роҳи хилвате дарёбу рав»,
Муддате манро дар ин даргоҳ сарсон карда монд.

Дар тарозу баркашидам равған аз вай ман ниҳон,
К-он тарозу даҳ кило бо зарфаш эълон карда монд.

Чор сӯмам рафт аз ин бар Хоҷа Аҳрори Валӣ,
Чашми носераш маро дар тарсу ҳайрон карда монд.

Доду вой аз хизмати хирсонаи Даврони нафс,
Равғани пундонаро боло зи зар он карда монд.

Хорпуштак, арзи моро як нафас ту гӯш дор,
К-ин бало оини савдо соф вайрон карда монд.

ЧӢ ГУФТАН МЕТАВОН

Лофи беҷоро чӣ гуфтан метавон,
Лаққипочоро чӣ гуфтан метавон?

Метавон гуфтан чӣ бошад ростӣ,
Качравиҳоро чӣ гуфтан метавон?

Ҷоми моро ним ё пур мекунанд,
Соқиоғоро чӣ гуфтан метавон?

Дил кашад, по меравад бар ҳар куҷо,
Дил ва ё поро чӣ гуфтан метавон?

Дӯш кардандам ба дӯконе фиреб,
Фанди савдоро чӣ гуфтан метавон?

Садри савдояст ҳинноти калон,
Наҳсбоборо чӣ гуфтан метавон?

Дар тамошо гоҳ механдем мо,
Хандаи моро чӣ гуфтан метавон?

Бар калоне арз кардам, гап назад,
Дастболоро чӣ гуфтан метавон?

Аввалу анҷоми ин равшан ба мо,
Лек ҳолоро чӣ гуфтан метавон?

ҒАЙБАТХЎҶАҲО

Хонаро тасфонда шабҳои дароз,
Давра ороянд, бикшоянд роз.

Якта-якта яъне ғайбат сар кунанд,
Байнашон бошӣ, ду гӯшат кард кунанд.

Гӯяд он, ки буд як вақте мудир,
Соҳиби мансаб шуда мумсик Мунир.

Не худаш хӯрдан тавонад донае,
Не диҳад бар хешу бар бегонае...

Гӯд он, ки як замон сардор буд,
Мардум аз рафтори ӯ безор буд.

«Дӯш дидам Холро мошинсавор,
Аз куҷо пул ёфтаст ин нобакор?»

Гӯяд он, ки дина бемансаб шудаст,
Ҳамдами ғайбатгарон имшаб шудаст:

Хӯрд Акрам пули давлат бешумор,
Шуд халос аммо ба якто виговор».

Гӯяд он, ки кори хайре ҷуз завол
Кас надид аз феъли шумаш то ба ҳол:

«Порахӯр бошад Назар-сардори мо,
Аз ҳамин рӯ ҳаст хӯрҷин кори мо...»

Шояд аз ғайбат наемондӣ нишон,
Медид аз инсоф гар андар ҷаҳон

Пушти паҳнаш сангпушт як бор соз,
Чангиашро уштури гардандароз.

КӮРНАМАК СӮФИАМАК ШУД

Чандест, ки бо ин амаки бинифарозам,--
Бо сӯфии Мирзолақаби ришдарозам.
Дар хархашаву кашмакашу гуфтугузорам,
Гардида ба вай баҳсу мубориза шиорам.
Гуфтам, ки шунав, сӯфӣ, ҳама панди ту фанд аст,
Аз панди ту бар ҷону дили халқ газанд аст.
Гуфто, ки макун тӯҳмати ноҳақ ту ба ҷонам,
Ҳаргиз набарам ҳарфи дурӯғе ба забонам.
Гуфтам, ки ба таштобу туморат чӣ нависӣ?
Аз кӣ чӣ бигирию ба номи кӣ нависӣ?
Гуфто, ки нависам ҳама дам гуфти худоро,
Додаст худованд худаш рӯзии моро.
Гуфтам, ки ба ман гӯй, чӣ гуфтаст худованд?
Аз раҳму аз инсоф чӣ суфтаст худованд?
Гуфто, ки худованд ҳама рост бигуфтаст,--

Инсоф чароги дилу ҷонҳост бигуфтаст.
Гуфтам, ки чаро пас ба ту инсоф набошад?
Риши ту сафед асту дилат соф набошад?
Гуфто, ки чӣ мегӯӣ ту, эй баччаи нодон,
Бар бандаи дилсофу баинсофу мусулмон?
Ҷуз хизмати халқе, ки маро гашт парастор,
Фикри дигарам нест ба сар, нест ба зинҳор.
Ҳар ҷо, ки равам, ростӣ—ин аст раҳи ман,
Ҷуз ростӣ, валло, набувад такягаҳи ман.
Гуфтам, ки ту гар ростию ростпарастӣ,
Сад бор чу майнӯш қасам аз чӣ шикастӣ?
Ҳар рӯз чаро аз пайи тазвир шитобӣ?
Роҳат паси девору дигар роҳ наёбӣ?
Гуфто, ки маро мақсади тазвир набошад,
Корам ҳама ҷуз некию тадбир набошад.
Гуфтам, ки чӣ тадбир, ки аз хатму дуоят
Ҳамсоязанак мурд ба уммеди шифоят?
Гуфто, ки агар кас ба дин ихлос надорад,
Сад хатм ба ӯ фоида як бор наорад.
Гуфтам, ки бас аст, ин қадар афсона чӣ гӯӣ?
То кай зарар орию ба кас суд наҷӯӣ?
То кай бихӯрӣ нону намакдон шиканӣ боз?
Бар кӯрнамак нест раво ҳурмату эъҷоз.
Сӯфӣ пас аз ин тоб наовард ба гуфтор,
Хомӯш бирафт аз бари ман дар даме ночор.
Дидам саҳараш, ин ки ба масҷид бинишаста,
Як саллаи бефаш ба сари хеш бибаста.
Бисёр сукут карда, чу ҳайкал бувад ӯ хап,
Дар зикри дилаш банду наояд ба лабаш гап.
Гӯё ки ниҳон роз ҳамегуфт: «Худоям,
Аз баҳри чӣ бурдӣ ба чунин роҳи хатоям?

Шарманда чаро кардӣ маро назди халоиқ?
Бар ман ту надидӣ шараф аз баҳри чӣ лоиқ?
Гуфтор дигар додию рафтор дигар низ,
Ҷуз фанду фиреб аз чӣ маро нест дигар чиз?
Кас нест, ки имрӯз ба ман гӯш намояд,
Тазвири маро лаҳзае рупӯш намояд.
Ҳар ҷо, ки равам, таъна зи мардум шунавам ман,
Бебаҳра дарахте ба гулистони навам ман.
Як зарра ба дин бовариям нест дигар, нест,
Ихлосам аз он то ба қиёмат ҳама бархест.
З-ин пас наравам бо раҳи тазвир ба зинҳор,
Бар халқ кунам такяву бо вай бикунам кор.
Чун кӯрнамак роҳӣ пайи поси намак шуд,
Пас кӯрнамак не, лақабаш сӯфиамак шуд.

ВОСИТА

Ҳасрат, эй дил, к-аз давидан сӯхтам,
Дарси мансабҷӯӣ то омӯхтам.
Пеши ин рафтам, давидам сӯи он,
Роз бикшуда, ҷавоб андӯхтам.

Шуд яке восита, гуфт: «Осуда бош,
Мекунам баҳри ту аз ҷон ман талош.
Бошадам Абдуқаюм ёри қарин,
Ки бувад бисёр ҳар ҷо ҷӯраҳош.

Мекунам восита ӯро мухтасар,
Ӯ кунад восита як шахси дигар.
Ҷӯрае бар ҷӯра гардад восита,
Нест аз восита роҳе хубтар».

Шуд ҳамели восита охир кашол,
Рафт нӯгаш то Ҳисору Ҷиргатол.
Рӯзе пурсиданд аз ман ихтисос,
Дар ҷавоби ин забонам монд лол.

ГУФТОРИ ТРАКТОР

Чун дӯст гуфто рӯзе трактор,
К-эй ҷӯраи ҷон механизатор,
Кайҳост, ки мо ҳар ду рафиқем,
Якҷоя шоду якҷоя зиқем.
Ҳар гаҳ ки гаштӣ савор манро,
Рондӣ ба саҳро ба кор манро.
Замин саросар шудгор кардам,
Асоси ҳосил тайёр кардам.
Соҳиб ту гаштӣ аз ин ба шӯҳрат,
Овоза гардид ҳар ҷой номат.
Аммо чу ичро гардад плонат,
Дар равған афтад вақте ки нонат,
Дар кунҷе маро танҳо гузорӣ,
Як бор манро бар ёд н-орӣ.
Сар то ба поям зангор бандад,
Фасли баҳорон бар ман бихандад.
Ними ҳаётам барҳам хӯрад з-ин,
Бар ин ту ту бошӣ, эй ҷӯра, зомин.
Вале чу бинӣ зангори манро,
Вуҷуди аз занг афгори манро,
Гирӣ ҳамоно айби заводам,
Дигар шунидан нахоҳӣ додам.
Русуми ёрӣ магар ҳамин аст?
Подоши некӣ ё ки чунин аст?

ХӮРҶИНКОР

Эй, даҳони хешро дарронда монанди калӯш,
Чашми тангат во намуда, каллаат бекаллапӯш.
Мисли дӯғи халтаи дар офтоб оӣ ба ҷӯш,
Лаб кушояд назди ту шахсе, ту бо хашму хурӯш
Муштборон карда столро, ҳамегӯӣ: «Хамӯш!»

Гӯй, охир то ба кай ту лофи мансаб мезанӣ?
То ба кай аз хубкирдории худ гап мезанӣ?
Молу мулки халқро то кай ту хап-хап мезанӣ?
Мезанию мисли гурба то ба кай лап мезанӣ?
То ба кай айбу гуноҳи хеш созӣ пардапӯш?

Ҳар кӣ айбатро бигӯяд, ганда мехонӣ варо,
Бо қасам тӯҳматгари шарманда мехонӣ варо,
Бадгуҳар чун каждуму дарранда мехонӣ варо,
Аз барои худ зарароранда мехонӣ варо,
Панди ёронро нахоҳӣ ҳеҷ башнидан ба гӯш.

Бо хушомадгӯйҳо маҳбуби ҷон бинам туро,
Баҳри нафси хеш бо онҳо равон бинам туро.
Соҳиби се хонаи кори калон бинам туро,
«Волга»--дору масти пули бегарон бинам туро,
Хона бар хона бубинам хониматро куртапӯш.*

Шод аз мансаб ту бошӣ, мансаб аз ту додгӯст,
Обрӯи вай зи дастат рехт мисли пашми пӯст,
Худписандӣ карда гӯӣ боз: кори ман накӯст,

---

* Куртапӯш–зане, ки ба меҳмонӣ рафта, аз соҳиби хона курта мепӯшад.

То ба кай бар ту чунин бешармию ин хулқу хӯст?
Кор аз дасти ту хӯрҷин гашт, эй виҷдонфурӯш!

с. 1961

ТАРОНАИ ЁРДАМЧИЁНИ ШАЛПАР

Пахтазорею дар он чун пахтачин афтодаем,
Чида чун чинакчиёни «беҳтарин» афтодаем.

То ба ёрон ёрии шерона бидҳем, омадем,
Дар талош аммо нигар, рӯбаҳ барин афтодаем.

Хирмане барпо кунем аз пахта гуфтему нашуд,
Кори саҳле хонда ин, чун фолбин афтодаем.

Он қадар шалпар шудем андар даме, к-аз шалпарӣ
Пӯстак гашта, тунук рӯи замин афтодаем.

Вақти мо бо лақ-лақи бекора тозон бигзарад,
Дур аз фикри арақҳои ҷабин афтодаем.

Кӯраконро канда гаҳ санги фалохун мекунем,
Қад-қади ҷӯяк аз ин чун дар камин афтодаем.

Пилтаи як тоқӣ н-ояд пахтаи мо чидагӣ,
Худ ба худ дар аҳсану дар офарин афтодаем.

Қисмати моро бубин, аз шаҳр деҳот омадем,
Он саворонем, к-аз болои зин афтодаем.

Чошт дур асту равон аз пушти ишкам мешавем,
Дар назар ноёб монанди нигин афтодаем.

Аз даҳони хеш берун карда пас бӯи шароб,
Рӯи раҳ дар интизории машин афтодаем.

Даст боло карда, ҳар дам мисли мағлуб аскарон,
Мошине моро нагирад, з-ин ғамин афтодаем.

Эрка будему дар ин ҷо хорузоре гаштаем,
Ончунон будем, оре, инчунин афтодаем.

НАФСИ БАД

Зор монад нафси бад, ки мондаам андар балош,
Рӯзу шаб бекор гардам ҳар куҷо ман аз қафош,
Дӯш бе фарёд рафтам тӯйи Қосим сартарош,
Ёфтам, ҳар чӣ дар он ҷо, буд дилро муддао.

Остинро барзада фашшаскунон хӯрдам палав,
Ҷӯш буд гарчи палав мисли кабоби дар алав,
То ба серӣ з-он хӯрам, ин ҷони худ мондам гарав,
Се табақро холӣ кардам дар даме ман беибо.

Баъд аз он хӯрдам ҳамоно чаккаю шӯрбои тез,
Себу олую анору туту ангуру мавиз,
Ҳам кабобу оши угро, харбуза, анҷир низ,
Ҳар қадар хӯрдам, нагаштам сер ин нафси бало.

Ишкамам дам кард мисли қопи каҳ дар як замон,
Дар дарунаш шуд ҳамоно «ҷангу ҷанҷоли» калон,
Дам ба дам мегашт акнун хӯрдагиҳо заҳри ҷон,
Ман надонистам, ки дардамро чӣ мебошад даво.

Нола карда то саҳар аз шаб задам ман ғалтанак,
Гаҳ ба зери дасту по болиштҳо кардам ғанак,
Кард аз хона маро охир нашуд берун занак,
Ними шаб фарёд кардам духтури дар хобро.

ХУШОМАДГЎЙ

На сар дорад, на бар дорад даҳонат, эй хушомадгў,
Фақат шайтонӣ медонад забонат, эй хушомадгў.
Ду дастат пеши бар монанди шайхи баднамудӣ ту,
Ба зону пеши пои хўҷаин андар суҷуди ту.
Хуш оӣ то ба сардорат, ба айёрӣ сухан гўӣ,
Сухан аз хизмату аҳду вафои хештан гўӣ.
Гаҳе оина мегардӣ ту андар пеши рўи ў,
Гаҳе ту шона мегардӣ ба ҳар як тори мўи ў.
Гаҳе ту чутка мегардӣ ба пушти мўзаҳояш ҳам,
Гаҳе ту такя мегардӣ ба зери дасту пояш ҳам.
Шавад рўзе ки сардорат равад аз мизи сардорӣ,
Ту аз вай бигзарию саҷда бар сардори нав орӣ.

РАСМИ ОДАМИЗОД

Маро аз шаъни кору фикри эҷод
Бувад неку бади бисёр бар ёд.

Ба вақте дида будам Мустафоро,
Ҷавони номию пурошноро.

Даме аз боби ў гап мекушуданд,
Ҳама як-як сифоташ менамуданд.

Ситоиш доштандаш ҳамчу сардор,
Ба фазлу донишаш буданд иқрор.

Яке мегуфт: пешаш дӯш рафтам,
Забон накшодаю хомӯш рафтам.

Нигоҳе кард, фаҳмид ӯ чӣ хоҳам,
Бигуфто шарҳи маънои нигоҳам.

Супориш доду фармонаш дигар кард,
Ба кори равғанинам роҳбар кард...

Дигар мегуфт: ӯ ҳуснофарин аст,
Куҷое по ниҳад, зеби замин аст.

Наяст одам, бувад ӯ ҷони одам,
Шавад як бор агар меҳмони одам,

Бигардад хона пур аз нозу неъмат,
Ки гӯӣ ҷаннат ин ҷо кард ҳичрат.

Ҳама дар ҳасрати меҳмонии ӯст,
Нишоне ин зи қадрдонии ӯст.

Наменонанд садри мӯъҷизовар,
Ки дасташро занад бар косаи зар.

Ба рӯзе даҳ нафар дар хизмати ӯст,
Намоён з-ин шукӯҳу шавкати ӯст.

Ба хоки ҳотааш пору кашонанд,
Ба боғе лашкари ору кашонанд...

Сарашро дард агар гирад банохост,
Ба гирдаш як идора мешинад рост.

Чӣ сон бошад бузургӣ дигар охир,
Ки дар тасвираш оҷиз аст шоир.

Бидидам дӯш аз нав Мустафоро,
Кунун як тоқаи беошноро,

Пиёда мегузашт аз кӯчаи лой,
Калӯши кӯҳнае пӯшида бар пой.

Касе асло намедод эътибораш,
Намекардӣ ягон мошин савораш.

Аз афташ, дошт майли рӯи бозор,
Ки якто бел гирад боиси кор.

Замини ҳавлияш бекишт мондаст,
Гулаш пажмурда, хори зишт мондаст...

«Аҷаб расмест расми одамизод»,
Зи мансабрафтаро кам мекунад ёд.

ГУФТАМ: БА ЧАШМ

(Аз забони мудири базаи идораи савдо).

Хӯҷаин гуфто: Фақат бар ман нигар! Гуфтам: Ба чашм!
Ман падар, мебош бар ман ту писар! Гуфтам: Ба чашм!
Ҳар гаҳе, ки моли нодир оварӣ, ҳарфе магӯ,
Хилватак ою ба гӯшам деҳ хабар! Гуфтам: Ба чашм!
Ҳар рӯмоли пашмиро бинмо чу ҷонат эҳтиёт,

Тоқа пинҳонаш кун аз пеши назар! Гуфтам: ба чашм!
Ҳар ки дар наздат биёрад номи вайро бар забон,
Хештанро соз ин дам кӯру кар! Гуфтам: ба чашм!
Рухсати ман гар набошад, кам макун яктои он,
Ҳар якаш ҳафтод сӯмак мешумар! Гуфтам: Ба чашм!
Холаи даллолатро ёбу бо пули худаш
Ваъдааш кун яктаву фоида бар! Гуфтам: Ба чашм!
Кунҷковакҳо ба ҳар ҷо кунҷковӣ мекунанд,
Бош ҳушёру аз онҳо алҳазар! Гуфтам! Ба чашм!
Ҳафтае як бор баъд аз кор пеши ман биё,
Аз ривоҷи корҳо гӯ сарбасар! Гуфтам: Ба чашм!
Нафъи бар даст омада ҷони ману ҷони ту аст,
Роҳати дунё ба мо, зӣ бехатар! Гуфтам: Ба чашм!
То мани сардор бошам зинда дар тахти амал,
Бош бар ганҷи равон ту роҳбар! Гуфтам: Ба чашм!

с. 1968

СВЕТОФОР

Дар роҳ машинаҳо қаторанд,
Дар хизмату кори рӯзгоранд.
Монандаи корвон равонанд,
Ҳам бор баранду ҳам биёранд.

«ЗИЛ» аз паи «ЗИЛ» барорад овоз,
Аз вай гузарад «Жигули» бо тоз.
Волга чу арӯси нозпарвар
Бо ноз равад, бизебадаш ноз.

Борест ба «ЗИЛ» зи марди деҳқон,
Андар «Жигули»-ст як-ду шайтон.
Каҷпаҳлӯ зада савори «Волга»
Бошад яке аз вазифадорон.

Инак, сари чорсӯ расиданд,
Монанданд зи дав, ки медавиданд,
Дар ҳукми светофор монданд,
Лаб гӯӣ зи қаҳр мегазиданд.

Бе рухсати вай наяст мумкин,
К-аз ҷой равад ба пеш мошин.
Чун чашм паронду сабз гардид,
Бигзашт аробае зи поин.

Шуд аз паси он ба раҳ трактор,
«ЗИЛ»-у «ГАЗ»-у «Москвичи» бисёр.
Шайтонгарию калонӣ ин ҷо
Ба кор наомадӣ ба зинҳор.

ДИЛАМ МЕСӮЗАД

Бар меҳнати бесамар дилам месӯзад,
Бар ҳар дили бешарар дилам месӯзад.
Мурғе ба миёни шохаҳо лона гузошт,
Бар ҳудҳуди беҳунар дилам месӯзад.

Гулро бинигар ба пеши хор афтодаст,
Барге ба таги по зи чинор афтодаст.
Эй бехабар, он қадар ки з-ин бехабарӣ,
Бар ҳоли ту он қадар дилам месӯзад.

Рафтам ба дари маориф аз боиси кор,
Кардам ба мудир зи дарсҳо гуфтугузор.
Ӯ дод бизад чунон, ки кар шуд гӯшам,
Бар пардаи гӯши кар дилам месӯзад.

Он мард, ки нек буд андешаи ӯ,
Сардор ки шуд, н-одамӣ шуд пешаи ӯ.
Афсӯси ҳазор, к-одаме н-одам шуд,
Бар хайр, ки гашт шар, дилам месӯзад.

Дирӯз пиёдаву савор имрӯзӣ,
Дур аз бари мо ту, дар канор имрӯзӣ.
Монанд ба санги лаби ҷар метобӣ,
Тарсам, ки шавӣ ту ҷар, дилам месӯзад.

Бар аҳд агар вафо намоӣ, шараф аст,
Аз роҳи умедат набароӣ, шараф аст.
Аз бешарафон вафо набинӣ ҳаргиз,
Бар кӯшиши безафар дилам месӯзад.

Қорӣ ба яке базми калон ҳофиз шуд,
Базмаш ҳама аз шеъри хуши Ҳофиз шуд.
Гуфтӣ ту, ки нобино чиҳо мегӯяд,
Бар ту чу ба бебасар дилам месӯзад.

Дар кӯчаи мо дарахта тар арра зананд,
Сад бор бурида аз дигар арра зананд.
Гӯӣ, ки даҳони арра хуншор шудаст,
Бар нолиши чӯби тар дилам месӯзад.

Се тан ба мисоли соя рафтанд аз боғ,
Оварда ба ёд мансабе бо дили доғ.
Дар ғайбати дигарон ҳавас бишкастанд,
Бар лаққии раҳгузар дилам месӯзад.

Ӯро бинигар, касалхате дар бар кард,
Сардор ба бемории ӯ бовар кард.
Се моҳи бутун аз пайи ишрат гардид,
Бар қисмати фитнагар дилам месӯзад.

Дил дар бари ёр шамъи равшан гардад,
Дар вақти сафар мард муайян гардад.
Омад хабаре ду ҳамсафар ҷанг шуда,
Бар ҷанги ду ҳамсафар дилам месӯзад.

Нӯшид маю ҳама бирафт аз ёдаш,
Бигрифт зи ҷаҳл каштали устодаш.
Бошӣ баадаб агар, надорам ғаму дард,
Оӣ зи адаб бадар, дилам месӯзад.

Дидам падаре, ки аз писар нолон аст,
Зеро писараш худсару гапгардон аст.
Не лутф падар созаду не тавба писар,
Бар ин падару писар дилам месӯзад.

Аз ҳавлии мо оби равон мегузарад,
Бинам, ки маро умри ҷавон мегузарад.
Шодоб кунад оби равон маъвое,
Умре, ки равад ҳадар, дилам месӯзад.

Пӯдина канори ҷӯй бӯе дорад,
Дил роз ба гӯши орзуе дорад.
Ту рост нигар, ки зиндагӣ зебояст,
Бар мардуми каҷназар дилам месӯзад.

Мухбир шуда як бор ба саҳро наравад,
Ҷое ба ҷуз аз нуқтаи савдо наравад.
Гаҳ пашшая филу фила гаҳ пашша кунад,
Бар мухбири бехабар дилам месӯзад.

То дар сари мизи сурхи мансаб шудӣ ту,
Якбора ҳавобаланду пургап шудӣ ту.
Бас дӯғ занию кор иҷро накунӣ,
Бар нуқтаи карруфар дилам месӯзад.

Ҳамсоятаго, ки хуб мансаб доранд,
Мошин паси мошина чизаш меоранд.
Дирӯз якаш зи бори вазнин бишикаст,
Бар мошини борбар дилам месӯзад.

Боло гузарӣ агарчи, он ҷои ту нест,
Бар дидаву дил яқин, ки маъвои ту нест.
Бо мансаби серӯзаи худ менозӣ,
Гар н-оӣ ба худ дигар, дилам месӯзад.

Ин раҳ дигар асту роҳи дилҳо дигар аст,
Дар хондани «Шашмақом» Барно дигар аст.
«Ҳофиз» шудаю аз пайи пул мегардӣ,
Бар ҳофизи дарбадар дилам месӯзад.

Ҳар кас шавӣ, шав, валек мулло нашавӣ,
Каждум ба таҳи гилеми фатво нашавӣ.
Монанди чапар риш намон паҳну дароз,
Бадном шавад чапар, дилам месӯзад.

Дилтанг туӣ, касе ба боғат наравад,
Як бор пайи пурсу суроғат наравад.
Аз хирмани ту мӯр наҷӯяд доне,
Дурӣ агар аз башар, дилам месӯзад.

Як ҳафта ба ҳуҷраи касалхона шудам,
Як ҳафта ту гӯӣ дар мағалхона шудам.
Сардард будам, доруи хобам доданд,
Бар доруи дарди сар дилам месӯзад.

Гулпӯш ба шах ниҳолаки бодом аст,
Аз фасли баҳор он ба мо пайғом аст.
Дар боғ вале дарахти хурмо шуда хушк,
Бар толеи ин шаҷар дилам месӯзад.

Ман косагулам ба тӯйи ду ошиқи шод,
Бо шеър кунам мубораки рӯзи мурод.
Чун шоҳу арӯс барбабар биншинанд,
Бар тӯйи худам зи сар дилам месӯзад.

Бар ишқ вафо кунӣ агар, хушкомист,
Дар ишқ хато кунӣ агар, бадномист.
Сад дил ба вафо дораму тарсам зи хато,
Бар аҳдшикан, нигар, дилам месӯзад.

Бар хонаи бешабон бирафтам боре,
Дидам, ки бикушта кабкаки бисёре.
Гуфто, ки шикор манъу хӯрдан гап не,
Бар кабкаки канда пар дилам месӯзад.

Гулбутта бари ҷар аст, пешаш наравӣ,
Хор аст дар он, зи тарси нешаш наравӣ.
Ошиқ шавӣ, ғайри дил ҷигар бояд дошт,
Бар ошиқи беҷигар дилам месӯзад.

Аз хони касе чу нон хӯрӣ, посаш дор,
Бар сафҳаи хотири худ андеша нигор.
Аз кӯнамак бӯи хиёнат хезад,
Бар ҳар кӣ расад зарар, дилам месӯзад.

Шамъе ба даруни дил умед аст, умед,
Бар дида гули ҳавас падид аст, падид.
Лекин гули коғазӣ чу ояд ба назар,
Бар бӯи гули саҳар дилам месӯзад.

Афтидани ту пояи н-афтидани туст,
Бигристани ту мояи хандидани туст.
Бар шеър кунам такя, асоям шеър аст,
Бар бандаи симу зар дилам месӯзад.

Ҳар гаҳ ки зи ҷо-т пеши ман мехезӣ,
Бар рӯи ҷароҳатам намак мерезӣ.
Якбора ҳама шавад фаромӯш маро,
Бар лаъли лаби шакар дилам месӯзад.

Ёдат бикунам, сиҳат ва ё нотобам,
Равшан шавад аз ту балки дил дар хобам.
Анҷири сари раҳам самаровар шуд,
Бар боғи надода бар дилам месӯзад.

Наврӯз ба ҷилва медарояд маҳи март,
Мард аст ба ҳар замон хирадпешаву мард,
Бигзаштаӣ ту вале зи фарзанду аёл,
Бар меҳри чунин падар дилам месӯзад.

Эй чашмаи дар ҷӯш, куҷо биштобӣ,
Оё ту канори баҳрро мекобӣ?!
Оби ту сафед, бод роҳи ту сафед!
Монӣ ба раҳат агар, дилам месӯзад.

Бо ноз равӣ зи пеши роҳам саҳарӣ,
Як бор ту кош бар қафоят нигарӣ.
Танҳо наравад турна зи ҷо ҷои дигар,
Ҳамроҳ маро бубар, дилам месӯзад.

Онон, ки ба корубори мо механданд,
Дар фикру хаёли айшу ишрат банданд.
Бадфеъл накӯ шавад, биболад ҷонам,
Гар бад бишавад батар, дилам месӯзад.

Гулбоғи рухи ту сайқали дилҳояст,
Шаҳнози ду чашмат арзиши дунёяст.
Бе ту пури ғам шавад дили беғами мо,
Бар ғамзада бештар дилам месӯзад.

Дар бешае ғун шуданд аз хирсу паланг,
То гургу шағолу рӯбаҳи лоғару ланг.
Як-як чу ҳама лофи шуҷоат бизананд,
Бар наъраи шери нар дилам месӯзад.

Ҳар кор ба қадри хеш ҳадде дорад,
Нек арчи шикоят накунад з-олами бад.
Дар ботини хеш дорӣ ақраб ҳама дам,
З-он ки шудӣ бадгуҳар, дилам месӯзад.

Бастӣ камару ба сӯи саҳро шудӣ ту,
Дар ваъда ба кор аз ҳама боло шудӣ ту.
Мондӣ, аҷабо, зи кӯдакон балки қафо,
Бар фӯтаи дар камар дилам месӯзад.

Бегона дигар бошаду ҷонона дигар,
Паймон дигаре бошаду паймона дигар.
Паймон шиканию пеши паймона давӣ,
Бар майзадаи пакар дилам месӯзад.

Бар моли дигар касон чу шафқат накунӣ,
Бар сарфи худӣ чаро ту одат накунӣ?!
Таҳкунда ниҳӣ бар табари мардум санг,
Бар соҳиби ин табар дилам месӯзад.

Чун мард гаҳе ба кори майдон ту шавӣ,
Бояд ба талошҳо намоён ту шавӣ.
Як зарраи ганҷ гар бимонад ба замин,
Бар заҳмати барзгар дилам месӯзад.

Дирӯз ба ҳукми сартарош афтодам,
Гӯӣ, ки ба дасти сархарош афтодам.
Хун аз сари ман ба фарши озода чакид,
Як умр аз ин хатар дилам месӯзад.

Равшан ба ҳама шудаст беқавлии ту,
Як бед нарӯст балки дар ҳавлии ту.
Бар меваи боғи дигаре санг занӣ,
Ҳар гаҳ ки ту бе ҳазар, дилам месӯзад.

Бо номи нақиза шоирак ноқиса гуфт,
Аз нуқсу хатои худ ғалат ҳодиса гуфт.
Гунҷишк диҳад ба очааш ҷив-ҷив ёд,
Бар ҷив-ҷиви беасар дилам месӯзад.

Як даст ба кори сахт боло нашавад,
То дасти дигар дар бари вай ҷо нашавад.
Кардем қатора кӯҳи тилло ба ҳашар,
Монӣ агар аз ҳашар, дилам месӯзад.

ТАНҚИД

Яке сардорро карданд танқид,
Ки гашт он рӯзнома даст бар даст.
Яке мегуфт ҳар касро ки медид,
Дарахти шӯҳрати сардор бишкаст.

Аҷаб не, кафшҳояш пеш монанд,
Бигардад чаппагардон ӯ зи реша,
Аҷаб не, ҷӯраҳояш ҳам бironанд,
Ки бо ҳам доштанд ишрат ҳамеша.

Дигар мегуфт бо ин гуна рафтор,
Ки шарҳашро қаламкаш дода мондаст,
Аҷаб не, маҳбасаш гардад сазовор,
Ки нафсаш ӯ калон бикшода мондаст.

Чӣ мегӯӣ, на он рух доду не ин,
Ҳама монандаи як бозӣ омад,
Зи нав шуд бахт бар сардор таъмин,
Ки ӯ бар мансаби боло баромад.

Буруташ тоб акнун дода монад,
Ба танқиди наве ӯ интизор аст.
Чӣ ояд бар сараш дигар, надонад,
Калонтар мансаберо хостгор аст.

САГИ САРИ РОҲ

Саге думкалтаю бӯри хунукрӯ,
Ки мардум Чорчашмаш мебарад ном,
Сари роҳи калоне ҷо гузида,
Даҳонаш ғор, мелесад лабу ком,
Ки гӯӣ ӯст аз дев офарида.

Раҳи ҳар раҳгузар пояд ба ҳайбат,
Намояд сӯи ӯ ҳар лаҳза ҳур-ҳур.
Кунад шиғ аз ғазаб он ёли гардан,
Бигӯӣ ё нагӯӣ ту ба вай «тур»,
Сари раҳ дорадат майли газидан.

Аз ин раҳ дӯш гаштам пеш роҳӣ,
Ба сӯям ногаҳон мисли паланге,
Давид он Чорчашми ғафсгардан,
Ҳаво додам ба сӯяш зуд санге,
Хаёлаш санг нею устухон аст,
Зи пушти он давида рафт аз ман.

ххх

Чу гирад бо тамаъ кас пеши роҳат,
Шикан дандони ӯ бо санги нафрат.

с. 1968

АҶАБ САРДОР МО ДОРЕМ

Нишинад дар сари стол,
Бубинад мисли ҷӯгӣ фол,
Бувад ҳар дам парешонҳол,
Аҷаб сардор мо дорем.

Ба чашмонаш ниҳад айнак,
Нависад ким-чиҳо як-як,
Бигӯяд ҳар замон: «Вот так»,
Аҷаб сардор мо дорем.

Агарчи нест чандон пир,
Гулӯяш мекунад хир-хир,
Лабонаш мепарад пир-пир,
Аҷаб сардор мо дорем.

Насозад ростро бовар,
Дурӯға мехарад бо зар,
Надонад фарқи хайру шар,
Аҷаб сардор мо дорем.

Ба таъзим ар насозӣ хам
Саратро назди вай ҳар дам,
Бигӯяд: «Нестӣ одам!»
Аҷаб сардор мо дорем.

Равӣ пешаш ба коре гар,
Нишинӣ дар қафои дар,
Нагӯяд, ки биё, додар,
Аҷаб сардор мо дорем.

Куҷо ӯро ғами кор аст,
Ки бар ишрат гирифтор аст,
Бубин, дар боғу бозор аст,
Аҷаб сардор мо дорем.

Агарчанде кунӣ меҳнат,
Надорад назди ӯ қимат,
Фақат з-ӯ бишнавӣ миннат,
Аҷаб сардор мо дорем.

Намедонам ба ин кораш,
Кӣ мебошад тарафдораш,
Ки равнақ ёфт «бозораш»,
Аҷаб сардор мо дорем?!

с. 1961

ДАР ФАРМОНИ ЭШОН

Фитодам чанд дар фармони Эшон,
Нахӯрдам гарчи як лаб нони Эшон.

Ду-се газ коларо бошам харидор
Зи нобуди ман аз дӯкони Эшон.

Лабаш дар биҷ-биҷу гир аст бо чут
Ду дасти қоқи саргардони Эшон.

Ба пешаш зора дорам чун фитода,
Намебинад маро чашмони Эшон.

Нигоҳи гарм бар рӯи харидор
Нагардад лаҳзае меҳмони Эшон.

Чу бикшояд даҳонашро ба гуфтор,
Ту гӯӣ мегазад дандони Эшон.

«Бирав гум шав, набошад нархнома!»
Куҷоӣ, ҳуҷҷат пинҳони Эшон.

Зананд аз ҳар тараф писханд бозам
Паёпай як-ду мактабхони Эшон.

Бихонам гоҳ-гаҳ панде зи Саъдӣ,
Нафорад панд бар эшони Эшон.

Ба шӯхӣ рӯй меорам, ки шояд
Даме бинам лаби хандони Эшон.

Чӣ суд аммо, чӣ суд, эй дод, сад дод!
Манам силмарг аз даврони Эшон.

Бигир ин ҷони манро, эй худованд,
Нигаҳ медор лекин ҷони Эшон.

ДУ-СЕ РӮЗЕ...

Ду-се рӯзе шудам меҳмони колхоз,
Намудам сайр ҳар майдони колхоз.
Ҳавои навбаҳораш маст кардам,

Дилам гуфто:
«Шавам қуобони колхоз!»
Ба саҳро гӯиё бар кор мехонд
Баҳор ин ҷо ҳама деҳқони колхоз,
Ки як сӯ ғалла,
як сӯ пахта коранд,
Самар оранд бар бӯстони колхоз.
Вале табъи маро бинмуд хира
«Ҳунарҳои» ҳунармандони колхоз.
Зи бебокии онҳо зери борон
Бувад техника,
яъне ҷони колхоз.
Чу оҳанпора дидам хуфта дар лой
Ду-се то «ДТ»-и вайрони колхоз.
Забон бикшод ҳар як бар шикоят,
Ки «Мо озурдаву ҳайрони колхоз,
Даме ки буд моро зӯру дармон,
Давидем аз пайи фармони колхоз,
Вале чун корҳо гаштанд ичро,
Наем асло бигӯӣ з-они колхоз,
Набошад мурвати обод дар мо,
Фиғон аз ваъдаи арзони колхоз!»
Дигар сӯ чоши дору дод зад, дод,
Ки: «Гӯё ман шудам товони колхоз,
Гаҳе хуршед месӯзад танамро,
Ба ин анбори рӯурёни колхоз.
Гаҳе борон биборад бар сари ман,
Шудам хокистар аз «эҳсони» колхоз».
Чу ин аҳвол дидам, ман ба ҳайрат
Чӣ шуд гуфтам, ба сардорони колхоз?!

ШОИР ВА НОШИР

Шоире ашъори худ гулчин кунонд,
З-он китобе ғафс чун болин кунонд.

Бо умеде пеши ношир даррасид,
Дидани ношир барояш буд ид.

Гуфт: «Аз чилсола ранҷам як китоб
Ман мураттаб сохтам баҳри савоб.

К-он бувад мероси ман, фардои ман,
Толибони шеърро савғои ман.

Нашри онро диданам як орзуст,
Чун гулаш бӯиданам як орзуст.

Қисматаш акнун ба дасти ношир аст,
Дасти ношир балки ҷони шоир аст».

Гуфт ношир дар ҷавобаш он замон:
«Дасти мост, оре, равони шоирон.

Гулчини шоир вале дар асли кор
Баъди маргаш мо намоем интишор».

Шах шуд, ин гуфтор шоир чун шунуд,
Зад сараш бар сина аз бори сукут.

Даргузашт аз байн чандин солу моҳ,
Тифлакон гаштанд шаҳмардони роҳ...

Шоир аммо шеър шуд, номурда монд,
Ношир ӯро гарчи бар мурдан бихонд.

ХАЁЛИ ПАЙСА

Ба ман як садри бисёр обрӯманд,
Ки буд андар хаёлам хуб доно,
Бигуфто: «Аз чӣ то ҳоло накардӣ
Китоби хешро ту ҳадя бар мо?

Гумон кардӣ, ки моем аз адаб дур,
Китоби оламеро хондаам ман.
Ба баҳси шоирон афтодаам беш,
Ба ман маънои ҳар шеър аст равшан...»

Бигуфтам: «Дор маъзур, айби ман ин,
Гуноҳи аввалин бахшад худо ҳам».
Ба ду дасти адаб пас бо дили гарм
Ба он кас ҳадя кардам як китобам.

Сари курсии мурватдор мегашт
Чу кӯдак ӯй дар чархи фалак гирд.
Ба ҷои як сухан «Табрик» гуфтан
Бигуфто: «пайсааш шуд чанд, шигирд?»

Саволашро шунида лол гаштам,
Ду чашмам шаб заду шуд рӯз торик.
Надонистам чиҳо гӯям ба сардор,
Забонам не ба бад гашту на бар нек.

Ба мисли турнаи фасли баҳорон
Гузашт аз пеши чашмам давлати ӯ,

Ба як сӯ «Волга»-ю ҳавлию хона,
Ки афзоянд як сӯ савлати ӯ.

Ба як сӯ шири мурғи кас надида,
Ба як сӯ ҳавзи кавсар, боғи тӯбо.
Ба як сӯ субҳу шоми ҷуфт гашта,
Ба як сӯ ҷони одам низ пайдо...

Вале бо ин ҳама ғункардаҳояш
Хаёли пайса дорад бар сари хеш.
Дили гармам аз ӯ якбора шуд сард,
Бурун рафтам зи даргоҳаш ҷигарреш.

ШОИР ВА САРДОР

Аз ҳасад буд ё зи ҳазлу ростӣ,
Гуфт садри шаҳр ҳамчун фолбин:
«Шоиро, ҳар чӣ ту бар дил хостӣ,
Баъди мурдан бинӣ онро—ин яқин.

Чун равӣ аз даҳр, бар унвони ту
Кӯчаи навро ҳамемонем, дон.
Дар миёни шаҳриён, бегуфтугӯ,
Номи ту бо кӯча монад ҷовидон».

Шоир аввал кард як камтар сукут,
Ҷуз сукут азбаски гап ҳоҷат набуд.
Беҳазар хандида пас зери бурут,
Гуфт: «Фолат мон, наояд бар вуҷуд.

Шарт не бар кӯча мондан номи ман,
Зеб бар ин кӯча дорад номи ту.

Шеър бошад аввалу анҷоми ман,
Шӯҳрат аст ин аввалу анҷоми ту.

АКСИ ХУДРО КАЛЛА БАР ШӮРБО ГУЗОШТ

Қиссаи навро шунав аз хома боз,
Дар хусуси як раиси фитнабоз.
Манманиев он даме шуд садри кор,
Аз дигарҳо хешро боло гузошт.

Фикру зикраш доимо буд ин, ки он
Кайфу роҳат карда гардад дар ҷаҳон.
Нафъи худро пас зи нафъи ҷамъият
Беҳтар андар рӯи ин дунё гузошт.

Ҳар куҷо гуфто, ки акнун ман-манам,
Хӯҷаини ман фақат бошад занам.
Бо чунин рафтор худро худписанд,
Аз ҷамоат кандаву танҳо гузошт.

Чун накард аз сидқи дил боре талош,
Ҳосили саҳро чу каҳ шуд титу пош.
Халқ инро чун бидид, аз худ ба вай
Номи «суратдори бемаъно» гузошт.

Охир аз дасти раиси гандамаст
Хоҷагӣ аз ҳар ҷиҳат шуд сусту паст.
Дӯстонам, бингаредаш, оқибат,
Акси худро калла бар шӯрбо гузошт.

ТАМОШОБИН

Бар тамошои кино чашм аз ҳавас во мекунам,
Филм маъқулам наояд, зуд ғавғо мекунам.
Дар қатори пеш аз ман ҷо бигирад духтаре,
Мезанам фарёду ӯро бар худ ово мекунам.

Кайфи нос ояд, аз он ман метапам зери забон,
Кас набошад носкаш, кайфаш кӣ донад дар ҷаҳон?
Пешу пас, паҳлӯи худ нагрифта мадди эътибор,
Аз даҳон бар фарши тоза нос савғо мекунам.

Лентаи кино шавад гар канда, ҳуштак мекашам,
По зада, хуб аст ё ки ганда, ҳуштак мекашам.
Ҷонсарак бо доду афғонам намоям аҳли зал,
Пас ба ҳоли ҳар кадомаш ханда боло мекунам.

Ҷуста-ҷуста чун ҳамеояд милиса пеши ман,
К-ӯ ба ҷон афтодааст аз ҳуштаки пурнеши ман,
Бар қатори дигаре даррав гурезам хам-хамак,
Дил ба дастам дошта, дамро дарун ҷо мекунам.

ЭЙ БЕДИ БАЛАНД

Эй беди баланд, бар надорӣ, чӣ кунам,
Ҷуз навдаву барги тар надорӣ, чӣ кунам.
Хурмои барат шикаста аз пурборӣ,
Аз қисмати он хабар надорӣ, чӣ кунам?

Эй беди баланд, то шавӣ соянисор,
Хуршед кунӣ ба гардани хеш савор.
Бо шир-шири барг гӯӣ ҳар соянишин:
Бе ранҷ намешавад касе фоидаор.

Эй беди баланд, зистан пешаи туст,
Сабзидану ғафс гаштан андешаи туст,
Нарде, ки кашад зи ту сари худ боло,
Як рӯз яқин, ки дастаи тешаи туст.

Эй боди баланд, пешаки дӯконӣ,
Аз давлати ту соя шудаст арзонӣ.
Сенарха вале моли дӯкон бифрӯшанд,
Ин донию худ занӣ ту бар нодонӣ.

Эй беди баланд, шохаат хам лаби ҷар,
Бардор ту шоху аз баландӣ бингар.
Се-чор шикамкалон тагат дар айшанд,
Аз олами дардҳо надоранд хабар.

Эй беди баланд, муғча бикшодаӣ ту,
Рӯи раҳи навбаҳор истодаӣ ту.
Шафтолу фитод дар дами тези табар,
Бинам, ки дами табар наафтодаӣ ту.

Эй беди баланд, баргҳоят шуда тар,
Аз обу ҳавои рӯзҳоӣ бахабар.
Аз решаи худ низ хабар бояд дошт,
То реша туро нигаҳ кунад маҳкамтар.

Эй беди баланд, рӯи ту тоза шавад,
Болоравиат гаҳе ки овоза шавад.
Як рӯз вале бо табари чӯбтарош,
Болои ту таҳдарии дарвоза шавад.

ШУКРИ МАНСАБ

Шукри мансаб мекунам, мансаб бувад ин ҷони ман,
Садқааш нанги ману номуси ман, вичдони ман.
Чун ба мизаш ман нишастам, кору борам шуд дигар,
Оламе дар як нафас афтид дар фармони ман.

Зери лаббай мешавам, ҳарфе чу гӯям, дӯстон,
Ҳар чӣ гӯям, бар дигарҳо воҷиб аст иҷрои он.
Кас агар рӯ тобад аз амрам, шавад ҳолаш табоҳ,
Бас бувад, гӯянд, заҳри мор дар дандони ман.

Ояд аз Чилдухтарон пар-паркунон пешам мудом
Села-села, зинда-зинда кабкҳои хушхиром.
Аз Дуобу аз Сари Хосор ояд ҷар шуда
Халта-халта чормағзи тоза рӯи хони ман.

Тути Кумроғи Дара аввал пазад бар коми ман,
Ангубини моҳи май аввал расад бар ҷоми ман.
Оҳ, анори Боғ дар ман обаки дандон шуда,
Дасти холӣ ҳеҷ гаҳ н-ояд кунун меҳмони ман...

Дуздию гургию пора хӯрданам набвад гуноҳ,
Худ гунаҳ он аст, к-одам мехӯрад танҳо-паноҳ.
З-ин сабаб бо дастболоям кунам як дон ду ним,
Ин шиори ман шудӣ, то ҳаст ин даврони ман.

с. 1968

ХАБАР

--Ало, «Зумрад!» Тӯӣ Фағфурпоччо?
Манам ҳамсояат бобои Асрор.
--Душанбеҳо чӣ хел Асрор-бобо?
--Душанбе гарм хеле, гарм бисёр.

Зи гармӣ ҷони одам бар лаб ояд,
Тамоман кӯча гаштан нест мумкин.
Худо гӯянд мардум кай шаб ояд,
Ки шояд шаб шавад як қадр салқин.

Ҳама гап як тараф, бишнав зи ман ин:
Зи пеши хонаат бигзаштам имрӯз.
Бидидам баччаҳоят зору ғамгин,
Ки раҳгуманду меноланд бо сӯз.

Калонтар нест дар болои саршон,
Ҳама бе бонианду бепарастор.
Ба ғайр аз ҷангу ҷӯшу доду афғон
Дигар чизе наяст ин ҷо падидор.

Занат ҳам чун худат рафтаст курорт,
Курорти номдори дур, гӯянд.
Ба ҳар дар баччаҳоят гиря бар лаб
Саҳар то шом волидайн ҷӯянд...

СИРКА

Сиркае дар рамма дидам серриш,
Ришҷунбон буд роҳӣ пеш-пеш.

Мерасид он риш балки бар замин,
Шохҳо буданд то чархи барин.

Дошт бар он рамма бовар беадад,
Буд ришаш гӯӣ бурҳон аз хирад.

Рамма мерафт аз қафояш ҳар куҷо,
Сӯи дарё, ё ба саҳро, бар чаро.

Мепарид аз ҷӯйборе сиркабой,
Ё калонӣ карда, байни обу лой.

Хез мезад рамма аз пушташ ҳама,
Баррае дар пас наемонд аз рама.

Лоф мезад аз баландӣ сирка гоҳ:
«Раммаро доим манам пушту паноҳ.

Шохҳоям найзаи алмосианд,
Бар сари ҳар гург бошам зӯрманд.

Кӯҳу саҳрояст сайронгоҳи ман,
Роҳдонам, кас нагирад роҳи ман.

Аз паси ман рафта фарбеҳ мешаванд,
Гандаҳо беҳ, кеҳтарон меҳ мешаванд.

Бахти хандон, ки шуморо раҳбарам,
Ҳар куҷо хоҳед, бо худ мебарам.

Боварӣ бар ман ҳамеша бехатост,
Хизмати шоистаам баҳри шумост.

Гӯсфандон дар чаро сар карда паст,
Шодмон гуфтанд: «Сирка раҳбар аст.

Аз паяш рафтан ба мо-ин аст бахт,
Қисмати мо бо ҳамин васл аст сахт.

Ӯ набошад, ҳоли мо чун мешавад,
Ҳар ки гумроҳу ҷигархун мешавад».

Барраҳои нав ба дунё омада,
Аз фароғатҳо ба ғамҳо омада,

К-аз барои шир афғон доштанд,
Ҷӯстуҷӯи чочи пистон доштанд.

Хуб бишниданд ин гуфтугузор,
Байни худ доданд онҳо ҳам қарор.

К-аз қафои сирка мепоянд роҳ,
Сиркаро бар хеш хонда додхоҳ.

Баъд дидам сиркаро ҷои дигар,--
Бар дари қассобхона як саҳар.

Бо ҳамон ришу ҳамон шохи дароз,
Бо ҳамон дидор, лекин фитнасоз.

Дошт бо қассоб ҳарфе гӯшакӣ,
Гап пазонда гашт дур аз вай яке.

Села-села гӯсфандон пушти ҳам
Бурд он бар маргҷо бе ҳеҷ ғам.

Аз дигар дар пас биёмад худ бадар,
Ҷилвагар гашта чу хоин дар назар.

Ҷони худ ин ҷо харид, аз афти кор,
Бо ҳалоки гӯсфанди бешумор.

Ҳамчу сирка пешбар ҳаргиз мабод,
Ки равад барбод дунёи мурод.

ҚОТИЛИ БУХЛУ ЗИЁН

Танқид, аз рӯи ҳақиқат дар забони мо туӣ,
Ҳамчунон обу ҳаво пайванди ҷони мо туӣ,
Мисли шеъри тунду тезе дар баёни мо туӣ,
Гарму тафсон тобае андар миёни мо туӣ.

Ҳар куҷо, ки кор суст асту зарар орад фузун,
Аспи ғайрат дар канори роҳ мемонад забун,
Банди ташвиш мешавад одам аз ин, дил гашта хун,
Зуд чун ҷарроҳ худ ёрирасони мо туӣ.

Барқе аз ту сохта бар пеши раҳ нур афканем,
Аз сари раҳ сангҳои хуфтаро дур афканем,
Байни оташ нуқсҳо чун ҷинси манфур афканем,
Машъали сӯзандаи айби ниҳони мо туӣ.

Бо ту меҳри ҳамдамиро дар миён маҳкам кунем,
Дастгирӣ меҳнати пурфайзро ҳар дам кунем,
Каҷравонро ростӣ омӯхта одам кунем,
Қотили ҳар кинаву бухлу зиёни мо туӣ.

ДАРДИ БЕОБӢ

Доштам як мурғаки зотии хушболу паре,
Ки набудӣ ҳеҷ мурғ аз вай дигар зеботаре.

Буд ҳар тухмаш калон аз тухми мурғобию қоз,
Ман надидам ранги тухмаш ҳеҷ тухми дигаре.

Меҳмонамро зиёфат буд доим тухми ӯ,
Доштам ман сарфарозӣ аз чунин хуш ҷонваре.

Судовар аз барои ҷамъият ӯ буд боз
Бештар аз сад нафар бекоргарди шалпаре:

Рӯз то бегоҳ ҷояш буд байни пахтазор,
Кирми ғӯза сайд мекард, ин чӣ сон нафъоваре!

Лек ҳайфо, дӯш мурғам аз шикори бобарор
Ташна омад, ташна ҳамчун паршикаста кафтаре.

Ҳар қадар, ки хешро дар ҷустуҷӯи об зад,
Қатрае пайдо накард аз кӯчаеву аз даре.

Арзи ҳоли хеш кардам борҳо бар садри об,
Дар ҷавобам ноз мекард ӯ мисоли духтаре.

Мурд охир мурғаки бечораам аз ташнагӣ,
Кош, садри об, аз ин кӯчаи мо бигзарӣ.

БЕМОР ВА ДУХТУР

Дирӯз гаштам банди таб,
Таб доштам аз ними шаб.

Бар ларза гардидам дучор,
Аз ларза гаштам беқарор.

Дандон ба дандон мезадам,
Як лаҳза аҳволи бадам

Беҳтар намегардид ҳеҷ,
Ҷон дар гӯлу мехӯрд печ.

Гаштам ба духтур раҳсипар,
Бо ҷонканӣ вақти саҳар.

Духтур табамро чун бидид,
Гардид ҳайрон, лаб газид.

К-ар зӯри он сӯзиш ба тан
Мондам чӣ гуна зинда ман.

Афтод пас дар пурсупос,
Аз ҷои корам чун шинос.

Гуфтам, ки дар як сохтмон
Ҳастам прораб ин замон.

Бикшода шуд чашмони ӯ,
Ду дидаи ҳайрони ӯ:

--Эҳа, чӣ сон кори калон,
Кори ба ҷон роҳатрасон.

Аз мо фақат дорухӯрӣ,
Пуртар хӯрӣ гар, мемурӣ.

Баргӯ, ки андар ҷои кор
Дорӣ чиҳо дар ихтиёр?

Тахта барои фарш ҳаст?
--Як донаяш балки наяст.

--Шифер чӣ?
--Аз он нишон
Не ҳозир асту не ниҳон.

--Ранге барои шифт пас?..
--Онро набинад ҳеҷ кас.

--Дар ту на дард асту на таб,
Пешам на рӯз ою на шаб.

АЪЛОЧИИ САВДО

Як рафиқам гуфт: дар рӯзи баҳор,
Токҷа гаштан хуб не, пешам биё,
Мешавем имрӯз меҳмони «Чинор»,
Сӯҳбат ороему санҷем иштиҳо.

Шашлики бисёр шуд пешам ғанак,
Дарзаи ҳезум барин болои ҳам.
Буд шашлик хайрият, ки камнамак,
В-арна ман аз ташнагӣ месӯхтам.

Шодии манро сару охир набуд,
Ки сазовори чунин иззат шудам.
Иштиҳоям то ба ҳадде мефузуд,
К-аз ду бобат сахт дар даҳшат шудам:

К-ин қадар хӯрдам, шикам кардам калон,
Яъне бо чӣ ҳол мепоям ба по?
Некиҳои ин рафиқи меҳрубон
Яъне бо чӣ ҳол меорам ба ҷо?

Баъд чӣ! Чун сиҳҳо холӣ шуданд,
Хӯрдану чақ-чақ шуд охир соате.
Гуфт бар ман он рафиқи арҷманд,
Пули шашликро бидеҳ, кун ҳиммате.

Айб бошад пеши чашми одамон,
Ман агар пул дода монам, ростӣ.
Ҳаст он ҷо одаме ҳам дар миён,
Ки хушомадгӯй хонам, ростӣ.

Ҷебаки худро такидам ноилоҷ,
Ғарқ гаштам дар хаёле, к-ин чӣ шуд,
Кайф кард ӯ, дида кораш дар ривоҷ,
Ришханде боз бар ҳолам намуд.

Сад савол андар сарам печида монд,
Шашликаш, гуфтам, балоҳо доштаст.
Баъд фаҳмидам рафиқи «хушзабон»
Номи «Аълочии савдо» доштаст.

Г И Л А

Гар маро ҳар ҷо занад наҳ душманам,
Пеши роҳам ё канад чаҳ душманам.

Ё ба қасдам оташи сӯзон шавад,
Девосо бар сарам тозон шавад.

Теғи қотил баркашад бар куштанам,
Сар ҷудо хоҳад намояд аз танам,

Ман гила аз вай надорам ҳеҷ гоҳ,
Ман гила донам ба худ айбу гуноҳ.

Чунки медонам, ки душман душман аст,
Расму оинаш хиёнат кардан аст.

Лек ман аз дӯст, к-он ёри ман аст,
Он, ки маҳбуб асту ғамхори ман аст.

Он, ки бар ман ҳаст чун ҷону ҷигар,
Нестам камтар зи фарзанди падар.

Он, ки аз меҳраш дилам ҷӯшон бувад,
Он, ки бо ёдаш лабам хандон бувад,

Он, ки дил дар ҷустуҷӯяш медавад,
Ҳар нафас чун бод сӯяш медавад,

Гар қавоқашро биандозад каме,
Турш бар рӯям кунад рӯяш даме.

Бесабаб ҳарфе зи ман пинҳон кунад,
Қадри мӯе аҳди худ вайрон кунад,

Ман гила дорам ба пеши дӯстам,
Баски доим дар вафои ӯстам.

Мисли ҷонам дӯстам бошад азиз,
Беҳтар аз вай нест бар ман ҳеҷ чиз.

с. 1963

ХУДХОҲ

Ту, ки не дӯсти нодонию не душмани доно,
На бар хокам задан битвонӣ,
не боло бубардорӣ.
Чу худхоҳон вале ғайбат кунӣ одам ба ҳар маъво,
Наосоӣ дилерову ба сад дил шубҳа бигзорӣ.

Зимистони хунук андар бағал дорад баҳори гарм,
Вале сармои аз дай сахттар дорӣ ту бар ботин.
Набошад як сари мӯе туро аз ғайбати кас шарм,
Касе корат надорад гарчӣ, ба ҳар кас тӯӣ хашмин.

Ба боғ ою нигар ин ҷо ниҳоли пур зи бори себ,
Сари хам дорад аз шарми дарахте, ки наорад бор.
Дарахти бесамар дар боғи пурҳосил надорад зеб,
Ки рӯзе боғбон ҳам мешавад аз ранги он безор.

Машав ту он дарахти бесамар, ки несташ бунёд,
Ки бо лафзи табар ҳукме намояд боғбон бар ту.
Машав мурғе, ки бо як байза дар олам занад фарёд,
Ки дар фарёдию хомӯш механдад чаҳон бар ту.

Д А Р С

Имрӯз ҳам муаллим,
Устоди кори таълим

Форид ё нафорид,
Бар дарс гашт ворид.

Ҷои салом устод
Камтар сараш такон дод.

Бар рӯйхат назар кард,
Акрамча!—номбар кард.

Чун амр гуфт бар ӯй:
Дарси гузаштаро гӯй!

Акрамча кард такрор
Дарси гузашта нофор:

Яъне, Шумо, муаллим,
Устоди кори таълим,

Доред як саги нар,
Бонӣ ба хонаву дар.

Номи саги Шумо—Жек,
Номи писарчатон—Бек.

Ҳар ду ба ҳам рафиқанд,
Бар якдигар шафиқанд.

Ҳаргиз ҷудо нагарданд,
Пешу қафо нагарданд.

Як ҷо хӯранд нон ҳам,
Пур мехӯранд ё кам.

Якҷоя мехӯранд об,
Як ҷо раванд бар хоб.

Гӯӣ бародарастанд,
Акову додарастанд...

То дарс гашт такрор,
То шуд муаллим икрор.

Гардид вақт охир
Бо лақлақи мунофир.

«Дарс»-и навини устод
Бар рӯзи дигар уфтод.

ЛАҚАБИ ХОСА

Бисёр касон бар сари ин миз нишастанд,
Бар вай ҳама дил бохтаю меҳр бубастанд.
Ин омаду он рафту дигар омаду ин рафт,
Чун ришгаи нобофта як-як бигусастанд.

Рафтанду дигар ёд наоранд аз онҳо,
Гаштанд ҳама дур зи ёду зи забонҳо.
Аз ҳеҷ якаш боқӣ намондаст ягон чиз,
Гӯё ки набуданду набошанд ба дунё.

Аммо ба якаш монд «мудир» чун лақаб охир,
Аз кори ӯ буд баски ҳама дар аҷаб охир.
Аз «списат», «утсениту», «ремонт»...нашуд сер,
Боз аз ҳаққи фаррош бикардӣ талаб охир.

Вайронае аз «ҳимматаш» ободӣ надида,
Ободие бар ғояти вайронӣ расида.
Кард арчи ба ин ном басе сарфу хароҷот,
Кас лек зи боғи амалаш мева начида...

Ҳангоми баён гар «мудир» орад ба забон кас,
Дар пеши назар ҷилва кунад акси ҳамон кас.
Доданд ба ӯ то абад ин хоса лақабро,
Чун вай «мудирӣ» баски накардаст ягон кас.

ГИЛАИ ДӮСТ

Туро ман дӯст гуфтам, дӯст гуфтам,
Зи қалби соф бар ту аҳд бастам.
Бароям дӯстам некӯст гуфтам,
Бигуфтам бо ту бошам, то ки ҳастам.

Накардам аз ту рози хеш пинҳон,
Дилам як умр дар пешат кушодам.
Нахӯрдам бе ту обу бурдаи нон,
Бихӯрдам гар, ба дил ғамҳо ниҳодам.

Гапатро гӯш кардам, кор кардам,
Туро ман хуб гуфтам назди ҳар кас.
Ба ту ман боварӣ изҳор кардам,
Нагаштам аз раҳи сидқу вафо пас...

Вале, ҳайҳот, белафз ошноям,
Хато кардам, ки кардам бар ту бовар.
Чӣ гӯям? Ҳайфи он меҳру вафоям,
Ки бар ту доштам мисли бародар.

Бишуд камтар даме дасти ту боло,
Чу нонат муддате дар равған афтод,
Ту фук аз кибр бурдӣ то Сурайё,
Ба худ кирдори нав бинмуда эҷод.

Намехоҳӣ магар дигар ту дидан,
Намехоҳӣ даме бо ман нишастан.
Чӣ бошад маънии доман буридан?
Чӣ бошад мақсади паймон шикастан?

Куҷо шуд лофу қофи бешуморат?
«Ба вичдон»-у «Ба ҷон» савгандҳо ку?
Куҷо шуд дӯстии «пойдорат?»
Ба аҳди кардаат охир вафо ку?

Кунун фаҳмидамат ман, эй бародар,
Ки танҳо дӯсти нон ҳастию ном.
Дигар бар ту набояд кард бовар,
Ба рӯят туф кунад, бигзор, даврон!

с. 1964

АККАИ ШАҚ-ШАҚӢ

Эй аккаи шақ-шақӣ,
Шақ-шаққунон мелақӣ!

--Чанде будам дар сафар,
Гаштам ба ҳар баҳру бар.

Будам ҳамеша дилшод,
Тамошо кардам зиёд.

Дидам диёри бисёр,
Сад боғу роғу гулзор.

Арзонӣ ҳам дар он ҷо,
Инсонӣ ҳам дар он ҷо.

Касе нагирадат кор,
Дар роҳу шаҳру бозор,

Ба як сӯм ар харӣ мол,
Ҷояш наёбӣ дарҳол.

Пур мешавад ду мошин,
Аз «Субҳушом»-у қолин.

Пулат набошад агар,
Бошад ва ё ки камтар.

Бепул кунанд инъом,
Напурсида туро ном...

--Туро, ки форид он ҷо,
Ин ҷо чӣ гаштӣ пайдо?!

«ЗАБОНДАРОЗ»

Дар ҷустуҷӯи мансаб будию боз бошӣ,
Гирди вазифадорон аспи ҷувоз бошӣ.

«Фардо биё»--и эшон гарчи надорад охир,
Аз ваъдаҳои эшон гарданфароз бошӣ.

Сардор будан умре ҳарфи шаҳодатат шуд,
Бо ин мурод ғарқи сӯзу гудоз бошӣ.

Як шаб ба хоб дидӣ дар «Волга»-е саворӣ,
Таъбири хоб ҷӯён ҳар сӯ ба тоз бошӣ.

Гӯӣ ба завҷаи хеш аввал ту хоби худро,
Сонӣ ба сарвари худ дар арзу роз бошӣ.

Сардор гашта безор аз дум ликондани ту,
Баргашта боз бар вай бас дилнавоз бошӣ.

Гоҳе ба ҷон расида, гӯяд, ки рав зи пешам,
Ҳар чӣ бигӯяд, аз он дар тахти ноз бошӣ.

Як бор гаштӣ расво гарчи зи пушти мансаб,
Номус ки надорӣ, забондароз бошӣ.

с. 1968

ҒУЛҒУЛИ ҶАНҶОЛИ
ГОВОНУ МУДИР

Пода аз дашти калон ояд ҳаме,
Ҳушт-ҳушти подабон ояд ҳаме.

Нест дар саҳро гиёҳе, чун кунад,
Гову мол андар фиғон ояд ҳаме.

Дам ба дам аз шир гап гуфтан дигар,
Боз гап аз ҷисму ҷон ояд ҳаме.

Мезанад бар шер гушна гуфтаанд,
Ин масалро имтиҳон ояд ҳаме.

Шохчамбарзодае дар ними роҳ
Бо мудир дар гиру мон ояд ҳаме.

Гӯяд он: «Аз чист чун ту меҳрубон
Сӯи мо номеҳрубон ояд ҳаме?

Коҳу хошокат набинад чашмамон,
Чанги хок аз коҳдон ояд ҳаме.»

--Шарти ҳалли мушкилот ин тоқат аст,--
Аз мудир ин сон баён ояд ҳаме.---

Сабр кун, соли дигар бисёртар
Коҳатон аз Каҳкашон ояд ҳаме...

Ғулғули ҷанҷоли говону мудир
То баҳорон дар миён ояд ҳаме.

ДАР ХУСУСИ БЕТАМИЗ[7]

(Мухаммас бар ҳаҷви ғазали Саидалӣ Вализода)

Бузнамо бингар, ки кач афкор дорад бетамиз,
Маркабосо дар даҳон минқор дорад бетамиз.
Тан чу мору калла чун девор дорад бетамиз,
«Ҳайратиам, чунки фач рафтор дорад бетамиз,
Хонаи пурчанги дилнофор дорад бетамиз».

[7] Дар якҷоягӣ бо Саттор Шокирзода ва Ғафур Мулло навишта шудааст.

Бингарам, ки ман ба чашми хеш мебинам ба чашм,
Бо ҳаёти комронӣ пеш мебинам ба чашм,
Дар лаби ҷӯ бедро дарвеш мебинам ба чашм,
«Дар баҳори зиндагонӣ беш мебинам ба чашм,
Хӯрдани беҳуда дар бозор дорад бетамиз».

Дам ба дам дар шифти хона бурданиро мехӯрад,
Кайф карда бо ҳаловат мурданиро мехӯрад,
Оби хому нони арзан карданиро мехӯрад,
«Шустаю ношуста рӯяш хӯрданиро мехӯрад,
З-он ки на андешаю на ор дорад бетамиз».

Заррае ҳаргиз надорад чашми равшанбин ба дил,
Нест андар хонааш монанди вай аз ин қабил,
Нест пову доманашро об дар боло кафил,
«Менамояд занги гардан дар гиребонаш чу гил,
На ба обу на ба собун кор дорад бетамиз».

Аз барои тозагӣ кайфу сафо дорад ба сар,
Инчунин бо хеш ақли хушқабо дорад ба бар,
Дар миёнаш дастрӯмоле надорад,--ин қадар
«Бинии худро ба сарчоқи сари хони дигар
Тоза месозад, аҷаб кирдор дорад бетамиз».

Боз бингар, ки варо чун ҷову по дар автобус,
Мисли хона инчунин дар рафтуо дар автобус.
Нест бар шодии ӯ чунки шифо дар автобус,
«Мебинам гоҳе зи «Казбек» рӯзҳо дар автобус
Дуди чун дамгири пурозор дорад бетамиз».

Ӯст бо дудаш миёни мардумон дар ҷастухез,
Одамон бар пешвозаш ҷумлагӣ андар гурез,
Ин замон бошад дар ин ҷо хешро андар ситез,
«Мебинам гоҳе даҳонаш пур зи носи талху тез,
Ҳар гапи фарсударо такрор дорад бетамиз».

Душмани пурзӯр бошад бетамиз ифлосро,
Аз барои ӯ намуда канда мо ихлосро,
Гашта безораш ба ҳар ҷо ҷамъи ому хосро,
«Мекунад пух бин ба рӯи фарши хона носро,
Инчунин одат ба худ бисёр дорад бетамиз».

с. 1963

БОЗОРРО НАДИДӢ

Дидӣ ту шаҳри мову бозорро надидӣ,
Савдогарони тарсон аз корро надидӣ.

Як сӯ анору хурмо, як сӯй себу тарбуз...
Дар ҳукми ҳар кадомаш хирворро надидӣ.

Деҳқон ба пеши онҳо мулзам шавад ба гуфтор,
Гуфтори зотҳои айёрро надидӣ.

Нарху наво дар ин ҷо бар дасти аҳли фанд аст,
Мардумфиребҳои макорро надидӣ.

Кас нест «пишт» гӯяд як бор гурбашонро,
Кайфу сафои пули тайёррро надидӣ.

Ҳар корманди бозор дар гирудор банд аст,
Дар зери бори наҳсӣ рафторро надидӣ.

Дидӣ агар ба ҷое гапҳои рост дар кор,
Лекин дурӯғҳои такрорро надидӣ.

Аслан раванд хурдон бо кор пеши сардор,
Аммо ту ҳайратовар кирдорро надидӣ.

Яъне ки байни авҷи савдогарии бозор
Хомӯш рафтуои сардорро надидӣ.

Дар зери коса бошад шояд, ки нимкоса,
Ин нимкосаҳои таҳдорро надидӣ.

КӢ ЗӮР

Як саҳар бо шиша кардам гуфтугӯ,
Шишта гуфто ҳар чӣ мехоҳӣ, бигӯ.

Гуфтамаш: ман аз ту бошам зӯртар,
Дар тавоноии худ машҳуртар.

Шиша гуфто: имтиҳон бояд намуд,
Имтиҳон чун паҳлавон бояд намуд.

Зӯрии ту ҳаст ҳоло дар даҳон,
Зӯрии ман дар дарун бошад ниҳон.

Зери дандонҳо лабашро доштам,
Қулфакашро кандаю бардоштам.

Бар даҳонам оби он шорида монд,
З-оби он аввал маро форида монд.

Чун дарун рафт оби он, шуд моҷаро
Дар шикам то банд-банди рӯдаҳо.

З-ин бало чашмам ту гӯӣ кӯр шуд,
Шиша дар як дам зи пешам дур шуд.

Чарх мезад калла мисли осиё,
Дил бигуфто рафт бояд кӯчаҳо.

Ларз-ларзон кӯча гардидам бадар,
Вақти рафтан нест дар ёдам дигар.

Дил чунон шӯрид, к-афтидам ба хок,
Як саги дайду лабам лесид пок.

Шиша аз дурӣ ба ҳолам ханда дошт,
Як милиса тори мошинам гузошт.

НЕ ШОДӢ БУВАД ҶОВИДУ НЕ ҒУССА БА ДИЛ

Ҳар рӯз, ки ояд ба сарам, мегузарад,
Неку бади он аз назарам мегузарад.
Не шодӣ бувад ҷовиду не ғусса ба дил,
Ин ҳар ду чу хоби саҳарам мегузарад.

Даврони ту ҳам мегузарад, дон, зи сарат,
Бозичаи бемаънӣ бувад карру фарат.
Мансаб чу ҷаҳон ба кас вафоӣ накунад,
Ин савлати серӯза гурезад зи барат.

Лекин гапи пурзаҳри ту андар ҳақи мо,
К-аз кинаи дил бофтӣ бо ҳарфи даға.
Дар хотири ман нақши абад баста гирифт,
Чун доғ ба қалби лола, эй шӯҳрагадо.

с. 1970

МИТИНГ

Овоза шуд бо сад фиғон,
К-омад балое ногаҳон.

Дар ферма як гӯсола мурд,
Сархӯр сари худро бихӯрд.

Зоти аҷибе буд он,
Мислаш набуд андар ҷаҳон.

Шир арчи гоҳе мемакид,
Равған зи мӯяш мечакид.

Фарбеҳи модарзод буд,
Авлоди некаҷдод буд...

Аз ҳар тараф омад давон
Марду зану хурду калон.

Балки зи район омаданд,
Чун бод чаққон омаданд.

Байторборон шуд дигар,
Гуфтугузорон шуд дигар.

Гӯӣ митинге шуд ба по,
Дар фермаи Дашти Бақо.

Гардид баҳсе баргузор,
Аз рӯи илму рафти кор.

Мегуфт байтори калон:
Дарде дар он набвад аён.

Гӯсолаи фарбеҳи маст
Шояд, ки аз суқ[8] мурдааст.

Гуфто мудир бар подабон:
Баргӯ канӣ, гови калон,

Аз чашми бад—аз суқ варо
Пинҳон набинмудӣ чаро?

Чашми бадаш диду ту не,
Ӯ аз чӣ фавтиду ту не?

Ҷоғи мудир ногашта хап,
Бар гап раис бикшод лаб:

Сад дод аз дасти аҷал,
Ки кушт онро бе касал.

Ояд аҷал гаҳ бехабар,
З-ин сон аҷал, ёрон, ҳазар.

[8] Суқ—чашми бад.

Бояд раҳи вичдон гирифт,
Аз подабон товон гирифт.

Шуд подабон з-ин дар шигифт,
Сар аз сукут поён гирифт.

Пешаш бидид ӯ пӯстро,
Партофта болои роҳ.

Дигар чизе аз он надид,
Ҷуз худ касе ҳайрон надид.

Мардум ҳама бо оҳи сард,
Аз ферма кафтархез кард.

Шуд бо мудир аммо бадар
Се-чор нотиқ дертар.

Ки дасташон холӣ набуд,
Буданд алохон[9] дар намуд.

Карданд охир тақсимот
Гӯсолаи некӯйзот,

Монанди иртиш яксара,
Бо ҳирсу хоҳиш яксара.

Мебурд яктояш ҷигар,
Гардан дигар, дасташ дигар...

[9] Алохон --хавотир

Бо хеш дигар бурд линг,

Ин буд анҷоми митинг.

ТАБРИКХАТ

(Ним ҷиддию ним шӯхӣ барои шоири ҷавон Сафармуҳаммад Аюбӣ нисбати узви Иттифоқи нависандагон шуданаш).

Бо бузургон як шудӣ, устодшав,

Лоиқи чақ-чақ шудӣ, устодшав.

Бачча будӣ дар назар дирӯзҳо,

Бехабар мардак шудӣ, устодшав.

Ҳар қадар гуфтанд рав, дар хирагӣ

Бичаи пасмак шудӣ, устодшав.

То ба доме н-афтию доне хӯрӣ,

Кафтари зирак шудӣ, устодшав.

Бо «Гули гандум» шудӣ гандумсиришт,

Тоза аз тактак шудӣ, устодшав.

Дашту хирман то ки бошад пур зи дон,

Лолаев Талбак шудӣ, устодшав.

Ҳуҷҷате будӣ ба таг афтода ту,

Рӯи об аз таг шудӣ, устодшав.

Бо касе, ки пеши роҳат мегирифт,

Чангу хекиртак шудӣ, устодшав.

Як нафас вазнин чу харсанги дара,
Як нафас бодак шудӣ, устодшав.

Як тараф Некӯ ба чашми одамон,
Як тараф Олак шудӣ, устодшав.

Дар назар гоҳе чу як кӯҳи калон,
Гоҳ чун долак шудӣ, устодшав.

Гоҳ гардидӣ ҳавои соф ту,
Гоҳ чун кӯрак шудӣ, устодшав.

Гаҳ шудӣ чанги уқобею гаҳе
Нӯли посурхак шудӣ, устодшав.

Гаҳ хурӯшидӣ чу тундар дар само,
Гоҳ чун таблак шудӣ, устодшав.

Гаҳ ғилофу гоҳ шамшери дудам,
Гаҳ дафу қумбак шудӣ, устодшав.

Тӯла гаштӣ як замон дар пеши рӯ,
Як замон ғижжак шудӣ, устодшав.

Пай бибурдӣ чун ту қасди нокасе,
Зуд дар шинак шудӣ, устодшав.

Амри ноҳак дод ҳар кас ки ба ту,
Гунбаду гирдак шудӣ, устодшав.

Аз ғазаб гаштӣ гаҳе хоки сафед,
Гоҳ чун таппак шудӣ, устодшав.

Гоҳ чун дев омадӣ аз Девдор,
Гоҳ як лӯхтак шудӣ, устодшав.

То биёрӣ моҳии тилло ба даст,
Қилаку чангак шудӣ, устодшав.

Бар сари ҳар як бахилу тангдил
Оҳанин уғрак шудӣ, устодшав.

Дар кашокашҳои сахти рӯзгор
Тасматар аз раг шудӣ, устодшав.

Гоҳ гаштӣ сахт монанди заранг,
Гоҳ шаш булак шудӣ, устодшав.

Бо ҷадал соҳиб ба бахти хоста
Дар дами андак шудӣ, устодшав.

Гуфта будӣ хешро ту қумрипо,
Қумрӣ не, лаклак шудӣ устодшав.

Ёли гардан то миён афканда ту,
Дар назар пӯпак шудӣ устодшав.

Гоҳ гаштӣ шоҳбачча дар назар,
Гоҳ як хулмак шудӣ, устодшав.

Гоҳ дидӣ дони арзанро ба шаб,
Гоҳ шабкӯрак шудӣ устодшав.

Гаҳ зи тойи пахта гаштӣ ғафстар,
Гаҳ тунук ҷелак шудӣ, устодшав.

Гоҳ гаштӣ шолии Сурхоб ту,
Гаҳ дар он курмак шудӣ, устодшав.

Гоҳ гаштӣ барф дар беруни дар,
Гоҳ чун курчак шудӣ устодшав.

Вақти гармо соябон бар ёру дӯст,
Тирамаҳ телпак шудӣ, устодшав.

Арзишатро гаҳ набуд андозае,
Гоҳ як пӯчак шудӣ, устодшав.

Байни гулзори сухан сабзу дароз
Худбаро шӯрак шудӣ, устодшав.

Шеър агар як решаи бечаспак аст,
Решаро часпак шудӣ, устодшав.

Рӯдакӣ аз Рӯдак омад бар ҷаҳон,
Ҳамчу аз Рӯдак шудӣ, устодшав.

Суфраи коғаз дид аз ту ҳарфи пок,
Бар сухан элак шудӣ, устодшав.

Баркашӣ то неку бадро хубтар,
Паллаю шайнак шудӣ, устодшав.

Дар ниҳоди дӯстӣ гоҳе латиш,
Гоҳ худ ӯзбак шудӣ, устодшав.

Нест бар рӯят дари пӯшидае,
Эрка чун досак шудӣ, устодшав.

Бар даҳони навқаламҳо доимӣ
Аз ҳавас чочак шудӣ, устодшав.

Дар нишонгирии чашми кинагир
Санги дар ғӯлак шудӣ, устодшав.

Балки гоҳо дар хурӯҷи нангу ор
Йирғаин калтак шудӣ, устодшав.

Ростон чун сарв боло мераванд,
Сарв не, тирак шудӣ, устодшав.

Нозбардоронат афзун гаштаанд,
Нози сад кӯдак шудӣ, устодшав.

Худ гули зардак дамад дар чилла ҳам,
Чун гули зардак шудӣ, устодшав.

Рӯз пуркор астию бо ёди кор
Шаб ту бепинак шудӣ, устодшав.

Ҷо-т болоясту аммо пушти дар
Пӯстак инак шудӣ, устодшав.

Аз камоли хоксорӣ ноаён,
Балки чун чокак шудӣ, устодшав.

Ҳар кӣ часпидат, ту часпидӣ варо,
Бадтар аз печак шудӣ, устодшав.

Ё ба ҷони вай балое ҳамчунон
Обпартовак шудӣ, устодшав.

Нестӣ диққи нафас, аз шавқ буд,
Ки ту дар ҳақ-ҳақ шудӣ, устодшав.

Бар яке фаҳмою пурмаънӣ,
Бар яке муғлак шудӣ, устодшав.

Дар даме овозадори хурду гурд
То деҳи Мурғак шудӣ, устодшав.

Кӯрҳо дар шаҳри мо кам нестанд,
Хушхарид айнак шудӣ, устодшав.

Дар бинои кохи сарболои назм
Васса не, дастак шудӣ, устодшав.

Дар бари танбӯри хушфарёдамон
Зарҳалин гӯшак шудӣ, устодшав.

Аз сахо бар хонаҳои сип-сияҳ
Сап-сафед оҳак шудӣ, устодшав.

Рӯи дастархони назму базми хуш
Равғанин чалпак шудӣ, устодшав.

Деги оши мо, ки мечӯшад мудом,
Ошро зирбак шудӣ, устодшав.

Як замон дар тахтаи савдои мол
Аз қазо завмаг шудӣ, устодшав.

Зиндагиро дида бо чашми дигар,
Беш дар фак-фак шудӣ, устодшав.

Гашт ларзон дасти ту вақти ҳисоб,
Гӯиё безгак шудӣ, устодшав.

Донае аз чут агар омад ғалат,
Ҷуз-ҷузи ҷуззак шудӣ, устодшав.

Ончунон усто шудӣ, к-андар сифот
Пир бар Каврак[10] шудӣ, устодшав.

Ин замон бо гардиши чархи фалак
Пайрави Маршак шудӣ, устодшав.

Пушти дар табрики ҳамдилҳо қатор
Лак паси сад лак шудӣ, устодшав.

[10] Каврак—савдогари номии Кӯлоб

Нури Норак равшанӣ орад ба даҳр,
Партави Норак шудӣ, устодшав.

Бар саманди тезпои орзу
Ҳалқаи этак шудӣ, устодшав.

То барорӣ хастагӣ бо кайфи нос,
Ҷӯр бо Пирак[11] шудӣ, устодшав.

Лафзи ёрон нағз донию бар он
Балки пайвандак шудӣ, устодшав.

Рағми бадгӯёну бадхоҳон кунун
Зинда як Шерак шудӣ, устодшав.

Таърих ояд бар суроғат, дон, ки ту
Қалъаи Ҳулбак шудӣ, устодшав.

Ҳар чӣ будӣ, бар гузашта хайрбод,
Одамӣ, бешак, шудӣ, устодшав.

Ақл гардад пешрав бар давлатат,
Ақломӯзак шудӣ, устодшав.

Бо бузургон як шудӣ, устодшав,
Лоиқи чакчак шудӣ, устодшав.

январи соли 1986

СУРУДИ ИШҚ

Барои «П» бигуфта кардам эҷод
Суруди ишқ бо сад сӯзу фарёд.

[11] Пирак—носгари овозадори Кӯлоб

Супурдам он ба дасти ҳофизи тӯй,
Кунам овоза ишқам то ба ҳар кӯй.

Шавад то дилбарам аз ман хабардор,
Ба кӯям роҳ гирад, раҳ ба такрор.

Барор аммо наёмад бар шикорам,
Дареғи сӯзу ишқӣ бебарорам.

Навиштам пас суруди тозаву тар
Барои «Б»-ю «Т»-ю «Х» ба дафтар.

Ки шояд яктааш не, яктаи он
Шиносад хешро з-ин шеъри ҳассон.

Диламро рафта-рафта об кардам,
Китоби «Ишқнома» чоп кардам.

Чӣ асрор аст ин, ки солҳо боз
Нагаштам ёри ҷон як бор ҳамроз.

Надидам аз касе як парча хат ҳам,
Ба ҷои ишқ дар дил гашт ҷо ғам.

Қаламро нест дигар зӯру дармон,
Бупечад гоҳ-гоҳе сар зи фармон.

Агар мебуд дар ман заррае ор,
Намеомад чунин илҳом зинҳор.

ЛЕКТОР

Ин сафар лектори мо бе ҳеҷ эълон омада,
Чоштгаҳ монандаи нохонда меҳмон омада.

Дар идора кас надиду кас наёмад пеши ӯ,
Аз ғазаб дар рафтуо долон ба долон омада.

Карда аз дуди тамокуяш биноро пур зи меғ,
«Бух-амак бошад куҷо?»--бар хеш пурсон омада.

Интизорие кашид он сон, ки гӯё канд ҷон,
Чорае ҷӯё шуда бечора бар ҷон омада.

Бахти ӯ хандиду ногаҳ дар дами пешиншавӣ
Аз куҷое бух-амак—Мирзои даврон омада.

Ҷон дамид андар тани лектори дар сӯзу азоб,
Гӯшаи лабташнаро гӯё ки борон омада.

Гуфт, Мирзои азиз, аз интизорӣ куштиям,
Банда бар дидори некӯи ту пазмон омада.

То бихонам лексия бар мардуми ин ҷо, вале
Монда гаштам, чунки ман район ба район омада.

Қайд кун ин қоғазакҳоям, равам ҷои дигар,
Коратон бе сӯҳбати мо низ осон омада.

Бух-амак бинмуд тахт ин дафъа ҳам кори хато,
Боз дар ҳайрат аз он лектори «пурдон» омада.

«Ҳаст мӯҳтоҷи табобат, ин касаал, ин дарди бад»,--
Арзи мардум аз сари саҳрою майдон омада.

ПАС АЗ МУРДАН

Қабули садри Литфонд омадам дӯш,
Бигуфтам бо ҳавои шавқи пурҷӯш:

--Ба шоирҳо шумо ғамхор бисёр,
Ба нафъи шоирон бандед бар кор.

Ҳама пеши шумо иззатбаланданд,
Зи ҳам фарқе надоранду писанданд.

Ҳамеша аз пайи кори савобед,
Саволи ҳар кадомашро ҷавобед.

Маро ҳам инчунин бошад саволе,
Бигӯям он, агар н-ояд малоле:

«Пас аз мурдан ба шоирҳо чӣ бахшанд?
Барои он ҷаҳон савғо чӣ бахшанд?»

Бигуфто: «Баъди марги шоире мо
Кунем аз ғусса сели ашк барпо.

Қароре аз ғаму ҳасрат барорем,
Ки санге рӯи қабри ӯ гузорем.

Ба қадри ҳол пайдо пул намоем,
Ба санги гӯр савдо пул намоем».

Чӣ мешуд,--гуфтам,--он чӣ баъди мурдан,
Ки бо ҳасрат ҳамебахшед бар ман,

Ба вақти зиндагӣ бидҳед манро,
Ба гӯрам санг лозим нест асло.

ЭЙ ЧАРХИ ФАЛАК

Эй чархи фалак, чӣ кор кардӣ?
Рафтори нав ихтиёр кардӣ.
Ангури маро касал намудӣ,
Аз борварӣ канор кардӣ.

Зинҳор наям агарчи ранҷур,
Дар фикри навам зи боби ангур.
Дидам, ки ту боғи навшукуфта
Пажмурда дами баҳор кардӣ.

Онро, ки савори «Волга» мегашт,
Аз қулла назора дошт бар дашт,
Бо қаҳр фитондиаш сарозер,
Дар маркабаке савор кардӣ.

Оне, ки пиёда роҳ мерафт,
Нанмуда ба пас нигоҳ, мерафт,
Шуд Волгасавору ҷовидонаш
Бар зиндагӣ посдор кардӣ.

Иғвогараке ба даст афтод,
Масте ба чаҳе ба шаст афтод.
Худкарда давои худ наёбад,
Ин қоида барқарор кардӣ.

Чун шарбати заҳматам чашидӣ,
Хори сари панҷаам кашидӣ.
Рағми баду фитнакор манро
Омодаи гирудор кардӣ.

ҒУССА

Як замон ман низ мошин доштам,
Рафтуо дар чархи резин доштам.
Беадад бар хеш
бо умри машин
Ҷӯраву ёрони дерин доштам.

Доимо буданд андар бар маро,
Балки мисли тоҷ тори сар маро.
Рул агарчи буд дар дастам, вале
Ҷӯраҳо буданд худ раҳбар маро.

Ҷониби дарё равон будем мо,
Беҳтарин ҷоҳо
равон будем мо.
Шод будем ончунон ки гӯиё
Сояи тубо равон будем мо.

Ишрати моро набуд андозае,
Дошт кайфи мо баланд овозае.
То намоем
аз дигарҳо фарқ мо,
Гоҳ мекардем аз гул козае.

Рӯзу шаб мошин

раҳе паймуда гашт,

Аз давидан чор пояш суда гашт,
Зуд ҳар қисмаш бишуд таъмирхоҳ,
Мурват андар мурваташ фарсуда гашт.

Дида инро, дӯстон бигрехтанд,
Бо дигар мошинсавор омехтанд.
Ӯ куҷо дорад хабар, к-ин «дӯстон»
Хоки мошинҷони манро бехтанд.

ГОВИ БЕШОХ

Як рӯзи бозор,
Бо шӯхӣ, эй ёр,
Гусолаеро
Гаштам харидор.

Марде ба ногоҳ
Пайдо шуд он ҷо,
Дастам қапида,
Сар кард гапро.

Гуфто: «Бародар,
Гӯсоларо хар!
Бувад ӯ зотӣ,
Бикун ту бовар.

Аз ҳама говон
Хуб асту арзон.
Мебинӣ аз вай
Нафъи дучандон.

Чун гови аъло
Медиҳад фардо
Чиҳил кило шир,
Наъузанбилло!

Машав дудила,
Макун ту гила,
Дар ман набошад
Фиребу ҳила.

Зеро ки додар,
Дар олам аксар
Калон шудам ман
Бо гову бо хар.

Моли хушу бад
(Гап ин ҷо монад)
Чун ман шинохта
Касе натонад.

Аз киса даррав,
Бикаш пули нав!
Медонӣ? Охир,
Ман баччаи гав»...

Шунида гапҳош:
Қариб гӯям «Бош!»
Вале дубора
Кардам тамошош.

Фарқаш бародар,
Аз пиргави нар,
Ин, ки набудаш
Ду шох дар сар.

ОИЛАФИРЕБ

--Эй ҷӯраи чархофалак,
Чун мурғаки ҳарҷопарак,
Андар куҷо дорӣ катак,
К-аз ту намеёбам дарак?

--Гап монад ин ҷо, ҷӯраҷон,
Розам кунам пешат баён:
Як нозанине ёфтам
Чандест дар микрорайон.

--Шӯхӣ макун, ин гап магӯ,
Бошад занат дар ҷустуҷӯ.
Дирӯз бо тифлаш туро
Дар кӯча пурсид аз ман ӯ.

--Дигар маёр аз вай калом,
Лозим ба ман айши мудом.
Охир дили касро занад
Дар рӯзгораш як таом.

--Медонӣ ту, эй бадмаром,
Зинҳор зан набвад таом.
Оиларо вай решаест,
Аз ӯст умри бардавом.

--Бар ёри нав шайдо манам,
Дур аз ғами дунё манам.
Аз бӯса мегирам газак,
Бо май даме он ҷо манам.

--Рӯзе пушаймон мешавӣ,
Бар хеш товон мешавӣ.
Чун дардманде бар табиб
Мӯҳтоҷи дармон мешавӣ.

--Қисмат чизе бошад, рафиқ,
Аз ин машав як зарра зиқ,
Ман бандаи микрорайон
Аз хотири ёри шафиқ.

--Чун бешараф, чун беҳаё,
Гардидаӣ гапнодаро...
Рафтору кирдорат ҳама
Бошад ғалат, бошад хато.

--Дар кори худ оқил манам,
Аз ҳар ҷиҳат фозил манам.
Лекин ҳамин дам ноилоҷ
Ошиқ манам, бедил манам.

--Фозил наю ҷоҳил туӣ,
Ошиқ наю баддил туӣ,
Аз рӯхати одамгарӣ
Афтодаю ботил туӣ.

БУЛБУЛ ВА ЧУМЧУҚ

(Масал аз М. Худойқулов)

Дар чаман, дар шохи гул андар баҳор,
Булбуле биншаста менолид зор.

Санъаташро бар ҳама паррандагон,
Ҳамчу санъаткор медод ӯ нишон.

Чумчуқе шуд беқарор аз ин ҳунар,
Мепарид аз шох бар шохи дигар.

Хешро доно гирифта, гуфт он:
«Аз чӣ созӣ, булбуло, ин сон фиғон?

Не чаман бишкуфта, не хандон гул аст,
Не дарахте сабз, не як сунбул аст.

Гирду атрофат ҳама хор асту бас,
Боғ не, як ҷангали тор асту бас.

Фикри ту бар хонишат надҳад ҷавоб,
Аз чӣ дорӣ умри худ андар азоб?...»

«Ҳаст ҷоят баски ҷангалзорҳо,
Ту надидӣ з-ин сабаб гулзорҳо»--

Андалеб ин ҳарфи ҳақ гуфто ба он,
Бар дигар гулзор шуд з-ин гулситон.

ххх

Чумчуқосо баъзеҳо рӯи саҳар
Шом гуфта, мекунанд иншо асар.

МУРҒИ КУРК

(Масал аз М. Худойқулов)

Аз қазо дар тӯқайистон ҷонварон
Мактабе карданд барпо, к-андар он
Чӯҷаҳои кӯчаки беболу пар
Илми парвози само кардӣ зи бар.
Рӯзе Мурғобӣ—директори хунук,
Омадӣ бар синф бо як Мурғи курк.
Гуфт ӯ бар чӯҷаҳо бо сад виқор,
Аз худи имрӯз, ин бошад қарор:
Медиҳад ин Мурғи курк дарси шумо,
Гӯш бинмоед, гӯш, эй чӯҷаҳо.
Мурғаки курк папкаи ғафсаш кушуд,
Конспекташ пеши чашмонаш намуд.
Пас идома дод дарси хешро,
Мадҳ карда даврaҳои пешро—
Дар замонҳои қадим, як вақтҳо
Ҷонварон то бар кабудии само
Оҳ, чӣ сон парвоз мекарданд аҷиб!
Ин гапашро гуфт як соат қариб.
Дар дами занги танаффус устоз
«Кӣ савол дорад?»--бирпурсидӣ ба ноз.
Кард боло чӯҷае даст аз миён,
Гуфт: «Худ парвоз бар мо деҳ нишон».
Аз ғазаб ларзиду печид устод,
Бар саволи чӯҷа ин посух бидод:
«Ман зи боби илм додам дарси рост,
Дар амал санҷиданаш кори шумост».

АЗ МАҶМӮАИ «ГУЛГАРДОНӢ»

(ашъори бачагона)

Душанбе,
«Адиб»
1989

ХАМИРКУНӢ

Хамиркунист душвор,
Дасти бақувват даркор.
Асло нагирифта дам,
Шӯридаму хелидам.
Болои суфраи тит
Камтар хамирам парид.
Гуфт очам дида ин ҳол:
«Меҳмон меояд Ниҳол.
Хурсандӣ ояд аз вай
Дар хонадон паёпай».
Гуфти очам омад рост:
Рӯзи дигар банохост
Омад акоям Ғаюр
Аз сафари раҳи дур.

КАСАЛӢ

Касал шудам, очаҷон,
Ба духтур кун телефон.
Гӯ, ки даравтар ояд,
Бо роҳи дигар ояд.
Роҳи боло наздик аст,
Гарчи тангу торик аст,
Охир табам шуд зиёд,
Сарам ба дард уфтод.
Лекин кам-кам меларзам,
Аз уколаш метарсам.

КАБКИ МАН

Рафтам рӯзе бар алаф,
Бигрифта досам ба каф.

Чун бар алаф задам дос,
Аз пеши пой фиррос
Паропари чӯча шуд.
Як сӯ монда доси худ
Пушти чӯча давидам.
Яктои он қапидам.
Овардамаш ба хона,
Аз кӯҳ як нишона.
Малах додам ман ба он,
Додам ба он обу дон!
Чӯчаи ман калон шуд,
Булбули хонадон шуд.
Ҳоло ки фарёдӣ аст,
Бароям ин шодӣ аст.
Аз фарёдаш ҳар саҳар
Ояд ба пеши назар
Дашту дара, лаби ғор,
Манзараҳои кӯҳсор.

АСОИ ЧӮПОН

Як рӯз бар саҳро шудам,
Дар пеши чӯпонҳо шудам.
Бар дасти чӯпон буд асо,
Якто асои пурчило.
Ранги асо буд сурхтоб,
Дар сояву дар офтоб.
Як мӯ качӣ дар он набуд,
Хушрӯву зебо менамуд.
Як нӯги он гулдор буд,
Аз рахт пӯпакдор буд.
Як нӯги дигар нукрагин—

Нӯге, ки буд андар замин.
Завқе, ки пайдо шуд маро
Дар ин саёҳат бар асо,
Фаҳмид чӯпон сарбасар,
З-ин рӯ ҳикоят кард сар:
--Бошад асоям йирғаин,
Сахт аст он оҳан барин.
Вақте тару кач буд он,
Кач дар назар мисли камон.
Дар оташаш ман доштам,
Як муддаташ бигзоштам.
Об аз танаш омад бадар,
Дар оби худ гардид тар.
Пас рост бинмудам варо,
Додам ба майдонаш ҳаво.
Дар оташу дар боду об
Шуд пухтаву дарёфт тоб.
Бо обутобаш дар амал
Умре ба гургон гашт ачал.

БАЧАИ ОЧАМ

--Бигир, Барно,
Аз ман ту савғо—
Конфети Рига
Хуштаъму зебо.
Лекин бигӯ рост,
Бекаму бекост,
Бачаи кий?
--Бачаи очам!

--Мана ду лӯхтак,
Хушрӯю пӯпак.
Яке сияҳмӯ,
Яктош зардак.
Акнун бигӯ рост,
Бекаму бекост,
Бачаи кӣ?
--Бачаи очам!

--Манам дадоят,
Як бовафоят.
Камзӯли зебо
Дорам бароят.
Лекин бигӯ рост,
Бекаму бекост,
Бачаи кӣ?
--Бачаи очам!

--Барам тамошо
Ҳамроҳ фардо
Туро ба Маскав,
То дили дунё.
Акнун бигӯ рост,
Бекаму бекост,
Бачаи кӣ?
--Бачаи очам!
Бачаи очам!

Ё Р Й

Яке борон шуд,
Сели калон шуд.

Дар деҳи хомӯш
Доду фиғон шуд.
«Бузғоларо бурд»,
«Гӯсоларо бурд».
Аз чор ҷониб
«Баргиру мон» шуд.

Рафтам ба ёрӣ
Ман ихтиёрӣ.
Бузғоларо сел
То бар миён шуд.

Кардам раҳо ман
Онро зи мурдан.
Очам бигуфто:
«Кори калон шуд!»

Дар обу лой тар,
«Маъ» гуфта, ҷонвар
Бар сӯи очаш
Тозон равон шуд.

РОҲАТИ ҶОН ТАГИ БЕД

Домани кӯҳи баланд
Бошад аҷаб дилписанд.
Арчаи сабзи адир
Дар бари ҷар ҷойгир.
Ҳамеша пуршукӯҳ аст,
Гӯӣ арӯси кӯҳ аст.
Чашмае аз таги бед
Шир барин сап-сафед.

Меравад сӯи дара,
Зеб диҳад манзара,
Мурғакони шохсор
Дар ҳавои кӯҳсор
Нағмапардозӣ кунанд,
Булбуловозӣ кунанд.
Ҳусни хушҳаво бари кӯҳ,
Чӣ хушҳаво бари кӯҳ.
Роҳати ҷон таги бед,
Як дамакак нишинед!

ОЧАМУРҒ

Мурғаки чӯҷадоре
Мобайни сабзазоре
Чӯҷаҳо бар чаро бурд,
Аз пешу аз қафо бурд.
Бар чаридан шуд машғул,
«Қуд-қуд» гуфта мезад нӯл.
Сабзаи тар мехӯрд он,
Аз ду тараф раҳравон.
Гӯё ки бар чӯҷаҳо,
Чӯҷаҳои навчаро
Чаридан нишон медод,
Болои дашти кушод.
Ҷув-ҷувкунон чӯҷаҳо—
Сафеду зарду сиёҳ
Медавиданд аз қафош,
Бар чаридан дар талош.
Очамурғи бечора
Хаёлам буд авора.
Метарсид аз алибоҷ,

Алибоҷи бадмизоҷ.
Бадмизоҷи чӯҷахӯр,
(Рангу дидораш дар гӯр),
То наояд бехабар
Яке аз болои сар.
Барад ба зери чангол,
Чӯҷаякони бебол.
Алибоҷ андар ҳаво,
Бисёру дуру боло
Карда сайру тамошо,
(Шояд намедид ин ҷо).
Вале рӯи сабзазор
Сояи он лошахор
Яке бишуд намоён.
Очамурғи меҳрубон
Онро диду зад фарёд,
Чӯҷаҳоро садо дод.
Омада гашт пинҳон.
Ҳар як чӯҷа дав-давон
Зери пару боли мурғ,
Дар гирди чанголи мурғ.
Шояд мурғи лошахор
Бо ҳамин мекард изҳор:
«Пашша бувад хасм агар,
Мадон аз филаш камтар.
Балки аз сояи он,
К-орад хабар аз зиён,
Ҳамеша бош ҳушёр,
Баргир худ дар канор».

КУРОРТ

Бо дадаҷонам хурсанд
Ман омадам ба курорт.
Ин ҷо ба мо медиҳанд
Ҳам шаколоду ҳам торт.

Обу ҳавояш тоза,
Бахшад ҳаловат ба ҷон.
Ҳар чӣ кунӣ овоза,
Меарзад ин ҷо ба он.

Ояд бӯи гули хор
Аз домани кӯҳу ҷар.
Шомаш бувад пурасрор,
Субҳаш аҷаб мунаввар.

Хандаву нағмаву соз
Бошад ҳамеша ҷӯшон.
Созад ба дур парвоз
Мурғи дилат ғазалхон.

Бидҳанд нозу неъмат
Бар ҳама кас баробар,
Касе нагӯяд: «Ҳикмат,
Ҳаққи ту ҳаст камтар».

Озори кас набинӣ
Ин ҷой, ҷӯраи ҷон.
Бехор гул бичинӣ
Гӯё ту аз гулистон.

ҚӮҚАПӮШӢ[12]

--Гушна мондам, очаҷон,
Ишкамамро бикун сер.
--Сабр кун камтар, Амон,
Алови нон бишуд дер.

Қӯқапӯшӣ мекунам,
Ҳозирак барои ту.
Хӯрдан гир аз он кам-кам,
Ки нон ҳам мегирад рӯ.

Оварда як каф нахӯд
Дар хокистар—байни қӯр
«Ҳозир-ҳозир»,--гуфта, зуд
Ба як дамак карда гӯр.

Пас онро карда тунук,
Гуфто: «Чину хӯрдан гир».
То кардамаш ман хунук,
Ӯ канд аз чакдон фатир.

РӮ БА РӮИ ОИНА

Дидам худамро дина
Рӯ ба рӯи оина.
Дар оина ҳам будаст
Мисли ман як Сокина.

Тоза кардам рӯямро,
Шона задам мӯямро,

[12] Қӯқапӯшӣ—нахӯди такаловӣ

Ӯсма кашида мондам
Як-як ду абрӯямро.

Он чи кардам, ӯ ҳам кард,
На кам карду на зам кард.
Гӯё медодам ӯ сӯз, [13]
Маро аз ин алам кард.

Гуфтам занам ба рӯяш,
Қапам зи банди мӯяш.
Монанди латтаҷорӯб
Кашам ба чор сӯяш.

Муштам чу додам ҳаво,
Оина зад зери по.
Сокина хилват гурехт,
Надонам, ки шуд куҷо.

САМАДИ НОТАРС

Самад натарсад асло,
Тарсончакро бинад бад.
Давад поёну боло,
Аз афтидан натарсад.

Велосипеди худро
Якчарха медавонад.
Вақти давондан гоҳо
Рост истода метонад.

[13] Сӯз додан—масхара кардан.

Ҳоло ӯ мактабрав нест,
Лекин спортсмен аст.
Гарданшаху якрав нест,
Ҳушёр асту базеҳн аст.

Ҳар қадар ки фитад ӯ,
Гиря намекунад ҳеҷ.
Ба пушт афтад ё ба рӯ,
Бо ханда мехӯрад печ.

Рафту каме хун ояд
Ягон ҷои тани ӯ,
Ба гиря медарояд
Бо фиғону ҳаёҳу.

Фақат аз хун метарсад
Самади нотарси мо,
Нишони хун набинад
Бигзор, рӯи дунё!

ҲУСНИ КӮҲ

Кӯҳи сап-сафед
Акнун дар назар
Ҷилваҳо дорад
Бо ранги дигар:

Кашида аз тан
Ҷомаи карбос.
Пӯшида аз нав
Куртаи алмос.

Домони зебош
Бошад атрогин.
Аз қулла шорад
Обаки ширин.

Афрӯхта гулхан
Аз лолаву гул.
Ояд аз он сӯ
Овози булбул.

Дилро рабояд
Ҳусни накӯяш.
Даъват намояд
Моро ба сӯяш!

ОЛАМИ КӮҲСОР

(силсила)

РӮД

Аз кӯҳи Варзоб,
Аз пеши маҳтоб
Ҷорист бо шӯр
Як рӯди барфоб.

Ояд ба поён
Рӯ-рӯи сангон.
Чун мӯи кампир
Гашта парешон.

Шӯх асту пуршаст
Чун аспи ҷавмаст.

Пеши ғурураш
Наметавон баст.

По монӣ бар он
Чун шери ғуррон
Бо ту шавад зуд
Чангу гиребон.

Донӣ забонаш
Чун ёри ҷонаш,
Роми ту гардад
Бо ҳар фиғонаш.

АФСОНАИ КӮҲ

Мобайни кӯҳ аст ин ҷо ситора,
Монанди тифле дар гоҳвора.
Дорад ба хоби ин тифли зебо
Маҳ мисли модар аз бар назора.

Боди мулоим дар рафтуояст,
Ҳай форам асту ҳай дилкушояст.
Дар шохи нахле аз шом то субҳ
Мурғи хушилҳон нағмасарояст.

Чашмаш ба атроф маҳви нигоҳ аст,
Партавфикан хуб рухсори моҳ аст.
Дар партави он чун моли дар хоб
Санге сафеду санге сиёҳ аст.

Кӯҳе ба дида тобад чу чӯпон,
Чун салла барф аст дар қуллаи он.

Бар гӯши рамма най менавозад
Бар ҷои чӯпон рӯди хурӯшон.

Кӯҳест пасту кӯҳе фароз аст,
Пайванди онҳо аз реша соз аст.
Осудагист—ин ҳусни табиат,
Афсонаи кӯҳ ин ҷо дароз аст.

О В О

Чун коса намуда ҳар ду каф ман,
Аз чашмае хӯрдам оби ширин.
Ду дида бигашт хуб равшан,
Ҳар гӯша чу гул битофт рангин.

Гуфтам, ки равам ба саргаҳи он,
Аз шавқ раҳи сафар гирифтам,
Бо бузраҳи борике зи поён
Раҳ сӯи шаху камар гирифтам.

То домани кӯҳ чашмае чанд
Як бар дигаре ба раҳ шавад қуш.
Аз он ки ба ҳам шаванд пайванд,
Доранд ба тарзу сози нав ҷӯш.

Раҳ дуру дигар намонд дармон,
То саргаҳи чашмаҳо равам ман.
Бар хеш намудам аҳду паймон,
Баргашта зи раҳ қафо равам ман.

Аз ким-куҷои кӯҳсорон
Бар гӯш яке расид ово:

«Об аст, ки он равад ба поён,
Одам биравад ҳамеша боло».

БОДОМИ ТАЛХАК

Бар-бари кӯҳу дара
Дорад аҷаб манзара.
Кафонда синаи санг,
Руста ба мисли заранг.
Бодоми талхак қатор,
Хурду калон бешумор.
Ман бачаи ҷаргузар,
Натарсам аз раҳи ҷар.
Ба он бари ҷару кӯҳ
Равам ба зайли оҳу.
Бодоми талхак чинам,
Пур чинам, андак чинам.
Кунам чу пур халтаам,
Халтаи саркалтаам.
Пуштора карда онро,
Бори тару гаронро,
Тозон ба хона оям,
Ба хона чун дароям,
Модарам хандон шавад,
Шоду ғазалхон шавад:
--Офарин, шери оча,
Шери далери оча!
Доруи соз овардӣ,
Бале, ки боз овардӣ.
Гӯшат кунад дард агар,
Дору накобам дигар.
Аз равғанаш чаконам,

Ту гӯӣ, ки надонам
Дарди гӯшам куҷо шуд,
Ки ҷон аз он раҳо шуд.
Медонӣ ин ва ё на,
Шавӣ агар домана,
Диҳам ба ту бодомоб,
Хӯрда шавӣ масти хоб.
Вазъи ту гардад дигар,
Сиҳат шавӣ, ҷон писар!..

КОРАМ ҲАМИН ҲАР ПАГОҲ

Маркаби хуб дорам,
Як халлачӯб дорам.
Равам адир ҳар саҳар,
Савори болои хар.
Оғани тар кашонам,
Мунчу кавар..кашонам.
Дар хона баҳри говон
Алаф кунам фаровон.
Харам басо писанд аст,
Пурқуввату даванд аст.
Пояш намехӯрад печ,
Зум ҳам намекунад ҳеҷ.
Гумон кунӣ нахчир[14] аст,
Зодаи ин адир аст.
Корам ҳамин ҳар пагоҳ,
Дам нагирам то бегоҳ.
Коҳи Соро-хола ҳам
Бо маркабам кашонам.
Ҳоло ӯ худ бистарист,
Баччааш дар аскарист.

[14] Нахчир—бузи кӯҳӣ.

БИНАМ ЯКЕ ХИРСАКРО

Дар лаби ҷар қишлоқ аст,
Қишлоқи пурчумоқ[15] аст.
Аҷаб макони зебост,
Хонаи мо ҳамин ҷост.
То сари кӯҳи баланд
Хуррам асту дилписанд.
Қақра занад кабки нар,
З-овозаш резад шакар.
Чумоқ арчи бисёр аст,
Чидани он душвор аст.
Шапӣ онро аз дарахт
Бо санг ё чӯби сахт,
Афтида мешавад ҷар,
Шавад ғоиб аз назар.
Ҳикояти дадоям
Хуш бошад аз бароям.
--Аз деҳа рафтаст адир
Як саҳар бобои Пир.
Бисёр азоб дидаст,
Чумоқи пур начидаст.
Охир ба сад кашокаш
Аз химчаҳои шӯлаш
Якто сабад бофтаст,
(Фикр карда ёфтаст)
Як сабади чун қанор,
Аз ду тараф даҳандор.
Зери дарахти чумоқ
Мобайни боғи айлоқ

[15] Чумоқ--чормағз

Сабадро мондаст рост,
Он гунае, ки мехост.
Шаб хирсаки бечора
Беҳад шудаст овора.
Ҷон рӯи каф қапидаст,
Чумоқи пур шапидаст.
Он сабадро пур кардаст,
Шодона ғур-ғур кардаст.
Чу мебардорад сабад,
Сабади боло зи қад,
Бораш ҳама мерезад,
Сабад холӣ мехезад.
Ҳар саҳар бобои Пир
Меравад сӯи адир.
Чумоқи чидаи хирс
Меорад бо шавқу ҳирс.
Ман ҳам чу бобои Пир
Равуо созам адир.
Чумоқ орам даҳ қанор
Аз он кунам пур анбор.
Лекин дорам ман ҳазар,
Ки рӯзе худ бо падар
Боғи ҳайвонот оям,
Бар тамошо дароям,
Бинам яке хирсакро,
Хирсакро дар ҳамин ҷо.
Шиносадам агар он,
Чӣ гӯядам, ҷӯраҷон?

БОҒИ ЗОҒ

Зоғи сияҳ кушуд пар,
Лофида кард қар-қар:

--Рафта чумоқ орам,
Дар қуллае гузорам.
Сонӣ ба зарби минқор
Болои санг такрор
Кӯбида бишканам ман,
Мағзи варо канам ман.
Хӯрда кунам фароғат,
(Ҳай-ҳай чӣ кайфу роҳат!)
Бо саъю ранҷи бисёр
Бечора зоғ ҳар бор
Ба ҳар тараф паридӣ,
Чумоқи тар бичидӣ.
Вале ба бозгаштан,
Дами зи раҳ гузаштан
Ҳар ҷо зи нӯги минқор
Афтонд ногаҳон бор.
Рӯид аз ин ба ҳар ҷар
Чумоқи сабзу пурбар.
Боғи чумоқи кӯҳӣ,
К-он аст пуршукӯҳе.
Медон, ки ҳаст аз зоғ,
Зоғ аст соҳиби боғ.

МАСТИ ДИЁР

Дар кӯҳ хона дорам,
Ҷои ягона дорам.
Монанди ҷангале ман
Боғи дулона дорам.

Ҳавош дилситон аст,
Дору ба ҷисму ҷон аст.

Садсола одам ин ҷо
Аз ҳар ҷиҳат ҷавон аст.

Ғармаш, ки гул кушояд,
Ҳуснаш басе физояд.
Гумон кунӣ, ки маҳтоб
Рӯи замин фарояд.

Масти диёр бошам,
Дасти ба кор бошам.
Чун рӯди шӯхи кӯҳӣ
Кай ман қарор бошам?

МАКТАБРАВ ШУД ЗАРГӮШАК

Мактабрав шуд заргӯшак,
Гапзанак шуд хомӯшак.
Сумка дорад дар пушташ,
Якто қалам дар мушташ.
Ҳолост сумка холӣ,
Сабук чу коҳи шолӣ.
Гирад зи мактаб китоб,
Дорад ба он ҷо шитоб.
Сумкаи гулдори ӯ,
Холию бекори ӯ
Ана, пур шуд аз китоб,
Аз «Алифбо»-ю «Ҳисоб».
Оварданаш шуд душвор,
Лекин овардан даркор.
Пуштора кард онро шод,
Рӯ сӯи хона бинҳод.

Шуд дар чӯбораки роҳ
Ҳоли заргӯшак табоҳ.
Вақти париданаш, вой,
Сумкааш зад рӯи лой.
Аз бахши сумка бисёр
Бигрист ӯ зор-зор.

ДИГАР НАОЯД ХОБИ Ӯ

Маҳбуба дар гаҳвора аст,
Тобон чу як маҳпора аст.
Чашмаш ба сӯи равшанӣ
Бикшода, дар наззора аст.

Чун равшанӣ гардад ниҳон
Аз дидаи Маҳбубачон,
Дастак занад, почак занад,
Бардошта доду фиғон.

Дар банди алла монӣ ҳам,
Гаҳворааш чунбонӣ ҳам,
Дигар наояд хоби ӯ,
Гарчи варо «фаҳмонӣ» ҳам.

Дар торикӣ исён кунад,
Гаҳвораро ларзон кунад.
Аз дастбандак дасту по
Берун ба як туғён кунад.

КАСБИ БИБӢ

Бибии ман кулол аст,
Косиби бемисол аст.

Ҳушаш ба касбу кораш
Аз шавқи пур кашол аст.

Чу одат ӯ ҳар саҳар
Меравад бар лаби ҷар.
Хоки кулол оварад
Бо халта дар тори сар.

Кӯза месозад бисёр,
Хурмаҳои дастадор.
Чағдеги аз ман калон,
Косаҳо қатор-қатор.

Офтобаи нӯлаш танг,
Чалапчии дастачанг.
Лабҳошон аз санги сурх
Каҷмокаҷак карда ранг...

Касби бибиҷонамро
Акнун худам медонам.
Кӯзаву косаро ҳам
Ман сохта метавонам.

БАРРАЧАИ ДИРӮЗА

Баррачаамро бубин,
Баррачаи нозанин.
Зоташ бувад ҳисорӣ,
Хушрӯи беғуборе.
Думбааш бошад калон,
Калон чу санги ғелон.
Додам ба ӯ ман алаф,

Нону намак рӯи каф.
Хӯрду калон шуд яке
Дар муддати андаке.
Кардам ҳамеша бо вай
Бозиҳои пай дар пай.
Тела медодам варо,
Тела медод ӯ маро.
Баррачаи дирӯза,
Ки гӯямаш Фирӯза,
Даррав шуда шохзан,
Шохзан, рӯинатан,
Ки одамро дар як он
Мекунад чаппагардон.
Аз майдагӣ хулқи бад
Дар кас агар бимонад,
Наравад осон, гӯянд,
Барояд бо ҷон, гӯянд.

ФАРҚИ «2»-ю «4»

Аз мактаб омад
Гул шоду хандон.
Гуфто ба модар
Баҳоямро дон:

Як «2» ба дафтар
Гирифтам имрӯз.
Наям бебаҳо
Монанди Наврӯз.

Як ҳафта шуд Гул
Меравад мактаб.

Шодияш бар дил,
Хандааш дар лаб.

Ҳоло надонад
Фарқи «2»-ю «4».
Бо ҳар баҳо ӯ
Дорад ифтихор.

САМОЛЁТ КАЙ МЕПАРАД

Бори аввал чун Самад
Дар самолёт шуд савор,
Аз шодии беадад
Дилаш бишуд беқарор.

Самолёт андар само
Дар нафасе шуд баланд.
Кӯҳҳои барҳаво
Зери пои мо шуданд.

Самолёт агарчи тез
Рӯи ҳаво мепарид,
То ба манзил агарчи
Омада ӯ мерасид.

Лекин чӣ шуд, ки Самад
Монда аз ин бехабар.
«Самолёт кай мепарад?»--
Гуфта, пурсид аз падар.

ҒАЛАТИ ШИРИН

Бар гап даромад Меҳрубон,
Гуфт он чӣ омад бар забон.

Дарвозро Давроз гуфт,
Парвозро павроз гуфт.
Авроба гуфт аробаро,
Мазғоба ӯ мағзобаро.
Кунҷитро кунтиҷ гуфт,
Санҷидро сандиҷ гуфт.
Наврӯзро нарвӯз гуфт,
Дилсӯзро дислӯз гуфт...
Метофт ширин ҳар ғалат
Дар чашму гӯши неку бад.
Бо ин ғалатҳо Меҳрубон
Дар ҳар бағал шуд меҳмон.

ХОЛАИ САВСАН

Надорад духтар
Холаи Савсан.
Дорад ду писар—
Ҳусейну Ҳасан.

Кони зарофат
Ин ду бародар.
Дар қаду қомат
Ҳар ду баробар.

Чашму абрӯ як,
Лабу дандон ҳам.
Дасту бозу як,
Рӯи хандон ҳам.

Вазнашон ҳатто
Зиёду кам нест.

Овозашонро
Тафовут ҳам нест.

Кадомаш Ҳусайн?
Кадомаш Ҳасан?
Кӣ мекунад дайн?
Шумо ва ё ман?

Насозад инро
Касе муайян.
Ҷуз моми онҳо
Холаи Савсан.

ДАСТЁРИ МАН

Писарчаи шӯхи ман
Дар назарам гул бувад.
Ғут-ғути ӯ ба гӯшам
Хониши булбул бувад.

Кораш ҳамеша бозӣ,
Ғаме дигар надорад.
Барои ӯ шабу рӯз
Фарқу зарар надорад.

Гаҳ гирёну гаҳ хандон,
Даме нагирад қарор.
Шавад гаҳе ҷаҳида
Тояки «масташ» савор.

Гаҳе ронад мошинаш,
Гаҳе занад тӯбашро.

Гаҳ фитад болои тӯб,
Гаҳе тӯбаш аз боло.

Гаҳе сару пои луч
Ҳар сӯ даводав кунад.
Бо сагчааш «ав-ав»-у
Бо гурба «мав-мав» кунад.

Гаҳе ба болои кат
Ҷаҳида мебарояд.
Гаҳе аз он сарозер
Парида мефарояд.

Гаҳ ба сози радио
Рақс кунад пушти дар.
Гаҳе суруде бо шавқ
Болида мекунад сар.

Гаҳе давида ояд,
Кисаи ман бикобад.
Чизе агар наёбад,
Гиря кунад, нахобад.

Гаҳе гӯяд: «Падарҷон,
Киштии «Шалқ»-ам бихар!».
Гаҳе бигӯяд: «Пагоҳ
Мала ба мактаб бибар!».

Бо умеди он ки ман
«Шарқ-2»-аш мехарам,

Бо умеди он ки ман
Ба мактабаш мебарам,

Ҳар саҳар аз хоби худ
Ҳамроҳи ман бихезад,
Гирифта чойнику об
Ба дасти ман бирезад.

Ӯ резаду ман ба вай
Нигаҳ кунам бигӯям:
«Дасёри ман шудаст
Писарчаи накӯям!»

АЗ ҲАМА БЕҲТАР

Ман подабонам,
Гӯсолабонам.
Аз пушти пода
Доим равонам.

Бӯи бухор аст,
Фасли баҳор аст.
Алаф дамида
Дар марғзор аст.

Ғамам кам акнун,
Дил хуррам акнун!
Барори корам
Шавад зам акнун.

Аз касбу корам
Дар ифтихорам,

Парвои кори
Дигар надорам.

Аз ҳама беҳтар
Инаш, бародар,
Бар ман дар ин кор
Карданд бовар.

РАҲМАТ, ҲАЗОР РАҲМАТ

Бас дарди сар гирифтам,
Сӯз аз ҷигар гирифтам.
Аз тасфи дарди пурзӯр
Гӯё ки даргирифтам.

На тобу тоқатам монд,
На зӯру ғайратам монд.
Хобам парида аз чашм,
Танҳо машаққатам монд.

Модар чу дид ҳолам,
Шуд қалби ӯ пур аз ғам.
Манро ба пеши духтур
Бурда расонд он дам.

Бинмуд аз рӯи одат
Духтур маро табобат.
Дар муддати ду-се рӯз
Аз нав шудам саломат.

З-он рӯз то ба ин дам
Дигар касал нагаштам.

Лек аз нигоҳи духтур
Як-ду сафар гузаштам.

Раҳмат, ҳазор раҳмат
Ба духтури баҳиммат.
Касал равад ба пешаш,
Ӯ мешавад саломат.

ЧАРО ЧУНИН ШУД

Шуд баъди борон хандон баҳорон,
Хандон баҳорон шуд баъди борон.
Гардид рахшон хуршеди гармак,
Хуршеди гармак гардид рахшон.
Бар боғдорон фурсат расида,
Фурсат расида бар боғдорон.
Дар боғу майдон шуд кор дар авҷ,
Шуд кор дар авҷ дар боғу майдон.
Гуфтам чу деҳқон ман ҳам кунам боғ,
Ман ҳам кунам боғ гуфтам чу деҳқон.
Кардам шитобон чил навда тайёр,
Чил навда тайёр кардам шитобон.
Аз беди ларзон, аз ноку хурмо...
Аз ноку хурмо, аз беди ларзон.
Андар хиёбон ҳар як шинондам,
Ҳар як шинондам андар хиёбон.
Охир ки дар он «нахле» насабзид,
«Нахле» насабзид охир ки дар он.
Ҷуз беди ларзон, аз ноку хурмо...
Аз ноку хурмо, ҷуз беди ларзон.
Якбора ҳайрон гаштам зи боғам,
Гаштам зи боғам якбора ҳайрон.

ЛАЙКА

1

Лайкаи ман шикорист,
Зираку ҳушёрест.
Дирӯз рафтам шикор
Бар бешаву кӯҳсор.
Лайка шуд бо ман равон
Бозикунон, дав-давон.
Аз миёни арчазор
Рӯбаҳе шуд падидор.
«Лайка, бигир» гуфтам,
«Бидав чу тир», гуфтам.
«Ав» гуфтаву давид он,
То ба рӯбаҳ расид он.
Рӯбаҳ вале шуд нишеб,
Лайкаро дода фиреб.
Лайка мезад гаҳ ба фук,
Мешудӣ гоҳе тунук.
Гоҳ-гаҳе ҷар шуда,
Дар алафҳо тар шуда.
Рӯбаҳ ба бозии дум
Лайкаро кард раҳгум.
Баъди даводави беш
Лайка биомад ба хеш.
Дид аз рӯбаҳ дарак нест,
Дарак ба тору таг нест.
Ҳақ-ҳаққунон бизад дил,
Монд аз ин дар хиҷил.

11

Бори дигар ба такрор
Лайкаро бурдам шикор.

Обу ҳаво буд аҷиб,
Манзараҳо дилфиреб:
Шаршараҳо нағмахон,
Рақсгар оби равон.
Сабзаву гул як тараф,
Савти булбул як тараф.
Бодаки форам вазон,
Роҳате бар ҷисму ҷон.
Аз ҳавои поки роғ
Лайка ҳам шуд хушдимоғ.
Бӯи баҳораш омад,
Шавқи шикораш омад.
Харгӯшаке ногаҳон
Аз бехи фарки калон.
Ҷаҳида шуд дар гурез,
Бар кӯҳтал бизад хез.
«Лайка, бигир» гуфтам,
«Бидав чу тир» гуфтам.
Лайка шуд аз пушти он
Гӯӣ чу тир аз камон.
Харгӯшак аммо батоз
Рафта зи хам бар фароз.
Будаст аз саг даванд
Дар раҳи кӯҳи баланд.
Лайка бишуд ноумед,
Монд хиҷил таги бед.
Гашт ахир бебарор
Дуюмбора аз шикор.
Муддате шуд сараш хам,
Монд гӯё банди ғам,
«Лайка, бигир»,--гӯӣ,

«Бидав чу тир»,--гӯӣ,
Шавад аз ин дар ғазаб,
Аз қаҳр мегазад лаб.
Аз кӯҳтал, аз нишеб,
Аз рӯбаҳи пурфиреб,
Аз чустии харгӯшак,
Харгӯшаки хамӯшак.
Гӯё шудаст қимоб,
Набошадаш дигар тоб.
Бетоб асту дар хоб аст,
Дар хоби пуразоб аст.
Қасди рӯбоҳи пурфанд
Қасди харгӯши даванд.
Лайка гирифтанӣ шуд
Мурғи ҳамсояро зуд.
Сӯи мурғак бо хабар
Яке бишуд ҳамлавар.
Болу параш канда монд,
Ба хокаш афканда монд.
Вои мурғи бегуноҳ,
Рӯяки Лайка сиёҳ!.

ШАМЪИ ФУРӮЗОН

Нинии хандон
Зебои хона,
Шамъи фурӯзон
Андар миёна.

Тар ҳарду рухсор
Аз бӯсаборон,
Чун гул ба гулзор
Субҳи баҳорон.

Танҳо намонанд
Ниниро як дам,
Гирди ӯ то чанд
Гардад пуродам.

Оранд бар ӯ
Ҳар гуна савғо,
Савғои хушрӯ
Аз тамоми ҷо.

Яке зи Маскав,
Яктош римӣ.
Яке нави нав,
Дигар қадимӣ.

Ҳар чӣ, ки бидҳанд,
Нинича онро
Бар даст хурсанд
Гирад ҳамоно.

Сӯи даҳонаш
Барад мукаррар,
Ҳаст он гумонаш
Пистони модар.

БОҒЕ НАМОЯМ ОБОД

Рафтам ба пеши бобом,
Додам ба вай ман салом.
Гуфто бобом офарин,
Ту бачаи беҳтарин.
Бо лутфу меҳрубонӣ,

Бо як ширинзабонӣ
Сила намуда мӯям,
Бӯса гирифт аз рӯям.
Пас овард аз бароям
Аз боғи худ бобоям
Нашпотии бобоӣ,
Себи зарди тиллоӣ.
Анҷиру ноки аҷиб,
Анори чун гул базеб.
Ангури сурху сафед...
Гуфто, ки як-як чашед.
Аз меваҳо бихӯрдам,
Хуш лаззате бибурдам.
Гуфтам, ки ояд баҳор,
Баҳори пурҷӯши кор,
Аз боғи бобоҷонам
Бобои меҳрубонам,
Барам ниҳоли бисёр
Аз ноку себу анор...
Дар ҳавлии мактабмон
Бо шавқу саъйи калон
Боғе намоям бунёд,
Чун боғи бобом обод.
Вақте меваҳо расанд,
Расанду як-як пазанд,
Пас дар боғи дилкушо
Меҳмон кунам шуморо.

РАВЕМ ҲАР ГОҲ...

Бар кори саҳро рафтем якҷо,
Рафтем якҷо бар кори саҳро.

Гирифта ҳамро якмоҳа тӯша,
Якмоҳа тӯша гирифта ҳамро.
Ҷуз нону ҳалво бо худ гирфтем,
Бо худ гирфтем, ҷуз нону ҳалво
Миқрози бурро, дарафшу пина,
Дарафшу пина, миқрози бурро.
Дар байни онҳо танобу сӯзан...
Танобу сӯзан дар байни онҳо.
Ту дида инро хандида будӣ,
Хандида будӣ ту дида инро.
Аммо чу дар по батинкаат канд,
Батинкаат канд аммо чу дар по,
Пешам ҳамоно афтод корат,
Афтод корат пешам ҳамоно.
З-он давр ҳар гоҳ равем майдон,
Равем майдон з-он давр ҳар гоҳ.
Гӯӣ ту манро асбобҳо гир,
Асбобҳо гир гӯӣ ту манро.

РАСМИ ОРИФҶОН

Сураткаш аст Орифҷон,
Сураткаши синфамон.
Як расми ӯ чунин аст,
Ё бад ё беҳтарин аст.
Як беша даргирифтаст,
Дар пушти ҷар гирифтаст.
Оташ баланд гашта,
Дудаш дучанд гашта.
Ҳайвонакони беша
Карда гурез пеша,
Абрест рӯи ҷангал,

Як ҷой гашта маътал.
Борон биборад аз он
Чун об аз навардон.
Ҳайвонакони чобук
Бо ларзи хеш нозук
Истода нимаи раҳ,
Рангашон зарду сияҳ...
Гӯё андеша доранд,
Майл ба беша доранд.
Аз кори хайри борон
Бошанд шоду хандон.

МОҲИКАЛОН ЧИҲО КАРД

Моҳикалони хушнуд
Рӯзи таваллуди худ
Чашни калон гирифта,
Дар хонадон гирифта.
Ҳар гунае, ки мехост,
Шодона хон биорост.
Як тараф мағзу мавиз,
Як тараф тути лазиз.
Себи рангин як тараф,
Нори ширин як тараф.
Дар лаълиҳо гул барин
Кулчаҳои равғанин.
Қанду асал рӯи хон,
Оши палав дар миён.
Духтаракон даврагир,
Аз Гулӣ то Дилпазир.
Моҳикалон худаш нест,--
Соҳиби хон худаш нест.

Рафтаст ӯ бехабар,
То бигӯяд Санавбар.
Лекин Санавбар ӯро,--
Дугонаи некӯро
Нишон дода лӯхтакон
Аз майда то бар калон.
То карда ӯ тамошо
Лӯхтакчаҳои зебо,
Рӯзи тавлидаш гузашт
Мисли бод аз кӯҳу дашт.
Хуршед ҳам шуд паноҳ
Дар паси кӯҳи Сиёҳ.
Моҳикалон чиҳо кард:--
Аз хотираш баровард
Маъракаашро тамом
Аз бозии бардавом.
Дигар надонист худ
Чӣ гап буду чӣ гап шуд.

ГАПИ НОҶО

(афсона)

Як рӯз Дилшод,
Дилшод сайёд
Бо амри пеша
Рафтаст беша.
Бешаи анбӯҳ,
Бар домани кӯҳ.
Танҳо зи хона,
Камон ба шона,
Дар як камингоҳ,
То вақти бегоҳ,

Гушнаву ташна,
Ташнаву гушна,
Гирифта шинак,
Нарафта пинак,
Поида оҳу,
Гургаки дайду,
Рӯбаҳи маккор,
Шағоли ҳушёр.
Палангу харгӯш,
Ҳатто ки заргӯш...
Ҳар чӣ ки бошад,
Хуб аст ё бад.
Шарташ бувад ин—
То вақти пешин
Бе сайд н-ояд,
Бо сайд бояд
Лекин чӣ гӯӣ,
Дар роҳпӯӣ
Рӯзаш шуда шаб,
Хомӯшу бегап.
Не дида оҳу,
Не гурги дайду,
Не ранги рӯбоҳ
Не шағол он ҷо.
Не рӯи харгӯш,
Не мӯи заргӯш...
Аз ҷангали тор
Ногаҳ намудор
Як хирс гаштаст,
Як чӯб бар даст.
Бар сӯи Сайёд

Омадаст озод.
Сайёди машҳур,
Машҳуру мағрур
Гаштаст ҳайрон,
Кардаст афғон.
Аз роҳ баргард,
Эй бехабар мард.
Тир дар камон аст,
Хавфе аз он аст.
Хирс аммо беғам,
Монанди одам
Пеш омада, пеш,
Бе ҳеҷ ташвиш
Аз дасти сайёд
Бе доду фарёд,
Камон гирифта,
Чунон гирифта
Бо қаҳр онро,
Яъне камонро
Дода ҳаво дур
Бо дасти пурзӯр,
Пас пеши сайёд
Биншаста дилшод,
Даҳон кушодаст,--
Забон кушодаст:
«Султони беша
Манам ҳамеша.
Маро кунад гӯш
Рӯбоҳу заргӯш.
Шағолу оҳу,
Ҳам гурги дайду...

Бе рухсати мо
Чаро ту ин ҷо
Холӣ кунӣ тир
Бар сӯи нахчир?
Шаҳр аст обод
Бо одамизод.
Обод беша
Бошад ҳамеша
Бо ину онаш,--
Бо ваҳшиёнаш.
Обод созӣ
Бо сарфарозӣ,
Обод гардӣ,
Дилшод гардӣ.
Вайрон намоӣ,
Дар ҳар куҷоӣ,
Вайрона гардӣ,
Бехона гардӣ.
Ё ганда бошӣ,
Кушанда бошӣ.
Гардӣ ту кушта
Дар кӯҳу пушта.
Аз ҳама беҳтар
Биё, бародар,
Гардем мо дӯст,
Ин кори некӯст.
Дар бешазорон
Бишав ту меҳмон.
Як сол биншин,
На камтар аз ин.
Бин навбаҳораш,

Савти ҳазораш,
Гармою соя,
Кайфи кифоя.
Ҳам тирамоҳон,
Файзи фаровон.
Айёми сармо
Хоби заминро.
Дунёи моро,
Маъвои моро».
Сайёд ночор
Гуфтаст такрор:
«Майлаш, ризо ман,
Майлаш, ризо ман!»
Бо хирс Дилшод
Бе арзу бе дод
Мондаст як сол,
Хушҳолу бадҳол.
Ҳар шодиву ғам
Чашида бо ҳам,
Дар ҳар такопӯ
Чун дӯст ҳар ду
Бе Туву бе Ман.
Дастею доман
Гардида гӯё,
Ҳамроҳу якҷо.
Бо ҷаҳд ҳар дам
Гаҳ бешу гаҳ кам
Рӯзии худро
Бинмуда пайдо,
Якҷоя хӯрданд,
Рашке набурданд.

Як шаб нахуфтанд,
Афсона гуфтанд.
Ҳангоми сӯҳбат
Аз рӯи одат
Паҳлуи сайёд
Хирс омад истод.
Афсонаи ӯ
Буд арчи некӯ,
Бар гӯши Дилшод,
Дилшоди сайёд,
Яке нафорид,
Даҳонаш хорид.
Гуфто: «Бародар,
Шин он тарафтар».
Бар хирс чун тир
Бинмуд таъсир
Ин ҳарфи ноҷо,
Ҷон сӯхт ӯро.
Хирс валекин
Гардида вазнин.
Андар ҷавобаш
Бар он хитобаш
Накарда ғавғо,
Нарафта аз ҷо.
Афсона бас кард,
Тарки ҳавас кард.
Пас гуфт: «Сайёд,
Бархез аз ҷот.
Табар бубардор,
Бе ҳарфу гуфтор.
Зан бар сари ман,

Зан бар сари ман.
Гӯям ба хубӣ,
Агар накӯбӣ.
Туро ҳамин дам
Сад пора созам».
Сайёд ночор
Аз тарси бисёр
Бархест аз ҷош,
Табар бубардошт.
Шуд дар бари хирс,
Зад бар сари хирс.
Хун рехт аз сар
Бар ҷою бистар.
То субҳидам хирс
Дар зери ғам хирс.
Хап карду нагрист,
Дар хуни худ зист.
Андар саҳаргоҳ
Аз ҷояш ногоҳ
Бикшода лаб хирс
Омад ба гап хирс:
«Ҷӯраам сайёд,
Акнун ту озод.
Рав хонадонат,
Ҷою маконат.
Соли дигар боз
Шоду сарафроз
Дар ҳамин айём
Бо тоза пайғом
Маро хабар гир,
Ки мешавам пир.

Аз дӯст ёде,
Субҳи муроде».
Соли дигар шуд,
Вақти сафар шуд.
Дар рӯзи маълум
Аз байни мардум
Бар сӯи беша
Мисли ҳамеша
Дилшоди сайёд
Бар сафар уфтод.
Хирс аз фарозӣ
Бо бениёзӣ
Ӯро назар дошт,
Аз ӯ хабар дошт.
Чун дилнавозаш
Бар пешвозаш.
Буд аз пагоҳӣ
Бесабру роҳӣ.
Хирси тавоно
Рафиқи худро
Бигрифта дар бар
Мисли бародар,
Зиёфат орост,
Зебою бекост.
Сайёди меҳмон
Гардида ҳайрон
Аз шафқати хирс,
Аз хизмати хирс.
Дар ҷӯши чақ-чак,
Ҷӯши гапи ҳақ.
Дидаи Дилшод

Яке биафтод
Сӯи сари хирс
Сӯи сари хирс.
Онро дигар дид,
Дар дил бихандид.
«Воаҷабо» гуфт,
«Ин ҷи бало? гуфт.
«Захми табар нест»
«Он сар магар нест?»
Садо баровард
Хирси ҷавонмард:
«Бале, бале, рост,
К-аз рост пайдост.
Ин сар ҳамон сар,
Бинмо ту бовар.
Сари дигар нест,
Хирсе дусар нест,
Ҷароҳати он
Бо рафти даврон
Охир сиҳат шуд,
Гум гашту нобуд.
Лекин ҳамон гап,
Ки гуфтӣ он шаб,
Дар ёди ман монд,
Чӣ боядаш хонд.
Тарсам, ки як рӯз
Монанди ҷосус
Дар байни мо он
Аёну пинҳон
Танад паиҳам
Наканда, маҳкам

Тори ҷудоӣ,
Ноошноӣ».

ХОНАБОНӢ

Рафт очаам ҷои кор,
Кори ӯ шуд ба ман бор.
Ман, ки хонабон шудам,
Гаҳворачунбон шудам.
Рӯи кат буд гаҳвора,
Рӯи кати бекора.—
Пасту боло тахтаҳош,
Ларзад гаҳе чор пош.
«Алла» гуфта ҷунбондам,
Бо аллаи худ хондам:
«Гиря накун, ниникҷон,
Гиря аст айби калон.
Беҳтараш, ки бишав хоб,
Маро намон дар азоб.
Сахт агар ҷунбонамат,
Яке мағалтонамат,
Агар гаҳвора ғалтад,
Меғалтад аз рӯи кат.
Метарсам аз ғалтидан,
Нахоҳам онро дидан».
Фаҳмид ӯ манро магар,
К-аз гиряи худ дигар
Якбора монду хап кард,
Хобе чу хоби шаб кард.
Нашуд зи хоб бедор,
То нагашт очам аз кор.

МЕВАЧИНӢ

Олуи рангин мепазад
Дар боғи колхозӣ аҷаб.
Боди муаттар мевазад
Бо шӯхиву бозӣ аҷаб.

Мо мева чида бо мурод
Андар сабадҳои хасин.
Ҳар мева созем эҳтиёт,
То ки наафтад бар замин.

Сардор гӯяд, баччаҳо,
Кори шумо бошад сара,
Гаштаст боғистони мо
Аз коратон хушманзара.

Мошин паси мошин шавад
Дар пеши мо аз баҳри бор,
Ояд яке, дигар равад
Бо меваи тар ҳар канор.

Кайф асту роҳат байни боғ,
Гар мева чинӣ бо ҳавас,
Хуш мешавад ин ҷо димоғ,
Озод мегирӣ нафас.

РИШИ БОБО БАРОЯД

Рафтам ба мактаб давон,
Балки пеш аз дигарон.
Ин ҷо базму тамошост,
Иди Соли нав ин ҷост.

Соли сулҳу амонӣ,
Соли саодатбонӣ.
Миёни саҳна арча
Ҷило диҳад чу парча.
Дар шохаҳош авезон
Дорад сад гуна марҷон.
Сад гуна истора ҳам,
Сад гуна зарпора ҳам.
Сар то ба по базеб аст,
Пурнуру дилфиреб аст.
Бобои Барфӣ аммо
Наёмадаст ҳоло.
Моем ӯро интизор,
Дилҳо ҳама беқарор.
Яке дар беруни дар
Овоза шуд ин хабар:
Бобои Барфӣ дар роҳ
Касал шудаст ногоҳ.
Хуршед аз қафои кӯҳ
Бикшуда гармакак рӯ.
Ӯро асар намудаст,
Вазъаш дигар намудаст.
Бобо шудаст нотоб,
Риши Бобо шудаст об.
Сабр намоем андак
Таҳти навои таблак.
Риши Бобо барояд,
Ба базми мо биёяд.

ВЕЛОСИПЕД

Бобои ҷонам—он меҳрубонам,
Он меҳрубонам—бобои ҷонам.

Велосипедам харида овард,
Аз тори мошин онро фуровард.
Сечарха буд он, сурху дурахшон,
Сурху дурахшон, сечарха буд он.
Гаштам савораш бо ифтихоре,
Бо ифтихору бо беқарорӣ.
Поён давондам, чақон давондам,
Чақон давондам, поён давондам.
Бар дур рафтам, масрур рафтам,
Масрур рафтам, бар дур рафтам.
Вақте ба хона гаштам равона,
Гаштам равона вақте ба хона,
Намедавид он монанди вайрон,
Монанди вайрон намедавид он.
Гуфтам ба бобом намешавад ин,
Дар кӯҳу талҳо намедавад ин.
Бо ханда бобом баровард овоз:
--Рӯзи таваллуд ояд туро боз,
Он рӯз орам навашро, эй ҷон,
Бар кӯҳу талҳо барояд осон!..
Рӯзи таваллуд ман интизорам,
Ҳар рӯзи рафта як-як шуморам.

ДУШМАНӢ НЕСТ АСЛО

Нишаста пеши бобом
Гаҳе субҳу гаҳе шом,
Ҳикоятҳо кардам гӯш,
Ки фил тарсад аз муш.
Мушак тарсад аз пишак,
Пишак метарсад аз саг.
Оҳу тарсад аз паланг,

Аз паланги рӯи санг.
Мурғ аз рӯбоҳи маккор,
Қурбоққабача аз мор.
Барра аз гурги дайду,
Ва ғайраву ғайраҳу...
Лекин биё тамошо,
Бар музеи мо даро.
Ин ҷо пур аз ҳайвон аст,
Аз хурд то калон аст.
Гапи бобом ин ҷо нест,
Тарсу гурез асло нест.
Филу мушанд ошно,
Истода ҳарду як ҷо.
Мушак гаҳе пушти фил
Гирад ба хеш манзил.
Надорад фил аз ин ғам,
Хартумакаш бувад хам.
Пишаку саг баробар
Истода дар пушти дар.
Бошанд ҳар ду хурсанд,
Чашм аз мушак нагиранд,--
Аз мушаки пушти фил,
Ки кардаст он ҷо манзил.
Паланг рӯи санг аст,
Оҳу бари паланг аст.
Бе кину бе ҳаросанд,
Чун ҳамдами шиносанд.
Қурбоқа паҳлуи мор
Дорад аҷаб ифтихор,
Ки мор бо қасди бад
Чашмаш ба ӯ надӯзад,

Барра бувад бари гург,
Гӯёст хоҳари гург...
Дӯстӣ бошад ин ҷо,
Душманӣ нест асло.

ГУРГБАЧА

Як рӯз дар фасли баҳор
Рафтем сӯи кӯҳсор.
Аз дидани кӯҳу адир
Дилҳои мо шуд беқарор.

Биншаста гирди чашмае
Мо, ҷӯраҳо, хӯрдем об.
Асрорро сардори худ
Кардем он ҷо интихоб.

Розӣ намегардид агар,
Ҷое намерафтем мо.
Бар теппае кардем сар
Бо амри ӯ мо-ҷӯраҳо.

Чун назди ғоре омадем,
Дидем як гурги калон.
Чун ҳоюҳуи мо шунид,
Бигрехт он аз тарси ҷон.

Аз пушти вай шуд ногаҳон,
Як бачааш берун зи ғор.
Гирдаш гирифтем он замон
Хурду калон, беихтиёр.

Оварда ӯро хона ман,
Кардам барояш ҷой соз.
Додам ба вай ҳар гаҳ ки хост,
Нав-нав хӯроки хуб соз.

Ҳатто ки шири одамаш
Оварда додам гоҳ-гоҳ.
Шояд ки гуфтам, мешавад
Боақлу неку бовафо.

Мехӯрд вақте ки хӯрок,
Мехест ӯ аз ҷои худ.
Сонӣ ба атрофаш нигоҳ
Мекард ҳамчун дузд зуд.

Ҳам зӯр мезад беҳисоб
Он ваҳшии пурмакру фанд.
То хешро созад раҳо
Аз меху аз занҷирбанд.

Баъди ду-се рӯз он палид,
Дидам, ки як мурғам бихӯрд.
Ҷуз мурғакам вай инчунин
Як халтаи пурдӯғ бурд.

Аз баҳри мурғу баҳри дуғ
Модар маро ҷанҷол кард.
Он ваҳширо бо чӯб низ
Чанде зада беҳол кард.

Аз чашми модар гургро
Пинҳон ҳамекардам мудом.
Огаҳ зи ҳолаш мешудам,
Бар ман шавад то гург ром.

Ман мушт хӯрдам аз падар,
Чун барраеро хӯрд гург.
Гуфтам ба дил: кардам хато,
Бошад хатои ман бузург.

Рӯзи дигар гурги палид
Ногаҳ шуд аз бандаш хато.
Дар як замон шуд ӯ савор
Гӯсолаи навзодро.

Рафтори ӯро дида гав,
Баъаскунон сӯяш давид.
Ду шохи тези хешро
Бар шикамаш он сон халид,

К-андар даме баднафс гург
Гардид аз ҷонаш халос.
Дидӣ, чӣ шуд бар гурги шум,
Некӣ надошт он гаҳ ки пос.

БАРРАЧА

Шуд чоррӯза баррачаи ман,
Намонам онро бар дур рафтан.
Баррача мисли очаш сиёҳ аст,
Ду пои пешаш алобуло аст.
Якрӯза буд он, шуд роҳгардон,

Шуд роҳгардон, якрӯза буд он.
Ҳоло чу оҳу давад ба ҳар сӯ,
Давад ба ҳар сӯ ҳоло чу оҳу.
Парад зи ҷӯбор бо дав ба як бор,
Бо дав ба як бор парад зи ҷӯбор.
Дар пеши гулҳо гоҳо шавад ҷо,
Гоҳо шавад ҷо дар пеши гулҳо.
Намехӯрад бин гулро баррача,
Бӯ мекунад гул танҳо баррача.

АФСОНАИ МОШОН

Медонӣ ё не, ман тарҷумонам,
Мошон чӣ гӯяд, онро бидонам.
Бингар бари ман хоб аст Мошон,
Афсона гӯяд бо лафзи худ он.
Афсонаи он аҷаб ширин аст,
Мазмунаш айнан гӯӣ чунин аст:
--Дар хона бошад чолоку доно
Барнои шӯху Барнои зебо.
Мошони худро ӯ дӯст дорад,
Мошон чӣ хоҳад, пешаш гузорад.
То ки ҳамеша он сер бошад,
Гар сер бошад, чун шер бошад.
Метарсанд аз он бисёр мушон,
Н-оянд дигар бар рӯи долон.
Домони зоча дигар нахоянд,
Дар чанги Мошон дигар напоянд...
Баргуфт шод ин Барнои хандон,
Бибурд хобаш паҳлуи Мошон.

МАРҶОНАК

Марҷонаки ман, эй ҷонаки ман,
Эй ҷонаки ман, марҷонаки ман.
Аз гардани ман байни алафҳо,
Байни алафҳо, накарда парво,
Чаро фитодӣ, куҷо фитодӣ?
Куҷо фитодӣ, чаро фитодӣ?
Бахши ту, марҷон, гирёнам, гирён,
Гирёнам, гирён бахши ту, марҷон.
Намекунам хап, намезанам гап,
Намезанам гап, намекунам хап.
Аз модари ҷон будӣ ту, марҷон,
Будӣ ту марҷон, аз модари ҷон.

ТИРУКАМОН

Борид борони маҳин,
Покиза шуд чанги замин.
Ҳар сабза рӯяшро бишуст,
Гесӯи худ карда дуруст.
Борон даме гардид кам
Дар пуштаю болои хам,
Атроф шуд хушманзара,
Чун даштҳои Данғара.
Дар ҷилва шуд тирукамон
Байни замину осмон.
Тирукамони ранг-ранг,
Партавфикан бар хоку санг.
Дар пеши рӯ ояд аз он
Байроқи мулки тоҷикон.

ҲУЛБӢЙ ДОРУ БУДААСТ

Модаркалонам шуд касал,
Овардамаш ширу асал.
Гуфто: надорам иштиҳо,
Шуд иштиҳо аз ман ҷудо.
Дар коми ман шаҳду шакар
Аз буғма бошад талхтар.
Дил мезанад, дарди сарам,
Аз дина дида бадтарам...
Рафтам канори ҷӯ бадав,
Чидам каме ҳулбӯ бадав.
Гардоб кардам баҳри ӯ,
Пешаш нишастам рӯ ба рӯ.
Чун хӯрд ӯ гардоби ман,
Гардоб не, қандоби ман.
Шорид аз рӯяш арақ,
Чун об гӯӣ аз табақ.
Чашмони худ бикшод боз,
Дар ҷумбуҷӯл афтод боз.
Гардоб некӯ будааст,
Ҳулбӯй дору будааст.

Э МОЙНӢ—МОЙНӢ

Бар пешвози фасли баҳорон
Қоқуст кайҳо кокулпарешон.
Болои теппа рафтам ба шодӣ,
Аз теппа тобад хушрӯй водӣ.
Чинам ба модар аз ҳар сӯ қоқу,
Қоқуи тоза—қоқуи наврӯ,
Як халта пур шуд бо бозӣ-бозӣ,
Модар шуд аз ман хурсанду розӣ.

Қоқуи аввал бо шавқи бисёр
Бихӯрд модар, баргуфт такрор:
«Эй мойнӣ-мойнӣ, эй мойнӣ-мойнӣ,
То соли дигар моро расонӣ!».

ЭКСКАВАТОР

Тағоям Қурбон аз рӯи паймон
Аз рӯи паймон тағоям Қурбон.
Овардам аз кор экскаватор,
Экскаватор овардам аз кор.
Тағои ҷонам овозадор аст,
Ҳар ҷо ба кораш авҷу барор аст.
Гуфтам, ки чун ӯ раҳсоз гардам,
Бо роҳсозон дамсоз гардам.
Бо зӯри чанги экскаватор
Кунам ба ҳар «ЗИЛ» сангу шағал бор.
Экскаватор аммо чунин буд,
Яъне ки онро майда кабин буд.
Нағунҷидам ман андар кабинаш,
Кардам агарчи чанде кашокаш.

ТУНДАР

Овози тундар гардид боло,
Борид борон дар кӯҳу саҳро.
Пас аз замоне истод борон,
Тирукамон шуд рангин намоён.
Чағорачинӣ равон шудам ман,
Равон ба кӯҳи калон шудам ман.
Дидам дар он ҷо чағора бисёр,
Дар тагу тори ҳар бора бисёр.
Ҳар як ба паҳнӣ мисли рафида,

Рӯҳо чу нони ҷавӣ кафида.
Мондам зи шодӣ ҳайрону хомӯш,
Чидам ва ё не, кардам фаромӯш.
Ҳар гаҳ ки тундар садо барорад,
Абри баҳорӣ борон биборад.
Чағора рӯяд дар кӯҳсорон,
Чағорачинӣ равам ғазалхон.

ГУФТОРИ АЛИФБО

А

«Ало!Ало!» гуфтам ман,
«Ако, биё» гуфтам ман.
«Акнун машав як дамак
Аз мо ҷудо» гуфтам ман.

Б

Базми алифбо дорем,
Байту ғазалҳо дорем.
Бибии мо, нигар ту
Баҳои аъло дорем.

В

Ватани мост обод,
Ватани мост озод.
Ватан гӯему хонем,
Ватан зи мо шавад шод.

Г

Гул чинам аз лолазор,
Гулҳои фасли баҳор.
Гулдон кунам пур аз гул,
Гулро манам парастор.

Д

Дарсам чу кардам тайёр,

Дар хона мекунам кор,
Дасти модар бигирам
Дар кори хона бисёр.

Е

Ефим равад ба саҳро,
Ему хошок аст он ҷо.
Ефим орад ба говон
Ему хошоки худро.

Ё

Ёрӣ диҳем падарро,
Ёрӣ диҳем модарро.
Ёриро дӯст дорем,
Ёрии якдигарро.

Ж

Жӯлидамӯст Адолат,
Журнали «Чашма» орад,
Журналаки аҷоиб,
Журнали хушҳикоят.

З

Забон донӣ ҳар қадар,
Забондонист–ин ҳунар.
Зарур бувад, ки донӣ
Забони модар-падар.

И

Ид омадаст имрӯз,
Иди басо дилафрӯз.
Идест тозаву тар,
Иде ба мисли Наврӯз.

Ӣ

Ӣ ҳарфи тоҷдор аст,
Бо тоҷ номдор аст.

Танҳо ҷояш дар охир–
Донистанат даркор аст.

Й

Йигит бувад бағайрат,
Йигит басо бақудрат.
Йигит спортсмен аст,
Йигит бошад саломат.

К

Китоб аз ҳар чӣ хуб аст,
Ки он ба мо маҳбуб аст.
Касе нахонад китоб,
Кори ӯ номатлуб аст.

Л

Лола ба саҳро бувад,
Лаъл ба дарё бувад.
Лӯълуи болои хон
Лаълии ҳалво бувад.

М

Модари ман меҳрубон,
Модари ман ҷисму ҷон.
Ман ҳам кунам ба модар
Меҳрубонӣ ҳар замон.

Н

Нон аст роҳати мо,
Нон аст қуввати мо.
Нон аст ҷони одам,
Нон аст давлати мо.

О

Оби равон Вахши мо,
Оби самарабахши мо.
Олами нуру сафо,

Олами нашъунамо.

П

Пагаҳ хезам ман аз хоб,
Пагаҳ равам лаби об.
Покиза мешӯям рӯ
Пеш аз тулӯи офтоб.

Р

Рафидача ба дастам,
Рафтам, ду кулча бастам.
Рӯбам то рӯи ҳавлӣ,
Рухсат гирифта, ҷастам.

С

Соли нав ҳам наздик аст,
Соаташ дар тик-тик аст.
Саломи Барфи-бобо
Силсилаи табрик аст.

Т

Тирамоҳ омад писанд,
То самаре дода чанд.
Тоннаҳои пахта боз
То ба само шуд баланд.

У

Урдӯи навҷавонем,
Уммеди рафтагонем.
Умре Ватанпарастем,
Устуни он ба ҷонем.

Ф

Фӯта бандам дар миён,
Фақат равам ба майдон,
Файзи замин зи корам
Фардо шавад фаровон.

Х

Хаёли ман дар ба дар,
Хобам наояд сарҳар,
Хоҳишам андар олам
Хубӣ бувад, бародар.

Ч

Чеварӣ бошад ҳунар,
Чеварам акнун, нигар.
Чобукаму зикадӯз,
Чакан дӯзам чу модар.

Ш

Шаҳри калон шаҳри мо,
Шаҳри ҷавон шаҳри мо.
Шаҳри пур аз тароват,--
Шӯълафишон шаҳри мо.

Ъ

Садои саъва ширин,
Садои саъва маҳин.
Бо пару боли ранга
Саъва бувад нозанин.

Э

Эълони нав чунин шуд,
Эълони нозанин шуд.
Элчӣ ба зовуди орд
Элаки мо таъин шуд.

Ю

Юған гиёҳи кӯҳист,
Юған чӣ бошукӯҳест.
Юған давою дору,
Юнучқа пеши он чист?

Я

Як рӯзи гарми баҳор
Ях шуд оби кӯҳсор,
Як дара шуд пур зи сел,
Як замон гашт он бухор.

Ғ

Ғулбаяки думдароз,
Ғулбаяки фитнабоз,
Ғайри қурутдуздиҳош
Ғайбат кунад зоғу қоз.

Қ

Қимати нон бебаҳост,
Қадраш афзун аз тилост.
Қадри нонро донистан
Қарзи туву қарзи мост.

Ҳ

Ҳавлимон боғи аҷиб,
Ҳавзи пуробаш базеб.
Ҳар касе меҳмон шавад,
Ҳадя кунам ноку себ.

Ӯ

Ӯлмасои кулчарӯ
Ӯсма кашид ба абрӯ.
Ӯсмаи ӯ ранги сабз,
Ӯсма чӣ лозим ба ӯ?

Ҷ

Ҷумла калон мешавем,
Ҷӯи дамон мешавем.
Ҷорӣ ба ҳар сӯ шуда,
Ҷони ҷаҳон мешавем.

ЧИСТОНҲО

Мераваду меояд
Дур аз ҷояш нагашта,
Бар ҳар кӣ раҳ кушояд,
То ки шавад гузашта.

(дар)

Пайи сияҳ гузорад
Дар дашти сап-сафеде.
З-анбори дил бикорад
Дурдонаи умеде.

(қалам)

Бад гӯӣ ё ки некӯ,
Тоқат кунад ба ҳар ду.

(қоғаз)

Сиркаи зард дорам,
Коҳе ба вай наорам.
Баобутоб бошад,
Хӯрокаш об бошад.

(каду)

Пояш ба об маҳкам,
Боло сараш зи бом аст.
Чашми сиёҳ дорад,
Гӯед ӯро чӣ ном аст?

(токи ангур)

Дидам балое нохост,
Худаш качу равад рост.

(шутур)

Як хонаест зебо
Дар хонаи нави мо.
Сармо зи тарси гармо
Кардаст дар дилаш ҷо.

(яхдон)

Дар пеши зӯри сармо
Ях бандад оби дарё.
Лекин набандад он ях
Аз зӯри сардӣ асло.

(равғани зағир)

Баҳрест каб-кабуде,
Дар дашти беҳудуде.
Аз он гузар кунӣ гар,
Поят намешавад тар.

(зағирзори гулкарда)

Сард шавад ба гармо,
Гарм шавад ба сармо.

(чашма)

Тарбузе дорам ало,
Ки нашканад ҳеҷ гоҳ.
Ё бизанияш ба по,
Ё ки фитад аз ҳаво.

(тӯб)

Холаи зарринқабо,
Табиби аълои мо.

(асал)

Тавлид аз зоғи сиёҳ
Шуд гови зарду ало.

(ангишту оташ)

Санги сурхе ба дастам,
Ана, онро шикастам.
Аз гиряҳояш акнун
Шуд косае пур аз хун.

(анор)

Кӯзачае нозанин,
Худаш рӯяд аз замин.

(обкаду)

Чодаре дорам сафед,
Доғе дар он набинед.
Бошад аҷоиб калон,
Ки пӯшад рӯи ҷаҳон.
(барф)

Шавад дар дай ба мо меҳмон
Яке марди сияҳандом.
Худаш дар хона гирад ҷо,
Сараш монад бурун аз бом.
(бухорӣ)

Дил нест, аммо мисли дил
Якзайл тик-тик дорад он.
Умре, ки аз мо меравад,
Бо тик-тикаш бишморад он.
(соат)

Ҷӯраҷонам борбардори ман аст,
Дар сафарҳо доимо ёри ман аст.
Бори ман бардошта шодам кунад,
Ғофилам, ки ӯ худаш бори ман аст.
(ҷомадон)

АЗ МАҶМӮАИ
«ГУЛБОҒ»

Душанбе,
«Адиб»
1990

ШЕЪРИ ДОРУХӮРДА

Бар маъракае хонда шудам меҳмонӣ,
Гуфтанд ба тӯйи мо бикун султонӣ.
То шеър шавад фурӯғи иззатдонӣ,
Ҳофиз ба ҳавои он кунад хушхонӣ.

Хӯрдан ҳама ҷо бувад дар ин ободӣ,
Бе шаҳди сухан намешавад дилшодӣ,
Бигзор, ба мо сухан кунад устодӣ,
То нест шавад зи фаҳми мо вайронӣ.

Ҳофиз ғазале зи моли Ҳофиз мехонд,
Бо авҷи наво маънии он мефаҳмонд,
Оташ ба дили дилшудагон меафшонд,
Рафтем аз ин ба кишвари ҳайронӣ.

Доданд яке ба соқии базм савол:
Аз чист надид назми бигзашта завол?
Ҳоло набувад шеър ба ин тарз ҳалол,
Айби ҳунар аст ё ки аз камдонӣ?

Бо ҳазл касе зи ҷой гардонд ҷавоб:
Бар шӯҳрати абёти куҳан нест ҳисоб,
Худ шеъри навин, ки беш ланҷ асту хароб,
Монандаи ранг хӯрда заҳр арзонӣ.

КАСЕРО ДӮСТ МЕДОРАД ДИЛИ МАН

Чу Зӯҳра дур рафтаст аз барам хоб,
Ба печутоб бошам мисли симоб,
Зи равзан бингарам гоҳо ба маҳтоб,
Хаёле мекунад акнун маро об,

Бароям танг бошад манзили ман,--
Касеро дӯст медорад дили ман.

Кунам гар рӯи дафтар сатре иншо,
Ту гӯӣ аз сари килкам ҳамоно.
Шароре мешавад, эй дӯст, пайдо,
Ки сӯзад коғаз аз ин сатр дар ҷо.
Бароям танг бошад манзили ман,--
Касеро дӯст медорад дили ман.

Зимистон асту олам барфпӯш аст,
Зи сармо балки дарё ҳам хамӯш аст.
Вале дар синаи ман дил ба ҷӯш аст,
Танам дар сӯзу завқам дар хурӯш аст,
Бароям танг бошад манзили ман,--
Касеро дӯст медорад дили ман.

Касе ошиқ бувад, манро шиносад,
Дили озурдаам гоҳе навозад,
Вале аз чист н-ояд дилбари ман,
Магар аз оташи ман меҳаросад?!
Бароям танг бошад манзили ман,--
Касеро дӯст медорад дили ман.

с. 1972

ТАСАЛЛО

Дар оина акси ман дигар тофт, дигар,
Касро накунад дигаршавӣ ҳеҷ хабар.
Мӯ дар сари ман сафеду рӯям лоғар,
Монандаи нақши чумча бар рӯи фатир.
Ожанг ба пешонаи ман гашта қатор.

Чун дидаи сунъӣ хурд як дидаи ман,
Гулҳои сияҳ дар бари рӯ карда ватан,
Якнеша ба сӯи рост гардида даҳан,
Хандон нашавад лабам, ки беханда набуд,
Рангам шуда зард дар назар чун гули хор.

Дидам чу худам, дард яке рафт зи ёд,
Осор аз ӯ монд ба ман гарчи зиёд.
Аз хастагии дилам накардам фарёд,
Оинагарон сохтаанд оина кач,--
Гуфтам ба худу зи ҷой рафтам ба канор.

КАЛИД

Калиди хонаам гум шуд зи дастам,
Илоҷи даркушоӣ рафт барбод.
Шудам дар ҷустуҷӯяш дил пур аз ғам,
Касе бар ман надод он рӯз имдод.

Ба гирдам маслиҳатгар шуд зиёда,
Сарам з-ин хонаи занбӯр гардид.
Яке гуфто намондияш кушода?
Ба ҳолам ханда карда дур гардид.

Яке мегуфт дар бояд, ки бишкаст,
Кӣ мехоҳад дараш бишкаста бошад?
Дигар гуфто, ки доим боядаш баст,
Чӣ лозим он даре, ки баста бошад?

Намудам чанд рӯзе сабру тоқат,
Калиди нав бифармуда ба усто.

Гумонам, ки калиди бахту қисмат
Зи дасти хеш гум кардам ба дунё.

Ҳама қуфли дару дарвозаи даҳр
Ба худ доранд мифтоҳи муносиб.
Калиди дил вале дар даҳри пуршаҳр
Кӣ дидасту кӣ гардидаст соҳиб?

Сухан бошад калиди хуби дилҳо,
Муяссар нест он лекин ба ҳар кас.
Варо ман мебарам бо хеш ҳамроҳ,
Барои туст, бингар, дастнорас.

ЛӮЛАЧӮБ

Зарур омад харидам лӯлачӯбе ман,
Фурӯшанда варо як куба бишморид.
Ба ҳукми арра биспурдам варо ҳатман,
Чунон ҳам тахта дод он, ки маро форид.

Ба мошин ҷо нашуд балки зи бисёрӣ,
Ҳисоби куба гум гашт аз миён дигар.
Муҳайё шуд ҳама чӯби бинокорӣ,
Аз он як лӯлачӯби аз ҳама беҳтар.

Ба боми хонаам дастак шуду рав ҳам,
Қатори вассаҳояшро намегӯям.
Сутун ҳам дод бар он шинаму маҳкам,
Дигар ман ҳеҷ ҷояшро намегӯям.

Нишастам тори бомам лаҳзае хомӯш,
Хаёлам рафт аз ман сайри оламҳо.

Намеғунҷид дил дар синаам аз ҷӯш,
Ки корам гашт аз як лӯлачӯб иҷро.

Ба ёдам шеъри Бозор омад ин муддат,
Ки он ҳам ростӣ, чун лӯлачӯб астӣ.
Агар яктои он бо арраи рағбат
Намоӣ майда, мебинӣ, чӣ хуб астӣ:

Китоб андар китоби шеър мегардад,
Ба сатри дигаре ҳоҷат наемонад.
Ҳама бар дидаат тасвир мегардад,
Дигар дар дил туро ҳасрат наемонад.

НИҲОЛ ВА ОФТОБ

Ба Боқӣ Раҳимзода

Андар лаби раҳ ниҳолаке раст,
Бар зиндагӣ меҳр мисли мо баст.
Болида ба сози бод гуфто:
«Дорам ба дилам мурод, к-ин ҷо
Гулрез шуда чу нур рахшам,
Рӯзе шаваду самар бубахшам.
То раҳгузарон тагам нишинанд,
Аз меваи шохи ман бичинанд.
Аз лаззати он шаванд хушҳол,
Оранд маро ба ёд ҳар сол...»
Дар вақти гули ниҳол лекин
Сармо шуда як-ду рӯз хашмин.
Борони зиёду барф борид,
Сардӣ ба ниҳол кард таҳдид.
Сархам таҳи бори барф шуд он,
К-аз дида бигӯӣ гашт пинҳон.

Он лаҳза, ки барф бори он буд,
Бечорагӣ рӯзгори он буд.
Шаб омада, гар аёс мешуд,
Ӯ аз гули худ халос мешуд.
Армони дилаш бирафта барбод,
То соли дигар самар намедод.
Ногаҳ зи қафои абри гардун
Сӯзонда саҳоб гӯӣ аз бун,
Омад бадар офтоби дилчӯ,
Бар толеи он ниҳоли худрӯ.
Барф аз тану шохи ӯ фурӯ рехт,
Сармо зи бараш тамом бигрехт.
Гулҳош ба ханда лаб кушуданд,
Ғам аз дили ӯ ҳама зудуданд.
Аз нав чу арӯс қомат афрохт,
Бо ҳусни баҳор худ бипардохт.
Наззора ба сӯи меҳр бастӣ,
Озод нумӯ бидида, растӣ.
Чун меваи аввалаш чашиданд,
Бар қадру баҳои ӯ расиданд,
З-он рӯз ниҳоли руста худрӯ
Шод аст аз офтоби дилчӯ.
Ҳар гаҳ ки гули самар кушояд,
Хуршед ба пеши рӯш ояд.

с. 1970

ОДИНА

1

Аз шӯрчашма хӯрд об
Аз тасфи нури офтоб.

Бо пои урён шуд равон
Бар сояи тути калон.

Аз рӯи сабза чид тут,
Бинмуд қути лоямут.

Аз шохаҳои ҳар дарахт
Бишнид чун оҳанги бахт.

Хушхонии паррандагон,
Тарзе, ки мефорад ба ҷон.

Бишнидаю ҳайрон шуда,
Аз хештан пурсон шуда:

Ин мурғаконро роз чист?
Маънии ин овоз чист?

Овози худ тамҳид кард,
Бар созашон тақлид кард.

Лекин нашуд овози ӯ,
Лаббозии носози ӯ.

Бишнид оби чашмаяк
Дар хеш дорад нағмаяк.

Аз қалби шах берун шуда,
Чун оби ях берун шуда.

Ҷон меканад гӯё ки он,
Бо ҷонканӣ бошад равон.

Гаҳ тору гаҳ дар зери санг
Оҳанг дорад ранг-ранг.

Бо ин раҳи мушкилгузар
Бар дуриҳо дорад сафар.

Шуд аз пайи он роҳпӯ
Як рӯз то бегоҳ ӯ.

Роҳи дарозе тай намуд,
З-анҷоми кор огаҳ бишуд.

Дид оби чашма з-ин азоб,
З-ин ҷӯшу ҷаҳди беҳисоб

Худро ба маҷрое занад,
Бар мавҷи дарёе занад.

Аз ин хаёлаш дур рафт,
То Панҷи пур аз шӯр рафт.

Чун шӯрчашма гуфт кош,
Бошад ба ҳар одам талош.

Ҷӯшида раҳ ҷӯяд ба пеш,
Бар каф гирифта ҷони хеш.

Дар банди фикри нав шуда,
Бар чашмаяк пайрав шуда.

Аз хониши паррандаҳо
Шавқаш шуда беинтиҳо.

Пинҳонӣ аз чашми падар,
Бетарс аз хашми падар.

Бар думбра ӯ бурд даст,
Дар гӯшае хилват нишаст.

Нохун бизад бар тори он,
Ғофил зи гирудори он.

Як тор чуртид аз харак,
Такрор чуртид аз харак.

Ҷунбонд дар ҷояш харак,
Афтонд дар ҷояш харак.

Зад рӯи рӯгаҳ бошикам,
Ду тор шуд якбора хам.

Гӯшак зи боло тоб хӯрд,
Зӣ тоб чун гирдоб хӯрд.

Чун сим торе ғун шуда,
Аз булбулак берун шуда.

Дигар набуд осон варо
Додан ба ҷои хеш ҷо.

Аз кори худ ӯ шуд малол,
Рӯ тираву лабҳо кашол.

Тарси падар пахшаш намуд,
Ҷои дигар бигрехт зуд.

Шуд дар паси тути калон
Аз гӯштобияш ниҳон.

Бар самъаш аз ҳар шохсор
Омад навои мусиқор,---

Савту суруди мурғакон,
Форам ба дил, роҳат ба ҷон.

Шавқаш ба он печида сахт,
Шуд дидае бар ҳар дарахт.

Аз чаҳ-чаҳа шуд дар сурур,
Тарс аз хаёлаш рафт дур.

Аз кардааш ёде накард,
Бар дил валекин дошт дард.

Дарди навои ширадор,
Шояд ки бошад мусиқор.

Мусиқие,

ки чун суруд
Дилро кашад бар сӯи худ.

2

Падар омад ба хона пешин аз кор,
Зи кору кашмакаш гардида абгор.
Ба дасташ думбра бигрифтанӣ шуд,
Суруде нарм-нармак гуфтанӣ шуд.
Барорад то даме абгории ҷон,
Биёбад аз сари нав зӯру дармон.
Валекин дид гӯшак ҳаст бетор,
Харак хоб аст якпахлу чу бемор,
Ду нӯги булбулак аз ҳам гусаста,
Парешон гаштаю бошад набаста.
Хулоса, розидилгӯ ҳаст вайрон,
Набошад ҳоҷати ҷунбондани он.
Дар аввал ростӣ, ки дар ғазаб шуд,
Сипас банди хаёлу дар аҷаб шуд,
Ки шояд кардааст ин кор бачча,
Гаҳе дорад чунин рафтор бачча.
Ба худ гуфто: «Набояд ҷанг кардан,
Дили ӯро малолу танг кардан».
Дутори хеш пас бар ӯ бубахшид,
Ба чашми бачча нури тоза рахшид.
Ба дасти чап писар нохун зад онро,
Садо бархест з-он ноҷӯру ноҷо.
Падар хандиду гуфто ист, ҷонам,
Ба ту фаҳмонам онро, ки бидонам.
Ба дасти рост бинмо машқ пеша,
Ба дасти чап наяндозанд теша,
Касе, ки ростиро пеша дорад,
Зи каҷрафторҳо андеша дорад,

Дарахт ар кач равад, умре надорад,
Табар аз бех онро мефарорад.
Ба дасти рост нохун зан, тавонӣ,
Чу хоҳӣ ростиро, дарнамонӣ.
Писанд омад ба фарзанд ин насиҳат,
Падарро гӯш кардан гашташ одат.
Сабақдеҳ шуд падар, ӯ шуд сабақгир,
Мурид ӯ гашту бар ӯ шуд падар пир.
Ба кас осон набошад гаштан устоз,
Хусусан бар писар, ки ҳаст пурноз.
Падар бар баччаи худ раҳнамо шуд,
Писар бар гуфтаи ӯ роҳпо шуд.

3

Писарро пас аз гуфтугӯи падар
Ҳавасҳо дигар шуд, амалҳо дигар.

Ба болиш сараш буду хобаш ниҳон,
Хаёлаш чу оби таги ях равон.

Ба базме паёпай бигардад шарик,
Ба базме, ки бошад бамаънию нек.

Қатори падар худ навозад дутор,
Бадар з-он биёрад навои ҳазор.

Ҳамовоз гардад ба ӯ гоҳ-гоҳ,
Зи шарме кунад пеши пояш нигоҳ.

Ба ғиҷҷак фиғони дил орад бадар,
Кунад чок гӯӣ ба симаш ҷигар.

Ба ҷуз фикри санъат надорад хаёл,
Аз ин раҳ барияш, бимонад малол.

Падарро ба базму садояш шинохт,
Сабаб ин, ба ӯ дил дучандон бибохт.

Ба ӯ чун ҳунарҷӯ пару бол гашт,
Пару бол дарёфт боло гузашт.

Писар шуд калон ҳамчу як родмард,
Ҳунар баҳри мардум бас азбар бикард.

Падар дод ӯро дуо як саҳар:
«Бирас то тавонӣ ба қадри ҳунар.

Ҳунар бошадат ончунон ҷони пок,
Ки танҳо намонад бипӯсад ба хок.

Ба мардум бубахшо ҳама сӯзу соз,
Шабу рӯз хоҳад, магӯ ин дароз.

Агар гиря хоҳад, бисозаш саҳоб,
Агар ханда, созаш ба сӯз офтоб.

Нахоҳӣ барои агар аз қатор,
Ҳамеша ғами ӯ ғами худ шумор.

Ҳама касбу некӣ бувад з-они халқ,
Аз ин рӯ бибояд ба фармони халқ.

Тавонгар набошад ба ҷуз ӯ дигар,
Ҳунарвар бихонад ба худ тоҷвар.

Чунон тоҷвар, ки ба паҳлӯи ӯст,
Садои дили ӯю бахти накӯст.

Набошад агар обу меҳри саҳар,
Бихушкад ба рӯзе гули сабзу тар.

Ҳунар он гул асту ба бахташ мудом
Бувад халқ обу зиёи тамом».

4

Ин фотеҳаи пир буду панди падар ҳам,
Аз сӯхтани дил буду аз лахти ҷигар ҳам.

Одина аз ин шеваи дигар бигирифта,
Аз боғи ҳунар меваи дигар бигирифта.

Аз ғиҷҷаки ӯ нолаи ҷонсӯз бадар шуд,
Аз бонги «Фалак» гӯӣ фалак зеру забар шуд.

Расми падар аз як бари девор назар дошт,
Аз ҳоли дили баччаи танҳош хабар дошт.

Дастори ба сар будаи ӯ тозау покест,
Одина, ки мондаст, бар ӯ гӯй, чӣ бокест.

Бо роҳи накӯ бачча равад, давлати олист,
Афсӯс, ки бар зумрае ин азми хаёлист.

То хун накунӣ дил,

нарасад бачча ба мақсад,
Хун кардани дил нест дар ин роҳи накӯ бад.

Фарзанди ҳунарпеша падар зинда бидорад,
Бар номи падар ҳеҷ гаҳе доғ наорад.

Зеро ки ҳунар ин самари покпарастист,
Ангушти арӯс[16] аз амали токпарастист.

Бар касби падар Одина шуд пайрави пайванд,
Бахт аст, чу ӯ монад агар з-одамӣ фарзанд.

5

Ҷӯш зад, то саҳнаҳо шуд нағмахон
Булбули табъу ҳавасҳои ҷавон.

Табъро шавқу ҳавас оина сохт,
Бо талоше пурҳунар Одина сохт.

Буд саҳна қуллаи сар то саҳоб,
Болзан ҳофиз дар он мисли уқоб.

Ҳастии олам дар овозаш ба ҷӯш,
Дар шунудаш зодаи одам хамӯш.

Гар шавад аз кӯҳсорон барф об
Аз нигоҳи шӯълабори офтоб,

Аз суруди нағмаи пурмеҳру гарм
Дил даруни синаҳо мегашт нарм.

[16] Ангушти арӯс—номи як навъи ангур.

Санг будӣ ҳам,
мулоим мешуд он,
Ошиқи ин соз доим мешуд он.

Санъати дилбоз дар ӯ шуд падид,
Чашмаи эъҷоз дар ӯ шуд падид.

Ақлҳо банди хаёле мешуданд,
Дар кушоишҳои фоле мешуданд.

Лек мисли ӯ намеомад ба ёд
Ҳофизе дар рӯи дунёи кушод.

Ростӣ, ки нав чу афрӯзад шарар,
Хуби пешин хуш натобад дар назар.

Нав ба дилҳо зуд раҳёбӣ кунад,
Шоми бемаҳтоб маҳтобӣ кунад.

Бахшад он бар ҷон ҳаловат бештар,
Мебарад одам ба дунёи дигар.

Ончуноне ки уқоб аз кӯҳсор
Пар занад бар даштҳои файзбор.

Раҳ гирифт аз саҳнаҳо бо сози хеш
Сӯи дилҳо ӯ ба дуродур пеш.

Ошён бо соз бар дилҳо намуд,
Эҳтироме ҳар куҷо пайдо намуд.

Ошёне, ки баланд аз ҳама,
Эҳтироме,
ки писанд аст аз ҳама.
6
Касе, к-ӯ аз ҳунар орист,
Ба чанголи дами хорист.

Ту гӯӣ дар ҳисобе нест,
Мисолаш дар китобе нест.

Тане бошад даруни пӯст,
На душман дораду не дӯст.

Ҳунар бар кас ба тан ҷон аст,
Чароғи бахти инсон аст.

Бувад ҳам дӯст,
ҳам душман,
Ба чашми ақл ин—равшан.

Ҳунарвар зодаи азм аст,
Ба тораш нағмаи разм аст.

Ба ӯ ҳар кас,
ки бошад дӯст,
Ҳамеша интизори ӯст.

Касе,
ки душманаш бошад,
Пайи афтоданаш бошад.—

Ба садҳо фитнабозиҳо,
Ба тарзи дилнавозиҳо.

Ба ҳофиз борҳо ин шуд,
«Навозиш» низ таъмин шуд.

Вале тақдир шуд ҳомӣ,
Канораш бурд аз хомӣ.

Дарахти фитнаро хушконд,
Зи пешаш фитнабозон ронд.

Тасаллое ба ҳофиз дод,
Тавоноӣ ба ҳофиз дод.

Таманнояш дучандон кард,
Лабаш аз меҳр хандон кард.

Суруди олияш пардохт,
Миёни мардумаш андохт.

7

Хонаи тоҷик холӣ нест аз савту суруд,
Бо суруд орад ба пеши рӯи худ буду набуд.

Сабти овоз аст дар ҳар хона аз ҷӯши ҳавас,
Мерасад дилҷӯю форам дам ба дам бар гӯши кас.

Мон, ҳамегӯянд мардум, хониши Одинаро,
Ҳар кӣ хоҳад дидани худ, бингарад оинаро.

Тоҷик аст он, ки парастад ҳофизи бефанди мо,
Ҷӯш бахшад бо садояш ӯ дили хурсанди мо.

Аз ниёгон панд мехонад ба насли навҷавон,
Кайфи он дар ёдҳо монад ба некӣ ҷовидон.

Тӯйҳоро базми ӯ савғо кунад маънои нав,
Пеши чашми наварӯсон во кунад дунёи нав.

Духтарон бар тӯйи худ доранд хандонрӯ шитоб,
То шаванд аз базми ӯ дар тӯйҳошон баҳраёб.

Рӯзи тӯй аз ваъдаи ҳофиз муайян мекунанд,
Бо суруди ӯ ту гӯй бахт равшан мекунанд.

Пирамарди ношиносе пешам омад як замон,
Илтиҷо бинмуд бар ман бо дили пурормон:

--Духтаре дорам, ки тӯяш мекунам даҳ рӯз пас,
Кардааст ӯ модарашро лек қатъӣ гӯшрас:

«Ҳофизи тӯям агар Одинаро н-орӣ, бидон,
Мекунам вайрон варо,
савганд хӯрдам ман ба нон.

Мекунам вайрону табдилаш ба мотам медиҳам,
Фикри шавҳар карданам аз ёд барҳам медиҳам».

Шоиро, бинмо мадад, бар гап дарор Одинаро,
Эй, туро аз баччаҳоят сер гардонад худо!..

Нағз донам,
ки гапи ту бар замин нагзорад ӯ,
Ҳеҷ касро нектар аз шоирон нашморад ӯ.

Бо дили пурсӯз бинмудам ризо Одинаро,
Ман дуои пир бигрифтам ба даври пурбало.

8

Санъатварон зиёданд,
Ҳатто ки устоданд.

Дар саҳнаҳо бароянд,
Бо сеҳр дил рабоянд.

Бар халқ ҳам писанданд,
Бошаъну сарбаланданд.

Одина бошад аммо
Дигар барои онҳо.

Овози ӯ шинос аст,
Эъҷози ӯ шинос аст.

Ҳоҷат наяст эълон
Номи варо ба унвон.

Ӯ кист? Худ аён аст,
Маҳбуби одамон аст.

Чун хонаду навозад,
Нодида ҳам шиносад.

Булбул кам аст маълум
Андар нигоҳи мардум.

Кам дидаанд онро,
Камёби хушзабонро.

Лекин чу месарояд,
Ёду ҳушат рабояд.

Гӯянд: булбул аст ин,
Дилдодаи гул аст ин.

Булбул куҷост, бинед,
Наздиктар нишинед.

Дидан вале натонӣ,
Ҳарчанд зеҳн монӣ.

Он тори шохсор аст,
Ё байни буттахор аст.

Ҳар ҷо,
ки ҷою гӯёст,
Ба лаҳни хеш бо мост.

Гарчӣ набинӣ онро,
Ноёби хушзабонро.

9

З-Одина каси шод кам асту хафа бисёр,
Вақте ки сари тӯй биёем ба гуфтор.
Даъват шуда якбора ба як вақт ба даҳ тӯй,

Яктош шуда Одинадору дигаре не.

Нӯҳ тӯйи дигар то ба саҳар поида роҳаш,
Бехоб нишастанду бикарданд нигоҳаш.
Хӯрданд ба ҷои палав афсӯс тӯ гӯӣ,
Номаш ба забон буду зи пайташ хабаре не.

Мегуфт яке соҳиби тӯй аз алами дил:
Одина ки нест,
аз даву аз тоз чӣ ҳосил?!
Шарманда ба пеши писару келинам имшаб,
Гӯӣ, ки писар дораму нанги падарӣ не.

Мегуфт дигар: мисли худоӣ шуда тӯям,
Ман дарду аламҳои диламро ба кӣ гӯям?!
Нон дораму нонам намаке гӯӣ надорад,
Дар даҳр чу ман пурғаму бадбахттаре не.

Бишнида чунин ҳасрати пурдард зи мардум,
Пире ба нидо гуфт шавад то хафагӣ гум:
Тӯй аст ба сад хонаву Одина худаш—як,
Кардан хафагӣ з-одати расми башарӣ не.

Як кас ба кӣ, гӯед, расад дар раҳи матлаб,
Як шамъ кунад равшанӣ
як хона ба як шаб.
Як себ ба як даст ба як киса гузоранд,
Инсоф намоед, қазову қадаре не.

Мардум шуда дигар,
чу гапи рост шунида,
Ором шуданд, Одинаро гарчи надида.
Домоду арӯсанд ба шаб ҳамчу ситора,
Лекин қамари базму тараб ҷилвагаре не.

10

Рӯям аз дурии ту ранги гули хоре гирифт,
Нолаи дил дар бадан оҳанги сеторе гирифт.
Аз сабо омад хабар, ки гирди ту печондаанд,
Дил ба ҷустуҷӯи ту раҳ сӯи бозоре гирифт.
Бӯй кардам ҳар гулеву зеҳн мондам ҳар тараф,
Чун ту бо бӯяш раҳам дӯкони аттор гирифт.
Зораҳои ман магар аз ёду гӯшат рафтаанд,
Ё ки бар домаш туро бо фанд маккоре гирифт.
Нест дар дунё ба монандам дигар ҳасратзада,
Ҳасрати ман пеша аз дунболам озоре гирифт.
Сӯзи ҷон, гуфтам, кунам бо килк дар коғаз баён,
Дашти дафтарро зи рафтуош шудгоре гирифт.
Донаҳои ҳарфи ман як рӯз сарсабзӣ кунанд,
Дар хаёлам, ки ниҳоле дораму боре гирифт.
Безиёнтар нест дар олам зи шоирҳо дигар,
Гашт расво, ҳар касе бар шоирон коре гирифт.
Тарсам аз рӯзе, ки андар базми мо Одина нест,
Дар ҷигар гӯё ки манро ҷо аз ин море гирифт

июни 1989

СУРУДИ ОДИНА

Метавонад роҳи нури меҳрро бандад саҳоб,
Банд созад об бо тӯфон гузаргоҳи калон,
Лек зӯре нест роҳам бастаю орад азоб,--
Пеши парвози маро гирад ба кӯи одамон.

Боли ман нозук чу барги гул, вале нашкастанист.
Шӯълаҳо дорад ба худ, равшан кунад роҳи сафар.
Мебароям чун ба раҳ, дар ман набошад тарси ист,
Бигзарам аз ҳар куҷо монанди мавҷи пуршарар.

Деҳаи Нимидара дод олами равшан маро,
Нағмаи тифлонаам аввал аз он омад ба гӯш,
Нест аз пеши назар пинҳон канораш ҳеҷ гоҳ,
Ки чӣ сон аз чашмааш мекардам оби сард нӯш.

Чашмаи ҷӯшандааш ҷӯшида андар регзор,
Роҳ мепӯид гоҳе ноаёну гаҳ аён.
Хуб фаҳмидам, ки он монанди тифли каммадор
Меравад бо ранҷу заҳмат сӯи дарёи дамон.

Мезанам фаввора умре аз дили эҳсосбор,
Аз диле, ки оламе дар хештан ҷо додааст.
Аз диле, ки Шарқро кардаст ӯ гаштугузор,
Ончунон ки гӯӣ андар сайр Турсунзодааст.

Устухонбишкаста гар ҷӯяд ба дардаш мӯмиё,
Мардуми озурдадил муштоқу ҷӯёи ман аст.
Ҳар дили озурдаро бо сеҳри худ бахшам даво,
Бар диле раҳ ёфтан маънои дунёи ман аст.

Мешавад, ки сангдил ҳам гашта гирён дар барам,
Неку бад орад ба ёду ашк резад бар замин.
Мешавад, ки чун зи пеши размҷӯён бигзарам,
Размашон пуршӯр гашта, фатҳашон ояд қарин.

Оварам ранҷида ёронро ба кӯи ҳамдигар,
Нест бинмоям ҳама ранҷи ҷудоӣ аз миён,
Бар дили каммеҳрдорон меҳр бахшам бештар,
Сайр бидҳам тифлаки уммедро гирди ҷаҳон.

Бар ватан гардонам онеро, ки рафтаст аз ватан,
Беватанро дардиҳам сӯзи ватан бар дил зиёд,
Пора дар ёди ватан бар ӯ кунам охир кафан,
Дар худаш гӯраш кунам чун кирми пилла умрбод.

Олами ҷавлони ман бикшода асту беканор,
Хастагӣ дар худ надидам з-ибтидо то интиҳо.
Ҳар куҷо гаштам, бибурдам бо худам бӯи баҳор,
Шуд сари ҳар як қадам як ошно сад ошно.

Мулки исёнии афғон ҳар гаҳе меҳмон шудам,
Рӯи афғон мисли гул бишкуфт аз афғони ман.
Меҳмон дар хонадони Файзи Покистон шудам,
Ёфт бо ман ҷой он ҷо гӯӣ кӯҳистони ман.

Бо навои дилнишин бар дӯстон бурдам паём,
Ҳар куҷо бахту саодатро бигуфтам ман сано.
Роҳи ман, парвози ман бар дурҳо дорад давом,
Кишвари некӯи ман бошад маро пушту паноҳ.

Сарватам ман, сарвати худрӯй дар рӯи замин,
Сарвати аз нозукиҳо эҳтиёҷи ёҳтиёт.
Гул бирезад барг-барг афтода бар рӯи замин,
Гар набинад гармию обе ба вақташ дар ҳаёт.

октябри 1987

ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ чун тифл оғӯшам гирифт,
Ман дар оғӯшаш гирифтам тифлвор.
Сахт печониду хомӯшам гирифт,
Ман ҳам онро сахт бигрифтам канор.

Шаҳди бемонанд бошад зиндагӣ,
Сер аз вай кас нагардад ҳеҷ гоҳ.
Ҳай ба ҷон пайванд бошад зиндагӣ,
Кас намехоҳад шавад аз вай ҷудо.

Гоҳ хандон, гоҳ гирёнат кунад,
Гоҳ шодию гаҳе ғам оварад.
Ризқро гоҳе фаровонат кунад,
Гоҳ н-орад ҳеҷ ё кам оварад.

Бо ғаму бо шодии худ дилбар аст,
Аз қафояш меравӣ беихтиёр.
Ҳар замон дар ҳусну лаззат дигар аст,
Ҳар чӣ хоҳӣ, ӯ бувад парвардигор.

«Зиндагӣ» гӯён кунӣ эҷодҳо,
Аз барори кори худ шодон шуда.
Банд сози обҳою бодҳо,
Ончунон ки ақлҳо ҳайрон шуда.

Бар мазорон ҳам занӣ чангол ту,
Панҷаҳои оҳанин ороста.
Гӯш нанмоӣ ба сад ҷанҷол ту,
Зандагӣ,--мегӯӣ,--инро хоста.

Хешро доно шумурда бешумор,
Бехабар баҳри аҷал маъво кунӣ.
Дар ниҳодаш, ки бувад беш иқтидор,
Сӯи худ таҳдидгар пайдо кунӣ.

Баъди ин оӣ сари андешаҳо,
Лек бинӣ дер гардидаст кор.
Зиндагӣ худ дур партояд туро,
Ҷо наёбӣ балки ҳам андар мазор.

МУВАШШАҲ

Абрӯт, ки байти некфол аст,
Нози ту насими безавол аст.
Вақт аст, ки дил бубахшамат ман,
Аз ман ба ту ин ҳақи ҳалол аст.
Рафтан зи барат ғамест вазнин,
Будан ба канори ту хаёл аст.
Ин дам, ки гаҳе танам, гаҳе ҷон,
Як бор нигар, ки ин чӣ ҳол аст.
Тороҷ намудаӣ ту ҳушам,
Илҳоми маро аз ин камол аст.
Мардум ҳама дар талоши некист,
Он ки ба бадист, поймол аст.
Вомонда касест дар ғами мол,
Аз суд ҷудову дар вабол аст.

ДАР ТАМОШОГОҲ

Тамошогоҳ аз вай нур дорад,
Нигаҳ атрофро махмур дорад.
Рухаш дар ранг мисли абрсӯз аст,
Ду чашми кафшаки занбӯр дорад.

Ба саҳна рақси мавзун аст гардон,
Ҳама аз рақс мафтунанду ҳайрон.
Вале ин дилбари кам-кам назарбоз
Даруни синаи ман шӯр дорад.

Тамошояш
нигаҳро банд кардаст,
Дили ошуфтаро хурсанд кардаст.
Ки гӯӣ рӯи дашт астӣ сияҳгӯш,
Ба сӯяш майл кабк аз дур дорад.

Ҳамин кабку ҳамин гулро дуо гӯй,
Ба бахти ҳар дуяш боре худо гӯй,
Яке дил бар дигар дил ошно гӯй,
Ки дил бе ин тани ранҷур дорад.

ДУ ТӮЙ

Замони ҷангро ҳар кас, ки дидаст,
Гули бегиря то ҳоло начидаст.

Чу бошад ғунчаҳои навшукуфта,
Ба ёд орад ҳама мардони хуфта.

Шаҳидони ба дарду доғ рафта,
Чу барге дар хазон аз боғ рафта.

Ба ёди рафтагони он замона
Зи дида ашк резам дона-дона.

Ба майдони ғазаб чандин сипаҳ буд,
Ба ҳар сарбоз сад пушту панаҳ буд.

Миёни пуштаҳо буд меҳнати сахт,
Ки мешуд ризқи аскар аз ҷадал тахт.

Ба ин заҳмат мани наврас, ки будам,
Чӣ мегуфтанд, иҷро менамудам.

Ҳама баҳри фронт аст ин, ҳамегуфт,
Кадӯкорӣ кунӣ ё гӯшае ҷуфт.

Касе аз ҷаҳд орад ризқ бар даст,
Мадад гӯё ки ин ҳам бар фронт аст.

Кадӯкорӣ намудам ман ба ҳавлӣ,
Ки он бошад хӯрокие, ба қавле.

Кадухар он қадар ҳам шуд зиёда,
Ки нақду нася бурданд истифода.

Намерафт аз барам кас бенаво ҳеҷ,
Давоҷӯёни нафси бедаво ҳеҷ.

Биёмад як пагоҳӣ ношиносе,
Ҷавони дар нигоҳам хушлибосе.

Бигуфто: «Як каду бар ман фурӯшед,
Валекин нася, бар пулаш накӯшед.

Зи бас доништалаб бошам ман алҳол,
Бидида ранги рӯям, пурс аҳвол.

Насозам дур некият зи хотир,
Чу мактабро расонидам ба охир,

Маоши аввалин гирам ман аз кор,
Биёрам пули ту, ин рост, пиндор...»

--Чӣ лозим бар ту бошад қарздорӣ,
Даме дар кисаат пуле надорӣ?!

--Манам, гӯям агар ки марди зангир,
Кадуят мекушояд роҳи тақдир.

Туфайли он биҷӯшад деги тӯям,
Ҳама гап дар ҳамин, дигар чӣ гӯям?

Кадуе нася бинмудам ба зангир,
Ҳамон шаб бар рухаш хандид тақдир.

Гузашт аз байн моҳу соли бисёр,
Кадукорӣ накардам ман дигар бор.

Намондам ҷанг ояд пеши рӯям,
Ҷафо ҳар ранг ояд пеши рӯям...

Ба тӯе як замон даъват шудам ман,
«Кӣ бошад?»--гуфта дар ҳайрат шудам ман.

Чу рафтам, одами бисёр дидам,
Чӣ базме, базми нотакрор дидам.

Чу рӯи хирмане бикшода буд хон,
Ҳама нуқлу наво бинҳода бар он.

Ба чашми ақл дидам андар ин дам,
Ки гӯӣ буд балки ҷони одам.

Биёмад рӯ ба рӯям соҳиби тӯй,
Бигуфта қиссаи бигзаштаам ӯй.

«Манам он зангирифта бо кадуе,
Набошад ҳоҷате бар гуфтугӯе.

Нахустин баччаамро тӯй дорам,
Ба номи ӯ арӯсе мебиёрам.

Гувоҳи ҳар ду тӯйи мо шумоед,
Шумо ин шабнишиниро кушоед».

Надодам бар гапи худ болу пар ман,
Муборакбод кардам мухтасар ман.

Ду тӯйи дӯстро андоза кардам,
Кадуро бештар овоза кардам.

Хаёли одамон бурдам ба дурӣ,
Қафо гардондам аз он ҷо ба зӯрӣ.

Нигаҳ бар сӯи хону хона кардам,
Зи бахту даври худ шукрона кардам.

июни 1989

ХУДКУШ

Ман гӯшанишини кулбаи хеш,
Ҳамсӯҳбати дарди синаи реш.
Дар фикру хаёли рӯзи дар пеш,
К-аз он ба сарам чӣ боз ояд.

Майли нафасе ба хуфтанам не,
Ёрои ба кӯча рафтанам не.
Шавқи сухане шунуфтанам не,
Мегӯй ҳар он чӣ, гуфтанам гир.

Дур арчи зи ғорати заволам,
Аз кардаи хештан малолам,
Дар оташаму дами шамолам,
Донам, ки малоли ман надонанд.

Гар ғарқ шавам ба баҳри худсоз,
Бар он ки варост ном «эъҷоз»,
На даст барораму на овоз,
Монандаи Тутқавули кӯҳна.

Гоҳе барадам хаёл Роғун,
Бар сар зи фишор мезанад хун,
Ҷону тани ман шавад дигаргун,
Аз гиряи пири кӯчбаста...

Моҳӣ будамо ва ё ки шолӣ,
Мегашт дилам зи ғусса холӣ,
Афсӯс, ки ин бувад хаёле,
Охир чӣ кунам, ки одамам ман.

Мурдан зи азал будаст қонун,
Мурданд ҳазорҳо Фалотун,
Бо айби замину фанди гардун,
Гӯянд, мамоти бесабаб нест.

Санҷам ба хирад ҳаёти худро,
Донам сабаби мамоти худро,
Ман худ шиканам қаноти худро,
Хасме набувад маро ба ҷуз хеш.

Рӯзе гузарам, сабаб наҷӯед,
Дарду аламам ба кас нагӯед,
Кошона зи пушти ман бирӯбед,
Гӯед худаш бикушт худро.

ҲУРМАТИ ПАДАР

(Қисса)

Бигуфтам яке пир бар ҷои панд,
Ки шав з-ин ҳикоят ту ҳам судманд:
«Баҳорон буду гул ба саҳро ба рақс,
Насими фараҳбез ҳар ҷо ба рақс.
Зи шавқи баҳори гулафшону кор
Дилеро набудӣ даме ҳам қарор.
Гурӯҳе ба сайре ба рафтор банд,
Гурӯҳе чу булбул ба гуфтор банд.
Гурӯҳе нишаста ба рӯи чаман,--
Чи пиру чи барно, чи марду чи зан.
Яке гуфт: «Бояд шавад гӯштин
Дар ин рӯзи фасли басо нозанин».
Ба майдон баромад ду-се паҳлавон,
Зи колои мардӣ бубаста миён.

Якеаш далеру тавоно чу шер,
Якеаш зи шери хурӯшон далер.
Якеаш накардӣ касеро писанд,
Ки буд ӯ намоён ба зӯру ба фанд.
Яке зад дигарро чуноне ба пушт,
Ки гӯӣ ҳарифаш ба ин зарб кушт.
Ҳамон, ки ба майдон баромад далер,
Ҳамон, ки наафтад тамоман ба зер,
Ҳамон, ки ба даҳ кас бисанҷид зӯр,
Ҳамон, ки паси ҳам ба чанги ғаюр
Қапида ҳамезад ба рӯи замин,
Ҳама хонд ӯро ба ҷон офарин,
Қамар буд номаш, ба ёрон азиз,
Чу фасли бахорон ба деҳқон азиз.
Бигуфтанд: ин ҷо ба базми баҳор
Бувад паҳлавоне зи ҳар як диёр.
Кӣ бошад, ки гирад ба ин паҳлавон?
Кӣ бошад, ки зӯраш кунад имтиҳон?
Кӣ дорад талаб ин Қамарро дигар,
Ба майдон барояд ҳамон шери нар.
Ба ногаҳ баромад зи кунҷе хурӯш:
«Манам паҳлавони ҷасуру ба ҷӯш.
Надорам ҳаросу натарсам зи кас,
Ба майдон бароям зи зӯри ҳавас.
Сари мӯ надорам камӣ аз падар,
Падарро бибояд ҳамин сон писар...»
Ҷавоне будиданд болобаланд,
Ба майдон баромад басо худписанд.
Алӣ буд, яъне писар бар Қамар,
Баровард гӯё зи хотир падар.
Падар дид Алиро ба ин раъйи бад,

Тиҳӣ аз фаросат, канор аз хирад.
Ба дил гуфт: «Даври Қамар шуд магар,
Ки хезад писар худ ба дови падар?»
Наход ӯ бигирад гиребони ман?
Чӣ гӯяд аз ин пас маро марду зан?
Наход Аҳриман бошад ин ҷо ниҳон,
Ки орад чунин фитнаро дар миён?...
Фиғону ҳаёҳу аз ин шуд зиёд,
Ҳама пиру барно ба ҳайрат фитод.
Касе гуфт: «Алиё, зи раъят бигард,
Ки шармандагист ин ба кирдори мард.
Агар ӯ биранҷад, наёбӣ барор,
Ту зӯру ҷасурӣ агарчи ба кор...»
Валекин намекард Алиро асар
Гапе онҷуноне ба гунгу ба кар.
Шароб аз дарун Аҳриман шуд варо,
Ба кайфе ҳавои даҳан шуд варо.
Гумон кард машқест ин ҳам чунон,
Ки додаш падар ҳар саҳаргаҳ нишон.
Накард ӯ миёни умумро ҳисоб,
Зафар кард рӯи тааммул шитоб.
Ба майдон ба бозӣ ҳамегашт боз,
Ба ҳар сӯй карда ду дасташ дароз.
Падарро ба имо ҳамегуфт ӯй:
«Набард аст ин ҷо, биё рӯ ба рӯй...»
Қамарро фиғоне ба дил гашт ҷо,
Ғами бекароне ба дил гашт ҷо.
Чакид оби чашмаш зи ришаш қатор,
Набудӣ ба дунё чунин чашмдор,
Ки рӯзе Алияш—ҷигарбанди ӯ
Бидорад зи банди камарбанди ӯ.

Ки ҷайби падарро бигирад ба чанг,
Надонад чӣ бошад дар ин ҷой нанг.
Баромад ба майдон ба ҳоли ҳазин,
Нигоҳаш намешуд баланд аз замин.
Даме, ки писар шуд ба Рустам ба ҷанг,
Даме ҳоли Рустам ҳамегашт танг,
Ба Сӯҳроб будӣ падар ношинос,
Зи макри замони намакносипос.
Аҷаб, ки дар ин ҷо падар дид Алӣ,
Ба дил ӯ чӣ мегуфт, нашнид Алӣ.
Қанотак ба гирдаш ҳамезад зи ҳанг,[17]
Ба мисли хурӯсе, ки ояд ба ҷанг.
Наҷунбид агарчи зи ҷояш Қамар,
Намешуд Алӣ худ зи майдон бадар.
Паси ҳам падарро гиребон гирифт,
Худашро тавоно ба майдон гирифт.
Зи кори писар шуд падар дар аҷаб,
Хурӯшид ногаҳ ба амри ғазаб.
Баровард чангаш чу чанги уқоб,
Ду дасти Алиро яке дод тоб.
Бигуфто: «Ту гирӣ гиребони ман,
Бупечида сар зи фармони ман?
Бигир аз ман акнун ту музди амал,
Ки мислаш наёбӣ ба нақду масал.
Ки ҳасрат намонад ба ҷонат аз ин,
Ки кӯтаҳ нагардад забонат аз ин.
Тавонӣ бигӯӣ аз ин пас дигар,
Падар бе писар шуд, писар бе падар».
Нидое ба ҳайбат баровард пас,
К-аз ӯ то кунунаш набишнид кас.

[17] Ҳанг--қасд

Бубардошт Алиро сари чанг зуд,
Ки гӯӣ ба қопе хасу коҳ буд,
Зи тори сар ӯро сарозер кард,
Аҷаб кард, агарчи каме дер кард.
Шапидаш ба пушт ончунон, ки аз ин
Биҷунбид гӯӣ ҳамон дам замин.
Зи майдон Қамар шуд сари хам бадар,
Накарда ба рӯи касе ҳам назар.
Раҳе лаб-лаби ҷар ба саҳро гирифт,
Дар ин раҳ сари худ ба танҳо гирифт.
Намешуд касе ҳам зи пушташ равон,
Касе ҳам нагуфташ марав, паҳлавон.
Ҳама кас фурӯ лаб зи гуфтор баст.
Таноби сухан з-ин «тамошо» гусаст.
Ҳама кас ба ҷояш бигардид шах,
Баҳорон бигӯӣ чу дай гашт ях.
Алӣ шуд аз ин пас дигар бепадар,
Қамар шуд аз ин пас дигар беписар.
Алиро адо шуд ривочу барор,
Қамарро ба майдон намонд ихтиёр».
Ба таъкид гуфтам зи нав марди пир:
«Агар ту ҷавонӣ, ҷавони далер,
Агар шер бошад ба пешат забун,
Ба муште кунӣ гар ҷаҳон вожгун,
Мабар дасти худро ба ҷайби падар,
Зи ҳолаш ба ҷонат бишав бохабар,
Тавонӣ, ба ҳар ҷо ту дасташ бигир,
Ризо ки падар шуд, бигардӣ кабир...»

ҚИСМАТИ БАЧЧАГӢ

Баччагӣ оғози зебои ҳаёт,
Даври нотакрори лабрези нишот.

Фориғ аз ғавғову ғамҳои ҷаҳон,
Фориғ аз тангиву паҳнои ҷаҳон.

Фориғ аз он ки чӣ орад рӯзгор,
Бар сараш бо ин гузашти гирудор.

Ғарқи бозиву даводавҳостӣ,
Ханда дар лабҳову бепарвостӣ.

Бехабар аз рафтуои рӯзу шаб,
Ҳар чӣ мақбулаш фитад, созад талаб.

Чун бубинад баччаи аз худ калон,
Баччаи дар қадду қомат навҷавон,

Навҷавоне, ки бувад кораш дигар,
Бозию шӯхиву рафтораш дигар.

Тарзи гуфтораш дигар бо хосу ом,
Дар забони ӯст ҳарфи эҳтиром,

Марду зан хонанд бар ӯ офарин,
Боиси ҳар кори некӯ офарин.

Орзуи навҷавонӣ оядаш,
Шавқу завқи кордонӣ оядаш.

Кай,--ҳамегӯяд,--калонтар мешавам,
Бо ҷавонон ман баробар мешавам.

Боз айёми ҷавонӣ хуштар аст,
Бо ҷавонӣ зиндагонӣ хуштар аст.

Ҳусну дидори ҷавонӣ бемисол,
Гӯӣ гулпӯш аст доим навниҳол.

Бошадаш беинтиҳо сабру субот,
Тоб меорад ба ҳар як мушкилот.

Зери пояш хор гулбарги тарест,
Дар таги сар санг болишти парест.

Чун бубинад мардҳо болотаранд,
Дар сари кору ҳунар волотаранд.

Худ ҷавонӣ—навбаҳори тозарӯ
Мард гаштанро намояд орзу.

Дар камоли умр ранҷ ояд зиёд,
Дар талоши доимӣ сӯи мурод.

Рафта-рафта кор пираш мекунад,
Бо ғами бисёр пираш мекунад.

Пеш рафтан мешавад бар вай тамом,
Дар гулӯяш сулфа меояд мудом.

Рӯзу шаб бар ёд орад баччагӣ,
Ёд бо фарёд орад баччагӣ.

Бо хаёле бар ҷавонӣ меравад,
Бо азобу нотавонӣ меравад!

Қисса мегӯяд зи даври баччагӣ,
Ханда мечӯяд зи даври баччагӣ.

Аз ҷавонӣ ҳай ҳикоят мекунад,
Ҳамчу сӯзи най ҳикоят мекунад.

Пур зи ожанг аст рӯи ман кунун,
Сулфа печад дар гулӯи ман кунун.

Чанги пирӣ дар гиребонам шуда,
Тар бари рӯ з-оби чашмонам шуда.

Ман ҳикоят мекунам аз баччагӣ,
Ёду ҳасрат мекунам аз баччагӣ.

Баччагии ман бувад нақли дароз,
Гуфтан онро нест шояд ки ниёз.

Лек мепурсанд манро гоҳ-гоҳ
Аз замони баччагиям баччаҳо.

Бо хаёле, ки чу онҳо дар Ватан
Будаам хушбахт оё низ ман.

Ҳурмати онҳо, ки бошад бешумор,
Ман кунам аз баччагӣ гуфтугузор.

Деҳа пеши рӯй меояд нахуст,--
Зодгаҳ, ки аз ҷаҳон гӯӣ накӯст.

Модарам мегуфт: вақти зоданат,
Лаҳзаи бо гиря лаб бикшоданат.

Лӯлакат кардем дар поҷомае,
Буд он аз Нозгул, аз момае.

Ки ғами тифлон ба дӯшаш бор буд,
Шаб нахуфта то саҳар бедор буд.

Заччахона буд баски бечароғ,
Сип-сияҳ аз торикӣ монанди зоғ.

Латтаеро ёфтан осон набуд,
Ёфтан чӣ, кофтан осон набуд.

Буд ҳар шаб то саҳар ин гуна ҳол,
Пилта буду буд равған дар хаёл...

Баччагие доштам бекарру фар,
Медавидам аз қафои гову хар.

Чун асои подабон истода ҳуч,
Буд сар бетоқию ду пой луч.

Хор мезад ҳар қадам дар пои ман,
Сӯз мепечид дар авзои ман.

Молбонӣ буд дар мо навбатӣ,
Ҳаст гӯё кори дунё навбатӣ.

Навбати мо ҳам биёмад як саҳар,
Гапраси деҳ дод бар мо ин хабар.

Аз қафои мол рафтам бар адир,
Навбаҳорон дошт ҷавлон дар адир.

Мол ногаҳ тӯриду шуд беқарор,
Нисфи он шуд дар гурезу дар фирор.

Ин чӣ гап?—гуфта давидам сӯи ҷар,
Гашт гурге пеши роҳи ман бадар.

Хостам, ки дод гӯям яксара,
Ларза андозам ба кӯҳу бар дара.

Лек овозам гиреҳ зад дар гулӯ,
Бар димоғам ҳамла меовард бӯ.

Бӯи дилбеҷокуни шарру ғализ,
Гург, мегӯянд, бошад бетамиз.

Дорад он мӯи макалмӯ инчунин,
Гирад овози кас аз бӯяш яқин.

Хайрият, ки Чорчашм омад ба дав,
Ҷони худро монда ҷонвар дар гарав.

Гургро бо ҳамлае тарсонд сахт,
Бар куҷое бо гурезаш ронд сахт.

Баъд дидам, ки ба нове гурги бӯр
Ҳамчу дузди дуздҳо бо фанду зӯр

Дунба канда, гӯсфанде хӯрдааст,
Ҷони он бар ҷабргар биспурдааст.

Бегаҳӣ дар деҳа ғавғо шуд зиёд,
Рафтуо бар деҳаи мо шуд зиёд.

Мешунидам аз забони хурду гурд:
«Молро ин бачча бар гургон супурд».

Бо мани чӯпони дур аз гирудор
Гӯсфанди гургхӯрда гашт бор.

«Гургалӣ» гуфтанд дар деҳам пасон,
Марду зан то кӯдакони навзабон.

«Гургалӣ» шул қиссае чун як китоб,
Рафта-рафта ман шудам аз он қимоб.

Ин гапе не, лек соли гушнагӣ
(Нашнавӣ, эй кош, фоли гушнагӣ!)

Зиндагӣ бисёр мушкил буд, напурс!
Гӯй зери об соҳил буд, напурс!

Хоб мерафтӣ ба ёди рӯи нон,
Гӯӣ дар олам набудӣ бӯи нон.

Тоби аз ҷо хестан бар тан набуд,
Қудрати бар дар бурун рафтан набуд.

Дарди сахт аз гушнагӣ дигар наяст,
Гоҳ бинӣ, модарат модар наяст.

Ҷои шиква нест ин дам аз падар,
Аз бародар ё ягон хеши дигар.

З-ибтидои сол ин наҳсии зӯр,
Ки ба хизмат буд гӯӣ баҳри гӯр.

Ранги рӯяшро ҳувайдо карда буд,
Чанги ҷонгираш ба боло карда буд.

Модари ман гӯӣ медонист ин,
Ки набуд ором монанди замин.

Кард моро рӯзу шабҳо банди кор,
Бурд моро бар адири мевадор.

Қуввате будем бар дастони ӯ,
Мева мечидем бо фармони ӯ.

Мекашонидем мо он меваҳо
Мӯросо аз саҳар то шомгоҳ.

Хушк карда меваи бисёр мо,
Карда аз он гӯй як анбор мо.

Қиссаи ин ҳаст ҳоло нотамом,
Буд ин анбор андар ҳукми мом.

Даст бар вай кас намезад бечавоб,
Буд ҳар як қоқ гӯӣ дар ҳисоб.

Дур будем аз талоши пурхалал,
Ғофил аз асли чунин кору амал.

Баъд равшан шуд ҳама осори кор,
Фаҳму фикри модари шабзиндадор.

Гушнагӣ омад ба деҳ чун буми шаб,
Кард аз мардум мадору чон талаб.

Аввалан он қудрату дармон гирифт,
Рафта-рафта аз баданҳо чон гирифт.

Марду зан бар моли мо овард рӯ,
Илтиҷо дар лаб, фиғон андар гулӯ.

Ҳар яке мегуфт: «Мирам пеши пот,
Кӯдаконамро зи мурдан деҳ начот.

Бахш камтар қоқи себам, ё қаюм,[18]
Ки шудем аз ноумедӣ роҳгум.

[18] Қаюм—як навъи мева

Кори хайр аст ин, ҳамегирӣ савоб,
Он қадар ки несташ ҳадду ҳисоб...»

Аз туфайли меваҳои хушки мо
Ними деҳа ёфт аз мурдан раҳо.

Дигарон бастанд маҳмил бар фирор,
Тарк бинмуданд маъвою диёр.

Луқмае ёбанд то ки аз даре,
Аз деҳе, аз манзиле, аз кишваре.

Ёфтан осон набудӣ лек нон,
Буд танҳо номи он вирди забон.

Бехи ҳар торону чукрӣ буд хоб
Одаме дар ҳоли ноҷӯру хароб.

Тоҷикистон,
эй фидояш ҷони ман,
Нест дар олам ба монандаш ватан.

Рӯзи сахтӣ ҳар гиёҳаш ҷон шавад,
Гушнаи афтодаро дармон шавад.

Бо гиёҳу мевачоташ дар амал
Мераҳонад мардумашро аз аҷал.

Зодгоҳам деҳаи мобайн буд,
Байни ду деҳ гӯй дар қавсайн буд.

Буд пеши рӯи деҳи мо мазор,
Дошт он як арчаи доимбаҳор.

Арча дар як теғаи борик буд,
Сояи ғафсаш чу шаб торик буд.

Аз ду сӯи теға ҷар будию ғор,
Арча будӣ то фазо мисли манор.

Решаҳояш даст бурда то дара,
Нест ҷое шояд ин сон манзара.

Об менӯшид з-ин ҷо бо ҳамин
Дар фазо ҳам будааст оби замин.

Дида инро пири деҳ Абдукарим
Гуфт бо алфози шевою ҳалим:

«Ҳар кӣ хонад бояд аз ин пандҳо,
Дур гирад хешро аз фандҳо.

Некхоҳиро намояд пешааш,
Дар дили мардум давонад решааш.

Сабз монад мисли арча солҳо,
Ханда бар рӯяш кунад иқболҳо».

Пеши рӯям арча доим ҳозир аст,
Ҳикмати Абдукарим дар хотир аст.

Майда будам, гар намерафтам ба хоб,
Модарамро сахт медодам азоб.

Чашмҳоятро ҳамегуфтанд пӯш,
Лек як дам ман намегаштам хамӯш.

Лаб бубандам то зи фарёду чуғук,
Тарс медоданд манро аз «булук».

Аз аҷина, аз шағолу гургу дев,
Мисли онҳо гоҳ-гаҳ карда ғирев.

Беш мешуд дар дили ман тарс ҷой,
Ҳалқа карда пой бар сар, сар ба пой.

Хап ҳамемондам ба зери ҷомахоб,
Ҳамчунон ки маҳ шавад зери саҳоб.

Ваҳму тарсе, ки ба дил гардид ҷо,
Буд сахт аз тарси сад деву бало:

Як шаби фасли зимистон бехабар,
Ки набуд дар хонамон он шаб падар,

Тела доданд аз бурун дарро ба пас,
Тамба бишкасту дарун омад ду кас.

--Ку Сафар?—гуфтанд ҳар ду ҳам ба қаҳр,
--Ӯ,--бигуфто модарам,--рафтаст шаҳр.

Чун дуто пурсандаи милтиқбадаст
Боварӣ карданд, к-ин гап рост аст.

«Хайр»-и пуркин гуфтаю рафтанд тез,
Сӯи мо буданд аммо дар ситез.

Хоби мо то рӯз аз чашмон гурехт,
Тарс андар пайкари мо ларза рехт.

Шуд падар ҳабсу зи пеши мо бирафт,
Буд ин як рӯзи соли сиюҳафт.

Бегунаҳ буду гунаҳ карданд бор,
Шасту якум модда хондаш айбдор.

Мо умеди хешро кандем аз ӯ,
Гуфта ин: дигар куҷо бинем рӯ.

Дар ҷаҳон ҳар қадр бошад гандагӣ,
Некие пайдо шавад дар зиндагӣ.

Осмонро ҳар қадар пӯшад саҳоб,
Боз берун мебарояд офтоб

Дар зимистон, ки бувад душвор кор,
Яъне саранҷом кардан рӯзгор.

Рӯз кӯтоҳ аст аз баҳри савоб,
Мушкилӣ то бигзарад шабҳо ба хоб.

Сел ояд гар зи сӯи кӯҳсор,
Лой созад обҳои чашмасор.

Лек гардад сел бо лойаш тамом,
Чашмаҳо бидҳанд софиро давом.

Гар замин аз сарваташ ларзон шавад,
Гӯшае аз ларзааш вайрон шавад,

Одамон гарданд аз ин бечовупо,
Ҳар тараф кобанд ёру ошно.

Дастгире баҳрашон пайдо шавад,
Ғусса нобуду фараҳ,
эҳё шавад.

Мешавад вайрона обод аз мадад,
Ҳар дару ҳар хона обод аз мадад...

Рафт ду сол аз азоби
мо зи сар,
Аз ғаму дарди ҷудоии падар.

Мужда омад ногаҳон аз роҳи дур,
Мужда не,
зад панҷа бар шаб гӯй нур.

Ки шудаст озод аз н-озодӣ ӯ,
Дида зарби панҷаи бедодӣ ӯ.

Ноумедӣ рафту хандон шуд умед,
Мурда гӯё зинда шуд,
омад падид.

Шоми мо гардид субҳи босафо,
Кавкаби мо тофт гӯё дар само.

Чун хуморигашта дидам ман ба сар
Бори дигар дасти пурмеҳри падар.

Дасти ман бигрифту бар мактаб бибурд,
Қисматамро бар ману хондан супурд.
апрели 1989

ҚИССАИ ЗАНГИРӢ

Сарам фур гашту дил дар сина зад гум,
Баровардам зи хотир шарми мардум.

Таваккал гуфтаю зангир гаштам,
Яке дар пеши як капир гаштам.

Намедонам чиҳо гуфтам дар аввал,
Вале донам чӣ сон шуд кори ман ҳал.

Накӯ гуфтам, даҳонам шуд даме гарм,
Дили кампирро кардам аҷаб нарм:

--Ман ошиқ нестам бар духтари ту,
Ба пурсиш омадам худ бар дари ту.

Агар оям ба ӯ ман хостгорӣ,
Чӣ гӯӣ ту,

чӣ гуна фикр дорӣ?

--Даме, ки нестӣ ошиқ ту, бачча,
Чӣ сон хонӣ варо лоиқ ту, бачча?!

--Ба фикри ман, наяст ошиқшавӣ шарт,
Агарчӣ ҳаст ҳоло ҳаштуми март.

Агар дил розӣ аст, ин мешавад буд,
Ту ворӣ қозӣ аст, ин мешавад буд.

Басе Маҷнуншуда дидам дар ин давр,
Ки бар Лайлои хеш овард сад ҷавр.

Ман ошиқ ношуда зангир бошам,
Таваккал карда бар тақдир бошам.

Пас аз зангирӣ ояд ошиқиям,
Макун парвою бар дил ҷо мадеҳ ғам.

Ҷавобам дод бо ҳайронӣ кампир:
--Фиристон хостгори хеш, зангир.

«Пагаҳ шаб»--гуфтаму берун шудам ман,
Ту гӯӣ баъди ин Маҷнун шудам ман.

Накарда боварӣ бар дигаре ман,
Ба ҳамкору акою хоҳаре ман.

Худам рафтам ба кӯи хостгорӣ,
Чунин зангирро ту ёд дорӣ?!

Хамӯш истода будию сараш хам,
Ба ҷуз кампир як марди дигар ҳам.

Сухан аввал намуд оғоз кампир,
Гаҳе медод гапро ғоз кампир:

Намедонам, бачам, зотат кӣ бошад,
Ба мо часпиданат баҳри чӣ бошад.

Вале, майлаш, шавам розӣ ба ин гап,
Бимон субҳи сафое бахшад ин шаб.

Ба ҳар фармудаам ту ҳам ризо шав,
Ҷавонмарди раҳи сидқу вафо шав.

Биёвар сад либос аз моли зебо,
Ки дӯзам бар арӯсат ман сарупо.

--Чӣ лозим чену чоқ, орам ба тӯпаш,
Фақат аз моли зарҳалбору хубаш.

--Биёр ин ҳам, агар ту нанг дорӣ,
На кам аз панҷ чории ҳисорӣ.

--Агар чӯпон биёбӣ дар сароят,
Биёрам ними рамма аз бароят.

--Дигар даҳ халтае аз дони гандум,
Диҳам то нони серие ба мардум.

--Аз ин як мошин орам, чунки пиндор.—
Ҳамеша нон ба одам ҳаст даркор.

Ҳар он чӣ гуфт, сад кардам яки он,
Раҳаш гум карду аз гап монд чандон.

Бувад девона, мегӯянд, зангир,
Ачаб не, омад ин бар ёди кампир.

Шунида хуб ин савдои моро,
Бигуфт он мард бар ман бе мадоро:

--Ту дорӣ гар чунин мардию ҳиммат,
Ба рӯят ханда хоҳад кард давлат.

Ба мо як сӯзани ту нест лозим,
Ба дунё мард бошӣ, ҷӯра, доим.

Бигиру бар, тани ту духтари мо,
Даме ки по ниҳодӣ бар дари мо.

Тағоӣ будааст ӯ духтаракро,
Калон кардаст ин «мушти парак»-ро.

Пагаҳ бояд арӯс орам ба кӯям,
Ҳусули гуфтугӯҳои накӯям.

Намудам ҳар тараф чанде даводав,
Биёбам то ки мошини сабукрав.

Нашуд ин кор бо сад чорaҷӯӣ,
Ҷаҳон гардида буд вайрона, гӯӣ.

Ба ҳоле доштам ман аз сари раҳ,
Яке «ЗИС»-и басо фарсуда гашта.

Ба болояш баробар як харак буд,
Харак ҷои нишасти муштарак буд.

Нишастам бо арӯси хештан ман,
Либоси шармро пӯшида бар тан.

Баланду паст будӣ роҳи сангин,
Ки дар он дакка мезад ҳар сӯ мошин.

«Нағалтӣ» гуфтаю аз тарс ҳар дам
Ба як дастам варо ман меқапидам.

Маро ҳам меқапид ӯ гоҳ-гоҳе,
Нагуфта ҳарфу нанмуда нигоҳе.

Аз он дам то кунун чил сол рафта,
Намегӯям ба чӣ аҳвол рафта.

Фақат мегӯям аз рӯи вафо ин,
Ки мисли лаҳзаҳои тори мошин

Ҳамеша дасти ҳамдигар қапидем,
Ҷудоӣ дар дами сахтӣ надидем.

Ба гардишҳои чархи зиндагонӣ,
Ба ҷунбишҳои пинҳону аёнӣ.

Қапидему қапидему қапидем,
Шароби сидқро якҷо чашидем.

Шумо ҳам хоҳед ар фарзанди бисёр,
Димоғи тоза аз бӯи гули хор.

Дару девори ободу саодат,
Лаби пурхандаву файзи муҳаббат,

Ба мисли мо қапидан ёд гиред,
Ба ҳамдигар раҳи имдод гиред!

июни 1989

МАРСИЯИ МОДАР

Нишаста дар қабулгаҳ зор модар,
Ду дида бар раҳи сардор модар.
Зи раҳпоӣ шавад безор модар,
Набинад садрро зинҳор модар.

Дари сардор гоҳе мешавад во,
Кӣ бошад, кас намедонад, дар он ҷо,
Ки бинӣ зуд мепӯшанд онро,
Чӣ медонад,
чӣ аст асрор, модар!

Зи оби дида намнок аст рӯяш,
Фиғони сулфа печад дар гулӯяш,
Намедӯзанд чашми меҳр сӯяш,
Надорад чора ғамбемор модар.

Ба даст ӯрост тифли ширхоре,
Рухаш зебо чу садбарги баҳорӣ.
Ки дорад гиряҳою беқарорӣ,
Шавад аз бори худ абгор модар.

Ба ӯ гӯянд: ҳар боре, ки оӣ,
Биё танҳо, макун ин баҳаёӣ,
Ки ин ҷо нест ҷои тифлпоӣ,
Аз ин ҷо бигзарад сардор , модар.

Забонаш мешавад з-ин «айб» кӯтаҳ,
Намедонад бигирад бар куҷо раҳ.
Ҷаҳон пур гаштааст охир зи аблаҳ,
Ки гаҳ бандад лаб аз гуфтор модар.

Намедонад давояш аз кӣ ёбад,
Давои ғамрабояш аз кӣ ёбад,
Калиди муддаояш аз кӣ ёбад,
Ба кӣ дардаш кунад изҳор модар.

Дари рози зиёда мекушояд,
Дилаш бар каф ниҳода мекушояд,
Китоби нокушода мекушояд,
Агар пурсон шавӣ як бор модар.

Бигӯяд: кирми ғам хунам макида,
Ҳаво соф асту боми ман чакида,
Бувад аз гарди нон хонам такида,
Шавад бар ҳоли худ иқрор модар.

Калонӣ баччаам гардид қурбон,
Зи шамшери хато дар хоки афғон,
Ба ман тобути ӯ карданд товон,
Ба чашмат рӯз созад тор модар.

Ҳамехоҳад кунад нони худоӣ,
Сари соли писар—шери фидоӣ,
Қариб афтодааст андар гадоӣ
Зи нодорӣ сари бозор модар.

Дигар се баччааш дар аскарӣ боз,
Аз онҳо нест ҳоло хатту овоз,
Бувад шаштои хурдаш гиряпардоз,
Ба гирдобест дар пайкор модар.

Кунад ҳарчанд даъвои муносиб,
Набинад ҳеҷ савдои муносиб,
Наёбад хонаву ҷои муносиб
Зи сардорони навкирдор модар.

Дилаш з-онҳо сияҳ, мӯяш сафед аст,
Паёпай дар азобу ноумед аст,
Танаш дар ларза мисли барги бед аст,
Ситода гӯӣ пеши нор модар.

Даме сардорро кибру чатоқист,
Ту гӯӣ сар наю сардор тоқист,
Шавад гоҳе ки майбезор, соқист,
Хабардор аст аз ин кор модар.

Зи нози зиндагонӣ роҳгум аст,
Ба чанги нотавонӣ роҳгум аст,
Чу тифли безабоне роҳгум аст,
Наёбад ҷодаи рафтор модар.

Дил охир банди ишқи зиндагонист,
Агарчи умр дар ин роҳ фонист,
Ба лавҳи ёд гулханди ҷавонист,
Вагарна марг мешуд ёр модар.

Набинад кош одам номуродӣ,
Хусусан модар аз ғам номуродӣ,
Ки пур мешуд ба олам номуродӣ,
Агар месӯхт з-ин бисёр модар.

Худаш донӣ,
ки оғози ҳаёт аст,
Ҳамеша чанг бар чанги мамот аст,
Бани одам ба дасташ дар наҷот аст,
Кӣ метонад кунад инкор, модар!

Ба давроне,
ки бошад сер мардум,
Фаровон аст ҳар ҷо нони гандум,
Ба ҳусни хок бурда рашк анҷум,
Надорад қадру бошад хор модар.

Ҳадаф гаштаст ӯ бар таънасорӣ,
Ки кардаст аз чӣ пеша баччадорӣ,
Таваллуд мекунад соле дуборӣ,
Ба гуфти дояи маккор модар.

Ҳамин гап кардааст ӯро ҷигарчок,
Намудаст оҳи талхаш абри афлок,
Бигӯй зинда гӯрондаст бар хок,
Хӯрад хуни худаш такрор модар.

Ба ӯ фарзанд бошад давлати умр,
Ҷавонию шукӯҳу шавкати умр,
Ба вақти пир гаштан қудрати умр,
Набошад
з-ин сабаб нодор модар.

Ба қалби санги сардори идора
Насозад зории бечора кора,
Ки гӯй кош мешуд дар Шарора,
Аз он ки медиҳад озор модар.

Ба мом аввал ғами олам шавад бор,
Чунон ки барқ раҳ гирад сафедор.
Чу модар дар ду дунё нест ғамхор,
Надорад худ вале ғамхор модар.

ДУГОНАҲО
(Бадеҳа)

Духтари 1:
Дугона, бар ту омад дишаб кӣ хостгорӣ?
Баргӯй то бидонам, пинҳон агар надорӣ.
Духтари 11:
Ҳаргиз хабар надорам, бар номи ишқ савганд,
Бошад дурӯғ гуфтан як навъи шармсорӣ.
Духтари 1:
Бишнидаам, дугона, аз гуфтугӯи занҳо,

Бегоҳ назди чашма ҳангоми обёрӣ.

Духтари 11:

Эй кошки биёянд аз хеш ё ки ағёр,

Камтар шаванд то ки гапҳои рашкборе.

Духтари 1:

Рашке ба дил надорам, балки мурод дорам,

Ман ҳам кашам бар он рӯз бисёр интизорӣ.

Духтари11:

Бар орзуи одам ҳеҷ интиҳо набошад,

Аз орзуст ин дил дар чанги беқарорӣ.

Ҳар ду:

Бигзор ҳар дилогаҳ дилхоҳи хеш гирад,

Аз васли ёр ёбад ёре бузургворӣ.

ИШҚ

(Бадеҳа)

Бача:

Ваъда кардӣ, ман нишастам интизор,

Нури чашмонам ба раҳ кардам нисор.

Рӯз шаб гашту шаби ман рӯз шуд,

Сӯхт бар тан бе ту ҷони беқарор.

Духтар:

Гуфтан аст осону мушкил сохтан,

Кори ту бошад сухан пардохтан.

Рӯи кас бишнохтан душвор нест,

Лек душвор аст дил бишнохтан.

Бача:

Дар хурӯш аз ишқ мебошад дилам,

Бар рухи шаб нур мепошад дилам,

Дар ҳама ҷо қобилам бо номи ту,

Аз чӣ пеши ту вале ноқобилам.

Духтар:

Ишқ ҳам бошад мисоли орзу,
Бе ҷадал мақсад наояд бар вуқӯъ.
Равшанӣ ҳаргиз наборад офтоб,
То насозад аз дили шабҳо тулӯъ.
Ҳар ду:
Ҳазлро монем як сӯ, ёри ҷон,
Ошиқему дил пур аст аз ормон.
Об бахшад боғро ҳусну самар,
Ишқ одамро нигаҳ дорад ҷавон.

РОЗИ ДИЛ

(Бадеҳа)

Бача:
Аз дидани рӯи ту дилам шод шавад,
Булбул бари гулзор ба фарёд шавад.
Даҳ панҷаи ман зи меҳр бар зулфи каҷат,
Бигзорӣ агар, шонаи шамшод шавад.
Духтар:
Ман номи туро вирди забон гардонам,
Меҳри ту ба дил ба ҷои ҷон гардонам.
Маҳтобам агар, ба қавли ҳар дилдода,
Бо хеш туро дар осмон гардонам.
Бача:
Ҷон аз гапи гарми ту фитад дар озар,
Чун мурғаки дом пар занад аз пайи пар.
Кафтар шаваму ба боми ту лона кунам,
То донаи холи ту шавад пеши назар.
Духтар:
Донам, ки маро ту ёри ғамхор шавӣ,
Дерам бинӣ, зи ғусса бемор шавӣ.
Дар боби вафо агарчи худ яктоӣ,

Тарсам, ки зи ман яке ту безор шавӣ.

Ҳар ду:

Рӯзе шаваду мову ту ҳамхона шавем,
Монанди ду мағз байни як дона шавем.
Ту бахт ба ман ориву ман бахт ба ту,
Дар покию бовафоӣ афсона шавем.

ШИНОСОЙ

(Бадеҳа)

Бача:

Дар куҷое дидаам, ҷонам туро,
Ёд меоранд чашмонам туро.
Бо ҳамин рӯву ҳамин мӯ дидаам,
Ман чӣ сон он рӯз фаҳмонам туро!

Духтар:

Дидаӣ шояд, ки дигар хубрӯ,
Кардаӣ аз ишқ бо вай гуфтугӯ.
Аз дурӯғат ҷони ман дорад хабар,
Чист мақсад, гӯй ин ҷо рӯ ба рӯ?!

Бача:

Ёфтам, омад ба ёдам, нозанин,
Чеҳраи гарму нигоҳи оташин—
Дидаам дар тахтаи фахрӣ туро,
Буд расмат аз ҳама болонишин.

Духтар:

Дар гумонам дар куҷое як замон
Дидаам ман ҳам туро, эй навҷавон.
Дидаам дар рӯзи тӯи ҳосилот,
Вақти дар минбар сухан кардан баён.

Ҳар ду:

Мову ту ҳампешаи деринаем,

Якмарому якдилу бекинаем.
Ҳар куҷо то зиндаем, аз рӯи ҷаҳд,
Пеши рӯи якдигар оинаем.

ТӮЙ

(Қисса)

Тира будӣ осмон аз абри ҷанг,
Ханда бар лабҳо набуд аз ҷабри ҷанг.
Деҳа сар то по ба ғам афтода буд,
Ҷон ба ҷони аскаронаш дода буд,
Ҳар саҳар бар ҷанг аз мардони деҳ
Панҷу шаш мерафт бо фармони деҳ.
Мард кам мешуд ба деҳ монанди нон,
Бори мардон бор мешуд бар занон.
Мерасид аз ҷанг «хатҳои сиёҳ»,
Шом мешуд субҳи деҳ аз дуди оҳ...
Марг доғ арчи ба дилҳо мегузошт,
Лек мардум дар дилаш уммед дошт.
Орзуи Нусратулло буд калон,
Дар дили хурдаш намеғунҷид он.
Як шабе гуфто ба модар рози дил,
Модараш бо ҷон шунид овози дил;
«Рав пагаҳ бар хонаи бобо Кибор,
Шав ба Сайрам—духтари вай хостгор,
Пеш аз он, ки меравам ман бар набард,
Зан бигирам,
зан бибояд ҳамчу мард.
Аз падар танҳо манам, модар, нишон,
Ки ба ҷанг ӯ рафту қурбон кард ҷон.
Аз мани бекас чӣ мемонад, бигӯ?
Аз мани безан кӣ мемонад, бигӯ?
Ҳар чӣ пеш ояд, шавам ман хонадор,

Шояд аз ман тифл монад ёдгор.
Ҷои ман рӯзе туро гардад писар,
Соябон гардад туро болои сар».
Ашк дар рухсори модар ногаҳон
Мисли борони баҳорон шуд равон,
Кас намебурд аз чунин асрор пай,
К-ашки ғам, ё ашки шодӣ буд вай.
Рӯз шуд, ӯ то кунад гуфтугузор,
Гашт бар шабдези армонҳо савор.
Рафтаю ҳамрози духтардор шуд,
Кор пухту тӯй ҳам тайёр шуд.
Деҳа буд азбаски шабҳо бечароғ,
Нисфирӯзӣ тӯй шуд мобайни боғ.
Тахт зери шохаи пургул заданд,
Духтарон гул дар бари кокул заданд.
Доштанд он чӣ, ҷиҳоз оростанд,
Ҳар кадом он рӯзро мехостанд.
Дода будӣ хони тӯй оро баҳор,
Аз заморуғ, аз қароқузнӣ, ҷигор...[19]
Рӯи хони тӯй аммо нон набуд,
Буд атола,
ӯй низ арзон набуд.
Келину домоди поку бахтҷӯ
Чун гули дуқӯшаи хушрангу бӯ
Бо ҳавасҳо шаҳбаробар мешуданд,
Дар самои бахт ахтар мешуданд.
Нав назар бар якдигар медӯхтанд,
Чун ду шамъе барбабар месӯхтанд,
Ки таги дар омад аз марказ савор,
Як савори чобуки повесткадор.

[19] Ҷигор—чағора, қорч

Соате акнун дигар фурсат набуд.
Саркашӣ кардан ба кас одат набуд,
Нусратулло шуд бадар аз пеши тахт,
Дасти ёрашро фақат бифшурд сахт.
Тӯй шуд якбора сарсони гусел,
Кӯч баст алъон ба майдони гусел.
Кас зи баҳри ғусса дар соҳил набуд,
Бар табассумҳо лабе моил набуд.
Нусратулло модараш дар бар гирифт,
Гӯӣ ӯ аз сӯзи модар даргирифт,
Ки ба мисли абри борон шуд сиёҳ,
Ашк мерезонд аз чашму нигоҳ.
--Ғам махӯр, ҷон модарам,--гуфто,--дигар,
Ки ба наздат боз ояд ин писар.
Келинатро гӯй бошад интизор,
Мисли ман ӯро ҳамеша дӯст дор.
Тӯйи мо, ки монд ҳоло нотамом,
Мерасад рӯзе,
ки меёбад давом.
Гарчи бошад кӯтаҳ умр одамӣ,
Нест аммо орзӯяшро камӣ.
Орзу бар кас ҳамегардад силоҳ,
Дар паноҳаш мекунад касро нигоҳ.
Нусратулло дар ғазаб, дар нанг шуд,
Аскари бономусе дар ҷанг шуд.
Пеш мекард аз Ватан хасми бало–
Нест мекард аз чаман чуғзи сиёҳ.
Дар фазо тир аз ду сӯ парвоз дошт,
Бо садояш маргро овоз дошт.
Ҳеҷ боронаш намегардид гир,
Дар ҳаво бар тир бармехӯрд тир.

Қаҳрамони мо наметарсид аз ин,
Зарба мезад рӯй бар Олмонзамин.
Рафт як солу ду-се моҳи дигар,
Паҳн шуд дар деҳа рӯзе ин хабар:
«Нусратулло кард ҷонашро фидо,
Ҳаст бар маргаш гувоҳ хатти сиёҳ».
То фалак фарёди модар хӯрд печ,
Чора бар дардаш намешуд ёфт ҳеҷ.
Гоҳ-гоҳ Сайрам буд ӯро ғамгусор,
Гоҳ оби чашмаи зери чинор.
Дам ба дам худро тасалло дода мом,
Бар забон такрор мекард ин калом:
«Дил гувоҳӣ медиҳад ки зинда аст
Нусратуллои азизам—шери маст.
Ӯ худаш ҳам гуфта буд аз сидқи том:
«Гашта оям, тӯйро бидҳам давом».
Дар забони ӯ набуд асло дурӯғ,
Гуфтаҳояш рост буду пурфурӯғ...»
Ҷанг охир гашту дунё шуд раҳо
Аз даҳони маргу чанголи бало.
Боз дар деҳ мардҳо пайдо шуданд,
Орзую шодии дилҳо шуданд.
Зиндамонда аскарон боз омаданд,
Чун зафармандон сарафроз омаданд.
Духтарон зеби арӯсӣ доштанд,
Гул ба роҳи аскарон мекоштанд.
Тӯй мешуд баргузор аз пушти тӯй,
Деҳа мешуд хурраму хуршедрӯй.
Рафт даҳ соли дигар монанди бод,
Нав ба нав гул мекушуд боғи мурод.
Нусратулло буд аммо бинишон,

Модари бечорааш рафт аз ҷаҳон.
Гашт пайдо ҳар куҷое хостгор,
Аз барои Сайрами чашмингизор.
Дар ҷавоби: «Не,
маро ёрест хуб,
Роҳпӯяш буданам корест хуб»
Мешунид гоҳо баланду гоҳ паст:
«Зинда кардан мурдаро мумкин наяст».
Мардум ӯро розӣ карданд оқибат,
Сар ба базму бозӣ карданд оқибат,
Тӯй барпо гашт як тӯйи калон,
Нозу неъмат шуд фаровон рӯи хон.
Сайраму Мирзокарам—домодро,
Ин гулу он булбули озодро
Хостанд ақди никоҳ банданду пас
Пеши тахт оранд бо шавқу ҳавас.
Вақти онҳо монда будӣ андаке,
Нусратулло бехабар омад яке,
Тофт ӯ аввал агарчи ношинос,
Лек шуд бишнохта бепурсупос.
Гӯй даъват карда будандаш ба тӯй,
Тӯй шуд охир давоми тӯи ӯй.
Қиссаро Мирзокарам фаҳмонда монд,
Нусратуллоро бародар хонда монд.
Дар бари Сайрам варо бишнонду гуфт:
«Шуд кунун ду кавкаби иқбол ҷуфт».
Духтарон аз нав ҷиҳоз оростанд,
Он қадар зебо, ки худ мехостанд.
Ҳар дуро монданд аз нав пеши тахт,
Барқ мезад аз ҷамоли ҳар ду бахт.
Боз ёрон шаҳбаробар мешуданд,

Ин сафар якбора ҳамсар мешуданд.
Тӯйи аввал пеши тахти байни боғ
Нусратулло ёри худро карда доғ,--
Дасти нармашро фақат бифшурда буд,
Қалби худро бар кафаш биспурда буд.
Дар бари ёраш бимонд ин дафъа дер,
Сахт пушти пои ӯро кард зер...
Ҳеҷ ҳақ ноҳақ нагардад, дӯстон,
Қиссаро кардем то ин ҷо баён.

ЯК МУШТ ГАНДУМ

Зодгоҳи қаҳрамон чун ҳадягир
Ин сафар комиссар омад сурхрӯ.
Ҳуҷҷати унвони олӣ зери каш,
Ворисе мекард бар он ҷустуҷӯ.

--Хонаи бобо Шариф бошад кадом?
Зинда оё мӯсафеди некбахт?
--Хонааш ин ҷою кайҳо лек ӯ
Баст аз дори бақо ноком рахт.

--Пас бибӣ Тилло-зани ӯ дар куҷост?
--Кампири бечора ҳам аз даҳр рафт.
--Келини он ҳарду-Оимхол чӣ?
--Шӯи дигар карду сӯи шаҳр рафт.

Пурсупосу ҷустуҷӯи комиссар
Ворисе бар қаҳрамон пайдо накард,
Неку бад аз байн охир рафта буд
Бист соли пурра аз рӯзи набард.

Дар деҳа пас маҷлисе оростанд,
Маҷлисе бар ёди Исмат буд он.
Модарон мерехтанд ашки алам
Ҳар яке аз доғи фарзандонашон.

Комиссар бо рӯи сурху табъи хуш
Хест аз ҷо, гуфт: Ёрони накӯ,
Исмат—он фарзанди дилбанди шумо—
Дӯстдори мову бадбини адӯ.

Дар дифои мулки мо мардонавор
Ҷонфидоӣ кардаву шуд қаҳрамон.
Қаҳрамониҳои беамсоли ӯ
Шуд миёни мардумон вирди забон.

Нест ин ҷо чун аз ӯ хеше дигар,
Ҳуҷҷати унвони олӣ, дӯстон,
Месупорам ман ба колхози шумо,
То бимонад дар ҳамин ҷо ҷовидон».

Чун шаҳодатномаи умри абад
Шуд ба пеши чашми мардум ҷилвагар,
Гӯиё дар деҳа андар шомгоҳ
Офтоб аз хонааш омад бадар.

Мавҷи кафкӯбии мардум дакка зад
Бо нидои шодмонӣ бар само.
Ҳеҷ кас аммо намедонист рост:
Исматаш кӣ, зодгоҳаш дар куҷо?

Бар саволи: «Ӯ кӣ бошад?» худ ба худ
Ҳарф мезад ҳар кӣ ҳар сон дар ҷавоб.
Гӯям аз ӯ з-ин сабаб ман достон,
Бар шумо, хонандагони кунҷкоб:

Маснади султонии худро баҳор
Нав ба саҳро карда буд ороста.
Гирду атрофи иқоматгоҳи хеш
Карда буд аз сабза нав пероста.

Нав ба ҳар ҷо қоқӯи кӯтаҳмиён
Паҳн рӯи хок доман карда буд.
Нав ба рӯи теппаи серофтоб
Барги уштурхор хирман карда буд.

Нав ба оби ҷӯлида болои дашт
Ғел мезад ҷой-ҷо себаргазор.
Мерасид аз чор сӯ нав бар димоғ
Аз дили гарми замин бӯи бухор.

Нав зи зери тарма дар кӯҳи баланд
Бойчечак сар ба берун мекашид.
Нав зи оби чашмаи навсарзада
Пӯдина андар лаби ҷӯ мечашид.

Нав зи фарқи кӯҳу домони камар
Оби барфӣ мефуромад бар дара.
Нав зи оби кафккарда—ширтоб
Бар дара бо ҷӯш мезад шаршара.

Нав гули зардолу чун рӯи арӯс
Менамуд андар назар сурхосафед.
Булбули шӯрида аз шавқи баҳор
Бо навое дар чаманҳо мепарид.

Нав насими шӯх-пайки навбаҳор
Накҳати гул дар бағал дар сайр буд.
Нав дили кас аз ҳавои мушкбор
Ҷӯш мезад, баҳри худро мекушуд.

Исмати мо ҷуфти гови хешро
Нав ба саҳрои баҳор оварда буд.
Нав ба дашти беканори Данғара
Холиқи нон киштро сар карда буд.

«Дасти ман не, дасти бобо Деҳқон»--
Гуфта мекорид дони аввалин.
Дар сари ҳар як ваноғи худ умед
Менамуд аз ҷуфти гову аз замин.

--Ҷонварон,--мегуфт бар гавҳои хеш,--
Садқаи сумҳоятон ин ҷони ман.
Тезтар гардед, зӯр афзун кунед,
Ҳеҷ гаҳ бар шалпарӣ надҳед тан.

Вақт нозук, зиндагӣ мушкил бувад,
Ҷанг лангар дар Ватан андохтаст.
Душмани ваҳшию масти хун шуда
Доми марги марду зан андохтаст.

Аз барои аскарон дар размгоҳ
Нон ба мисли тир даркор асту бас.—
Ин умед аз зери сумҳои шумост,
Бо ҳамин уммед мегирам нафас.

Эй замин, эй моми ҷони одамӣ,
Аз ту мебошад умеди ман калон:
Зуд сабзон ғаллаи коридаам,
То тавонӣ, зудтар онро расон.

Муштаки испор маҳкам дошта
Исмати деҳқони мо бо ин умед,
Гандуми шӯхак ҳамекорид, низ
Дар хаёлаш буд чоши он падид.

Дам надода ҷуфти говаш то ҳанӯз,
Дошт кораш аз саҳаргоҳон давом.
Тухмиро то дони охир кошта,
Лек ҷуфташ буд ҳоло нотамом.

Дар миёнаш буд нонаш то ба ҳол,
Рафта буд аз байн кайҳо гарчи чошт.
Нав ба оби кӯлмаке аз оби барф
Нони худ тар карда хӯрдан фикр дошт,

К-омад аз деҳа саворе музтариб,
Гуфт: «Эй Исмат, биё рафтем мо.
Пеш омад кори аз ҷуфтат зарур,
Ҷуфти говат сар бидеҳ, бо ман биё.

Ҳамчу модар ин Ватан бо эътимод
Хондааст имрӯз бар ҳифзаш туро.
Вақт кам, ҳозир бувад рафтан зарур,
Дигарон доранд роҳатро нигоҳ».

Ҷуфтро сар дод байни киштгоҳ,
Шуд парешонҳол Исмат з-ин хабар.
Хомакаш дар пою нонаш дар миён,
Шуд ба сӯи деҳаи худ раҳсипар.

Ин хабар бар гӯши модар чун расид,
Шуд басо ошуфтаҳолу беқарор.
Омаду фарзандро оғӯш кард,
Рехт ашки дидагон беихтиёр.

Аз камии вақт бар модар фақат
«Хайр»!—гуфту шуд ба раҳ Исмат равон.
Тӯшае ҳатто набуд ӯро дигар
Ҷуз дуои модару як пора нон.

Ҳамсараш омад давон аз ҷои кор,
Дер омад лек, Исматро надид.
Аз пайи Исмат гирист ӯ зор-зор,
Дар фироқаш бори ҳасрат мекашид.

Исмати нодида шаҳреро ҳанӯз—
То ҳанӯз аз деҳи худ норафта дур,
Роҳ мепаймуд бас ошуфтадил,
Лаб-лаби дарёи Вахши боғурур.

Бори охир гӯиё аз ташнагӣ
Бо ду каф аз Вахш менӯшид об.
Бори охир бар фарози кӯҳсор
Чашм меандохт монанди уқоб.

Бори охир аз гули наврӯи кӯҳ
Канда, зери токӣ зад Исмат ба роҳ.
Аз фарози Чормағзак кард ӯ
Бори охир сӯи деҳи худ нигоҳ.

Бори аввал ӯ Душанберо бидид,
Дид дар вокзал чӣ рӯзи маҳшаре—
Саҳнаи дарду ҷудоию фироқ,
Оҳу вою нолаву чашми таре.

Дасти садҳо модаронро дид ӯ
Ҳалқа даври гардани фарзандҳо.
Дид ҳар домоду ҳар навхонае
Бо арӯси хеш мегӯяд видоъ.

Дар Душанбе бар либоси аскарӣ
Чун бадал кард ӯ либоси хешро,
Аз миёни ҷайби модар дӯхта
Мушти гандум рехт андар зери по.

Дона-дона чид гандум аз замин,
Боз бар ҷайби наваш андохт ӯ.
Гуфт: «Инро мебарам бо хештан,
Бахшадам ниру ба роҳи орзу»...

Бори аввал дид зебову шинам
Ҷои хомак мӯзаро дар пои худ.
Телпаки сарбозиро бар сар ниҳод,
Шуд низомии диёри беҳудуд.

Бори аввал тасмаи шабрангро
Ҷои фӯта баст ӯ андар миён.
Пас чу худро дид андар оина,
Хешро нашнохт сарбози ҷавон.

Бори аввал дошт бар дасташ туфанг,
Бори аввал дид машқи аскарӣ.
Бори аввал ӯ хатою бехато
Хонд бо ёрон суруди сафдарӣ.

Бори аввал тир зад дар машқгоҳ,
Тири аввал хӯрд бар кунҷи нишон.
Бори дигар чаппа кард онро зи бех,
Ин сафар гӯё задаш бар ҷои ҷон.

Аз ҳама аслиҳаю асбоби ҷанг
Бар пулемёт баст ӯ дил бештар.
Гуфт: «Бо ин қир карда хасми дун,
Мешавам ман фотеҳу соҳибзафар».

Баъди хатми машқ бори аввалин
Шуд ба поезди қатор Исмат савор.
Бо Душанбе ҳам намуд ӯ хайрухуш,
Дур мешуд, дур аз мулки баҳор.

Мегузашт аз чӯлҳои беканор,
Мегузашт аз шаҳру деҳоти зиёд,
Аз миёни бешазорон мегузашт,
Мевазид аз пеш акнун тундбод.

Бод меовард ӯро бар димоғ
Бӯи ҷангу бӯи хуни рехта.
Буд дар оинаи фикраш падид
Одамони куштаю овехта.

Мешунид аз радио ҳар соат ӯ
Ки: «Муваққат боз як шаҳри дигар
Рафт бар дасти адӯи нобакор,
Хоки поки мо бувад зери хатар»...

Аз хабарҳои нави ҳар рӯзи ҷанг
Хуни Исмат ҷӯш мезад аз ғазаб.
Нафраташ мешуд зиёда бар фашизм,
Зуд рафтан дошт бар майдон талаб.

Дида ин ҳоли варо ҳамроҳи ӯ,
Гуфт: «Ҳоло сабр кун, эй ҷӯраҷон,
Мешавӣ з-ин ҷанги оташбор сер,
Мешавӣ безор ҳам балки аз он»...

---Ҷанг он сӯ, балки ман аз номи вай,
Ростӣ, безор,--гуфт Исмат Шариф.
Лек мехоҳам кунам имрӯз ман
Ҷангҳо бо ҷангҷӯёни касиф.

Ҷуфти говамро ба саҳро монда ман
Омадам, ки ҷанг бо душман кунам.
Омадам, ки лашкари ҷуғзи сиёҳ
Нест аз ин боғу ин гулшан кунам.

Омадам, ки нест созам буми шаб,
Пӯст гирам рӯбаҳи маккорро.
Омадам, ки ҳифз созам аз хазон
Навбаҳори мулки пуранворро.

Омадам, то гандуми коридаам
Хӯша бандад, деҳқон созад дарав.
То бубинам мавҷи он бори дигар,
Ҷони худ имрӯз мемонам гарав.

Боз манро мебарад бар интиқом
Ашки модар-синаи раҳми ҳаёт.
Пеши рӯ ояд, бигӯяд ӯ ба ман:
--Рав, бидеҳ аз марг бахти мо наҷот!

Ваҳ, мани навзан надида то ҳанӯз
Бӯсаи серӣ зи рӯи дилбарам.
Лек то хушбахт монанд одамон,
Дар дил ин дунёи армон мебарам.

Хоҳ аз шӯхию хоҳ аз ростӣ
Ҳар касе медод бар Исмат савол,
Ин суханҳо мешунид андар ҷавоб,
Ҳамчу савганди бузургу безавол.

Шаҳрҳои нав ба навро гарчи боз
Забт мекардӣ адӯи ҷони мо,
Бо пулемёташ вале бар рағми он
Пеш мерафт Исмати деҳқони мо.

Сарзамини Украини меҳрубон
Шуд ба деҳқонзодаи мо корзор.
Ҷои гандум дид мекорид адӯ
Тухми марги одамӣ дар ин диёр.

Дид ин ҷо хонаҳо гашта хароб,
Ғаллазорон зери оташ мондаанд.
Дид байни зиндагию марги шум
Мардумон андар кашокаш мондаанд.

Дид ин ҷо ҳар кучо хоки сиёҳ
Лоларанг аз хуни инсон гаштааст.
Дид ваҳшонияти ноодамон
Ба сари одам зи ҳад бигзаштааст.

Диду гуфто: «Украини ҷони ман,
Дӯст медорам туро чун модарам.
Солҳои сахти бенонӣ чу мом
Буд дасти шафқати ту бар сарам.

Нони ту аз марг ҷони ман раҳонд,
Қуввати дил гашту нури дидагон.
Гандуми ту буд чашми сери мо,
Серу пур аз он будӣ ҳар хонадон.

Баҳри ҳар як донаи гандум кунун,
Ки бувад он бар мани деҳқон чу ҷон,
Меситонам аз адӯвон интиқом,
Соч кай монад малахро дар амон?!

То сарояд рӯдҳои шӯхи ту
Шеърҳои зиндаи бобо Тарас.
То садои табли нусратҳои мо
Паҳн бинмоянд ҳар ҷо чун ҷарас.

То вазад боди фараҳангези ту,
Дур андозад зи рӯят абри ғам.
Ноумед аз бахти худ ҳаргиз мабош,
Фатҳи комил ҳаст бо мо ҳамқадам».

Исмати бонангу бономуси мо
Офате гардид байни корзор.
Аз пулемёташ ҳамеборид тир,
Тир не, гӯё ки меборид нор.

Мешудӣ чун дарзаи гандум ғанак
Мурдаи душман аз ин дар рӯи дашт.
Исмати мо карда разми бемисол,
З-имтиҳони аҳду паймон мегузашт.

Дашт аз хуни фашистони палид
Сурх мешуд чодари алвон барин.
Байрақи фатҳу зафар чун офтоб
Мешуд акнун ҷилвагар дар Украин.

Байни лашкар паҳн шуд фармони нав,
К-аз Днестр зуд бигзаштан зарур.
Гарчи дар он сӯи дарё бешумор
Дар камин бошад адӯи лошахӯр.

Мардуми Уман раҳо кардан зи ҷабр
Қарзи вичдонии ҳар аскар бувад.
Гашта аз фарзанд ин ҷо бас ҷудо,
Рӯ ба рӯ бо марг ҳар модар бувад.

Дар сафи ёрони худ Исмат Шариф
Рӯи дарё чун шиновар мегузашт.
Бо дили лабрези меҳри кишвараш
Аз хатарҳо чун музаффар мегузашт.

Ҷанг шуд баҳри Уман, ҷанги шадид,
Ончунон ки кас ба монандаш надид.
Танг шуд аҳволи душман, бас варо
Марг бар коми ҷаҳаннам мекашид.

Қир карда Исмати мо душманон,
Бар сари зишти адӯ по мегузошт.
Тарсу бим аз вай канора буд, бас
Чун ғазанфар дил даруни сина дошт.

Ҳарфи модар-офаридгори ҳаёт:
«Аз ту дорам номи некӯе умед»
Дур аз ёдаш нарафта як нафас,
Буд бар вай машъали роҳи сафед.

Мешуд овози пулемёташ баланд,
Мужда медод аз зафарҳои навин.
Дида ҷангаш, ҳар кӣ мегуфто зи фахр:
«Шери майдон, бар ту садҳо офарин!»

Тӯдаи ғоратгар аз вай дар гурез
Буд мисли тӯдаи гургу шағол.
Зодагони маргро гардид аҷал
Барзгар—он ҳомии нони ҳалол.

Дар сари ҳар як қадам болои дашт
Мурда будӣ бисту сӣ хасми башар.
Исмати савганди худ карда алам,
Хасмро резонд мисли тути тар.

Деҳқони одии мо, ки чунин
Дод мардию шуҷоатҳо нишон,
Нест пас ҳоҷат саволе, дӯстам,
Дар хусуси разму ҷанги дигарон.

Ногаҳон дар остони фатҳи кулл
Тир зад бар синаи марди шуҷоъ.
Монд якбора пулемёташ хамӯш,
Кард ӯ бо зиндагии худ видоъ.

Хуни гармаш метаровид аз бадан,
Лола мерӯид гӯё рӯи дашт.
Рехт мушти гандумаш аз кисааш,
Гирди он сабзид—гандумзор гашт.

Боз андар мавҷ омад ғаллазор,
Кӯр шуд нақши пайи он ғосибон.
Кони нон шуд боз бар халқи Ватан
Сарзамини Украини меҳрубон.

Деҳқони ҷуфт монда, рафта ҷанг,
Мурд андар ҷанг ҳамчун деҳқон.
Хешро дар ҳифзи нон қурбон намуд,
Боз ӯро ғаллазорон шуд макон.

Бо навозиш мавҷи гандумзорҳо
Қабри ӯ ҳар сол мегирад канор.
Мекунад бо номи ҳамкасбаш кунун
Деҳқони украинӣ ифтихор.

Месарояд рӯзу шаб рӯди Днестр
Қиссаи мардонагии он шаҳид.
Ёд меорад, ки хуршеди мурод
Бо туфайли хуни поки ӯ дамид.

с. 1968

ғалатгири карда шуд.
22.01.2018